# БАЁЗИ ФОЛЬКЛОРИ ТОҶИК

# 1

НАШРИЁТИ «ИРФОН»

Tyulemissov Madi مهدی ابواصل

tmadi1@gmail.com

АКАДЕМИЯИ ФАНҲОИ РСС ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ ба номи РӮДАКӢ

# БАЁЗИ ФОЛЬКЛОРИ ТОҶИК

ИБОРАТ АЗ ШАШ ҶИЛД

ДУШАНБЕ НАШРИЁТИ «ИРФОН» 1985

АКАДЕМИЯИ ФАНҲОИ РСС ТОҶИКИСТОН
ИНСТИТУТИ ЗАБОН ВА АДАБИЁТИ ба номи РӮДАКӢ

# БАЁЗИ ФОЛЬКЛОРИ ТОҶИК

ДУШАНБЕ НАШРИЕТИ «ИРФОН» 1985

ББК 82,3 **Тоҷик-6**
Тоҷвк Ф
Б 17

**Тартибдиҳандагон:**
***Р. Амонов, Ш. Умарова, Н. Азимов, Т. Исроилова***

**Муҳаррирони масъул**
***С. Фатҳуллоев, Ҷ. Рабиев ва Киром Остон***

5 17 **Баёзи фольклори тоҷик: иборат аз шаш ҷилд (АФ РСС** Тоҷикистон. Ин-ти забон ва адабиёти **ба номи Рӯдакӣ).— Душанбе: Ирфон.**

**Ҷилди I (Тарт.: Р. Амонов, Ш. Умарова, Н. Азимов, Т.** Исроилова). 1985.

288 с.

Ба ҷилди якуми баёзи шашҷилдаи фольклори тоҷик бехтарин рубоию байтҳои халқӣ, ки дар шӯъбаи фольклори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии АФ Тоҷикистон нигоҳ дошта мешаванд, дохил шудааст.

Дар ин рубоию байтҳо, ки дар ҳар давру замон ба хаёти халк алокав гусастанашаванда доштанд. максаду маром ва орзую омоли мардум гармии дили ошикону охи сарди дилшикастагон, шавку рағбат ва хашму раиҷурии дар лахаахои ҷиддии зиндагӣ, тавлидшуда инъикос ёфтааид, ки касро имрӯз ба некию накӯкорӣ_ мардию ҷавонмардӣ барин хислатҳои хуби хоси инсон ҳидоят мекунанд.

**Сокровищница устного творчества: В 6-ти т. Т. I.**

70403 - 45 - 113- 85 ББК 82,3 Тоҷик-в
М 501(13)-85 **Тоҷик Ф**

© Нашриёти **«Ирфон», 1985**

# АЗ ТАРТИБДИҲАНДАГОН

Шӯъбаи фольклори Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакйи АФ РСС Тоҷикистон ба чоп ҳозир кардани мунтахаботи шашчилдаи фольклори тоҷикро ба зимма гирифт. Ба ин чилдҳо аз байни ҳазорон асарҳо микдори калони намунаҳои эҷодиёти даҳанакии халк, ки дар фондн фольклори Институт маҳфузанд, дохил хоҳанд шуд. Ҷилди якум рубоӣ ва байт, ҷилди дуюм зарбулмагал ва чистон, ҷилди сеюм афсона ва латифа, ҷилди чорум сурудҳо, ҷилди панҷум достонҳои қаҳрамонӣ ва ҷилди шашум нақлу ривоят, бозиҳои бачагон ва асарҳои ифодакунандаи ақицаҳои қадимии халкро дар бораи табиаг, зиндагӣ ва амсоли инҳо дар бар мегирад.

Инак, ҷилди якуми мунтахабот манзури хонандагони мӯҳтарам мегардад, ки қисми аввали он — рубоӣ ва дубайтиҳоро Раҷаб Амонов ва Шодигул Умарова, қисми дуюм — байтҳоро Нурулло Азимов ва Тоҷигул Исроилова ба чоп ҳозир кардаанд.

Дастнависи ин маҷмӯаро шоирон Лоиқ Шералй ва Бозор Собир, инчунин фольклоршиносон Б. Тилавов, Б. Шермуҳаммадов, Ф. Зеҳниева, Р. Аҳмадов ва дигарон мутолиа карда, фикру мулоҳизаҳои пурқимат изҳор намуданд, ки ба сифатан бехтар шудани китоб мусоидат кард.

Рубой ва байтхои ба йн чилд дохилшуда аз забони гӯяндаҳои салиқаву савияашон гуногун навишта гирифта шудаанд: якехо ба забони адабй гуфтаанд, дигарҳо дар лаҳҷахои хеш. Ғайр аз ин бисьёр байту рубоиҳо ё аз тарафи одамони босавод ба забони адабӣ ва ё дар асл, дар лаҳҷа эҷод шудаанд. Ҳодисаҳоеро низ мушоҳида кардан мумкин аст, ки қаринаи ин ва 6 он рубоии ба забонн адабӣ гуфташуда хусусияти лаҷхавӣ гирйфтааст ё баръакс. Ба ин китоб асарҳои фольклорӣ чи навъ ки аз забони гӯяндаҳо навишта гирифта шудаанд, айнан бетахриру бетағьир дохил шудаанд. Мумкин аст, ки хонандагони шоиртабъ ва бориқбин дар баъзе байту рубоиҳо нуқсонҳои вазнӣ ё мантиқиро мушоҳида кунанд. Азбаски асарҳои манзуми халқй тавассути сароидан иҷро мешаванд, дар замири оҳанг иллатҳои вазнй зоҳир намегарданд, бинобар аз ин нуқтаи назар низ ба матн даст задан

лозим доииста нашуд, аеро аз назаря фольклоршиносӣ ҳама гуна таҳрири матни аслӣ ноҷоиз аст.

Баёзи фольклор имконият медихад, ки дар асоси маводи дар бар кардаи он минбаъд китобҳои бо таҳриру тасҳеҳ ба чоп ҳозиркардашудаи намунаҳои назми халкӣ манзури хонандагон гарданд.

«Баёзи фольклори точик» мақсадн онро дорад, ки ба дӯстдорону ташнагони намунаҳои эчодиёти бадеия даҳанакӣ умдатарин асарҳои халқиро дастрас гардонад. Аз ин рӯ, дар баёз баъзе хусусиятҳои чопи илмӣ, ки дар як қисми маҷмӯахои пешина ба чазар мерасанд, ба эътибор гирифта нашуд. Алалхусус таснифи тематикӣ, овардани маъхазҳои асарҳои навиштагирифташуда, тавзеҳоти илмӣ, шарҳу эзоҳи гуногун сарфи назар карда шуд. Хусусиятҳои лаҳҷаҳо мувофиқн имконияти алфавити забони адабии тоҷик ва бе истифодаи транскрипция нигоҳ дошта шудаанд.

Баъзе рубоию байтҳое, ки ба ақли қалам тааллуқ дошта, муаллифонашон маълуманд, ба сабаби дар байни халқ хеле машхур буда, вариантҳои гуногун пайдо карданашон ба маҷмӯа доҳил гардиданд. Яъне ба ин чилд рубоиҳо, байтҳои қитъа, ғазал, маснавӣ, мухаммас ва ҳикоятҳои китобӣ ворид гардиданд, ки дар солҳои гуногун аз маҳалҳои гуногун навишта гирифта шудаанд. Онҳо ҳамчун ифодакунандаи завқи оммаҳои васеъ, робитаи фольклор ва адабиёт, ҳамчун далели таъсири мутақобилаи фольклор ва адабиёт аҳамияти махсус доранд ва ба назари мо барои хонандагон низ шавқоваранд.

Дар байни мардум, хусусан водии Зарафшон, бисьёр байтҳое паҳн шудаанд, ки дар рубоиҳо низ ба назар мерасанд. Ин байтҳоро аз як ҷиҳат порчаҳои рубоӣ шуморидан мумкин аст, вале аз тарафи дигар гумон меравад, ки баъзе рубоиҳо дар натиҷаи-илова карда шудани мисраъҳои дигар ба ин байтҳо пайдо шудаанд. Ва ё ҳодисаи ба ҳам васл шуда, ба рубой мубаддал шудани ду байт рух додааст. Ба эътибори он, ки ин қабил байтҳо ва рубоиҳо васеъ паҳн шудаанду ҳатто қаринаҳо пайдо кардаанд, аз онҳо сарфи назар кардани мо мумкин нашуд. Дар маҷмӯа баъзе рубоиҳое ҳам дохил шудаанд, ки дар онҳо чке аз хусусиятҳои фольклор — контоминация дида мешавад, яъне мисраь\ои алоҳидаи як рубоӣ бо мисраъхои рубоии дигар васл шудаанд, ки ин ҳодиса бо тақозои завк ва рӯҳияи гӯянда ба амал омадааст.

Дар баёз оид ба хусусияти ҳар жанр мухтасаран маълумот дода мешавад. Дар ин чилд хонандагон мақолаҳои Р- Амонов ва Н. Азимовро мутолиа хоҳанд кард.

Тартибдиҳандагон зимнан боварӣ доранд, ки ин қабил маҷмӯаҳо дар оянда низ ба хонандагон пешниҳод карда мешаванд ва бинобар ин аз дӯстдорони эҷодиёти халқ ҳар чи зудтар ва ҳар чи бештар ҷамъ карда гирифтани асарҳои фольклориро умедворанд. Илтимос дорем, ки асарҳои навишта шуда ба Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи Фанҳои РСС Тоҷикистон, шӯъбаи фольклор (Душанбе, хиёбони Ленин, 21) фиристода шавад.



# РУБОӢ

Рубоӣ яке аз қадимтарин намудҳои назми даҳанакии халқ аст. Адабиёти китобии тоҷик, ки таърихи бештар аз 1000-сола дорад, дар оғози арзи вуҷуд кардани худ рубоиро ба таври васеъ истифода кард ва намояндагони бузурги он дар ин жанр ба оламиён шоҳасарҳо пешниҳод намуданд.

Ба ин тариқ, рубоӣ ҳам дар назми халқ ва ҳам дар назми китобӣ мавқеи муҳим ишғол намуд, вале инкишофи он дар ин ду соҳаи каломи бадей роҳу равиши хос дошт.

Рубоии ҳалқӣ дар ҳама замонҳо бо ҳаёти маишӣ, иҷтимоӣ ва таърихии аҳля меҳнат робитаи бисьёрҷониба пайдо карда, фикру андеша, фарьёду нидо, гилаву эътироз ва хашму киноя-ҳои шахсони музтарибу мутаассирро дар бар карда омадааст. Он гувоҳномаи орзуҳо, дардҳо, шодиҳо ва нокомиҳои мардуми замонҳои гуногун аст.

Ба воситаи рубоиҳо одамон хамдигарро аз ҳоли худ огоҳ ва ба якдигар дил холӣ кардаанд, мақсаду муддаои худро арз намудаанд, якдигарро водор намудаанд, ки ба атрофиёнашон бо диққати бештаре муносибат кунанд, ба хотири риояи урфу одатҳои андӯҳовар яке ба дигаре фишор наоваранд.

Рубой гармии дилҳои ошиқон ва оҳи сарди дилшикастагон-ро ба идроки мардум мерасонад, эътирозу рашк, шавқу рағбат ва хашму ранҷи дар лаҳзаҳои ҷиддии зиндагӣ тавлидшударо акс менамояд, ба воситаи тасвири кайфияти шахсӣ, ғояҳои уму-миҷамъиятӣ ва муборизаҳои иҷтимоиро намудор месозад.

Рубоиҳо ба некӣ ва накӯкорӣ даъват мекунанд ва чунин фикрро пеш меронанд, ки одамон бояд ҳамдам, ғамхор ва дил-сӯзи якдигар бошанд, якдигарро эҳтиёт кунанд, нагузоранд, ки ҳиссиёти нозуки инсонӣ помол шавад, дилҳои шикастаро дар-мон ҷӯянд, «навдаҳои хамгашта», «кабкони ярадор» ва «кабӯ-тарони тоқа»-ро меҳрубон бошанд.

Фольклоршиносон рубоиҳои халқии тоҷикро аз рӯи масъ-алаҳои ҷамъиятӣ ва оилавию маишие, ки онҳо дахл карданд,

тасниф намуда, ба чунин хулоса омадаанд, ки аксарияти рубоиҳо масъалаҳои ишқ ва муносибатҳои оилавиро дар бар гирифтаанд. Дар рубоиҳои зиёде муҳаббат. ва орзуи дидор изҳор мешавад ва вобаста ба ин илтимосу гила, хитобу саволҳои беҷуръатона ва ё тезу тунд, умед ва аҳду паймон баён мегардад.

Қисми зиёди рубоиҳои ишқӣ ҳузнангез ва шикоятомезанд. Дар онҳо аз азоби ишқ, ғами фироқ, душвории расидан ба дидори ёр, бетоқатии дил ва монанди инҳо сухан меравад. Ошиқон худро ҷигарсӯхта, дардманду рангзард, саргардону девона, булбули нолон ва Маҷнуни зору ҳайрон номида, аз азоби интизорӣ, бехобӣ, беқарорӣ меноланд.

Рубоиҳо ишқи поку самимиро ситоиш мекунанд. Онҳо гаштаву баргашта мефаҳмонанд, ки ба қадри ин гавҳари арзанда расидан лозим аст. Ваҳшитабиат ва золимонанд онҳое, ки ишқро зери по мекунанд ва ошиқро ҷазо медиҳанд.

Дар -рубоиҳо ҳарорати рӯҳбахши дили одамоне туғьён дорад, ки айёми ишқро аз сар гузаронида, ба олам ва атрофиёни худ бо шавқи тоза назар карда, аз насими пурфайз, рангу бӯи гул, хониши булбул, қаҳ-қаҳи мурғони хушилҳон лаззат ҷустаанд.

Аз рубоиҳо манзараҳои чашм ба раҳи ёр шуда нишастани дилдодагон, ба тамошои ёри бепарво ва ё бевафо аз лаби бом, сари чашма, назди дарвоза, сари теппа, лаби ҷӯй бо дили пурошӯб андармон шудани онҳо ба пеши чашм меояд, сурати дилошӯби маҳбуб ва ё маҳбуба дар партави назари ёр т.асвир мегардад:

Хангоме ки офтоб ба сари деҳа нури худро паҳн мекунад, ёр аз пеши назар гузашта мераваду ба чӣ сабабе ба сӯи ошиқ нигоҳе намекунад. Ин воқеа дар як рубоии машҳур бо оҳу афсӯс нақл мешавад:

Офтов задай дар сараки Кундонӣ,
Ҷӯра, меравӣ, рута намегардонӣ.
Дилат ба ману хотират чои дигар,
И чигари сухтагима мерезонӣ.

Духтар чашм ба хонаи боло дӯхта, намоён шудани маҳбубаш — ҷавони тоқисурхро интизорӣ мекашад, вале ҷавон нисбат ба ӯ бепарвост:

Ма садқа шавум хонаи руболора,
И бачаи токисурхи бепарвора.
Бепарвора, ба сар набурд корора,
И ғамои беҳудаша додай мора.

Гила аз ёри бепарво ва бевафо мавзӯи рубоиҳои зиёде қарор гирифтааст. Дар зимни гила дарду ҳасрат изҳор мегардад ва аз машаққатҳои тоқатшикан сухан меравад, ба сабабҳои ҷамъиятии ин ҳодиса ишора мешавад. Яке аз сабабҳои озод набудани

шахс имконияти ихтиёран ишқ варзидан ва оила ташкил карданро надоштани ӯ буд.

Маълум аст, ки то Инқилоби Кабири Социалистии Октябрь, дар натиҷаи ҳукмрон будани ҷаҳолати феодалӣ занони тоҷик аз ҳамаи ҳуқуқҳои инсонӣ маҳрум буданд. Маҳрумии зан аз худи оила шурӯъ мегардид ва занҳо аз ҳаёти ҷамъиятӣ бакуллӣ дар канор нигаҳ дошта мешуданд. Н. А. Кисляков дар асари худ «Оила ва никоҳи тоҷикон» қайд кардааст, ки «дар гузашта беҳуқуқӣ, мазлумӣ, хорию зории занон ва дар муносибатҳои оилавӣ ҳукмрон будани мард, ки нисбат ба зан ихтиёри беҳудуде дошт, хусусияти хоси оилаи тоҷиконро ташкил медод. Ба замми ин навъ беҳукуқӣ, хонанишинии занон, хурдсолонро зӯран ба шавҳар додан, қалингирӣ, бисьёрзанӣ, ҳуқук доштани мардон барои бе ҳеҷ асосе ба зани худ талоқ додан, аз тарафи шавҳар ҳар вақт муомилаи дағал дидан ва шаллоқ хӯрданҳои зан ҷорӣ буд»[1].

Ба ташкили оила ҳукуқ надоштани духтарон бадбахтиҳо ба миён меовард. Камбағалон маҷбур мешуданд, ки ба занҳои солхӯрда, маъюбу маслуқ хонадор шаванд, мардони пир ё зан« дору зандидаи бадавлат духтарони наврасро ба занӣ мегирифтанд.

Ин ҳодиса дар фольклоршиносии тоҷик никоҳи маҷбурӣ номида мешавад. Дар рубоихои мардумони Кӯлоб, Ғарм, Дарвоз, Бадахшон, Ҳисор ва ҷойҳои дигар воқеаҳои марбути никоҳи маҷбурӣ васеъ тасвир шудаанд. Дилдодагон бо дарду алам фурӯхта шудани ёрашонро таъкид кардаанд, аз камбағалӣ ва нодорӣ шикоят намудаанд. Камбағалӣ дар шароити никоҳи маҷбурӣ барои бисьёр ҷавонон фоҷиаи мудҳише буд. Рубоиҳо лаҳзаҳои гуногуни зуҳуроти ин фоҷиаро намудор месозанд:

Ма хов будум, яг барги савзум додӣ,
Бедор шудум, яг буса карзум додӣ.
Дар гур бирава муҷаррата камбағалиш,
Як бӯса чӣ буд, ба тарсу ларзум додӣ?|

Ёрум ба тарафи Евон меҳмонӣ рафт,
Доғуш ба синаи ма пинҳонӣ рафт.
-Мегум, биравум, савдоша бигардонум,
Ҳайфи гули қиматум, ба арзонӣ рафт.

Шавҳари дилнохоҳ ва номуносибро дар рубоиҳо зоғ номидаанд. Ҳоли раҳмоваре дорад он ҷонваре, ки ба чанги зоғ гирифтор мешавад:

Хар хона, ки бечароғ бошад, ҳайфай)
Маъшука, ки бедимоғ бошад, ҳайфай!

1 *Н. А. Кисляков.* Семья и брак у таджиков. Изд. АН СССР, Л,— М., 1959, с. 242:

Ҳаргиз сухани талха ба маъшук натӯй,
Тутӣ, ки ба чанги зоғ бошад, хайфай!

Рубоиҳо хашму ғазаби ошиқони ноком ва нафрати онҳоро ба шавҳарони номуносиб баён мекунанд:

Рӯе дорӣ, табак-табак гул реза,
Шӯе дорӣ, модасағир мегреза.
Мегӯм, бирам, қорд занум ё назанум,
Шояд ки тура раҳо куна, бигреза.

Эй бачаи чакмансиё, ба боғи ма нагзар,
Гар мегзарӣ, саракта паст карда гузар.
Шуе дорум, ай саги гиранда батар,
Моро мекуша, туро ай куштан батар.

Бисьёр рубоиҳоро духтарони беилочу бечора ва занони аз дасти шавҳарони дилнохоҳ азобдида гуфтаанд. Духтарон ба падару модарашон илтиҷо мекунанд, ки онҳоро ба дилхоҳашон диҳанд: «Ёре, ки ба дил набоша, нобудануш беҳ! Он себе турш боша, нохурдануш беҳ!».

Норизоӣ аз кори падару модароне, ки аз рӯи қоидаҳои никоҳи маҷбурӣ амал мекарданд ва эътироз бар зидди рафтори онҳо мавзӯи як силсила рубоиҳо қарор гирифтааст. Мана, як намуйа аз он рубоиҳо:

Афтов задай дар таҳаки долонум,
Коре кардай и модари нодонум.
Ҷое, ки дилум буд, сар паст кардак,
Ҷое, ки дилум набуд, баркаст кардак.

Шикояти духтарон, чи навъ ки аз рубоии боло низ маълум аст, аламангез ва дилхарош аст. Онҳо гирифтори асорат ва бадбахтии якумрй шудани худро таъкид намуда, дилхоҳона арзи ҳол мекунанд, айёми духтарӣ ва ҳонаи падарро ба ёд оварда, аз хешовандони худ мадад металабанд ва худро ғарибу бенасиб мешуморанд:

Боло меравум, ру-руи гули гандум,
Хайрон шудум дар ҳавлиной мардум.
Нумоли калон боша, ба сар бандуме,
Ҳавлии падар боша, беғам гардуме!

Рубоие машҳур аст, ки дар он заҳрхандаи омехтаи ҳузну алам баланд садо медиҳад:

Як ёр дорум, саду бистсола чувон,
Дар сози даҳон ягон надора дандон.
Ай дунаи пиндуна бимонум дандон,
То дар дилакум дигар намона ормон!

Никоҳи маҷбурӣ ду ҳодисаи дигарро тавлид кардааст, ки яке дар рубоиҳо «бадномӣ» номида мешавад. Ҷавононе, ки ба

дидори якдигар майл мекарданд, бадном мешуданд. Дар рубоиҳо аз бадномшавӣ натарсида, урфу одатҳоро риоя накардани ошиқон ҳамчун зуҳуроти мардӣ ва диловарӣ қайд мегардад. Суханони бадномшудагон зиддиятҳои рӯҳӣ ва фочиаҳои зиндагиро барҷаставу пуртаъсир ифода менамояд:

Аз кӯча гузар накун, ки мо дар бомем,
Бар мо сухане накун, ки мо бадномем.
Ҳар боре тура бинем, пушт гардонем,
Дар дил нагирй, ки сухтаву бирьёнем.

Доғи бадномӣ, пеш аз ҳама, насиби духтарон мегардид. Вале рубоиҳое ҳам дучор мешаванд, ки онҳоро ҷавонписарон гуфтаанд. Маълум мегардад, ки ҷавонони ошиқ низ аз таъқиби ҳомиёни. никоҳи маҷбурӣ халосӣ надоштаанд, ҷавоне аз маъшуқаи боҷуръаташ илтиҷо менамояд, ки ӯро аз бадномӣ эҳтиёт кунад:

Ман шишта будум, кулухчаборон омад,
И куртасафед дар лабн бом омад.
Э куртасафед, кулухчаборон накун, .
Душман дорум, маро ту бадном накун.

Ҳодисаи дигар бедилӣ мебошад. Шахсони ба касони но« маҳбуб дода шуда ва аз шавҳарони худ норизо аз ноумедиҳо ва аз ҳоли раҳмовари худ шикоят доранд. Рубоии зерин як намунаи он асарҳоест, ки дар ш мавзӯъ гуфта шудааст:

Боми ҳама бому боми мо дар пастӣ,
Ери ҳама ёру ёрн мо албасгӣ.
Мардум меган: «Ба албастӣ дил бастӣ»,
Такдири худо будай, задем дар пастӣ.

Никоҳи маҷбурӣ ҷудоиҳо ва оворагиҳои зиёд ба амал меовард. Н. А. Кисляков дар ҳамон китобаш қайд мекунад, ки марди тоҷик барои он, ки зан гирад, маҷбур мешуд, ки аз маҳалҳои дурдасти кӯҳӣ барои бозьёфте ба шаҳрҳо рафта, дар заводҳои пахтатозакунӣ ба кор дарояд, мардикорӣ, савдогарон ва боён шазад.

Илова бар ин бояд гуфт, ки дар натиҷаи зулму истисмори феодалӣ, шароити душвори зиндагӣ, ҷангҳои хонумонсӯзи байни феодалон, ҳуҷумҳои доимӣ ва ғоратгариҳои истилогарони хориҷӣ тарки ватан карда, дар мулкҳои бегона азоби ғарибиро аз сар гузаронидани меҳнаткашони тоҷик аз замонҳои қадим то Инқилоби Октябрь давом дошт.

Ҳамаи ин боиси ба амал омадани як қисми муҳими сурудҳои халқӣ гардидаанд ва рубоиҳое, ки дар ин хусус гуфта шудаанд, «ғарибӣ» ном гирифтаанд.

Рубоиҳои ғарибӣ мувофиқи мазмунашон, пеш аз ҳама, ба ду гурӯҳ ҷудо мешаванд: як гурӯҳ ба тасвири ҳасби ҳоли худи

мусофирон — ғарибон бахшида шудаанд. Гурӯҳи дигар ҳолу аҳволи хешу табор ва ёру ошноҳои ғарибонро намоён мекунанд.

Ғарибон дар рубоиҳо диёри худро «мулки падар» ва ё «ватан» номидаанд. Аз рубоиҳо бармеояд, ки тарки ватан кардан дар ҳаёти меҳнаткашони тоҷик аламноктарин воқеа буд. Дар аксарияти рубоиҳои дар ин хусус гуфташуда дар бораи чашми пурнам ва ғаму ғусса сухан меравад:

Мо кавгонем, элчаи мо дар камарай,
Мо меравем, очаи мо бехабарай.
Очама бигу, куртаи ғам пора куна,
Шав дар. тай сар мунаву руз нола куна.

Манзараи бо дидаи пуробу дили бирьён аз хона ба кӯи мусофирӣ қадам гузоштани марди камбағал риққатовар аст:

Ай хуна буромадум, чашмум банамай,
Чашмум банаму дилаки ман пураламай.
Мардум меган: «Дар дили ту чӣ аламай?»
Ин доғи мусофирӣ гирдови ғамай!»

Бисьёр мусофирон, одатан, аз сиҳату саломат баргаштани худ умедашонро меканданд, бинобар ин бо ёру ошноҳояшон қайрухуш карда, дар бораи ҷудоии абадӣ сухан меронанд:

Биродарҳо, шумо.бошен саломат,
Ки мо рафтем ай ҷаври маломат.
Худо хохад биёем ё наёем,
Ватан дар гӯру ваъда дар қиёмат.

Дар шароити гузашта ба мусофирони камбағали тоҷик барои аз як маҳал ба маҳали дигар расидан, махсусан, аз кӯҳистон ба шарҳои Бухорою Самарқанд, Қӯқанду Фарғона ва Тошканд сафар кардан ва аз он ҷойҳо баргаштан роҳи дуру дарозро, одатан, пиёда тай намудан лозим мешуд. «Халқи меҳнатӣ, — навиштаанд М. Турсунзода ва А. Н. Болдырев, дар китоби «Фольклори тоҷик» чандин моҳҳо, солҳо дар шаҳрҳои мусофирӣ кор карда, ба музди хеле кам пайдо кардаи худ асбобу анҷоми даркории зиндагониро харид карда, пои пиёда, ду-се пуд борро ба дӯши худ бардошта, аз ағбаҳои баланд, дараҳои чуқур, бо пайраҳаҳои борик аз пуЯҳои ларзонаки қазои муаллақ гузашта, ба ватани худ меомаданд».

Аз рубоиҳо мо дар бораи ҳолу аҳволи мусофирон дар ин хел роҳҳои пурхатар тасаввуроте ҳосил мекунем. Ба мо инчунин маълум мешавад, ки ғарибон зери деворҳо, кунҷи бому гӯшаи дашту саҳро бо хорию зорӣ, ба марду номард мӯҳтоҷ шуда ва ранг зард карда рӯз мегузаронидаанд.

Орзуи ягонаи ғарибон ра?идан ба дидори ёру дӯст ва баргаштан ба ватан будааст:

Э аспи сиё, маро ба боло барӣ-чӣ,
Қамчин занум, ба тахти дарьё барӣ-чӣ!
Нукра харум, сумбота гулкорӣ кунум,
Як бори дигар пеши рафико барӣ-чӣ!

Сарчашмаю боғи булбулонай ватанум,
Хушбоду ҳавою бӯстонай ватанум.
Як бор агар бод барад бар ватанум,
Дил пора кунум, ёди ғарибӣ накунум.

Дар бисьёр рубоиҳо ба ин орзу нарасида мурда рафтани ғариб қайд мегардад, яъне мавзӯи як қатор рубоиҳо марг дар ғурбат аст. Аз ин рубоиҳо бармеояд, ки сабаби асосии марги ғариб чун дар повести С. Айнӣ «Одина», ки қаҳрамони он дар Тошканд ба бемории сил гирифтор шуда, вафот мекунад, зиндагии номӯътадил ва азобу машаққат будааст. Ғарибони дар дами марг бо ёди ватан ва бо оҳу ҳасрат аз ҷаҳон чашм мепӯшидаанд:

Дар ғурбат агар марг расад бар бадани ман,
Оё кӣ канад гӯру кӣ дӯзад кафани ман.
Тобути маро сӯи баландӣ бибароред,
Шояд кӣ расад бӯи ватан бар бадани ман.

Ҳар гоҳ бимирам, хок кунед зуди ба зуд,
Хоктудаи ман накш кашед нилу кабуд.
Корвон гузараД, бипурсад: «Ин хоки кӣ буд?»
«Ин хоки ғариби навчувон», — гуед зуд.

Барои ӯ ватан аз тахти бузургтарин ва машҳуртарин подшоҳону пайғамбарон, аз ҳама гуна боғу чаманҳои биҳиштосо азизтару зеботар аст:

Андар назарум ватан шакар метова,
Хоки ватанум канду асал метова.
Наълат ба касе, ёди ғарибӣ бикуна,
Ови ғарибӣ лахти чигар мекова.

Хоки ватан аз тахти Сулаймон хуштар,.
Хори ватан аз лолаю райҳон хуштар.
Юсуф ки ба Миср подшоҳӣ мекард,
Сад кош гадо буд ба Канъон, хуштар.

Наълат ба касе, ки ай ватан канда шава,
Афта ба ғарибию ба кас банда шава.
Аҳти фалаке шава, биёя ба ватан,
И мурдаи садсола магам зинда шава.

Рубоиҳое, ки аз номи хешу ақрабо дар бораи ғарибон гуфта шудаанд, низ изтиробомезанд. Ба ким-кучо мусофир шуда рафтани фарзанд падару модарро азоби зӯре будааст. Модаре изҳор кардааст, ки ҷудоӣ аз фарзанд бадтар аз марг аст. «Худат рафтӣ, маро ранчур кардӣ, Диламро хонаи занбӯр кардӣ»,— гуфтааст зане дар ёди шавҳари мусофираш.

Зани дигар ба ҳоли раҳмовари худ ишора карда, гуфтааст:

Ерум рафтай, ба лаб намехандум ман,
На сар мешум, на курта мепушум ман.
Корвони Ҳисор омад, пурсидум ман,
Гуфто, ки наднду́м, амешносум ман.

Ёрони ғарибон худро ба паррандаи беқанот, тули пажмурда ва кабки тоқа монанд кардаанд:

Дар сараки санг шинум, тура ёд кунум,
Монандаки кавги тока фарьёд кунум.
Кавго хама чура-чура кардан парвоз,
Ма чураи чон гуюму фарьёд кунум.

Хоҳар низ ҳоли хароби бародарашро дар мулки мусофирӣ тасаввур намуда, ба ӯ ёрие расонида натавонистанашро изҳор карда, ғам мехӯрад. Модар ғам мехӯрад, ёру дӯст, хешу табор ғам мехӯрад, ғам мавзӯи асосии ин гурӯҳи рубоиҳост.

Рубоиҳо маргро низ тасвир кардаанд ва дар ин маврид шиддати ғамро барҷастатар зоҳир гардонидаанд. Рубоӣ аз бемори сар карда, то маросими дафн, рӯзҳои пуркулфати баъди дафн ва давраҳои азодориро тасвир менамояд. Хоҳар дар бораи шамоли шадид сухан ронда, арз мекунад, ки акаи ормониаш дар бистари марг аст:

Шамоли пушта куҳҳора меларзона,
Нолиши акам чигарма мерезона.
Хавар кунен ҳолаи роҳдурима,
Биёя, бина акаи ормонима.

Бародарро аз марг халосӣ нест ва хоҳар ин аҳволро бо оҳу афсӯси дилхароше изҳор кардааст:

Дар хирмани, тоза донае нест акама,
Ачал омадай, баҳоиле нест акама.
Ачал омадай, чони акам дар тапу тез,
Сад вою дареғ, мишонае нест акама.

Ӯ манаҳи бастаи акаашро дида, қабристон ва дарахти пири дар он ҷо рӯидаро ба пеши назар меоварад:

Дар рӯи мазор дарахти танабаста,
Як акаи ормоним манабаста.
Либоси як акама дар тоқ мондем,
Як акаи нозанинма, дар хок мондем.

Баъзе рубоиҳо ғаму алами модарро ифода кардаанд:

И ру- токай, у ру ниҳоли токай,
Рухсораи сурхи бачачон дар хокай.

Хокай, хокай очаюш ғамнокай,
И очаи носудаш гиревончокай.

Аз дасти аҷал духтарон низ ба дод омадаанд:

Дар кутали мазоро як дулона,
Марг омадай, отама металбона.
Металбона, дар хиҷраҳош мешнона,
И чигари садпорама месузона.

Марг дар рубоиҳо чун ҳодисаи хонумонсӯз қайд гардидааст. Одам ба сад дарду алам тоқат карда метавонад, вале фоҷиае, ки марг ба миён меоварад, аз ҳамаи ин дарду аламҳо зӯртар аст. Ҳама чизи нобудшуда дубора пайдо мешавад, вале одам, ки аз ҷаҳон рафт, дигар барнамегардад:

Эй лола, ба гулзор меой боз,
Эй сабза, ба марғзор меой боз.
Моён, ки рафтем, наоем дигар,
Эй мавсими навбаҳор, меой боз.

Мардуми ғамзада аз тақдир нолидаанд ва фалакро сабабгори ҳама фалокату нокомиҳо доништа, ба унвони он сахт эътироз кардаанд:

Фарьёд зи дасти фалаки бебуньёд,
Ҳаргиз гиреҳи бастаи корам накушод.
Гуфтам, ки равам, доғи дила тоза кунам,
Сад доғи дигар бар сари ин доғ ниҳод.

Вале мардум пай бурдаанд ва ҳатто дидаанд, ки зулм бар онҳо дар рӯи замин дар худи ҷамъият ба амал меояд. Дар ин чо зӯрӣ ба кор бурда, фарзандонро аз модарон, хоҳаронро аз бародарон ҷудо мекунанд:

Ай шухакзамин кавги ҳилолма бурдан,
Ай хешу табор, навданиҳолма бурдан.
Мардум мега: «Чита чувонта бурдан?»
Озодачувони чучадорма бурдан.

Мардум бар зидди золимонэътироз кардаанд ва ба мубориза даъват намудаанд:

Аз хона баромадум бозӣ-бозӣ,
Баста бурдан мара сагони қозй.
Тирдон бошаю қӯшакамоне созӣ,
Бар синаи золимон тир андозӣ.

Чунон ки мебинем, дар рубоиҳои халқӣ рӯзгори мардум ва бисьёр ҳодисаҳои замонҳои дуру наздик, зимнан аксари ин ҳодисаҳо, ба ҳиссу фикри одамон нақши равшане дорад.

Дар рубой бештар аҳволи ашхосе ифода гардидааст, ки

ҳиссиёти шахсӣ ва майлу орзуи онҳоро қалингирӣ барин якв аз намудҳои нанговари никоҳи маҷбурӣ помол карда буд. Маҷмӯи рубоиҳо — ин киссаи доманадори ишқи пурфоҷиа, тафсилоти саргузашти ошиқони нокому номурод, қиссаи ашхоси аз ҳуқуқҳои муқаррарии инсонӣ маҳрум аст.

Рубоии халқиро аксар одамони оддӣ ва меҳнатпешае гуфтаанд, ки ба олам, табиат ва зиндатӣ аз рӯи тақозои муқаррарии инсонӣ, эҳтиёҷоти моддӣ ва маънавии худ муносибат мекунанд ва аз ин рӯ ҳисси пок, фикри равшан ва ҷаҳонбинии хориҷ аз мавҳумоту хурофот доранд.

Ба ин навъи назми халқ ақидаҳои фалсафии адабиёти классикӣ таъсири муайян дорад, ин ақидаҳо барои пурқувват шудани ғояҳои иҷтимоӣ дар он роле бозидаанд, вале бо вуҷуди ин рубоии халқ, пеш аз ҳама, ифодакунандаи фикру ҳиссу мулоҳизаҳоест, ки бевосита, бо таъсири ҳаёти ҳаррӯза ва аз гузашти рӯзгор ба амал омадаанд.

Аз рубоиҳо ҳам тапиши дили духтаракони маъсумаи шармгину беибо, ҷавонони пуршавқи «кабки маст», ошиқони вафодор ва дилдодагони умедвору интизор ва ҳам ҳиссу ҳаяҷони замони «по дар мехи ҷафо», хоҳарони дилсӯзу меҳрубон, модарони чашм ба раҳ чор, оворагони кӯи ғарибӣ ва бенавой идрок мешавад. Рубоӣ маҳсули шавқу ҳаваси реалии мардумест, ки дар дил орзуҳои самимӣ ва хоксоронае доранд.

Домани интишори рубой хеле васеъ аст. Аз Ҳисор то Бадахшон, аз Кӯлоб то саргаҳи Зарафшон, дар Ғарму Қаротегину Дарвоз ва Самарқанду Бухоро рубоиэҷодкунӣ ва рубоисарой анъапаи устувор ва бардавом будааст.

Дар замони мо, дар шароити ҳаёти нав ва муносибатҳои нави иҷтимой дар мундариҷаи рубоиҳои халқӣ тағьироти муҳим ба амал омад. Аввалан, бисьёр рубоиҳои нав^гуфта-шуданд. Сониян, бо таъсири рӯзгори имрӯз таҷдид ёфтани мазмуни рубоиҳои халқӣ ба як ҷараёни устувори доманадор мубаддал шуд.

Ба шарофати барҳам хӯрдани мулки хусусӣ, ташкил гардидани колхозҳо ва ҷорӣ шудани меҳнати коллективӣ мардуми меҳнаткаш аз қайди гуруснагиву мӯҳтоҷӣ озод гардид. Ҳодисаи дар ҷустуҷӯи кор ба ҷойҳои дигар сафар карда, азобу машаққат дидани аҳли меҳнат ба таври абадӣ аз байн рафт. Дар натиҷаи дароилаӣ блродарии халқҳои Иттифоқи Советӣ ба роҳи сохтмони коммунистӣ дохил гаштани халқи тоҷик, мустаҳкам шудани муносибатҳои зичи иқтисодй ва маданӣ дар байни халқҳои мамлакати сермиллати мо мафҳум ва маънои ватан комилан тағьир ёфт. Агар мардум дар гузашта ватан гуфта танҳо зодгоҳи худро фаҳмида бошанд, дар солҳои Ҳокимияти Советй ин калима барои онҳо тамоми мамлакати социалистии моро ифода мекардагй шуд. Бинобар ин ба сабаб-

ҳои гуногун: барои кору хондан, хизмат кардан ба сафи Армияи Советӣ ва ҳатто аз кӯҳсор — чойҳои танги камзамин ба паҳноҳои ҳамвори сероб кӯчида рафтани мардум дар рубоиҳо беҳузну изтироб баён мешаванд.

Дар ҳама чо, алалхусус, дар синаи кӯҳҳои сар ба фалак сохта шудани роҳҳои мошингард, роҳҳои оҳан ва ҳавоӣ мардуми тоҷикро аз азобу хатари роҳ раҳой дод. Дар натичаи ба таври васеъ чорӣ шудани воситаҳои гуногуни алоқа, почта, телеграф, телефон, бе ному дарак дар мулкҳои дури бегона гум шуда рафтан барин ҳодиса ва вобаста ба ин дар назми имрӯзаи халқӣ изҳори шикояти мусофирон ва хешовандони онҳо барҳам хӯрд.

Тадбирҳои Ҳокимияти Советӣ доир ба тартиби никоҳу талоқ барои аз реша дигар шудани муносибатҳои оилавӣ дар шаҳру деҳот ва аз байн бардошта шудани урфу одатҳои фоҷиангези замонҳои гузашта мусоидат кард. Муносибати ҷавонон ва чавондухтарон дар асоси баробарҳуқуқӣ ҷорӣ шуд. Акнун ҷавонон бо як навъ ифтихор ва сарфарозӣ изҳор мекунанд, ки дар интихоби ёр ба онҳо ҳеч чиз монеъ шуда наметавонад.

Оина ба дасти рост мегирум ма,
Ер аз тарафи шумост, мегирум ма!
Не муфтию не коэию не ҷуфти гувоҳ,
Ерақма руирост мегирум ма!

Рубоиҳо чунин як ҳодисаи навро тасвир мекунанд, ки барои чавонон муносибати ёрашон ба меҳнат, донишомӯзӣ, ободкориҳо, кӯшишҳо ба манфиати умум аҳамияти хос дорад:

Ёри мана бин, кимхову бахмалпуш **аст,**
Дар хондану кор ғайраташ дар ҷӯш **аст.**
Мафтуни чунин нигор боиШам ҳама умр,
К-андар раҳи ободӣ ба ман ҳамдӯш аст.

Симои зани озоду соҳибхуқуқ, ки кору ҳаёти ӯ ба дил шавқу сурур мебахшад, дар як силсила рубоиҳо мавриди диққат аст. Дар рубоиҳо бо шодиву ифтихор таъкид мешавад, ки ҳаёти зан бо ҳаёти чамъият маҳкам пайвастааст. Сарвар, зан сардори бригада. аст ва ба як гурӯҳ раҳнамой мекунад. Зери роҳбарии ӯ кор кардан ва ӯро ҳар рӯз дидан аҷаб гуворот

Эй духтараке, бароят деҳқонӣ кунам,
Дар биргади ту дарому чуфтронӣ кунам.
Ҳар гоҳ чӯра, бар сари корам ой,
Аз шавки дил ба ту ғазалхонӣ кунам.

Аз рубоиҳои замони советӣ сурати чавононе аз кору бори худ, аз ҳаёти худ розию сарфарозе, ки «тоқӣ сари абрӯ, қалам дар даст» ва «китоб зери бағал» саргармц коранд ё чавонони хизматнишондодае, ки сари синаашонро мукофотҳои ҳукуматӣ

оро медиҳанд, ба пеши чашм меояд: «Бача, бача, тоқии нав дар саракут, Ду медали аскарӣ дар пеши барут».

Манзараи мулоқоти дилдодагон низ тағьир ёфтааст. Он манзара чун «боло», «таги дарвоза», «сари кӯҳи баланд», «сари чашма», «лаби бом» ва ғайра дигар маънои рамзӣ надорад. Ҳоло тасвири дидорчӯиҳои ошиқон асоси ҳаётӣ пайдо кардааст. Ин майдони кор, сари замини колхоз ва умуман чойҳоест, ки дар шароити озодии пурраи занон чавонон бе монеа ва душворӣ мулоқот карда метавонанд:

Хезен-хезен, нигаҳ кунен теппачара,
Заминой кишткории котиббачара.
Котиббачае, аспи қизилта садқа!
Қамчинзаниҳои руи зинта садқа!

Рубоиҳои нав на фақат тағьироти бузургеро дар ҳаёти моддӣ ва маънавии мурдум, инкишофи шуури иҷтимоӣ ва ҷаҳонбинии оммаи меҳнаткашро ифода мекунанд, балки дар баробари ин, бисьёр аломатҳои начиберо акс менамоянд, ки дар хислат ва рафтори одамони имрӯза зоҳир гардидааст. Духтар имрӯз сарфароз аст ва аз он ифтихор дорад, ки ёрашро худаш интихоб кардааст ва ба дидорхоҳию мулоқотҳои онҳо касе монеъ шуда наметавонад:

Ери мана бин, мошииаша мерона,
Румолчаи сари дасташ меларзона.
Румоли сари дасгша худум духта будам,
Аз минаи шофиро хуш карда будум.

Рубоии халқӣ дар тасвири воқеаҳои зиндагӣ ва кайфияти одамӣ услуби махсусеро соҳиб шудааст. Мо дар он банду басти хос ва як идда тавсифу ташбеҳ, истиораву кинояро мушоҳида мекунем, ки ҳамчун санъатҳои бадеӣ ва воситаҳои тасвир аҳамият ва мақоми баланд доранд.

Рубоиҳо, алалхусус рамзро зиёд истифода мекунанд. Ин санъат дар ифодаи маънoҳои амиқ ва чилваҳои манзараҳои зиндагӣ ва табиат бисьёрчониба хизмат кардааст.

Ба дарки маънои рамздо мундаричаи аслии бисьёр рубоиҳои халқӣ бо тамоми вусъат ва амиқиаш ошкор намегардад. Агар кас маънои рамзии гулчинӣ, «себ додану себ гирифтан», «сари кӯҳи баланд», «боло» ва «поён», «таги чанор», «бед», «сояи бед», «дарьё», «ағба», «кабк» «бод», «чола» ва монанди ннҳоро нафаҳмад, ба асли маънои қисми муҳими рубоиҳо сарфаҳм намеравад. Барои мисол рубоии зеринро аз назар мегузаронем:

Офтоб бирафт, сояш бимонд минаи дашт,
И акаи ман пули Калъаи Хумба гузашт.
Харчанд давидему давидем, ки нагашт,'
Доғе ба дилум бимунду ағбара гузашт.

Дар назари арвал чунин менамояд, ки дар ин рубоӣ ҷой ва вақти ба амал омадани воқеа аниқ тасвир ёфтааст: бегоҳӣ, ҳангоме ки офтоб менишинад ва кӯҳҳо сояи худро ба рӯи замин паҳн мекунанд, шахсе хоҳари худро танҳо монда, аз дарьё гузашта, ба ағба баромада меравад. Дар назари аввал чунин менамояд. Вале асли маънои рубоӣ ин хел не,ст. Хоҳар «офтоб» гуфта бародарашро дар назар дорад ва худашро «соя» номидааст ва дашту дарьёю агба рамзи ҷудоист: офтоб — бародар, соя — хоҳар дар миёни дашт аз ӯ ҷудо ҳайрону ҳаросон монд, Мисоли дигар:

Боло меравӣ, боло шамоло дора,
Гул мешукуфа, лола тамошо дора.
Савдогара бин, молаша савдо дора,
Пурғам месуза, беғам чӣ парво дора.

Дар байти аввали ин рубой гӯё табиати кӯҳсор тасвир шудааст: гулу лола шукуфтааст, насими фораму ҳаловатбахш вазида, бӯи хушеро ба машом мерасонад. Дар байти дуюм мебоист инкишофи минбаъдаи ҳамин мавзӯъ ба назар расад. Вале ба ҷои ин дар хусуси савдогар, фурӯхта шудани моле ва бадбахтию ноумедӣ сухан меравад. Гап дар сари он, ки ин ҷо унсурҳои табиат маънои рамзӣ дошта, барои акс намудани ҳолати инсон хизмат кардаанд. Ошиқи бечораю номурод мегӯяд, ки маҳбубаи мисли гулу лола зебо ва мисли шамол роҳатбахши ӯро хешовандонаш мефурӯшанд ва ӯро маҷбур мекунанд, ки тамоми умр дар кӯраи ишқи бебарор сӯзад.

Ҳамин хел баҳор, гули садбарг, ҷӯйҳои сероб ва сабзидани алаф, нури ситораҳо, офтобу моҳ, лаби бом, сари кӯҳи баланд, сояи бед, таги чанор рамзи ишқу муҳаббат ва ширинии лаҳзаи мулоқот қарор гирифтаанд. Садбарги шукуфон, меваи пухта, сабзаи тоза, оби зулол, чизҳои сурх, арғувонӣ рамзӣ тару тозагӣ, зебоӣ ва саломатист. Лонаи паррандаҳо, ситораҳои ҷуфт, ба ҳам печидани растаниҳо, дарвозаҳои кӯш, суфаҳои қатор, нишасти булбул ба шохи гул, тору пуд дар матоъ — ҳамаи йнҳо образҳои рамзие мебошанд, ки орзуи ташкили оила в'а хушбахтии аҳли онро ифода мекунанд.

Саёҳати боғ, дашт ё водӣ, гашту гузори соҳили дарьё, тамошои чашмасор, сайри гулу лола, сари чашма, сари кӯҳ, орзуи мулоқот ва дидорро дар замир дорад:

Сар то сари ёлаҳо гузар мекардум,
Чинда гули торуна бағал мекардум.
Ҳар ҷо, ки шиштум, даҳанма тар мекардум,
Ай ёраки майдаҳак ҳазар мекардум.

Ниҳоле, ки реша давонда, дарахт шуда, шоху навда паҳн мекунад, аз мустаҳкам шудани оила дарак медиҳад. Дар бисьёр рубоиҳо вақте ки сухан аз ошиқи бетоқат ва ташнаи мулоқот

меравад, себ зикр меёбад. Додани себ рамзи изҳори муҳаббат ва садоқат ва гирифтани себ рамзи қабули муҳаббат аст.

Инҳо ҳама машҳуртарин ббразҳои рамзӣ мебошанд, ки шодиву сурур, умеду орзу, роҳату хушбахтиро ифодамекунанд. Дар рубоиҳо мавқеи нисбатан бештареро образҳои рамзии бадбахтӣ, ғаму ғусса ва ноумедию маъюсӣ ишғол мекунанд. Масалан, ба охир расидани баҳор, пажмурдашавии гулҳо, ниҳол, шохчаи шикаста, дарахти решакан, торикӣ, хушкӣ, занг ҳамчун рамзҳои ифодакунандаи номуродиҳо машҳур шудаанд. Себи пӯсида ё пажмурда рамзи беқарорӣ дар ишқ аст;

Чӣ шаб? Маҳтоб дорад ё надорад?
Ду чашмат хоб дорад ё надорад?
Ҳамон себе, ки дорӣ, ёр, дар даст,
Надонам, об дорад ё надорад?

Азоби ишқу фироқ ба воситаи мафҳумҳои аз ҷуфти худ ҷудо шудани кабк ё кабӯтар, аз гул дур афтодани булбул, шохчаи аз дарахт буридашуда, моҳии аз об берунафтода, тирамоҳ ва рехтани барги дарахт, хушк шудани ҷӯй ё дарьё, дарахти беҳосил, дарьёи васеъ, кӯҳи баланд, девор, қабристон, мор, шохи баланди чанор тасвир мешаванд:

Дайро ҷола, миёни дайро ҷола,
Дайро овард чанори панҷоҳсола.
Бишкаста шохи чанор афгорум кард,
Ишки бачаи мардум ба ин ҳолум кард. ,

Дар рубоии мазкур дарьё рамзи ҷудоист, ҷола фоҷиаро ифода менамояд, решакан шудани чанори солхӯрда ба рӯй додани. бадбахтии азиме далолат мекунад, шикастани шохи он ба миён омадани харобиеро мефаҳмонад. Чунон ки мебинем, як қатор рамзҳо ба ҳам зам шуда, шиддати азобро намудор кардаанд.

Дар хусуси ишқи пурфоҷиаи Лайлию Маҷнуи, Тоҳиру Зӯҳро, Юсуф ва Зулайхо дар давоми асрҳои зиёд афсонаву достонҳои бешумор ба вуҷуд омадаанд, ки бо таъсири онҳо номҳои мазкур дар рубоиҳои халқӣ низ рамзи ишқи бебарору фоҷиадор қарор гирифтааст. .

Ғаму андӯҳ, азоби рӯҳӣ, ҷудоӣ ва изтиробу ҳаяҷон дар рубоӣ инчунин ба воситаи оташу дуд, боди сахт, борону жола, торикии мудҳиш, хунукии сахт ва монанди инҳо ифода мегардад. Аксарияти ин рамзҳо дар тгркибҳои гуногун гаштаву баргашта такрор мешаванд.

Канда шудани ситора, фурӯ рафтани офтоб, торикӣ, абри сиёҳ, ҳавои бад, дарахти солхӯрда рамзи маргу аҷал ва занг задан, мағор бастан, пӯсидан, пажмурда шудан, хазон гардидан рамзи бадбахтӣ ва ноомади кор аст. Хор одатан вазъи шахсеро ифода мекунад, ки ҳоли вазнину ногуворе дорад: «Сарчаш-

маю гулзор ҳама хор гирифт, Умад хабаре, ки бевафо ёр гирифт.

Булбул чун дар адабиёти китобӣ рамзи ошиқе мебошад, ки бо орзуи расидан ба гул умр ба сар мебарад. Вале он дар назми халқӣ инчунин симои шахси ғариберо акс мекунад, ки аз зодгоҳи азизи худ, аз чамани шукуфони худ дур афтода, азоб мекашад:

Мо булбули мастем, чаман нест моро,
Мо марди мусофирем, ватан нест моро,
Ин умри дароз, ки бе ватан мегузарад,
Кардем сафари дур, омадан нест моро.

Дар рубоиҳои халқӣ ошиқро бештар ба кабк, кабӯтар, мурғобӣ, гунҷишк ифода мекунад. Мана яке аз ин рубоиҳо:

Гунҷишкаки беқарор кардай ту мара,
Шинандаи ҳар ниҳол кардай ту мара.
Шармандаю таънасор асло набудам.
Шармандаю таънасор кардай ту мара.

ЗОР ҳамчун рамзи шавҳари номуносиб дар рубоиҳо оид ба никоҳи мачбурӣ зиёд истифода мешавад.

Сарв — рамзи қаду қомати зебо ба рубоиёти халқӣ аз адабиёти китобӣ гузаштааст. Дар назми халқ ба чои он чизҳои оддии ба тасаввури мардум наздик, аз чумла, ниҳол ва беди баланд мустаъмаланд.

Рамзҳо, чунон ки мебинем, ҳамчун яке аз воситай асосии тасвир дар рубоиҳо мақоми хосе доранд. Дар рубоиҳои халқӣ инчунин мавқеи ташбеҳ, тавсиф, истиора, ташхис барин санъатҳои лафзӣ хурд нест. Банду басти ин намуди назми халқӣ низ бисьёр ҷиҳатҳои чолиб пайдо кардааст.

* * *

Ин китоб намунаҳои умдаи рубоиҳои халқиро дар бар кардааст, ки дар замони мо ба тавассути экспедицияҳои фольклорӣ ва бо саъи дӯстдорони фольклор аз маҳалҳои гуногуни точикнишини Осиёи Миёна навишта гирифта шуда, дар фонди фольклори точики Институти забои ва адабиёт нигоҳ дошта мешаванд. Ба он матнхои рубоихои интихобшуда, ба истисноя таҳрири имлоӣ ва баъзе ислохчои чузъй, ки барои барқарор намудани вазну мантиқ зарур шуд, айнан дохил шудаанд. Ин гуна ислоҳҳо фақат дар асоси нусхаҳои днгар ба амал омаданд, яъне аз тарафи тартибдиҳандагон ва мухаррирон, чунон ки дар сарсухан гуфта шуд, ба мазмун ва таркиби рубоӣ дахолат нашудааст. Ба ин зарурате ҳам вуҷуд надошт, зеро

тартибдиҳандагон имконият доштанд, ки аз байни чандин нусхаи як матни рубоӣ саҳеҳтаринашро интихоб кунанд.

Ба интихоб ва ба даст овардани рубоиҳо аз фонди фольклори тоҷик кормандони Институти забон ва адабиёти, ба номи Рӯдакӣ, номзадҳои фанҳои филология Муяссара Шукурова ва Файзалӣ Муродов ва инчунин Сӯфибек Марҳамов иштирок карданд, ки тартибдиҳандагон аз онҳо миннатдоранд.

*Раҷаб Амонов.*

## РУБОИҲО

Чашмам зи фироқ дам ба дам мегирьяд,
Аз фарқи сарам то ба қадам мегирьяд.
Мегирьяму зор меназисам нома,
Аз гирьяи зори ман қалам мегирьяд.

Аз дурии дуриҳо чигар гашт кабоб,
Аз дидаи интизор мерезад об.
Тақдира бубин, тарҳи чудоӣ дорад,
Пайғом ба қоғаз асту дидор ба хоб. .

Руят гула мемона, танат моҳира,
Раҳгаштанакот боди саҳаргоҳира.
Ҳар ҳар ки ту пушӣ куртаи шоҳира,
Девона кунӣ мусофирой роҳира.

Эй чураи чон, бе ту чаҳонро чӣ кунам,
Бе ту гули сурхи арғувонро чӣ кунам?
Бе ту гули сурхи арғувон бисьёрай,
Дил майли ту дорад, дигаронро чӣ кунам?!

Ҷонона, баҳори хуррамира чӣ кунум,
Ма бе ту хаёту зиндзгира чӣ.кунум?
Мардум ай худо умри дароз металабан,
И умри дарози ғамқатира чӣ кунум?!

Ман руи тура бинум, Навруз кунум,
Шавма ба сари санги сиё руз кунум.
Шавум ба сари саиги сиё руз нашуд,
Чонакма фидои ёри дилсуз кунум.

Навруза ба навбаҳор кай мебинам,
Гулҳора ба шаш қатор кай мебинам?

Гулҳора ба шаш қатор дар фасли баҳор,
Дуньёра ба як қарор кай мебинам?!

Наврӯз шуду лолаи хушранг баромад,
Булбул ба тамошои дафу чанг баромад.
Мурғони ҳаво чумла бикарданд парвоз,
Мурғи дили мо аз қафаси танг баромад.

Ай мавсими навбаҳор наврӯзии ман,
Ай ёраки бадқавл чигарсузии ман.
Ман пеши худо ҳамин мурод металабам:
Лаъли лабат осуда кунад рузии ман.

Эй, бе ту маро баҳору Наврӯз мабод,
Эй, бе ту маро умри ба як рӯз мабод.
Умре, ки маро бе ту худо бахшидаст,
Як лаҳзаву як соату як рӯз мабод.

Ман булбуламу баҳора дӯст медорам,
Себаргаю лолазора дӯст медорам.
Себаргаю лолазор дар боғи шумо,
Ҷонона, фақат шумора дӯст медорам.

Ларзон-ларзон барги наистон диламе,
Озурда шудаст аз ин кӯҳистон диламе.
Ман гуфта будам, сарам бигирам, биравам,
Побанд шудаст ба номусулмон диламе.

Имрӯз ҳавои боғ дорзд дили ман,
Савдои ту дар димоғ дорад дили ман.
Савдои ту аз димоғ берун наравад,
Мисли гули лола доғ дорад дили ман.

Кафтарбачаро ба боғ мебииам ман,
Ҷӯлидаву бедимоғ мебинам ман.
Кафтарбачаро ба хуни дил парвардам,
Имрӯз ба чанги зоғ мебинам ман.

И хунаи пешору ба мун хуна шудай,
Ғам дар дили мун анори пурдуна шидай.
Мардумо меган: «Ғами беҳуда махур»,
Чун ғам нахурум, ки ёрум бегуна шидай.

а) Ту гул шавию аз лаби чу канда гирам,
Ошиқ шудию доғи чудогит ба дилам.
Шаҳрои мусофирӣ ба ман хона шудаст,
Ғам дар дили ман ҳазору як дона шудаст.

Айвони баланд дорӣ, пешаш богай,
Ду зулфи сиёҳ дорй, днлам доғай.
Дилам доғай, дили кабобам доғай,
Ҳайфи тани нозукат, ба чанги зоғай.

Ҳар хуна, ки бечироғ боша, ҳайфай,
Ҷонона, ки бедимоғ боша, ҳайфай.
Хубони ҷиён баҳри тамошо рафтан,
Тутӣ, ки ба чанги зоғ боша, ҳайфай.

а) Маъшуқ, ки карашманок боша, ҳайфай,
Ошиқ зи пояш ҳалок боша, ҳайфай.
Оҳуи сафед ба дасти зангии сиёҳ,
Тутӣ, ки рафики зоғ боша, ҳайфай.

Ман меравуму намерава амраи ман,
Бевақт шидай, чулу биёбон раи ман.
Шерони ҷаҳон наъра занан бар сари ман,
Ман наъра занум: «Киҷо шидай амраи ман?!»

а) Ман мераваму намеравад ҳамраи ман,
Торикшабаю дашту биёбон раи маи.
Фарьёд кунам, намешнавад модари ман,
Зоғони ҷаҳон ҷамъ шуданд бар сари ман.

Дар куҳи баланд нуқраи тар гум кардум,
Шоҳини сафеди резапар гум кардум.
Шоҳини сафеди резапар ёфт нашуд,
Фарзанди падар, лахги ҷигар гум кардум. .

Як села кабутарем, як села ҷидо,
Порина ба ҳам будем, имсол ҷидо.
Порина ба ҳам будем, ба ҳам мегашгем,
Имсол-ҷидо шидем, ба ғам пайвастем. -

Моем-моем, дилгиру нолон моем,
Дар гирья мисоли абри борон моем.
Рӯи ҳама хешу қавми олам ба ватан,
Дур аз ватану чудо зи ёрон моем.

а) Дар шӯразамин Вулбули нолон моем,
Дар гирья мисоли абри борон моем.
Чашми ҳама кофиру мусулмон ба ватан,
Дур аз ватану ҷудо зи ёрон моем

Ай хона баромадум, ҷашмум банамай,
Чашмум банамаю дилакум пураламай.

Мардум мега: «Дар дилут чӣ аламай?»
Кулбаи мусофирим гирдови ғамай.

Дар дашт будум, зилзилаи ҷанг омад,
Шамшери муғул ба гарданум танг омад.
Мардбача будум, гурехтанум нанг омад,
Хуни ҷигарум ба ҳар сари санг омад.

Дулонаи латтабанд дар майдонай,
Як ҷураи хуб дорум, дар поёнай.
Дарпоёнай, ҷигарум бирьёнаи,
Ови ду дидам мисоли новардонай.

Як дастаи гул дорум, дар поёнай,
Як акаи хуб дорум, дар Гирмонай.
Мардум мега: «Рабочикӣ осонай»,
Ранги зардум ай ситами Гирмонай.

И кухи баланда сар ба сар мебинум,
Аскарбачара сари сафар мебинум.
Аскарбачара ҷанги Гирмон бурдан,
Дилуш пури' хун, дидаи гирьён бурдан.

Ин беди баланд нукуш қалам овардай,
Дустои ширин, дилум алам овардай.
Ҷое нестай, аламома гап бизанум,
Ай рузи азал маро ба ғам овардай.

Эй очаи ҷон, чува калонум кардй,
Ширум додӣ, ситам ба ҷонум кардй?
Аввал ба азизгиё калонум кардӣ,
Дуюм ба ғарибиё равонум кардӣ.

Эй очаи ҷон, ки лолӣ-лолӣ кардум,[1]
Хокистари кучата кулолӣ кардум.
Ҳаждаҳ сари сол хоната бонӣ кардум,
Ҳолӣ меравум, хоната холӣ кардум.

Боло меравум, ру-руи гули гандум,
Ҳайрон шудум дар ҳавлинои мардум.
Нумоли калон боша, дар сар бандум,
Ҳавлини падар боша, бeғам гардум.

Зулфакум сиёҳ, сараки зулфакум сиёҳ,
Дар поёни зулфакум як холи сиёҳ.

[1] *Лолӣ кардан* — дӯстдорӣ, навозиш кардан.

Очам мега: «Бура, духтарма биёр»,
Акам мега: «Бахтаки духтарут сиёҳ».

Ин кутали ру ба рӯя чӣ гуфта баром,
Ин хонаи бебачара чӣ гуфта даром?
Ин хонаи бачадор — майлисхона,
Ин хонаи бебача — ғурбатхона;

Дулунаву дулунаву дили зорум,
Акам мега: «Мерам, хуварма миёрум».
Янгам мега: «Ай.дидоруш безорум»,
Очам мега: «Ҳақ ҷигарой ғилболум».

И пуштаву у пушта' пушти дастум,
Маночаи Баҳриҷони кавги мастум.
Мастум, мастум, кавгак парид ай дастӯм,
Дар кучаи Қурғонтеппа хоки пастум.

Эй очаи ҷои, дам ба дам месузум,
Монандаки чуби тар ба нам месузум.
Фарьёд бизанум, гирди вилоят гардум,
Шояд ки ба гуши ту раса овозум.

Оча, ту биё ба раҳаки шахчазамин,
Оча, ту биё, аҳволи духтарта бубин.
Шинохта бикун, куртаи рангин дора,
Як чеҳраи зарду дили ғамгин дора.

Сумбул соя, дарахти сумбул соя,
Кошки мешудам ба очаҷон ҳамсоя.
Ҳар ғоте сарам ба руи болин оя,
Ширин очаҷон аз дарам бидроя.

а) Сумбул соя, таҳаки сумбул соя
Ормон дорум, духтар шава ҳамсоя.
Ҳамсоя шава, дар ҳавлинум будроя,
Чашмум бубина, руи дилум букшоя.

Ай хона баромадум, самандар мерам,
Ман — аврати бефарзанд, кадом дар мерам.
Ин аврати бефарзанда руи шумуш,
Ҳар шому саҳар каловаи саргумуш.

И беди баланди пайдавонма бурдан,
Фарзанди ширини меҳрубонма бурдан.
Дустои ширин, иқа эродум нагирен,
Ай банди дилум кашида ҷонма бурдан.

Ситорара бин, ки дар ҳаво сесаду бист,
Бача, ки сафар мекард, модар бигирист.
Эй модари чон, маънои гиристанут чист,
Ҳама сари сол биёя, мо рузаки бист?!

а) Осмон-осмон, ситораҳот яксаду бист,
Мо азми сафяр кардем, модар бигирист.
Эй модари ҷ-он, маънии гирьяи ту чист,
Ман меравуму духтари дустдори ту кист?!

Дуде, ки аз ин хона бадар меояд,
Ман мунтазирам, аз ту хабар меояд.
Ман мунтазирам, аҷаб қаноат кардам,
Аз сухтаи дил буи ҷигар меояд.

Эй ови Элок, бо ту аламҳо дорум,
Садбарги сафед ба хафи дарьё дорум.
Дар у руи ов сараки танҳо ёрум,
Дар и руи ов сараки танҳо дорум.

а) Э ови Сурхов, ба ту аламҳо дорум,
Яг даста гуле болои дайро дорум.
Яг даста гули баставу яг нобаста,
Яг додари раҳдурии танҳо дорум.

Дугунаи чун, биё, ки мо чуфта равем,
Розои дила ба якдигар гуфта равем.
Розои дила бо якдигар гуфта нашуд,
Як даста алов дар ин диёр мунда равем.

Дукончa баланд, ҳар думо шиста будем,
Рози дили худ ба якдигар гуфта будем.
Худ гуфта будем неку бади дуньёро,
Аз бахри чудоӣ бо ту кай гуфта будем?!

Дар пушта будум, марг омад ай пасум,
Эй марг, ту бимон, ки ман ба хонам бирасум.
Ай хона бароя модари пурҳавасум,
Сар дар бағалуш монум, бароя нафасум.

Шамоли пушта куҳҳора меларзона,
Нолиши очам ҷигарма месузона.
Хавар кунеде апаи раҳдуриша,
Биёя, бина хувари ормуниша.

Ай куҳи баланд мефароя модар,
Дар ҳичра ба ноз медароя модар.

Мардум гӯянд: «Ака хубай ё модар?»
Ака ҳам хубай-ку, зеби духтар модар.

Нумоли сарум ғунчагули олуча,
Ҳаргиз нарава меҳри дилум ай оча.
Мардумо меган: «Янга хубай ё оча?
Янга ҳам хубай, гарданбаландай оча.

Ситораи рузи равшанум— очаи чон,
Сутуни даруни дилакум — отаи чон.
Ай бахшаки як оина мерам ҳар су,
Оинаи пеши руи ман — бачаи чон.

Ай барги гули лола духтум чодар,
Ҳар гоҳе ба фук задум, гуфтум: «Модар!»
Мардумо мега: «Оча хубай, моиндар?»
Мара бикуша дар хоки пои модар.

Олучаву олучаву зардолуча,
Нракма касал меган, зиқум, оча.
Гуфтум, биравум, ай болинуш бардорум,
Нолиш мекуна, тоқат надо"рум оч.а.

Модар, модар, ба ҷон баробар модар,
Ҳеҷ холаву ҳеч амма намешад модар.
Мардум мега: «Хола ба чои модар»,
Фандум накунен, сузйши модар дигар.

Дарьёи ғама гузаштуму тар нашудум,
Нолиши бачама шунидум, кар нашудум.
Нолиши бачам зи тири сузон батарай,
Тири сузона хурдуму хавар нашудум.

Оҳе бикашам, дили кабутар суза,
Дар сояи санг сунбули тар суза.
Як бор агар ба ёди ту нола кунам,
Аз нолаи ман барги санавбар суза.

Э очаи ҷон, бахчӣ калонум кардӣ,
Кузача додӣ, ба об равонум кардӣ.
Гуфтум, об гирум дар кузачай хушруякут,
Кузача шикаст, мунгилидавонум[1] кардӣ.

Ин шонаи шамшодӣ миёнаш канда,
Як очаю як духтари дилбарканда.

• ***Мунгилидавон*** **— мушткӯбӣ.**

Хат рой кунум ма ба дасти банда,
Очам намега, духтар мурдай ё зинда.

Дар лаваки об як беди ларзон моем,
Як очаву як духтари ҳайрон моем.
Aқлмона худо гирифт, хушро банда,
Дар минаи душмано шудем шарманда.

а) Ай хона баромадум канда-канда,
Не фараи гап доруму не ай ханда.
Акама биге, миёнша маҳкам банда,
Дар мобайни душмано нашем шарманда.

Афтов задай дар сараки дулона,
Додар омадай, апаша металбона.
Мегум: «Додзре, биё, бишин дар хона,
Мо бан-даи мардумем, худо медона».

Акаи худум ҷомаи авлон дора,
Поён мерава, қади намоён дора.
Сунбул бичииен, соя кунен роҳора,
Афтов назана як акаи танҳора.

Хезен-хезен, нигаҳ кунен болора,
Хамбидани аскарои лави дарьёра.
Курчак бигирен, бурувен барфора,
Сармо набара поҳои аскарора.

И раҳаки борикира бар-бар мерам,
Тушам таи каш, пешаки аскар мерам.
Аскар мега: «Тушаи мо бисьёрай,
Як парча хати шумо ба мо даркорай».

И раҳаки Душанбе бурьёпушай,
Акаи худум ҷувони камзулпушай.
Пуша-пуша, нави ба нав мепуша,
Ситора шудай, гирди ҷаҳон меҷуша.

Ман садқа шавум ҷангали серзаргуша,
Ин додари майдаҳаки камзулпуша.
Камзул пуша, рангобаранг мепуша,
Ман ойна шавум, додар бубина руша.

Дандонакум дард мена, болош курсӣ,
Поён мерӣ, ай додари ман пурсӣ.
Шинохта нашуд, ҷоми амирӣ дора,
Бо рангакӣ зард доғи ғарибӣ дора.

Додар дурай, хат равонуш бикунум,
Хатҳора ба дасти кӣ равонуш бикунум?
Як қавза гулум чинда, як ночинда,
Ҷонма ба даруни хат равонуш бикунум.

Ай раҳаки дур додарум меоя,
Ай синаи раҳми модарум меоя.
Хабарьёру хабарбари духтар — додар,
Остини пури кулчаи модар—духтар.

Ҳушум поюн, ҳушу хаёлум поюн,
Садбарги сафеди дилкашолум поюн.
Мардум мега: «Акаи хубут дар поюн».
Шамол шавум, печум ба суни поюн.

Дар пуштаки хонамон дол афтодай,
Дар гардани акаҷон хол афтодай.
Хол афтодай, холи сиё афтодай,
Ду сол шидай, ай мо чидо афтодай.

Дар раи Кулоб ду арчаи бар ба барай,
Акама дигар намебинум, дар сафарай.
Гул чинуму гул резум гирди камаруш,
Шояд ки ба буи гул бубинум асаруш.

Як қавза гулум дар сари новардонай,
Парлуча[1] шудаст, дар ҳаваси боронай.
Мардум меган: «Аври сиё боронай,
Акагиву додарӣ — ҳамаш давронай».

Дар гушаи бунг шагнами борунум расид,
Дар хона будум, алами бохчунум расид.
Дастум дар хамир, акаи шерум бирасид:
«Хоҳар, бихез, ки боди сузунум расид».

Гундушкаки майдаҳаки сангодавакум,
Ин акаи майдаҳаки Тошкенравакум.
Тошкен наравӣ, раҳаки Тошкен дурай,
Б.аргашта биё,
қимати модар зурай.

Эй очаи ҷон, ба руи ту зор шудам,
Дар ҳасрати дидори ту бемор шудам.
Ман шукри туро накарда будам ҳаргиз,
Охир ба ҷазои худ гирифтор шудам.

• *Парлуча* — пажмурда.

И севаки сурха нақш кашидай заргар,
И додари ғалатима бурдан аскар.
Командири чон, торои муят ханчар,
Як тавл бизан, шояд бигардад аскар.

Маскав ябара, поёни Маскав ябара,
Телфон занен, аскара поён набара.
Поён бара, ҳамаша якбора бара,
Ин акаи беотама танҳо набара.

Аз ғирии[1] Оби Гарм буромад ду савор,
Бурен, бинен, пулчинай ё повискабиёр.
Агар пул буга, сад ҳазоруш метум,
Номи бачама нага, надорум осор.

Э қуи калон, туро камар мебояд,
Фарзанди азиз, туро падар мебояд.
Ҳарчанд ки амак ба ноз мепарварадат,
Ду дасти мубораки падар мебояд.

Санчитбутара нукакуш хамзадагӣ,
Муаллимбачара домануш барзадагӣ.
Муаллимбачара соати дастуш мешам,
Сесад гули ошиқира дар сар задагӣ.

а) Болои Ҳисор як тана бодом дидум,
Деҳқонбачаи чавони нодон дидум.
Деҳқонбачая доманош барзадагӣ,
Сесад гули ошиқони печон дидум.

И таҳаки дарвозаи мо салқинай,
И додари раҳдурии мо ғамгинай.
Ғамгин мабош, амри худо ҳаминай,
И зиндачудои бар сари чандинай.

Э додари чун, ту гулаки чубдуна,
Шаҳут кардум дар дараки корхуна.
Э хешу табор, бибаре бар хуна,
Ма ҳавз шавум, додаразизум суна[2]!

Бачам ба сафар рафтай, кушоя сафаруш,
Шояд ки ба хурсандӣ биёя хаваруш.
Хатули, ки биёя, гул бичошум ба раҳуш,
Худуш, ки биёя, чун ба қурбони саруш.

[1] ***Ғирӣ— баландӣ,*** **теппа.**
**** Суна — мурғобӣ***

Борун гирифт, чилчаи борун гирифт,
И додари ман раҳаки поюна гирифт.
Ай шодии рафтанош рухсат нагирифт,
Гиристаму нолидам, сардардум гирифт.

Олуча, ки гул кардай, гул карданша бубин,
Аскар, ки сафар кардай, рафтанша бубин.
Аскар, ки сафар кардай дар ҳусни пуго,
Дар соати нуҳуним панохуш ба худо.

Ин раҳои Оби Гарм пайча-пайча,
Аскарои рафтагӣ ҳамаш бача.
Аскар мега, ки: «Ғам нахурӣ, оча>,
Дар чишмойи пури овут чони оча.

Як даста гули сафеда даст кард акаҷон,
Омадану рафтаноша бас кард акаҷон.
Гуфтам, ки равам, гила кунам ай акаҷон,
Ай гилаи мо саракша паст кард акаҷон.

а) Ин кутали рупарура тай кард ёрум,
Румолчаи гулдузӣ ҳавас кард ёрум.
Румолчаи гулдузира додум ёрма,
Омадани хонамона бас кард ёрум.

Я апаву я хувар дар пушта будем,
Бо шонаи шамшодӣ сар шуста будем.
Сар шуста будем, ба якдигар бофта будем,
Сирои дила ҳануз ногуфта будем.

Дугонаи ҷон, чанори давлат бошӣ,
Гулҳои шукуфтаи вилоят бошӣ.
Гулҳои шукуфтаи вилоят ману ту,
Ҳар ҷо бошӣ, соқу саломат бошӣ.

Дугонаи ҷон, аҷаб гули хушнозӣ,
Ай шеваи раҳгардит ошиқбозӣ.
Ду қоши сиёта сар ба сар андозӣ,
Бачаҳои қишлоқира чанг андозӣ.

Дугонаи ҷон, биё, бишӣ дар савза,
Қади базебут мисоли гул меларза.
Муҳои сарта қавза кунум дар дастум,
Дугонаи ман ба вилоят меарза.

Акаи худум аспдавонӣ дора,
Кордои сафеди балҷувонӣ дора.

Кордуш ҳамза, тупаки кордуш ҳамза,
Акаи худум ба вилоят меарза.

Акаи худум ай ҳама боло шиштай,
Муи сарша ба оби тилло шуштай.
Муи сарша ҳалқа кунум дар гушум,
Бозор бибарум, савдо-кунум, нафрушум.

Эй очаи ҷон, ягон-ягон ёдам кун,
Хокистари куи ту шудам, бодам кун.
Хокистари куи ту шудам, боди фано,
Аз мулки ғарибӣ гиру озодам кун.

а) Эй ҷураи ҷон, ҳар замон ёдам кун,
Аз боми баланд фурою фарьёдам кун.
Аз боми баланд фуро, ки фарьёд нашуд,
Хокистари кучаят шавам, бодам кун.

б) Эй дӯст, фаромӯшам макун, ёдам кун,
Хокистари кӯчаат шудам, бодам кун.
Гар бад бошам, наълати дуньё ба сарам,
Гар нек бошам, ягон-ягон ёдам кун.

Шинум ба баландӣ, ман тура ёд кунум,
Оюм ба гузаргаҳи ту, фарьёд кунум.
Оюм ба, гузаргаҳут, ҷавобум надиҳӣ,
Хокои ҷаҳона дар сарум бод кунум.

Дар сараки санг шинум, тура ёд кунум,
Монандаки кавги тоқа фарьёд кунум.
Кавго ҳама села-села фарьёд кунан,
Ман, ҷураи ҷон, гуюму фарьёд кунум.

Дар боғи падар ниҳоли пасмунда.манум,
Дар зоти падар сочи- чигарсухта манум.
На падару на модар, на хонаи хуб,
Дар раҳаки дур миёни раҳ монда манум.

а) Дар боғи падар ниҳоли пасмонда будум,
Дар хонаи ёр оваки шавмонда шудум.
Ай дастум гирифт, ба дасти нокас додум,
Яг бори дигар нагуфт, ки духтар дорум.

Дар қади ниҳоли навниҳолат ҷонам,
Дар руи сафеди беғуборат ҷонам.
Не хонаи хуб дорию не шуи бадил,
Дар умри дарози пуразобат ҷонам.

Эй ёри азиз, ман хоки роҳат бошам,
Қурбони ду чашмони сиёҳат бошам.
Ханҷар бикашу бизан миёни дили ман,
Дар бегунаҳӣ худам гувоҳат бошам.

Дар сояи бед шиштай, бед зарбедай,
Ду зулфи сиёт монанди маҷнунбедай.
Ду зулфи сиёт ҳалқа задай, ҳуй додай,
Ай шиштани пешорут дилум баъмедай.

Афтов заду сараки куҳ зардӣ кард,
Номардака нумолма аз гардӣ кард.
Отам мешид, тахти зарринум мекард,
Акам, ки будак, дар ҳақум номардӣ кард.

Кангурт хунукай, шамоли Кангурт хунукай,
Дар боғут намедаром, куртам тунукай.
Овакта намехурум, соф ай шулукай,
Бачата намегирум, дилум хунукай.

Ман ёр гирум бачаи у пуштагира,
Дар туюм биёра гуспанди куштагира.
Ин гуспанди куштагира бирьён накунен,
Ин ҷураи хушкардама гирьён накунен.

Аз хона баромадам, сиёҳӣ дидам,
Як тоқасавори чомашоҳӣ дидам.
Остинма дароз карда, салом пурсидам,
Аз шарфаи пои душманон тарсидам.

а) Дар лаваки ов будум,
даст мешуштум,
Омадани ҷурачонма ман медидум.
Остинма такидуму салом талбидум,
Ай шалфаи пои акаҳом тарсидум.

Себе, ки ба ман додӣ, тамомаш холай,
Аҳде, ки ба ман кардӣ, дилам абгорай.
Аҳде, ки ба ман кардӣ, худат медонӣ,
Бадаҳдӣ кунӣ,
дар охират дармонӣ.

а) И севи самарқандира ёр овардай,
Дар фикр будум, ба чанд хаёл овардай.
И сева, ки ту додӣ,
тамомуш холай,
Ширинтар ай и холои лаби ёрай.

Ман садқа шавам ҳечаи[1] сангодавака,
Он духтари қадбаланди девлохравака[2].
Девлох наравӣ, ки гарди роҳут мезана,
Шамоли хунук ба руи моҳут мезана.

Хонай лави бора чӣ дуде дора,
Пайғоми нумози шом чӣ суде дора?
Ин чо, ки бӯдум, ҳаргиз намекардӣ ёд,
Баъди рафтанум гила чӣ суде дора?!

Чашмон дорӣ, мисоли чашми кафтар,
Кошони сиёҳ дорй, шоҳи духтар.
Ман гуфта будум, тура бигирум дар бар,
Муи сарта бишум ба оби кавсар.

Очама бигу, маълима думод бигира,
Як даста гули сафеда савғот бигира.
Як даста гули сафед дар навдаи бед,
Умадани маълимчон ларзидани бед.

а) Дар пасаки хонамон ҳавзи овай,
Дар даруни хонамон маълим ховай.
Очама бугу, маълима думод бигира,
Як даста гули сафеда савғот бигира.

Маълимбачаяк, такья ба устал дорӣ,
Ду қоши сиё навишта дафтар дорӣ.
Ма гуфта будум, худакма дус медорӣ,
Дил чои дигар, маро чй маҳтал дорӣ?!

Боло рафтй, турфа нигор овардӣ,
Поён рафтӣ, сангу сафол овардӣ.
Ту гуфта будй, духтара хуш карда гирум,
Апакадура[3] ба чӣ хаёл овардӣ?!

Ман хоб будум таги чанори падарум,
Бедор шудум, осақол омад ба сарум.
Эй падари чон, ай и корот бехабарум,
Як куртаву як латта[4] шудаст дарди сарум.

Ман сайл кунум, сайл кунум Ромита,
У чита гулай, панча задай тоқита?

**[1] *Ҳеча — лона,* хонаи паррандагон.**
**2 *Девлох* — айлок, чарогоҳи тобистона.**
**3 *Апакаду* — саллакаду.**
**4 *Латта* — матоъ. ба маънои чизҳои арӯсй**

У гула мара бите, ки парварда[1] кунум,
Гул панҷа зана, душмана шарманда кунум.

а) Аз пуштаки хонатон гул канда кунум,
Дар дараки ҳавлинмон парварда кунум.
Мардумо меган: «Гули ту бар нагира»,
Гул панҷа зана, душмана шарманда кунум.

Шероз мебофум, чормехаву ҷонона,
Хат мекунум, муаллимҷон биҳона.
Бихонаву нахона, ҷавоб гардона,
Мора нагирифт, дидаву руш мемона.

Эй духтараке, дар кади пастут ҷонум,
Муаллима шавӣ, дар таги дастут хонум.
Журнала гирум, варак-варақ гардонум,
Адреси туро наёфта саргардонум.

Эй мурғи сафеди тори боми қозӣ,
Ма мурғи ҳилол нестум, ки тир андозӣ.
Сайёди аҷал ворй сари раҳма нагир,
Охир ки мерай ай паи қинғолбозӣ.

Айвони баланду пешакаш шерозӣ,
Дастат шиканад ба он кулухандозӣ.
Аз дастат гирам, барам ба пеши қозй,
Сад дурра хурӣ аз пушти ошуқбозӣ.

— Садбарги сафеди ман, чаро зард шудӣ,
Е дил ба касе додӣ ё калб шудӣ?
— Не дил ба касе додаму не қалб шудам,
Ғамҳои туро хӯрдаму рангзард шудам.

Имшав чӣ шавай, алови лал месузум,
Котиббачара ҷомаи нав медузум.
Сузанум шикаст, ба хору хас медузум,
Ресмон камӣ кард, ба муи сар медузум.

Хезен-хезен, нигаҳ кунен теппачара,
Заминои кишткории котиббачара.
Котиббачае, аспи қизилта садқа,
Қамчивзаниҳои руи зинта садқа.

Духтар-духтаре, садаф гирифтӣ дар бар,
Ороста кардӣ худта мисоли кафтар.

[1] *Парварда* — кӯчат кардан.

Шоҳин шаваму туро бигирам аз ҷар,
Созе бигирам, аз ту нарезад як пар.

Эй дӯст, агар меҳри ту бар мо бошад,
Моро зи раҳи дур чӣ парво бошад.
Хоки раҳи ту шавем рузе сад бор,
Гар гушаи хотири ту бар мо бошад.

Эй ҷони касе, ҷони касе, ҷони касе,
Моро набувад ғайри ту армон ба касе.
Ҳиҷрони ту оташ асту мо ҳамчун хас,
Месузему дам намезанем пеши касе.

Чашмони ту оҳубаррара мемона,
Руят гули шабнамзадара мемона.
Ҳар кас, ки ба болини ту сар мемона,
Дар нозу карашмаи ту дармемона.

Чашмони шумо ба чашми оҳу монад,
Рухсори шумо ба ранги олу монад.
Рӯзе ки шумо аз назарам дур шавед,
Ранги рухи ман ба ранги қоқу монад.

Садбарги сафеди саҳарӣ руи шумо,
Бо нуки қалам кашида абруи шумо,
Бар ошиқи бечора муяссар бошад,
То боз бинад ба зиндагӣ руи шумог

Эй ёраки ҷон, гул ба дастори шумо,
Бо нуки қалам кашида абруи шумо.
Ҳар ҷое равед, худо нигаҳдори шумо,
Ин ошиқи бечора дуогуи шумо.

Ман гуфта будам, шумо ба ман ёр шавед,
Аз рузи сиёҳи ман хабэрдор шавед.
Аз рузи сиёҳи ман хабардор нашудед,
Болина баланд монеду бемор шавед.

Биё-да, бирем, боғчара гулкорӣ кунем,
Сангои дари боғчара марворӣ кунем.
Сангои дари боғчара марворӣ нашуд,
Биё-да, бирем, тарки ватандорн кунем.

Шуроширинак, худо бута ҷазота,
Дил додану по кашидани беҷота.
Як моҳ мешава, ки мехурум ғамота,
Аҳволи дилум кур куна чашмота,

Чормағзаки дукушаи лаби гандум,
Бачаи мардум, қошои сиёҳта гардум.
Айби падарут набоша, шарми мардум,
Парвона шуда, гирди сарут мегардум.

а) И духтари сарҳадӣ, мағзи гандум,
Ма ай ту чудо шидум ба лавзи мардум.
Ма ай ту чудо шидум, дилум девона,
Шарм ай падарут дорум, таън ай мардум.

Ин булбули маста аз Бухор овардан,
Ин ошиқи дилтанга ба дор овардан.
Дар гарданакош завлию дасто баста,
Шереро даруни марғузор овардан.

Зулфи сияҳат ҳаво гирифтаст, чӣ кунам,
Атрофи туро бало гирифтаст, чӣ кунам?
Гуфтам, биравам, дар бағалат руз кунам,
Инсофи туро худо гирифтаст, чӣ кунам?!

Ҷонона, ба дарди дил давое нашидӣ,
Бегуна будӣ, ачаб балое бишидӣ.
Бегуна агар вафо куна як дамаке,
Монанди таоме, ки надора намаке.

Чойлоби баланд аз ҳар бараш бод ояд,
Бераҳмбача, бе ман туро хоб ояд?
Гар хоб кунум, меҳри ту дар ёд ояд,
Ин ҷогаҳи навдохта ба фарьёд ояд.

Ман омадани куи туро бас кардум,
Ман дастма ба домони ту, нокас, кардум.
Ту кас набудӣ, ба нокасо дил бастӣ,
Гар қибЛа шавӣ, намозро бас кардум.

Дар гушаи бом шину чилйм барпо кун,
Ай мо гузару ёри дигар пайдо кун.
Ай мо гузарй, ёри дигар пайдо нест,
Ҳуснеро ба ту додай, назар бар мо кун.

Аз рафтани ту ду пои ман дар дом аст,
Чашмам ба раҳу забони ман пӯрсон аст.
Нисфи чигарам пухтаву нисфаш хом аст,
Нисфи дигараш ба товае бирьён аст.

Эй.чураи чон, биё, лави об равем,
Руймоли тура курпа кунем, хоб равем.

Дар курпаи румолӣ мара хоб набурд,
Биё, дасти ба даст кунему Кулоб равем,

Дар гузари мо пистара тар мефрушан,
Бачазанако буса ба зар мефрушан.
Худо бигира қашшоқию камбағалӣ,
Ҳамсоя моем, ҷои дигар мефрушан.

Гашнич ба -даруни пиёз дона-дона,
Каҳдуди сиёҳ шудам даруни хона.
Ку дусти ширин, дари мара ҳуй мона,
И дуди сиёҳи ғам барод ай хона.

Чиликаку борикаку дандонаки мор,
Ҳар ҷо меравӣ, ҳаял накунӣ зинҳор.
Мо дар ҳақи ту кабоби дегдон гаштем,
Ту дар ҳақи мо ҷавр накунӣ зинҳор.

Поён меравӣ, ёри азизи ҷонум,
То омаданта ма мембурум, нимҷонум.
Мактуби навиштата буте, бухонум,
Ҳарфакша ғалат кардум, бурояд ҷонум.

) Маълимбача, ишқут балои ҷонум,
Ту мулловy ман омӣ, пешут хонум.
-Ҳар гоҳе савақ диҳӣ, ман дармонум,
Я нуқта ғалат кунум, бароянд ҷонум.

Офтов задай дар чинии рупушум,
Ман ҷураи у маълими кастумпушум.
Як гап нагуфт, ки бигирум дар гушум,
Ай бахшаки у қаландари дарвешум.

Дар боғ даром, сайли гули лола кунам,
Булбул шаваму ҳазору як нола кунам.
Дар хондани дарс, агар ба ёдам бирасӣ,
Монам сабақа, дарди туро нола кунам.

Ай хона баромадум оста-оста,
Ай думбаки маълимбача мерам ҳота.
Маълим мега: «Оста бимон поҳота,
Ба чени поҳот миёрум кавшота!»

**Ман** булбуламу мегум баҳора садқа,
Замини калони сабзазора садқа.
Дар қишлоқи мо чандин ҷавон мегарда,
Олуфтаҷавони илмдора садқа.

Ойнара ба дасти рост мегирем мо,
Хушкардара руирост мегирем мо.
Не аз мулло метарсему не аз муфтӣ,
Парвона, ки сухт, қасос мегирем мо.

а) Оина ба дасти рост мегирам ман,
Ер аз тарафи шумост, мегирам ман.
Не мулловy не хуҷаву не ҷуфти гуво,
Дилхостаро руирост мегирам ман.

б) Оина ба дасти рост мегирум ман,
Мехонуму ихтисос м*егирум ман.
Ай ғайбати ҳамсоя надорум парво,
Хушкардама руирост мегирум ман.

Мактаб мерам, дар пеши ёр мехонум,
Э ёри азиз, дарду балот дар ҷонум.
Э ёри азиз, лотиниро медонӣ,
Маро гириву дар пеши худ хононӣ.

Ман дуст дорум ай и хуна болора,
У кастумсиёи минай коргарора.
Дар пуштаки мактабо куфтум мехча,
Дар ҳақақи у бача сухтум, оча.

Ин кафтараки сафедаки парканда,
Сипобачаи шакарлаби пурханда.
Наълат ба касе, ки бо сипо дил банда,
Сипо бирава, дилаки мо хун банда.

а) Дар руи дарат садаву баргаш майда,.
Наълат ба касе, ки дил ба зандор банда.
Зандор гапи хуш дораву лавзи ганда,
Гапат мезанаду мекунад шарманда.

Ай боми баланд афтию афгор шавӣ,
Ҳичит нашава, як ҳафта бемор шавӣ.
Дилум, ки намешава дуоют бикунум,
Ёрут бимира, ба гам гирифтор шавӣ.

Эй мардаки дузана, мазорут бизана,
Чубҳои хаданги бешуморут бизана.
Харчанд дилум нашуд, дуоют бикунум,
Сад ғам ҳама дар синаи ёрут бизана.

Боло меравӣ, худо ба болот набара,
Зангир шавӣ, худо ба савдот набара.

Гар шодӣ кунӣ, шодита ғам гардона,
Чодари арусита кафан гардона.

Ай тахаки сафилут[1] чигас мекардем,
Ай сузиши дил сафила пас мекардем.
Ай сузиши дил сафила пас карда нашуд,
Ошиқии дурузата бас мекардем.

Офтоби паси аґба пано кард маро,
Як хандаи ширинат адо кард маро.
Як хандаи ширинат ба ҷое нарасид,
Тақдири худо будаст, ҷудо кард маро.

Ман кади тура майда кунум, нафрушум,
Ду зулфи тура ҳалқа кунум дар гушум.
Мардум мегц: «Ҳалқара чан мефрушӣ?»
Бо ҷонум баробарай, ҷонма нафрушум.

Румоли сарут бирешими шаҳри Бухор,
Ҳусни ту ба монанди гули фасли баҳор.
Мегум, ки ту рақс равӣ дар зери дутор,
Дидори мубораки ту кард одама зор.

Дар хонаи ту бодоми шириндона,
Ду булбули ҷур шишта ғазал мехона.
Гуфтум, биравум, канор гирум ларзона,
Худо бигира аврати гавгардона.

Ҳавлини калон дорем, гул мекорем,
Ғамҳои тура ба буи гул мерорем.
Шабҳои дароз такья бар деворем.
Ай ёраки бадқавл аламҳо дорем.

Дар руи дзрут суфа қатор афтодай,
Дар тори ришут чангу ғубор афтодай.
Гуфтум, ки бирам, дар он суфа сар монум,
Гуё ки дар он суфа мазор афтодай.

ДУРРУ садафу садаф ба дайро ташна,
Ай дасти садаф булбули раъно ташна,
Мо, ташналавон, миёни ов афтодем,
Ов ай сари мо гузашту лаво ташна.

Мо булбули боғ будем, ай боғ мондем,
Кардем сафари Ҳисор, ай ёр мондем.

[1] *Сафил — девори баланд.*

Гуфтем, ки Ҳисор равем, беғам гардем,
Дар синаи худ ҳазору як доғ мондем.

Ман садқа шавум ай хонамон болора,
У духтари қадбаланди качакдора.
Качакдорае, ура надодан мора,
Худо намуна тухми асақолора.

Эй беди баланд, соя ба бедат бошам,
Печида ба гардани сафедат бошам.
Печида ба гардани сафедат то кай,
То рузи қиёмат ба умедат бошам.

Аспакалае, аспакта метозонӣ,
Алақаи[1] дасторакта меларзонӣ.
Алақаи дасторакта ман тофта будум,
Ай минаи сад ҷавон тура ёфта будум.

Эй ҷураи дуторию дутор сари даст,
Назар ба дутор кардум, дуторут бишикаст,
Ҳам пули дутор метуму ҳам бусаи маст,
Эй ҷураи нозанин, ба фарьёдам рас.

Дил дар сари зулфи дилбарон аст ҳанӯз,
Ин қиссаи ишқ дар миён аст ҳанӯз.
Гуфтем, ки мову дил яке пир шавем,
Мо пир шудем, дил ҷавон аст ҳанӯз.

То ҷон дорам, аз ту ҷудоӣ накунам,
Ҷуз ғайри ту бо кас ошноӣ накунам.
Бо ваъдаю паймони ту шинам сад сол,
Сад соли дигар аз ту ҷудой накунам.

Э мирзо, нишастаӣ, ки сетор сари даст,
Дар гушаи сетори ту булбул шуда маст.
Ман бачаву ту бача, ҳар ду бачамаст,
Ҳар ду бачаро никоҳ мебояд баст.

Эй ёраки майдаҳаки гулгунпушум,
Ай нумози шом биё, бишӣ дар пешум.
Ай нумози шом биё то субҳи саҳар,
Гир бусаву гир канору хез ай пешум.

Қадди ёракум ниҳолаки пайвандӣ,
Ин дил чӣ дилай, ба ёри мардум бандӣ?

1 *Алақа* — гӯша, гачим.

Эй дил, ту агар оҳану пулод шавӣ,
Обут мекунум дар кураи чаҳмандӣ.

а) И раҳои Муҷихарф шишабандӣ
Духтарои Муҷихарф қошпайвандӣ.
Эй дил, агар оҳану пулод шавй,
Обут мекуна духтари қошпайвандӣ.

Дар сар дорӣ тоқияки симдузӣ,
Мо гуфта будем, ҷура, биё нимрузӣ.
Дар сар мезанем гулакои наврузӣ,
Мо ҳам меравем, ту мондаю месузӣ.

Эй духтари ҳамсоя, маломатрузӣ,
Дар сар задай дастагули наврузӣ.
Ду қоши сиёҳ ба сурма мена бозӣ,
Охир ту маро ба сад алам месузӣ.

а) Эй духтари ҳамсоя, маломатрузӣ,
,. Ту нумола каҷ бастӣ, маро месузӣ.
Дар лаби нумол панҷараҳой симдузй,
Кофар, ту маро ба сад алам месузӣ.

— Эй духтараки сафедаки ҷингиламу,
Ҳайдама буте, падар тура додай ба шу.
— Не парвои падар дорум, не парвои шу,
Як бусаи ошиқӣ баҳои сад шу.

Эй беди баланд, соя лаби дуконӣ,
Эй хирмани гул, рута намегардонй.
Гар абр шавй, қиблара меларзонӣ,
Меборӣ, намеборӣ, чӣ метарсонй?!

Ин қадаки борикакта меларзунӣ,
Гулҳора ба сар задай, мерезунй.
Гулҳора ба сар задай, завқум додӣ,
И ҷигари садпорама мерезунй.

Аз омаданат агар хабар медоштам,
Дар руи раҳат гули суман мекоштам.
Гул мекоштам, гули гулоб мекоштам,
Хоки қадамат ба дида мебардоштам.

Дар мобайни маърака сад кас боша,
Сад кас боша, дилаш ба як кас боша.
То зинда манам, орзуи руят дорам,
Наълат ба касе, ошиқи ҳар кас боша.

Ошиқӣ накун, ки ошиқӣ бадбахтай,
Ошиқ ба мисоли чомаи наврахтай.
Ошиқ, ки шудӣ, мегуй, дуньё ба манай,
Гоҳе бинӣ, гоҳе набинӣ, сахтай.

а) Ошуқ нашавӣ, ки ошуқӣ бадбахтай,
Гоҳе бинӣ, гоҳе набинӣ, сахтай.
Ошуқӣ мисоли чомаи ориятӣ,
Пушидануш хуб, ёфтануш кори сахтай.

Чалам нигина, пушти мазор мегардум,.
Ай паи бачаи очадор мегардум.
Очаша буге, тоқаниҳолуш накуна,
Бахтибачаша пеши мулло мебандум.

Пудинаи лави ов шудай меваи тар,
Ру чониби ман дорию дил чои дигар.
Ношугрӣ накун аз мани гулғунчаи тар,
Овора нашав аз паи беаҳди дигар.

Кутал куша, миёни кутал куша,
Дар миёни кутал гули дуқуша.
Мардум мега: «Ёри ту кадомишай?»
Фандум накуне, ҳамон гули хушбушай.

Боло меравӣ, ба ман гули лола биёр,
Дар қоғази сурх мушка печонда биёр.
Дар қоғази сурх мушка печонда нашуд,
Бо дасти адаб гиру нарезонда биёр.

Духтар ба дуруни боғ мекард бозӣ,
Як духтари кулобӣ, якташ роғӣ.
Ай духтари кулобӣ надорум гилае,
Моро куштай ду зулфи чанги роғӣ,

Ай хона баромадӣ бозӣ-бозӣ,
Румоли калон дорӣ, тоб мендозӣ.
Гуфтум, ки равум, пешут шинум нимруз
Чашмони сиё дорӣ, ба хоб мендозӣ.

Булбул шаваму рафта шинам бумгушат,
Чаҳ-чаҳ занамо, шояд расад бар гушат.
Гушатба расад, хезию берун ойӣ,
Огаҳ шавию таклифкунӣ бар пешат.

Дар Балх гулай, дар Бухоро наргис,
Ма руи тура серӣ надидум ҳаргиз,

Худо мегуме, маргум бута дар майлис,
Курум, ки куна, бе ту нагардум ҳаргнз.

а) Дар боғ гул аст, дар Бадахшон гашниз,
Ман руи туро серӣ надидам ҳаргиз.
Ман руи туро қиблаи тоат кардам,
Ғамта хурда, ба дил қаноат кардам.

Эй ёри азиз, майл ба ҳар хас дорӣ,
Ту шавқу ҳавас ба ёри ҳар кас дорӣ.
Ту боғи касон омада гул металабӣ,
Дар боғи худат як гули наврас дорӣ.

Ёракма бубин, куртаи атлас дора,
Дар ҳар мичаюш хаёли сад кас дора.
Ман пеши касе намеравум гулталабӣ,
Боғи рафиқум гулҳои наргас дора.

Ман омадаам, туро бубинам, биравам,
Розои дилам ба ту бигӯям, биравам.
Розои дилам гуфта шавад ё нашавад,
Дар шабнамӣ лола рӯ бишӯям, биравам.

Маҳтоби шабасту ман ба кӯят нарасам,
Аз хандаи ширини ту ман дар ҳавасам.
Ман дар ҳавасам, чу булбули дар қафасам,
Оё ба муроди дил расам ё нарасам?!

Дар таҳаки долони ту айвон дорум,
Як лаҳза ба шиштани ту ормон дорум.
Як лаҳза бишину бишкана ормонум,
Сар дар бағалут монум, шавад дармонум.

а) Зардолуй зарду ҷигарой бирьёнум,
Як лаҳза ба шиштанот ормон дорум.
Ормон дорум як ҳафтаю соли дароз,
Ба дил нагирӣ, дар хона меҳмон дорум.

Эй ҷураи ҷон, дуру ба дур гаштанакот,
Дар гушаи бом шиштанаку хестанакот.
Ман ҳайкали сурхи минаи синаякот,
Намозаки шом ҷигӣ-ҷигӣ гуфтанакот,

Дар дастут камон, дар миёнут ханҷар,
Бо нозу карашма меравӣ лаб-лаби ҷар.
Ру ҷониби мо дорию дил ҷои дигар,
Ай хотири ту местум се соли дигар,

Пеши гули садбарг саломи бисьёр,
Ерам дили омадан надорад имсол.
Ман медонам, қаҳроша бар мо кардай,
Бар қаҳрои кардагиш саломи бисьёр.

Аз ҷониби ман рафта ба он ёр бигу,
Ин нолаи булбула ба гулзор бигу.
Аввал рафтӣ, ёрам мана мепурсад,
Ту ёри мана саломи бисьёр бигу.

Қишлоқо ба қишлоқо кофтӣ ту мара,
Беаҳд будай, бача, партофтӣ мара.
Партофтӣ мара, худо напартоя мара,
Ере мегирум, ба дида бардора мара.

Аз ёраки бевафо ҷудоӣ беҳтар,
Аз давлати нобуда гадоӣ беҳтар.
Ере, ки надорад заррае меҳру вафо,
Бо у накунад кас ошноӣ, беҳтар.

Ай боло нигоҳ мекунум Сударара,
Ин бачаи тоқисурхи борунзадара.
Хама мечинан гулои сурхи сарара,
Мора метан ин гули офтобзадара.

ЁДИ ту кунам, сари забонам сузад,
Гар сабр кунам, тамоми ҷонам сузад.
Сиррест, ки пеши кас натонам гуфтан,
Мағзам ба даруни устухонам сузад.

Аввал ба ту, бевафо, чаро дил бастам,
То аз ту чудо шудам, ба ғам пайвастам.
Дидам, ки намешавад муродам ҳосил,
Охир ба дилам санги қаноат бастам.

Рӯзе, ки фалак нишонаи тирам кард,
Афтода ба зулфи ёр занҷирам кард.
Ҳостам, ки дар ин замона беғам гардам,
Доғаи замона оқибат пирам кард.

а) Имрӯз фалак нишонаи тирам кард,
Оварда ба зулфи ёр занҷирам кард.
Кошке, ки ман аз модар намерӯидам,
Ман кӯдаки серӯза будам, пирам кард.

Э куҳи баланд, тура ба боло бинум,
Маҳтоб, буро, шуълаи дарьё бинум.

Чанд вахт шидай, зиндаҷидо мегардум,
Яг бори дигар руи рафиқо бинум.'

Як бор напурсидӣ, ки ҳолат чун аст,
Хобат чӣ тариқ асту хаёлат чун аст.
Як соати шаб, ки инчунин дуру дароз,
Рузу шабу ҳафта, моҳу солат чун аст?!

Зебосанамо, номи ту аз насрин аст,
Дар пеши барат анори шаҳри Чин аст.
Монандаки қоғази фарангӣ баданат,
Монанди найшакар лабат ширин аст.

Ин фатири кунчитий параи дегдунум,
Ин духтари бологӣ шудай бохчунум.[1]
Гуфтум, биравум, духтара бинуму биём,
* Ай еухтани дил духтара байт мемунум.

Маҳтовшавай, бинум лави равзанта,
Азроил шавум, бигирум чуни занта.
Худум худта механдуму мардум занта,
Худо бугира кадуи бегарданта. >

И аври сиё талоши борун дора,
Наълат ба касе, ки ёри нодун дора.
И аври сиё гирумагир афтодай,
Зебозани нағз ба шуи пир афтодай.

Шинам-шинаму дилам тапидан гирад,
Ман миҷа занам,* об чакидан гирад.
Ман миҷа занам, об чакад чӯй ба чӯй,
Дар сар-сари чӯй сабза дамидан гирад.

1) Шинум-шинум, дилум тапидан гира,
Хун ай дили зори мун чакидан гира.
Ҳар қатраи хуне, ки чакад ай муни зор,
Реза ба замин, сабза дамидан гира.

Ай хуна баромадум, чашмум чорай,
Поҳакма кучо монум, ки олам хорай.
Хорай-хорай, душманум бисьёрай,
Дар руи замин ай ҳама ширин ёрай.

Ай раҳаки дурам як дуое бифирист,
Номакта ба ҳар шоху гадое бифирист.

I *Бохчук* — палонч,

Номакта ба ҳар шоҳу гадо ҳайф накун,
Ай хоки дари худ тутиёе бифирист.

Ай боло миёй, омаданота садқа,
Чашмони сиё, роҳгаштанота садқа.  .
Роҳ мегардӣ, дилакма ғам мегира,
Кошке ки набинӣ, бача, ғамхурира.

Қади бачачон ниҳоли ар-ар ворӣ,
Раҳ мегарда боди сар-сар ворӣ.
Хона миёя, чамоли духтар ворӣ,
Берун мероя, сурати кафтар ворӣ.

Ёрум худутӣ, ҳам дилу чӣнум худутӣ,
Ситора баланд, болой бомум худутӣ.
Як зайл биё, ҳеҷ кас надона, худутӣ,
Уштока баланд бикаш, ки донум, худутӣ.

Чашмонат сиёҳ, суратат кабги дарӣ,
Рухсора чу моҳ кардаю менигарӣ.
Бар мо манигар, мо ғарибему равӣ,
Касро бинигар, ки доимаш менигарӣ.

Ситора ба боми мо қатор омаду рафт,
Як духтари шухи беқарор омаду рафт.
Як соату як замон пешам нанишаст,
Монандаки абри навбаҳор омаду рафт,

а) Ин куртасафеди беқарор омаду рафт,
Ду кузаи обуш ба канор омаду рафт.
Гуфтум, биравум, кузаи обуша гирум,
Монандаки абри навбаҳор омаду рафт.

б) Ситора ба боми мо қатор омаду рафт,
Шоҳзода ба боми мо шикор омаду рафт.
Мардумо меган: «Вай чӣ кор омаду рафт?»
Ғамгин шуда буд, дидани ёр омаду рафт.

Чашмони сиёҳ намекунад маст маро,
Дил мекашаду намерасад даст маро.
Имруз ба хизмати ту дер омадаам,
Яқӣн бидон, ки як залул ҳаст маро,

Дар таҳаки тут як тути баргдорай,
Ту токита каҷ мондай, дилум ғамдорай.
Мардумо меган: «Рафиқут ёр меора»,
Еруш бумбра, худакма дуст медора.

Зулфи сияҳут ба ру дурозӣ мекард,
Қади алифут ба курта бозӣ мекард.
Метарсидум, дар куча ҷодут накунан,
Ин куча ба гаштани ту шодӣ мекард.

Дастум, ки ба дасти ёр бозӣ мекард,
Дасти дигарам пиёладорӣ мекард.
Як беваи зол раҳнамой мекард,
Ду гули шукуфтара чудой мекард.

Эй гули бунафша, дар биёбон чунй,
Тоҷи саракои навчувонон, чунй?
Мо зинда дар ин диёр ғамкушта шудем,
Ҳолӣ ту дар он диёр бе мо чунӣ?!

Аз омадани баҳор гул шодӣ кард,
Булбул ба сари чайор ободй кард.
Булбул ба сари чанор мезад чаҳ-чаҳ;
«Овозаи гул дарозу умраш кутаҳ».

Аз ранги рухат нишони атлас пурсам,
Аз чашми хушат хумори наргас пурсам.
Сад руз набинию напурсӣ зи касе,
Як лаҳза набинамат, зи сад кас пурсам.

а) Ситора миёни осмон омад рост,
Моро ҳаваси дидани дидори шумост.
Рузе ки набинамат, зи сад кас-пурсам,
Сад руз ки.набинӣ, намегуй, кучост.

Аз куча гузар м,ан аз барои ту кунам,
Наззора ба чашмони сиёҳи ту кунам.
Дидам, ки нишастай миёни сад кас,
Сад касро салом ман аз барои ту кунам.

Ман садқа шавум ду чашми мастонаи ту,
Ду чашмисарум мудом дар хонаи ту.
Як гап назадӣ, ки дили ман сард шава,
То канда шава пои ман аз. хонаи ту.

Меравӣ ай назарум, ёд кунум ё нақунум,
Ин дили ғамзадара шод кунум ё накунум.
Ин дили ғамзадара ғамзадагон медонанд,
Ин рафиқи куҳнара ёд кунум ё накунум?!

Дар боғут даром аз барои навдаи пуш,[1]
Духтар дидум, сурхӣ задай дар бари руш.

Хостум, биравум, буса гирум ай бари руш,
Ғелидуму ҷар шидум ай тарсаки шуш.

Ин куртаи ту путмапуту торуматор аст,
Остини ту гаждуму гиребони ту мор аст.
Ҳар кас, ки гирад туро-як шаб ба канораш,
Дар боғи гуле ғалтаду бинад ду анораш.

а) Ин куртаи ту гулмагулу торматор,
Остини ту каждуму гиребони ту мор.
Ҳар кас ки туро гирад боре ба канор,
Ҳоҷӣ шаваду Макка равад сесад бор.

Дар гушаи бум нишаста моро дидӣ,
Аз дур салом кардамат, фаҳмидӣ.
Сад дод аз дасти рақибони шумо,
Монандаки барги бед меларзидӣ.

Парвонаяму суи чароғ омадаям,
Маҷнунаму Лайлира суроғ омадаям.
Ман булбуламу майл надорам ба чаман,
Бо буи бунафша сайли боғ омадаям.

Э себи самарқандӣ, рухат пайдо нест,
Э лаъли бадахшонӣ, дилат бар мо нест.
Ханҷар задаӣ дар ҷигари афгорам,
\- Хун мечакаду ҷароҳаташ пайдо нсст.

Қалпоқи сарат ҷигдагули чубдуна,
Пешобағалат анори ширӣндуна.
Шириндунае, халқу халоиқ дуна,
Вақти гули гандум асту ёр девуна.

Ман булбуламу ру ба гулистон дорам,
Не ғами баҳору не зимистон дорам.
Ҳар ҷавру ҷафое пеш ояд ба сарам,
Ман такья ба пирони кухистон дорам.

Дар лаваки бунг шиштай, эй Одинамо,
Руят суни душмано, пуштат суни мо.
Эй Одинамо, рута бугардон суни мо,
И дуди сиёҳ канда шава ай дили мо.

Поён равӣ, дуо бигу ёри мара,
Каҷмиҷаву каҷабру харидори м-ара.

.[1] *Пуш* — номи дарахти кӯҳӣ.

Ёракма бигу, ки соз куна кори мара,
• Аз доми бало халос куна чони мара.

Ман садқа шавум ай хонамон болора,
" У ^ачаи тоқисурхи бепарвора.
Бепарвора, ба сар набурд корора,
Ин ғамои беҳудаша додай мора.

Имруз надидаям гули норамро,
Садбарги сафеди нозбардорамро.
Гуфтам, ки равам, пухта кунам корамро,
Аз дасти .рақиб чудо кунам ёрамро.

Шомта садқа, намози шомта садқа,
Дуторзаниҳой гушаи бомта садқа.
Номакта гирум, чан касон мефаҳман,
Номи «бачай фалон касон»-та садқа.

а) — Шомут бинум, намози шомут бинум,
Дар аспаки хуши қушлаҷомут бинум.
Номакта гирум, чанд касон мефаҳма,
Ҳаму «бачаи фалон касон»-ут бинум.

•— Эй духтараки сафедгули зардолу,
Як буса буте, ба дарди дилма дору. •
•— Як буса наметиюм, ки ту раҳгузарй,
Шаҳрора ба шаҳр занию овоза барӣ.

а) — Дар лаваки 66 чураи дилпораи ман,
Як лаҳза бишин барои як зораи ман.
— ЯК лаҳаз намешинам, ки ту роҳгузарӣ,
Овбзаи ман ба шаҳри Хучанд бибарй^

б) Эй куртасафед, рута напӯшй, чӣ шавад,
Моро сари зулфи худ насӯзй, чӣ шавад?
Мо раҳгузарем, ба роҳи худ мегузарем,
Ай раҳгузарон рӯта напӯшӣ, чӣ шавад?!

Ту ру ба даре шиштай, хуш менигарӣ,
Шояд ки дили раҳгузарора бубарӣ.
— Ту дузд нестӣ, вале зи дуздон батарӣ,
Дузд мола бара, ту чони ширин мебарй.

Дар наздики ҳавлинат анорай, чура,
Ту ноз накун, коро кашолай, чура.
Ту ноз накун, болини сармонӣ нест,
Ошиқ шудай, ҷои пушаймонӣ нест.

Як себаки сурхи арақӣ дорем мо,
Як ёраки хуби ғалатӣ дорем мо.
На пастаю на баланд, табъи дили мо,
Сухтай дили чанд касо, доғай дили мо.

Шиштагӣ будум, ай у ру овоз омад,
Ширинчурам ай раҳи Дарвоз омад.
Аспаш гул-гул, тамоми аспаш гул-гул,
Бо футаи кошонӣ, дастор пури гул.

Э бачаи тоқисурхи тоқилола,
Қастум ба танат, чигарма кардӣ пора.
Мо шинавидем, бача, шидай қинғола,
Ай сузиши дил такья занем девола.

Ман хоб будам таги чанори убара,
Бедор шудам, куртасафед мегузара.
Э куртасафед', куртата бод бара,
Дар минаи синаҳот мара хов бара.

а) Ман хоб будам таги чанори дубара,
Бедор шудам, шоҳу гадо мегузара.
Э шоҳу гадо, сафар муборак бодо,
Паймона, ки пур шавад, қазо мегузара.

Гул нотобай, баргаки гул нотобай,
Дар руи дилум лахчаҳаки алобай.
Гуфтум, ки равум, хабар гирум нимрӯзӣ,
Руюш ба мисоли кулчаи маҳтобай.

Ин кутали рупарура боғ андохтем,.
Ангури сиёҳа дар шароб андохтем.
Ангури сиёҳ хурдани ҳар нокас нест,
Мову ту хурем, дигарша заҳр андозем.

Ерум туркай, туркӣ надонум, чӣ кунум,
Хиргоҳша занум, намат наёвум, чӣ кунум?
Феъли турко — ҳар пагоҳ кучбандӣ,
Ман тоқати роҳгардӣ надорум, чӣ кунум?1

Духтар-духтар, чӣ гуфтӣ, ранчондӣ мара,
Ба туркию узбакӣ нафаҳмондӣ мара.
Ҳар ғоте нигат кардум, песондӣ мара,
Гирди пупаки тоқит нагардондӣ мара.

Кулобу миюни ду вилоят фарқай,
Ун чо, ки туӣ, себаргазори Балхай.

Ун ҷое туй, мана кардан ай ту ҷудо,
Ин ҷое манум, умри ширинум талхай.

Он ҷо, ки туӣ, ситоразори Балхай,
Ин ҷо, ки моем, ҳамеша шоммон талхай. .
Ҳар гаҳ ки маро хумори руят гира,
Андар назарум замину осмон чархай.

Дарвозаи рубару ду духтар дорад,
Ду духтари қадбаланди дилбар дорад.
Гуфтам, ки равам, ба хурдияш бозӣ кунам,
Кофир дилакам, майли калониш дорад.

Бача, бача, ду хол дорй, бача,
Бо ҳавдийи мо чӣ кор дорӣ, бача,
Бо ҳавлини мо чандин ҷавон мегузара,
Ту дил дорӣ, харҷй надорӣ, бача.

Афтов баромадай, маҳтови ту ку,
Эй ҷура, ту омадай, савғоти ту ку?
Дар киссаи ту баҳои як сузан нест,
Бархезу бирав, ки ҷои истодан нест.

Эй ёраки ҷон, бало будӣ, донистум,
Ту дилбари пурҷафо будй, донистум.
Ай рузц' азал чи дустакут медоштум,
Охир ки ту бевафо будӣ,. донистум.

Нумол ба сарут ҳаво-ҳаво мегардӣ,
Монандаи гул қиматбаҳо мегардӣ.-
(Мо дар паи хизмати туем, навданиҳол,
Ай мо чӣ шунидаӣ, ҷидо мегардӣ?!

Руймоли сарум яг гул зиётӣ дора,
Ишқи ману ту дар куча бозӣ дора.
Гуфтум, биравум, қатиякут роз бигум,
Ту зан доштай, қонун намебардора.

а) Руймоли сарум яг гул зиётӣ дора,
Мегум, гирумут, қонун намебардора.
Ман садқа шавум Ҳукумата қонуноша,
Қонун бурора, ҳар кас гира дилхоша.'

б) Куртаи танат ҳазор-ҳазор гул дора,
. Ман туро гирам, қонун намебардора.
Худо бигира инсофи дильёвита,
Ишқи ману ту дар куча бозй дора.

Намозаки шом шудасту мо дарбадарем,
Ёрам сари болишту мо пушти дарем.
Чашмак зада мо ба ҳамдигар менигарем,
Эй ёр, ту хуш бош, ки. мо раҳгузарем.

Аз дур саломи ман ба ёрам кӣ барад,
Як нукта гапа аз дили зорам кӣ барад?
Аз хуни ҷигар дастаи гул месозам,
Дастагулама ба пеши ёрам кӣ барад?!

Сабзинаҷувон, ки дар ҷумолут мастум,
Ҳаргиз нарасад гирди канорут дастум.
Ма дар ҳаққи ту чӣ некиё мекардум,
Сад ҳайфу дареғ, намак надоштай дастум!

а) Себе, ки ту додай, ба буюш мастум,,
Дар ваъдаи кардагит сад сол ҳастум.
Дар ваъдаи кардагит айбе набувад,
Курут куна, намак надоштай дастум.

Дар дашт будам, қатраи оташ дидам,
Аз ёраки раҳдурӣ хабар нашнидам.
Хайдагир омад: «Ёракта дар раҳ дидам»,
Ман нимаи умри худ ба у бахшидам.

Э ҷураи ҷон, дар сарут сунбул дорӣ,
Сар то қадамут ҳазору як гул дорӣ.
Мо панҷу даҳем, мегардем аз дунболут,
Ту донӣ худо, кадомша дар дил дорй?1

Дартун занадо, имшаб шаби тобистун,
Ҷотуна аниқ кунед, худам ёбамтун.
Ҷотуна аниқ кунед, худам ёбамтун,
Дарди дили бачагима баъд мегумтун.

Ай хона баромад санами гулқароқошГ
Даспона ба даст дораду зулфо чапу рост.
Гуфтам: «Саname, зулфи ту якташ тани мост»,
Хандиду ба ғамза гуфт: «Ин моли балост»,

Ай хуна баромадум, ребум додӣ,
Дастагма дароз кардум, себум додӣ.
Себе, ки ту додай, да нумолум,
Пучала шидай, ба хуни дил менолум.

а) Себут метиюм, тамоми себум холай,
Пучала шудай, дар гушаи румолай*

Пучала шудай, дар бувакош мо мастем,
Бо ваъдаи додагит ҳанузам ҳастем.

Эй чураи чон, аз ту самар мегирум,
Дастум бираса, аз ту хабар мегирум.
Аз дастаки норасо чӣ созум чора,
Дар ғамои ту сухтаву дар мегирум.

Ин моҳа бубӣ, ки мерава лав-лави чар,
Ай сӯзиши дил пора шидай руи ҷигар.
Мардум меган: «Ҷигари садпората дуз!»
Медузуму пора мешава ҷои дигар.

Шуғ дар мина, шуғи калон дар мина,
Ҷурам шиштай, руша намегардуна.
Мегум: «Ҷурае, рута бигардун, бинум,
Фардо меравем, дидаю рут мемуна».

Имшаб чӣ шабай, ситора зил-зил мекуна,
Ин ёраки мо аспи черан зин мекуна.
Аспуш ба ҳавою қамчинуш дунаи нор,
Ҷангуш накуне, ки мерава гушнаи зор.

Дар ишқи ту кас ёди саломат накунад,
Андешаи фардои қиёмат накунад.
Ҳар кас, ки зи дарди ишқ дорад аламе,
Саргаштаи ишқро маломат накунад.

Чашмони сиё ба ноз мегардонӣ,
Моро зи сари бурида метарсонӣ.
Мо, ки зи сари бурида метарсидем,
Дар кучаи ошиқӣ намеғалтидем.

Ҳамчун гули зард заъфарунум зи ғамот,
Ҳамчун гули лола ғарқи хунум зи ғамот.
Ҳамчун гули садбарг шидам садпора,
Монанди анор сарнагунум зи ғамот.

Боло хунае, поён кабутархуна,
Қум-қум мекуна ду кафтари бегуна.
Шав дар таи долунему руз дар хуна,
Мо марди мусофирем, надорем хуна.

•) И ру хона, у ру кабутархона,
Кум-қум мекуна кабутари бегона.
Бегона манум, нав гирифтум хона,
Ман, 1и рафтум, хона ба кӣ мемона?!

Ман мераваму нигори ман мемона,
Ғам дар дили беқарори ман мемона.
. Чуғзе ба сари Кулбаи ман омаду гуфт:
«Йн кулбаи вайрона ба ман мемона!»

Дар гузари мо пудинаҳо — барги чанор,
Ма шинавидум, гирифтаӣ, нокас, ёр.
Ҳар ғоте[1] ки ёри нава гирӣ ба канор,
Нуги сината гаждум газа, ҷигарта мор.

Сабзинабача дар ишқакум дар гирӣ,
Мо истодаем, ту ёри дигар мегирӣ.
Гар лахча шавӣ, пуфут кунум, дар нагирӣ,
Себарга шавӣ, обут бутум, бар нагирӣ.

а) Эй ёраки ҷон, тоқита аз сар нагирӣ,
Оҳи мани сухтагира дар бар нагирӣ.
Алов шавӣ, пуфут кунум, дар нагирӣ,
Баъди сари ман ёр гирӣ ё нагирӣ.

. Дар пеши дарут ҳавзаю ма мурғовӣ,
Ери ту маюм, куҷо мерай ёрковӣ?
Ҳарчанд ковӣ, ёри ба дил наёвӣ,
Саргаштаи оламо, насиби мой.

а) Дар ҳавлинум ҳавзай, мо мурғовӣ,
Қарчиғай манум, ту чида зан мековӣ?
Ҳарчан биковӣ, зани ба дил наёвӣ,
Сад соли дигар паи маро мековӣ.

Ин дойраи ман чиҳо-чиҳо мегӯяд,
Бо ҳар занҷир ҷудо-ҷудо мегӯяд.
Пӯсташ пӯсти бузғола, чӯбаш аз бед,
Ҳар шому саҳар: «Дилбар, биё»,— мегӯяд.

Эй бачаи резмарезу гулрез, биё,
Аспут гули бодому ҷилаврез, биё.
Дар шаҳри шумо буҳонаҳо бисьёр аст,
Як кора буҳона карда бархез, биё.

Ту қади баланд дорию румол ай мо,
Дил ҷои дигар дорию безор ай мо.
Безор ай мо, ҳаргиз наёӣ сини мо,
Ту гард шавӣ,
бирезӣ ай домани мо.

[1] *Ғот*—вақт, ҳангом.

Аспи сиёҳу лав-лави майдон^ бачаҷон,
Шорағзасиёҳ, бахмалгиребон, бачаҷоп.
Шаҳа бурдан, шаҳсуворон, бачаҷон,
Шаҳбози сари дастй ҷувонон, бачаҷон.

Варзобдара, ҳавои Варзобдара,
Руймоли нигор шавум, обум бубара.
Обум бубара, пешаки ёрум бубара,
Сар дар бағалуш монум, хобум бубара.

Себ омаду рафт, буяки себ омаду рафт,
Зебосанаме бар таги бед омаду рафт.
Зебосанаме, ман ба холат мастам,
Холҳои лабат ҳамраҳи себ омаду рафт.

а) Сев омаду рафт, буҳаки сев омаду рафт,
Акаи ширинум, салласафед, омаду рафт.
Мардумо меган: «Акат чӣ омаду рафт?»
Қинғола буду хонаша сайл омаду рафт.

Дар лабаки бунг чигас кадай гул воре,
Чолбанд ба қадат дастаи сумбул воре.
Чанд сол будак, ҳардумон қаҳрӣ будем,
Биё, оштӣ кунем саъбаву булбул воре.

а) Остин ба қадут дастаи сумбул воре,
Лабу даҳанут забони булбул воре.
Ма пеши худо ҳамин мурод металабум,
Кай ҷура шавем, саъбаву булбул воре. ~

б) Қаде дорӣ, навдаи торун ворӣ,
Раҳгаштанакот шир-шири борун ворӣ.
Биё, оштӣ кунем, Лайливу Маҷнун ворй,
Душман суза, каббби дегдун ворй.

Эй куртагулӣ, гула хиёли ту кунум,
Сар то сари ёлаҳо шикори ту кунум.
Сар то сари ёлаҳову овои хунук
Ман моҳии ташнаюм, суроғи ту кунум.

Моҳӣ шавуму гузар кунум дарьёра,
Шоҳин шавуму сайл кунум саҳрора.
Булбул шавуму ҳазору як нола кунум,
Бедор кунум ёраки наврузгора.

Аспакта савор шавӣ, рикобат бошам,
Қалам, ки ба даст, ман китобат бошам.

Гар хоб кунӣ, такьяи хобат бошам,
Бедор шавӣ, чангу рубобат бошам.

— Ерум, ки намегирӣ, чӣ одам бошӣ;
•Бадқавлӣ кардай, мудом дар ғам бошӣ.
— Бадқавлӣ намекунум, илло саракут,
Сад ёри дигара мекунум садқаҳакут.

Э ҷураи чон, куртаи ҷити тунукут,
Дар гур бирава руи сиёҳи хунукут.
Дилум, ки намешава, дуоют бикунум,
Дар даҳани дарвоза бигира зунукут.

Ман хоб будум, парида бедор шудум,
Ман бачча будум, ба бева хушдор шудум.
Хушдор шудум, ба ғам гирифтор шудум,
Се руз нагузашт; ай бева безор шуду*.

Ҷонакма фидоятмекунам, латтадароз,
Ғоҳе ба карашма меравӣ, гоҳе ба ноз.
Як бори дигар ишорати хона бисоз,
Ман донаму лабҳои ту шабҳои дароз.

Афтов расид шохаки анҷиранда,
Тире бизад пояки нахчиранда.
Хунаш бичакид пиёлаи ширанда,
Ҳайфи бачазан, канори. он пиранда.

Боми ҳама бому боми мо дарипастӣ,
Ёри ҳама ёру ёри мо албастӣ.
Мардумо меган: «Ба албастӣ дил бастӣ»,
Тағдирум ҳамин будай, задум дар пастӣ.

Аз боғи паси пушта ба мо хӯша расид,
Аз мобайни бачаҳо ба мо кӯса расид.
Ҳам кӯсаю ҳам хӯсаю ҳам сурхи палид,
Лабаш ба лабам расиду хобам бипарид.

Духтар-духтаре, зинҳор зандора нагӣ,
И бачаи занмурдаи аламдора бигӣ.
Зандор мерава, ба зани худ гап мезана, >
Садсола умри ширинта барҳам мезана,

Сар то сари ёлаҳо бирешум натанӣ,
Ҷонҳоя барои ёри мардум наканӣ.
Ёри мардум як шав ёрӣ мекуна,
Ай шави дига ҷогета холӣ мекуна.

И себи самарқандира ёр овардай,
Хушбу гули синчита шамол овардай.
Хушбу гули синчитай.хушранг гули хор,
Хушру духтари мардуму нозуш бисьёр.

Хушру гули сунчитай, хушру гули хор,
Хушру бачаи қишлоқа мегирум ёр.
Хушру бачаи қишлоқ,*хушру номуш,
Хушру қаду қомату лаву дандонуш.

Аз хона баромад маҳи марҷонаки ман,
Дар пушти лабуш паяки дандонаки ман.
Кучо меравӣ, ҷонаку ҷононаки ман,
Ҳар ҷо, ки равӣ, доғи ту дар ҷонаки ман.

а) Ай хона буромадӣ, дурру марҷонам,
Дар лаваки ту монда паи дандонам.
Ҳар кас ки туро-чанг куна, ҷонаки ман,
Дар руи алав ҷигарша мебирьёнам.

Дар даҳани дарвоза ба кӣ гуфтӣ роз,
Хуни ҷигарма об кардӣ аз бегаҳ боз. .
Молакта бутум, худма кунум ай ту халос,
Дар пеши назарут мекунум шуваки соз.

а) Дар лаваки ов шиштй, ба кӣ гуфтй роз,
Бо ёраки пешинат ошно шудӣ боз?
Ман шунидам, ки ёри дигар кардаӣ ту,
Дар дилам алов рехтай ай бегаҳ боз.

Эй кафтараки сафеди зарбахмали мо,
Ку болу паре, ки бо ту гардам ба ҳаво,
Хушдори маро духтари ҳамсоя гирифт,
На ҳавои у шикасту на ҳавои мо.

Аз қалъа баромадем сайли Рузвай,
Ҷонона нишастааст дар боғи Нусай.
Овози баланд дораму монандаи най,
Аввал дилу ҷон сузаду охир рагу пай.

Ман хов буд-ум, ба хотирум ёр расид,
Ин ҷигари сухтама қаламхор расид.
Рузе ки тани ман ба тани ёр расид,
Ду булбули ҷулида ба гулзор расид.

Ман об шавум, ба ҷую полез равум,
Гундишк шавум, ба шохи гулрез равум, ;

Ман пеши худо ҳазор муродо дорум,
Парвоз кунум, ба пеши дилсуз равум.

Ҷонона маро ишорати мижгон кард,
Дегакша бимонд, гандумаш бирьён кард.
Дегаш бишикаст, гандумаш пок бирехт,
Ёре, ки ба чанг омада буд, боз гурехт'.

Ёрам сари дар, худам сари дарвоза,
Ёрам гули сурх, худам панири тоза.
Ҳар кас ки дар он панир даст андоза,
Дасташ шиканад панир монад тоза.

Қаддат ба хироҷи мамлакат меарзад,
Кокул ба миёни борикат меларзад.
Кокул ба миёни борикат панҷа задай,
Мобайни ду абруят арақ мерезад.

Ситораи осмонира байт мемонум,
То тура нагирум, бача, намемонум.
Боаҳд бошӣ, илоҳӣ садсола шавӣ,
Беаҳд бошӣ, илоҳӣ нимкола шавӣ.

Ин куртаи сон ба қади ёр зебанда,
Дер омаданош да назди мардум ганда.
Бача биёя, гила кунум бо ханда:
«Ту ёраки нав дорӣ, умедум канда».

а) Ин куртаи сон ба қади ёр зебанда,
Кулоб рафтай, дер омаданош ганда. >
Гуфтум, ки равум, ҷаҳтуш қунум бо ханда,
Тармарга бубин, ай ма дига дил канда,

Афтов задай дар сараки Кундонӣ,
Қарчиғай шидем, буромадем осмонӣ.
Дар ҳар сари куҳ тиру танов мендозӣ,
Дар турмезадем, намешидем ормонӣ.

Ишқут мара кушт, таноби ишқут мара кушт,
Кастуми сиё, қайиши сустут мара кушт.
Кастумут сиё,, қайишакут масковӣ,
Ду қоши сиёи ҷурабозут мара кушт.

Ин моҳа бинен, мерава лав-лави теғ,
Дастум нарасид, моҳа гирум ай лави тер.
Ё домани моҳ гирему ё домани теғ,
Умри мани носуда гузашт, вой, дареғ.

Ай рафтанакои ту касалманд шудам,
Дар доми муҳаббатат задам, банд шудам.
Худо бигира рафтани дерумаданот,
Имруз ба мурданам розиманд шудам.

Дарьё нилу нил, мавҷаки дарьё нилу нил,
Чита шаби бесоате додам ба ту дил.
Дил додаму дил гирифтаму банда шудам,
Ёрам, ки вафо накард, шарманда ш.удам.

Оҳ, бачаву оҳ, бачаву оҳ, гаштанакот,
Дар майлиси духтаро, оҳ, шиштанакот.
ГуфтумГбиравум, бигирум ай кашталакот,
Оҳ, гирьяву оҳ, нолаву оҳ, зораҳакот.

Эй духтараки сафедаки якдона,
Бо тупаки қоши ту шудам девона.
Девона манам, халқи худо медона,
Шояд ки туро насиби ман гардона.

а) Рузе ки туро туй кунан, ҷонона,
Худма мекунум қаландари девона.
Девона манум, тамоми халқ медонам,
Шояд ки туро насиби ман гардона.

Руят гулу муят гулу қадат гули газ,
Дар ҳасрати руи ту бимурдаст чан кас.
Ту ов нашудӣ, даст бишуяд ҳама кас,
Насибаи як одаму доғи чан кас.

Чашмон дорӣ, сиёҳтар аз боли магас,
Қадде дорй, ки ғамбарори ҳама кас.
Бадаҳд нашав, вафо бикун бо як кас,
Дарьё нашав, ки даст бишуяд ҳама кас.

' **Дар** дашт будум, боша надоштум сари даст,
**Дар** фикр будум, турна ба болоям гузашт.
. Эй турнаи маст, биё, бишй дар сари даст,
"• Як нақл бикун, ки хубии умр гуэгашт.

Ин дашти дарозу гул ҷудо, лола ҷудо,
Ай мурдан фаромушем, ай зинда ҷудо.
**Гундишк** шавем, пар занем тори ҳаво,
**Хавар** бигирем ай дустои зиндаҷудо.

• ) Долони баланд дорем, пешуш баҳаво,
**Ман** садқаи у ёраки дури бевафо,

Гундушк шавум, пар бикашум тори ҳаво,
Хавар бигирум ай ёраки зиндаҷудо.

Як дастаи гул ай таи майдун кандем,
Холи лаби духтара ба дандун кандем.
Холи лаби духтара ба дандун ки нашид,
Ай боиси у духтар чӣ ҷунҳо кандем.

И моҳа бине, дар осмон ранг бизад,
Чил хушаи марворӣ саробанд бизад.
Ҳар кас, ки ба ёри мардумӣ чанг бизад,
Гул дар қафасай, пиёла дар санг бизад.

Офтоб задай дар таҳаки долонум,
Коре кардай падараки нодонум.
Он ҷо ки дилум набуд, побанд кардай,
Он ҷо ки дилум буд, барқасд кардай.

Бачазанаке, буса ба нодон нате,
Лабони ту қиматан, арзон нате.
Дар нимаки шаб бача меояд ба умед,
Ту донӣ, худо дона, ки озор нате.

Зулфи сияҳут гиреҳ-гиреҳ тоб задаст,
Абруи качут. хайма ба маҳтоб задаст.
Хуш давлати он касе ки шав дар бағалут,
Лабҳои туро макида дар хов задаст.

И махра бубин, айнаки осмунанда,
Шулъа мезана минаи майдунанда.
Духтарора бин, Зиддии мастунанда,
Ғариб сар.акум чулу биёбунанда.

Тӯтӣ ба сари гулоб мебинам ман,
Худро ба дили хароб мебйЪам ман.
Эй тӯтии сабз, туро кадом бод овард,
Ин ҳам ғалат аст, ба хоб мебинам ман.

Кабк аз лаби дарьёи Хуросон хезад,
Дурр аз лабу дандони ҷавонон резад.
Ҳар субҳидамӣ мисоли мурғони ҳаво,
Ер аз бағалам гирьёну нолон хезад.

Чанор хушай, сояи чанор хушай,
Як пиёла чой ба дасти он ёр хушай.
Мардум меган: «Гул ба дастор хушай»,
Гапо ғалатай, ёри вафодор хушай.

Э моҳи баланд, ситораи рупушум,
Як гап назадӣ, бишнавум бо гушум.
Дар ҳасрати рут қаландари дарвешум,
Хурда-м ғами беҳуда, намондай ҳушум.

Ман шишта будум, пираки садсола гузашт,
Сад сузу фироқа карда бо нола гузашт.
Гуфтум: «Бобо, чӣ доғ дорӣ дар дил?»
Гуфто: «Баламе, умри ҷувоним бигузашт».

Ман шишта будам, ки ногоҳ овоз омад,
Ин бачаи ман ба ишваю ноз омад.
Гуфтам, ки равам, пеши худо шукр кунам,
Ин давлати саргаштаи ман боз омад.

Себарга бигуфт: «Дар замин савза манам»,
Бунавша бигуфт: «Ҷувони пурғамза манам»
Садбарг бигуфт: «Ту лофи беҳуда мазан,
Тоҷи сари ошуқони пурғамза манам».

Дидам, ки бунафша дар лаби чуйборай,
Дар гирди бунафша кай гуле бисьёрай.
Монанди бунафша гул наруяд ба замин,
Аслу насаби бунафша аз куҳсорай.

Садбарг бигуфт: «Аслу наслум покай,
Ҳар ғамзадаро буи хушум тарьёкай.
Савсан чӣ гулай, ки бар сарум теғ каша,
Ман ай арақи ҷабину у ай хокай».

Гул гуфт; «Маро зи боғ оҳиста баред, »
Ман нозукаму маро ба гулдаста баред.
Дар маҷлиси ошиқон маро металабан,
Ман бегунаҳам, чаро маро баста баред?!»

Эй лоларухо, дареғу ҳасрат моро,
Афтода ба руй ту муҳаббат моро.
Пайкони ту дар синаву доғи ту ба дил,
Орзуи ту то рузи қиёмат моро.

Қадди ту ба қадди тор мемонад, ёр,
Руят ба гули баҳор мемонад, ёр.
Пайкони ту дар синаву доғи ту ба дил,
Ормони ту ёдгор мемонад, ёр.

Эй лолаи лолазор, мо ҳам мерем,
Эй ҷураи чашмхумор, мо ҳам мерем.

**Бо ҳам,** ки **будем,** ҷангу ҷидол мекардем,
Оби дида шашқатор, мо ҳам мерем.

а) Себаргаву гул қатор, мо ҳам рафтем,
Моиндари дилозор, мо ҳам рафтем.
Ту кина ба мо кардию мо кина ба ту,
Ту бош дар ин диёр, мо ҳам рафтем.

Болои Ҳисор анор коштем, нагирифт,
Поёни Ҳисор анори нокишта гирифт.
Ӯ шох заду панҷа заду соя гӣрифт,
Моро ҳаваси духтари ҳамсоя гирифт.

Садбарги сафеди сураи ёсинӣ,.
Шоҳаври сиё шудаю мепесунӣ.
Афтови қароғ шудаю месузонӣ,
Чигарои садпорама мерезонӣ.

Ман шишта будум, кулухчаборун умад,
Ҷурама бубин, ба гӯшаи бум умад.
Гуфтум, биравум, бусаи қарзиша бутум,"
Дар хунаи киЛетаам меҳмун умад.

а)'Дар хуна будам, гурум-гурум асп умад,
Давида буром, ҷавонзани маст умад.
Гуфтам, ки баром, бусаи қарзима гирам,
Ба хонаи калотиам меҳмон умад.

Қадакма бубин, қади ту ҳастум ё не,
Рангакма бубин, ранги ту ҳастум ё не?
Биё-да бирем, дар як болин сар монем,
Оё ки муносиби ту ҳастум ё не?!

Дидум санаме дар таи долони калон,
Дар дасти чапуш навдаи садбарги хазон.
Гуфтум: «Санами шух, чаро ғамгинӣ?»
Гуфто: «Падар андохт маро бар зиндон».

Дидам санаме, кӯза ба даст меояд,
Аз дидани у маро ҳавас меояд.
Гуфтам, ки: «Ба ман буса бидеҳ аз лаби **тар**
Хандиду ба ғамза гуфт: «Кас меояд»,

а) Дидам санаме, куза ба даст меояд,
Аз омаданаш маро ҳавас меояд.
Аз баҳри вафо сухан талабгор шудам,
Хандида ба ишва гуфт: «Кас меояд».

**Эй духтари Шуробод, номи ту Ҳаёт,**
**Дар** гушаи латтаи ту як порча набот.
Худ гуфта будӣ, ки: «Ман туро мегирум»,
**Чанги** ману домони **ту** то пули Сирот.

Тӯтӣ ба гулистони ту пар мерезад,
Аз лаъли лабони ту шакар мерезад.
Ту худ шакару лаъли лабонат шакарай,
Раҳ гаштани ту қанду асал мерезад.

а) Кафтар ба сари чанор пар мереза,
Ай куббаи зулфи ёр зар мереза.
Ҳар кас, ки барад лаззати ошиқира,
Дар косаи у шарбати тар мереза.

б) ЁДИ ту кунам, дилам шарар мерезад,
Тарки ту кунам, лахти ҷигар мерезад.
То охири умр агар ту бошӣ бо ман,-
Дар косаи оби ман шакар мерезад.

Ёри мана гу, сабаби озораш чист,
Аз ман, ки ҷудо шудас, вафодораш кист?
Аз ман, ки чудо шудас, ба пирӣ нарасад,
Мисли манаки содиқ ғамхораш кист?!

Эй ёраки ҷон, садқаи номат мешам,
Гар хат кунӣ, садқаи саломат мещам.
Худ гуфта будӣ, то охир ёрат мешам,
Ман садқаи ваъдаҳои хомат мешам.

Эй ҷураи ҷон, биё, ба ҳам ҷура шавем,
Монанди ситора дар ҳаво қуша шавем._
Монанди ситора дар ҳаво бисьёрай,
Шояд ки ба як либос пушида шавем.

Ман хов будум дар сояҳой деволут,
Бедор шудум ба нағмаҳой дуторут.
Ин нағмаи дутори ту маҷнунам' кард,
Дер омаданои ту ҷигархунам кард.

Эй ҷураи чон, баландҳавоӣ накунӣ,
Шаҳду шакарӣ, қиматбаҳоӣ накунӣ.
Душман агар бо қади ту зар реза,
Ай зар гузарӣ, ай ман чудоӣ накунӣ.

Шамолаки кадова дарахтҷунбонай,
И йигити рафтагӣ чигаррезонай.

Дарза-дарза, банди дилум меларза,
Касалуш наген, ки ҷигарум мереза. ,

У бараки ов лолазор афтодай,
Ғам-дар дилакум заб беқарор афтодай.
Гуфтум, биравум, ҷурама бинуму биём,
И ови калон дар миёнакол афтодай.

Пирӣ, ки ба мо омад, ризқам кам шуд,
Асо, ки ба даст омад, қомат чанг шуд.
Қомат чанг шуд, ки дидаам пурнам шуд,
Шодӣ, ки гузашт, навбати мотам шуд.

Эй лола, ба гулъузор меой боз,
Эй сабза, ба марғзор меоӣ боз.
Моён равонему наоем дигар,
Эй мавсими навбаҳор, меоӣ боз.

Эй доиразан, мақсади ин доира чист,
Фикри пасу пеш, гирьяи бефоида чист?
Дар зиндагӣ-ку қадрам намедонистӣ,
Баъди мурданам навҳаи бефоида чист!

Дайрои калун, меравӣ, як дам бест,
Дар шаҳри шумо ғариба пурсидан нест.
Дар шаҳри шумо ғариб агар мурда шавад,
Дар гушаи товути ғариб мотам нест.

а) Дар боғи шумо ниҳоли якторa манам,
Дар шаҳри шумо ғарибу бечора манам.
Дар шаҳри шумо ғариба пурсидан нест,
Дар пояи тобути ғариб мотам нест.

б) Дар лаваки ов беди якреша манам,
Дар шаҳри шумо ғариби бетуша манам.
Дар шаҳри шумо ғариба пурсидан нест,
Беакаву бедодар дар гуша манам.

Ман хоб будум таги чанори обӣ,
Бедор шудум, .шакарлаби мурғобӣ.
Мурғон ба ҳаво, мо миёни дарьё,
Хешо ба ватан, мо ғариби танҳо.

И кули дарозу ҷуфти гови песа[1],
Говрона ба дасту мекунам андеша.

[1] *Песа* — ало.

Пушокҳои бача дар хона ҳайронай,
Аруси бача канори дигаронай.

Ай хунаи пешору чироғ дафтар кун,
Аввалаки ошиқира бо духтар кун.
Аввалаки ошиқӣ бо духтар, ки нашуд,
Танта ба худо бутеву дилта сард кун,

Эй чураи ҷон, дар лави овут бинум,
Кокул пури гул, чура; қадовут бинум.
У ча ҷое нест, хеста канорут гирум,
Поюн меравӣ, чура, баҳорут бинум.

Сад гул ба мисоли зулфи мушкинат нест,
Шакар ба мисоли лаби ширинат нест.
Худ ваъда карда, ки рафтаям, меоям,
Ҳич чӣ ба гапои дуруғи ширинат нест.

Ай хона баромадӣ сил-силаи маст,
Румоли дароз дорӣ, бачат сари даст.
Гуфтум, биравум, бачата гирум айгдаст,
Хуштомани зол дорӣ, қайсангили маст.

Қадатба мурам, қадиту паст афтодай,
Чашмони ту пурхумори маст афтодай.
Чашмони ту пурхумору пурхун дили ман,
Кай меҳри ту канда мешавад аз дили ман.

Ҷонона, буҳори лолазор охир шуд,
Гул дар сари навдаву буҳор охир шуд
Мо "сайла ба гулҳои чаман мекардем,
Як гул накандему буҳор охир шуд.

Ман хов будум, дусто, мана мор газид,
Фарьёд ба гуши модари зор расид.
Мардум гуфтан: «Мусофира мор газид»,
Ношукр будум, сарум ба девор расид.

Ҳар гоҳ бимурам, хок кунед зуди ба зуд,
Тобути маро нақш кашед нилу кабуд.
Корвон гузарад, пурсад: «Тобути кӣ буд?»
«Тобути ғариби навчувон» — гуед зуд.

Ёрону бародарон, маро ёд кунед,
Тобути маро зи чӯби шамшод кунед.
Тобути маро қадам-қадам бардоред,
Дар хоки сияҳ монеду фарьёд кунед.

Дар ғурбат агар марг расад дар баданам,
Оё кӣ канад кавру кӣ дӯзад кафанам?
Тобути маро сӯи баландӣ монед,
Шодо ки расад бӯи ватан дар баданам.

а) Дурай ватанум, дуру дарозай ватанум,
Садбарги сафеди панҷарадорай ватанум.
Тобути маро суи баландӣ бигузор,
Шояд ки раса буи ватан бар баданум,

Дар хирмани тоза донае нест акама,
Аҷал омадай, баҳонае нест акама,
Аҷал омадай, ҷони акам дар тапу тез,
Сад вою дареғ, нишонае нест акама.

Дар дашт будум, бигир-бигирум кардаи,
Монандаки оҳу даст ба тирум кардан.
Монандаки оҳу даст ба тирум нарасид, •
Монандаки харбуза тилимум кардан.

Дар даштаки Ғашьён парирo куштан,
Сабзинаҷувони ҳакарирo куштан.
Сабзинаҷувони ҳакарӣ, химчамиён,
Омад хаваре, кавги дарирo куштан.

Фарьёд зи дасти фалаки бебокам,
Овора бикард гардиши афлокам.
Оё зи кадом чашма нушам обе,
Оё ба кадом гуша бошад хокам?!

Рузе, ки танам.ба хоки намнок равад,
Овози мурданам бар афлок равад.
Хат дар вараҷи даҳр бимонад сад сол,
Бечора нависандае, ки бар хок равад.

Шинум сари санг, чинум кучоқи торон,
Бардошта шидам ай и вилоят, дустон.
Як чиллаву як буҳору як товистон,
Ман булбули пошикаста дар чулистон.

а) Кавгак сари сангу нолааш дар бустон,
Бечора сарам, ҷудо шудам аз дустон.
Як чиллаву як баҳору як тобистон,
Ман булбули саргашта дар ин куҳистон.

Рафтум сари Навранга, кардум ғамза,
Чиндум сари зулфи ёра, бастум дарза.

Говрона ба даст то кай кунам-андеша?
Эй гург, биё, бихур мани дарвеша. .

Эй беди баланд, нукакут куббаи нур,
Ман ба тура чӣ рой кунум, ёраки дур.
Не аспи даванд дорум, не хотири зур,
Оҳ ай дили садпораю чавр ай раҳи дур.

Сабзиначавон, ачаб шамоле дорй,
Болои баланду навҳоле дорй.
Абруи сиёҳу чашми шаҳлот маро
Бурдан зи ҳушу боз саволе дорӣ.

Абруи качут качи камун овардай,
Лаъли лаби ту мара ба чун овардай.
Дар дилум набуд ай Кулоб умаданӣ,
Ишқи ту мара кашун-кашун овардай.

Чайлови баланд, ягон-ягон бод ояд,
Муаллимакачон намозаки шом ояд.
Муаллимакачон, тахти китоб дар дастат,
Танҳо наравӣ, чураҳот дар қасдат.

Эй беди баланд, гоҳе-гоҳе ларзиданот,
Қамсамолбача, намозй' шом омаданот.
Дар намози шом наё, ки душман дорӣ,
Як ҷони ширийГдар қасти куштан дорй.

Долони баланду чои қошпарронӣ,
Эй хирмани гул, рута намегардонӣ."
Мову ту будем чураи дилоҷонӣ,
Кофар, ту маро миёни раҳ мемонӣ.

И себа ба савғоти лабат овардам,
Аз бахши гапи динашабат овардам.
Ту соҳиби ноз будиву ман девона,
Бо ҳилаву зорӣ ба гапат овардам.

Ин себи нақшкардаро ёр овардаст,
Аз бахши мани турфанигор овардаст.
Одам набудем, чавоби себро гуем,
Гуё ки мазор будему назр ова.рдаст.

Маҳтовшавай, ки мо биёем ба ҳавас,
Сев дар сари-остинай, чон дар кафи даст.
Дар куча сагон дориву дар хона кас хаст,
Э наргиси пурхумор, ба додам ту бирас.

Талак ба талак раҳи баробар дорад, "
Поёни талак дукончаи зар дорад.
Ҳар кас, ки мисоли ман дилбар дорад,
Ҳамчун дили ман дили каландар дорад.

Кафтарбачаи сафеди гардан гули хор,
Шаб қатраи борониюю руз абри баҳор.
Ман қуввати омадан н-адорам имсол,
Аз ман хати бандагӣ, дуои бисьёр.

а) Кафтарбачаи сафеди гардан гули хор,
Ман зинда дар ин диёру ту мегирӣ ёр.
Ҳар гоҳе бигирӣ ёри навта ба канор,
Сири мали куҳнара нагуй зинҳор.

Як парча замин доруму нимуш шудгор,
Говони куҳар[1] доруму дил ошуқи зор.
Худо мегуме, ки бишкана оҳани кор,
Говон ба алаф раванду ман пешаки ёр.

Аз дур назора мекунум болора,
Айвони баланду дилбари раънора.
Духтар-Духтаре, усма накаш қошора,
Бе усмаю бе сурма ту куштай мора.

«.; Ай дур нигоҳ мекунум болора,
Ин полизи сабзу қади Давлатмора.
Давлатмои мо сурхӣ задай рухсора,
Бе сурхию сафедӣ куштай мора.

Ман хоб будам таги ча-нори пургул,
Бедор шудам, ки нола дорад булбул.
Гуфтам: «Булбул, чӣ доғ дорӣ дар дил?»
Гуфто, ки: «Маро фалак чудо кард аз гул».

Булбул-булбул, ту ноларо камтар кун,
Аз оби ду дида барги гулро тар кун.
Аз оби ду дида барги гул тар нашава,
Бархезу биё,
ноларо аз сар кун.

Ман омадаам, ки ёри худро бинам,
Сабри дили беқарори худро бинам.
Гар реза кунад теғи чафо пайкари ман,
Дар хоки раҳаш ғубори худро биғгам.

[1] *Куҳар* — ало.

Занҷири сари зулфи. ту маҷнунам кард,
Нодидани руи ту чигархунам кард.
Ногаҳ назарам фитод бар холи лабат,
Холи лаби ту зи шаҳр берунам кард.

а) Эй дӯст, муҳаббати ту маҷнунам кард,
Нодидани рӯи ту ҷигархунам кард.
Аз дидани рӯи ту маро серӣ нест,
Савдои рухат зи шаҳр берунам кард.

Сабзинаҷувон, ишқут фано кард мара,
Як хандаи ширинут адо кард мара.
Як хандаи ширинут ба ҷое нарасид,
Ин боди хазон омад, ҷудо кард мара.

Ин беди баланд соя лаби ҷар бошад,
Дар сояи бед як села духтар бошад.
Ман мор шавам, ҳалқа занам навдаи бед, ,
Бечора касе, ошиқи духтар бошад.

а) Ин беди баланд соя лаби ҷар бошад,
Шохо сарнишеб, ҷояки дилбар бошад.
Дилбар бошаде, дилбар қарибтар бошад,
Ғамакша хурӣ, бӯсаш муяссар бошад.

Ман омадаям ба диданат, ҷонона,
Садбарги сафеди ман, баро аз хона.
Садбарги сафеди ман.баро, рухсат гир,
Боз омадани маро худо медона.

Духтар, духтаре, ту нозанин омадаӣ,
Себе ба даруни остин омадаӣ.
Себи ба даруни остина чӣ кунам?
Ҳайфи қадамот, гул, ба замин омадаӣ.

Ёрам рафтай, дилам харобай имруз,
Дар ҳар миҷаам қатраи обай имруз. ,
Мардум мега: «Хоб кун, ки дар хоб бинӣ>,
Эй бехабарон, чӣ ҷои хобай имруз?!

Дар гушаи бом нишаста тоат мекард,
Бо гушаи румолаш ишорат мекард.
Ишорати бо румола фаҳмида нашуд,
Қаҳрона ба суи мо ҳақорат мекард.

Саллаи сарут ҳазор дол овардай,
Ишқи ту мана ба ин диёр овардай.

*

Ишқ овардай, ишқаки тез овардай,
Номарда бине, ру ба гурез овардай.

Ман булбули мастаму макон гум кардам,
Ман тири туфангаму нишон гум кардам.
Ман гирди ҷаҳон аз ин сабаб мегардам,
Як ёри азизи меҳрубон гум кардам.

Кафтар ба сари чанор, ман бандаи ту,
Бишкуфта гули сафед аз хандаи ту.
Моро мекушан бахшаки як хандаи ту,
Хуни мани бегуноҳ дар гардани ту.

Дурӣ зи ману зи ман саломат бодо,
Чону дили ман фидои номат бодо.
Ман бе ту нафас намекашам дар олам,
Бе ман ту нафас кашӣ, ҳаромат бодо.

Ай боло миёй, тоқии чоргул ба сарут,
Доғои мара задай дар пеши барут.
Доғои мара назан дар пеши барут,
Сад ёр гирӣ, доғи манай дар ҷигарут.

Аз поён нигоҳ мекунум болора,
Ин ғармаши[1] сурхи сари девлохора.
Ғармаш, ғармаше, на гул буку, на ғура,
Баъд аз сари мо на ёр бигӣ, на ҷура.

а) Ман садқа шавам шамолақи болора,
И ғармаши сурхи сари девлохора.
Ғармаш, ғармаше, гул накун, ғура нагир»
Баъд аз сари ман ёраки бегуна нагир.

Еракма -бигу, ки бевафоӣ накунад,
Бо ҳар хору хас ошноӣ накунад.
То зинда манам, тура намонам ба касе,
Баъд аз сари ман ту дону ҳар хору хасе.

Эй моҳи лави теға, нигоҳи ту ба мо,
Қошони сиёҳ, руи сафеди ту ба мо.
Кошони сиёҳ, руи сафед зеби манай,
Ду пеши бари силсиладори ту ба мо.

Ин беди баланд саруш қалам овардай,
Дустои ширин, дилум алам овардай.

---

[1] *Гармаш* — гули хайрӣ.

Дустои ширин, дилум аламҳо дора,
Йн пӣчасиё кулбаи ғам овардай.

Духтар-духтар, сева ба дастам додӣ,
Монанди худат сурху сафедам додй.
Ин ваъдаи ту чӣ буд, ки бар ман додӣ,
Поям ба замин намерасад аз шодй?!

Духтар мегирум, духтари мулло боша*,
Сар то қадамуш нуқраву тилло боша.
Берун бароя, чонвари гиро боша,
Хона биёя, булбули гӯё боша.

Як ёр дорам, азизтар аз чон бошад,
Аслу насабаш зи мулки Шуғнон бошад.
Дар роҳи фироқи ӯ бисӯзам шабу рӯз,
Оби чашмам мисоли борон бошад.

Як ёр дорум, гуэари боло ватануш,
Ай куртаи шоҳӣ менамоя бадануш.
Гуфтум, биравум, хирго занум дар ватануш,
Мурғовӣ шавум, худма занум дар бағалуш.

Ҷононаи ман ишва задай дар назарум,
Ай бахшаки ту сухтай лахти ҷигарум.
Набоша агар" номуси дуньё ба сарум,
Як дидани рут баҳои мулки падарум.

Дар шохчаҳако ягун-ягун гул дидум,
Дар шохи чанор ду чура булбул дидум.
Гуфтум, биравум, булбули гуёша гирум,
Булбул, ки парид, доға дар дил дидум.

Духтар, ки ту меравӣ ба дастут куза,
Оҳе, ки ту мекашй, дилум месуза.
Ай бахшаки оҳи ту гирифтум руза,
Сесад буғумум ҷудо-чудо месуза.

Дилдор маро гуфт: «Чаро ғамгинӣ,
Дар банди кадом Дилбараки ширинй?»
Баргаштаму оина ба дасташ доДам,
Гуфтам, ки: «Дар оина киро мебинй?»

Чонона, дар ин диёр ҳастӣ ё не,
Бо лавзи худ эҳтибор ҳастй ё не?
Бадномзадаи куи ту кардан мора,
Бадномзадара ту ёр ҳастй ё не?!

Ҷонуна, куҷо мерӣ, ман нун барамат, "
Косанда шаробу кабки бирьюн барамат.
Косанда шаробу кабки бирьюн нашуд,
Гар мунда шавӣ, тахти Сулаймун барамат.

Ай раҳаки дур омадай, меҳмонӣ,
Садбарги сафеду гули сурхро монӣ.
. Мою ту будем ҷураи дилоҷонӣ,
Мо ки меравем, ру ба замин мемонӣ.

Ай хона баромадум, қадум пастӣ кард,
Ситораи рузум дар ҳаво мастӣ кард.
Гуфтум, биравум, душманта зердастӣ кунум,
Ҳарчанд кардум, душман завардастӣ кард.

Ҳоҷӣ шаваму тавофи кӯи ту кунам,
Зуцнора ба гйрданам зи мӯи ту кунам.
Фардо, ки равйм назди худованди карим,
Сад нолаю фарьёд ви шӯи ту кунам.

Ёрум рафтай, кадом раҳа тай бизанум,
Зардбви дилум ҷамъ шудай, ҷар бизанум.'
Зардови дилум куша гули сияҳгушай,
Ҳайрон мондум, кадомша дар сар бизанум. >

И кутали рупарура чӣ гуфта баром,
И хонаи бегонаро чӣ гуфта даром?
Хона, ки даром, ҷурам ба хотир бираса,
Каҳдуд шавам, ба равзани хона- баром.

Фарьёд занум, намераса овозум,
Дар гардани нозуки ту даст андозум.
Дар гардани нозуки ту дастум нарасид,
Дар хонаи душмани ту санг андозум.

И себакӣ сурхи пушти боми падарам,
Пучала шуду омаду зад дар бағалам.
Гиристаму нолидам, хун шуд ҷигарам,
Тағдирам ҳамин будай,
надонист падарам.

Ин ҳавзи калон, ки гирдакаш сум задагӣ,
Ҳолам чӣ шава бо мардаки зандидагӣ?
Бо мардаки зандидаи болиндидагӣ,
Ҳайфи мани сиёҳпичаи рузнадидагӣ!

*Ҷар задан* — нештар задан.

Дар гузари мо яккапушол[1] афтодай,     ч
Ғулғунча ба дасти лавкашол афтодай.
Рузе, ки шава, лавкашол мурда шава,
.Дар руяки гулғунча талошак мешава,

Руе дорй, тавақ-тавақ гул реза,
Шуе дорӣ, ай у саго мегреза.
Ман шуи тура корд занум ё найза,
Шояд ки туро бимонаву бигреза.

Як ёр дорум, саду бистсола чувон,
Дар сози даҳон ягон надора дандон.
Ай дунаи пундуна шинонум дандон,
То дар дилакум дига намуна армон.

Дар боғ даром, ангур хурум ё мева,
Ҳайрон шудиям, духтар гирум ё бева?
Боғат пури ангур асту ғурам додӣ,
Хонат пури духтар асту бевам додӣ.

Дар сабза нашин, ки сабза ҳучут мекуна,
Бевара нагир, ки хуру пучут мекуна.
Бевара нагир, ки гандагиш бисьёрай,
Духтара бигир, ба дида ҳучут мекуна,

Савзиназанак, ёри қаринут бошум,
Ту гандуми савзу мун заминут бошум.
Дар гандуми савз даравгарон бисьёран,
Мун марди фақири хушачинут бошум.

Ман ёри туам, намешавам ёри касе,
Дар доми туам, намешавам роми касе.
Ин косаи шарбате, ки бо ҳам хурдем,
Ҳаргиз нахурем шароб дар ҷоми касе.

Кадум пастай, қадма баланд мегирум,
Хушкардай худма ай ватан мегирум.
Хушкардаи ман бачаи кулобияй,
Боло мерава,
дандонуш тиллоияй.

Ман ёр мегирам бачаи қишлоқира,
Дар сар мекунам руймоли эронира.
Ин руймоли эронӣ даридан бигира,
Ин бачаи қишлоқӣ харидан бигира.

[1] *Пушол* — номи бутта.

Э духтараке, меравӣ пеш-пешум,
Ай қафои ту қаландари дарвешум.
Линчакта газум ба дандонои пешум,
Ай рузи азал қати худут ма хешум.

Пудинаи лаби об гирифтай реша,
Наълат ба касе, мегира бачай хеша.
Бегона хубай, кй мекуна андеша,,
Хеш гап мезана мисли табару теша.

Ман шишта будум, ки як ҷувон пайдо шуд,
Дасто паси пушт, кутала руболо шуд.
Гуфтум, ки «Ҷувон, оста бирав», чаққон шуд,
Хиёли дилуш, ки зангирӣ осон шуд.

Пудинаи лави ов намевоя мара,
И ёре падар додай, намефора мара.
И ёре падар додай, ба зурум додай,
Колахур будай, азоби гурум додай.

Эй.очаи чун, зеби сари дегдунум,
Меҳмуни раворавй лави дукунум.
Меҳмуни раворави рухсатталабум,
Ай гуфтугузори душмано пураламум.

Дар даҳани тиреза анорай, оча,
Дилам ба бачаи камсамолай, оча.
Мардумо меган: «Чита ҷувонай бача?»
Хушкарда -^ ҷувони навзамонай, оча.

Дар даҳани тиреза анор афтодай,
Ишқум ба бачаи камсамол афтодай.
Китобчаи камсамола мо мехонем,
Дар болини камсамол сар мемонем.

Аз дар, ки дарой, ман нигоҳи ту кунам,
Андеша ба чашмони сиёҳи ту кунам.
Ман моле надорам, ки закоти ту кунам,
Як ҷони азиз дорам, фидои ту кунам.

Дар лаваки бом шиштай, най метрошӣ,
Ман духтари кулобӣ, мара намешносӣ?
Гар бишносй, ай ман чаро мегрезӣ,
Охир, ки миёй, ба дастум ов мерезӣ.

Дар даштаки Душанбе рехтай жола,
Дар тоқии ёракум шукуфтай лола.

Лола-лола, ба дил сиёҳӣ дора,
Ёракма бубин, ай ман ҷудоӣ дора.

Ман шамъаму оташ ба сарам месӯзад,*
Парвона шавам, болу парам месӯзад.
Доғе ту ниҳодай даруни дили ман,
То даври қиёмат ҷигарам месӯзад.

Ин ҳавоя бин, шивоти' борон дора,
Бачая бине, сафари поён дора.
Гуфтам, ки равам, зора кунам борона,
Тараш накуна бачаи саргардона.

Ай тори ҳаво нусхаи зар мегирум,
Ай ҷураи раҳдурум хабар мегирум.
Ту рафтию ай мо хабаре нагрифтӣ,
Сангои хунука дар ҷигар мегирум. .

Холиқ, ту маро ду чашми пурнам додӣ,
Аз рӯзи азал ризқи маро кам додӣ.
Ризқи ҳамара кушоду хуррам додӣ,
Ризқи мани носудара аз ғам додӣ.

Садбарг будам, зард шудам дар ғами дӯст»
Девонаву пурдард шудам дар ғами дӯст.
Монанди тамоку_дар чилим меСӯзам,
Хокистари ахгар шудам дар ғами дӯст.

Эй ҷураи ҷон, сафар ба Рушон кардӣ,
Сарриштаи кори худ саранҷом кардӣ.
Сарриштаи кори ту саранҷом нашуд,
Аз рафтани худ маро пушаймон кардӣ.

Ҷонона, баҳор шидай, кай меоӣ,
Вақти гули хор шидай, кай меоӣ?"
Ту ваъда ба барфои замистон додӣ,
Барфо ҳгма ов шидай, кай меой?!

Духтар-духтаре, ту доғ кардӣ мора,
Садбарги даруни боғ кардӣ мора.
Мо барфи сафед будем дар куҳи балан-д,
Афтов шудию ту ов кардӣ мора.

Моро-моро, хароб кардӣ моро,
**Дар** оташи тез кабоб кардӣ моро.

[1] *Шивоти* борон — нам-нами борон.

Дар оташи хез кабоб ҳаргиз напазад,
Мо санг будем, ту об кардӣ моро.

Эй чураи ҷон, ба санги мармар наравӣ,
Намозаки шом ба таги ар-ар наравӣ.
Ар-ар хунукай, шамоли ар-ар хунукай,
Ман ёри туюм, ту ҷои дигар наравӣ.

Оҳубараи сафедама гум кардам,
Худро ба дари хонаи мардум кардам.
Мардум мара меган, ки девона шудй,
Девона манам, ки ёрама гум кардам.

Ай сардараҳо кабки ҳилолум рафтай,
Ай маъракахо навданиҳолум рафтай.
Мардум мегун: «Чита ниҳолут рафтай?»
Озодаҷувони чуҷадорум рафтай.

И қули[1] дароз ов надора, чӣ кунум,
Ду чашми сарум хов надора, чӣ кунум?
Ду чашми сарум роҳи тура менигара,
То умаданут ҷавр ай сарум мегузара.

Чархо, фалако, маро ба чарх овардӣ,
Кулоб будам, маро ба Балх овардӣ.
Кулоб будам, оби ширин мехурдам,
Саргашта маро ба оби талх овардӣ.

Наълат ба касе, ки аз ватан канда шавад,
Афтад ба ғарибию ба кас банда шавад.
Чархи фалаке гардаду ояд ба ватан,
Ин мурдаи садсола магарзинда "шавад.

Аввал кашидани қаламро гӯям,
Ё бахти сиёҳи пураламро гӯям-
Рӯзе, ки худа козӣ шавад дар арасот,
Ҳайрон мундам, кадом аламро гӯям?!

Сарчашмаи ови булбулонай ватанум,
Сад чашмаи ови зам-замай чашми тарум.
Дилакма наков, дуди кавобай ҷигарум,
Худакма худум кардум, сазои сарум.

Андар назарум ватан шакар метова,
Халқи ватанум қанду асал метова.

[1] *Кул-дараи* беоб.

Наълат ба касе, ёди ғарибӣ бикуна,
Оби ғарибӣ лахти чигар мекова.

Як даста гулам, ки дар Яман месуза,
Печида сарам, ки дар кафан мепуса.
Нисфи чигарам барои дустони ширин,
Нисфӣ дигараш баҳри ватан месуза.

Ҷонона, баҳори мо ба ғам мегузара.
Шодӣ ба дили сухта кам мегузара.
Шодӣ ба дили сухта кам бошаю кам,
Хуш умри касе, ки дар ватан мегузара.

Булбул ба ҳаво нолакунон омад маст,
Хамбид, ба сари шохи гули зард нишаст.
Тӯтӣ ба забони шакаринаш мегуфт:
Ин доғи чудогӣ ба сари одам ҳаст.

Имрӯз ҳавои абра парчин кардам,
Ин сайла барои дили ғамгин кардам.
Ин сайл барои дили ғамгин нашуд,
Бо зоғи сиёҳ шикори шоҳин кардам.

Ман мемураму шод шавад душмани ман,
Ғамнок' шавад дӯсти ману ҳамдами ман.
Эй душмани ман, ба мурданам шод мабош,
Не дӯст ба ман монаду не душмани ман.

Сад кӯ биравам, назар ба як дашт кунам,
Сад чашмаи оби ватана гашт кунам.
Сад. чашмаи оби ватанам пасту баланд,
Хокаш ҳама тӯтиёву обаш ҳама қанд.

Хоки ватан аз-тахти Сулаймон хуштар,
Хори ватан аз лолаву райҳон хуштар.
Юсуф, ки ба Миср подшоҳӣ мекард,
Сад кош гадо буд ба Канъон, хуштар.'

Фарьёд зи дасти' фалаки бебуньёд,
Ҳаргиз гиреҳи бастаи корам накушод.
Гуфтам, ки равам, доғи дила тоза кунам,
Сад доғи дигар бар сари ин доғ ниҳод.

Ай хона баромадум, овора сарум,
И доғои ғарибӣ шидай дарди сарум.
Ку дусти ширин, мара бара бар ватанум,
Еди ғарибӣ кунум, наълат ба сарум.

а) Наълат ба сарум ба ин мусофир шуданум,
Ин куи мусофирй шудай дарди сарум.
Як бори дига худо бара бар ватанум,.
Савганд мехурум, ёди ғарибй накунум.

Эй беди баланд, баланд барой, чӣ шавад,
Фарзанди падар, аз дар дарой, чӣ шавад?
Аз дар ки дарой, хона пурнур шавад,
Дустон ҳама шоду душманон кур шавад.

Эй моҳи баланд, баланд намоӣ, чӣ шавад,
Эй хирмани ғул, зи дар дароӣ, чӣ шавад?
Худ медонӣ, ки моили ҳамдигарем,
Ҳар ҷо биравй, зуд биёӣ, чӣ шавад?!

Чононаи ман нишаста дар гушаи боғ,
Чашмони сиёҳ дорад ҳамчун пари зоғ.
Номард касе, ки аз аҷал бигрезад,
Паймона, ки пур шавад, чи Дарвоз, чи Роғ.

Эй моҳи баланд, дар осмон хонаи ту,
Эй сарви равон, ин бача девонаи ту.
Девона манам^ ки аз ҷамолат дурам,
Ҳуш давлати он касе, ки ҳамсояи ту.

И моҳа бубин, сини дарун афтодай,
Ай шуълал вай савза банур афтодай,
Гуфтум, ки бирам, ба савзаҳо сар монум,
Савдои мани ғариб ба дур афтодай.

Ай хуна бурумад як ҷавуни гули нор,
Дастори калун дораю рангуш гули хор.
• Гуфтум, ки кучо мерай, чавуни гули нор?
Гуфто, ки мусофирему кулфат бисьер.

Имсол дар ин тагрбаи тангем мо,
Як села кабутари сари сангем мо.
Монанди кабутари сари санг нашавем,
Монандаи кабки сур дар ҷангем мо.

Гар ёри манӣ, биё, ба ман ёрӣ кун,
Мара мебаран, ту гирьяву зорӣ кун.
Мара мебаран, шаҳри дигар мёфрушан,
Гар зар дорӣ, ҷонма харидорӣ кун.

Ай боло миёй, лаби ту хандон нашава,
Ман ёр гирум, дили ту вайрон нашава.

Ман ёри дигар гируму ту ёри дигар,
Сад сол гузара, ишқи ту пинҳон нашава.

а) Аз дур биём, лаби ту хандон нашавад,
~ Ман ёр гирам, дили ту вайрон нашавад.
Сад ёр гирам, бо қаду андозат нест,
Сад хизмат кунад, хизмати якрузат нест.

-Эй дӯст, надонаме, макони ту кучост,
Ҷонам ба ту пайванду танам аз ту чудост.
Ту пои кушода дорӣ, гирд мегардӣ,
Занҷири муҳаббати ту дар гардани мост.

а) Эй дуст, муҳаббати ту дар хотири мост,
Дидори хушат мудом дар пешаки мост.
Монандаки абр меравӣ ҳар тарафе,
Занҷири муҳаббати ту дар гардани мост.

Дар раҳаки баровар ман хор шудам,
Бр духтари қадбаланд гирифтор шудам.
Мардум тиеган: «Ба кадбаланд дил мабанд»,
Ишқаш ба дилам расиду бемор шудам.

Йн рафтанакот доғу мадоғум кардай,
Кулуғи хушут хуш бедимоғут кардай.
Ай рафтанакот сари дилум сухт басе,
То омаданут назар накардум ба касе.

Булбул ба ватан ҳамешагӣ бедор аст,
Аз бечатанӣ ранги рухи мо зард аст.
Мардум мегуд: «Дар ғарибӣ чунӣ?»
Болини ғарибӣ сахттар аз санг аст.

Рафтам ба сари куҳи баланди баҳаво,
Дилгир шудам, чура, хабаргирим биё.
Ду пои маро бастан дар мехи ҷафо,
Ту пои кушода дорӣ, бархезу биё.

Ай хона баромадум, оҳе кардум,
Сини ватани падар нигохе кардум.
Сини ватани падар шукуфтай лола,
Беақл будум, худма мусофир кардум.

Рафтам сари Навранга, дидам ватана,
Гулҳои шукуфта, сайли боғу чамана.
Гуфтам, биравам, як бор бинам ватана,
Афсус хурдам, дигар надидам ватана.

Шинам сари Яғуру бинам Дарвоз,
Дандони ту марворию чашмони ту боз.
**Ман** эча кунам шохи чинори Дарвоз,
Шояд ки маро бинию пас гардй боз.

а) Як села кабутарем, кардем парвоз,
Нисмон ба Қаротегин, нисмон Дарвоз.
Эй бори худо, кабутари савзам соз,
Қанат бизанам руи чанори Дарвоз.

б) Қавгак сари санг куname қақра ба ноз,
Ёрум ба раворавай, ҷунум ба гудоз.
Ё бори худо, кабутари сабзум соз,
То Ҳича гирум почи чанори Дарвоз.

в) Қавқак сари шух қақра мезад ба ноз,
Акам сари раворав, чонам ба гудоз.
Худои ширин, авра ба осмон бидоз,
И акай раворавма меҳмон бисоз.

г) Аз қалъа баромадй тӯ сайли Дарвоз,
Дандони ту марворию чашмони ту боз.
Эй бор худо, бар осмон абр андоз,
Ин ёраки рафтанӣ ба ман маътал соз.

Ман хов будам таги чанори Фаркако,[1]
Бедор шудам, ду лоларух шуд пайдо.
Дар сар қасаба дора, дар по кавшо,
Ҷонам садқа, банди гиревон бикшо. >

Эй беди баланд, дар лаби дарьёӣ,
Шйштам ба умед, ки рафтай, меря.
Гар меоӣ, бахти ману давлати ту,
Зоеъ нашава ранчи ману меҳнати ту.

Эй ҷураи чон, хуш ҳакарӣ мегардй,
Дар лаваки бом мисли парӣ мегардӣ.
Дар лаваки бом мисли парй бисьёрай,
Монандаки кавги саҳарӣ мегардй.

Чухтак[2] заду хамак[3] заду гул соя гирифт,
Моро ҳаваси духтари ҳамсоя гирифт,
Ҳамсоя бало, духтари ҳамсоя бало,
Ҳаргиз накуна духтари ҳамсоя вафо;

[1] *Фаркако* — номи деҳа.
• *Чухтак задан* — рост шудан.
* *Хамак задан* — ҳам шудан.

Ишқи ту маро ба дӯстон душман кард,
Ду печиши мӯ таноба дар гардан кард.
Қумрӣ бигузашт, бидид аҳволи маро,
Ӯ ҳам намади сиёҳа дар гардан кард.

а) Ту мегузарӣ ба и раи дарвоза,
Ишқи ту мана ба дарди дил андоза.
Ишқи ту мана ба дустон душман кард,
Ду зулфи сиё таноба дар гардан кард.

Эй куртасафед, илоҳӣ садсола шавӣ,
Дар ҳавлини мо ғалтию ҳамсоя шавӣ.
Ҳамсоя шавӣ, бар сари мо соя кунӣ,
Шояд ки насиби мани бечора шавӣ.

То кай ба ту тоқату ба мун савр бувад,
Ин кор барои муну ту ҷавр бувад.
Барбод бишуд умри чувони муну ту,
Бахти муну ту мисли сиёҳавр бувад.

Ман омадаму лаби ту хандун гарда,
Қанду асалу навот арзун гарда.
Ҳар бор, ки бар замин расад поҳоят,
Санго ҳама лаълу дурру марчун гарда.

Авре ба сари ағба гузашт, боронай,
Рухсораи ёр мисли гули торонай.
Мардум меган: «Ошуқӣ осонай»,
Осон чӣ бувад, як чизи бедармонай.

а) Боло наравӣ, боло севистунай,
Ишқи бачаи мардум балои чунай.
Мардум мега, ки ошиқӣ осунай,
Хок осунай, алови даргирьюнай. .

Аз оразы ту чаман-чаман гул резад,
Аз кокули ту дастаи сумбул резад.
Ҳар бор агар ба ёди ту нола кунам,
Хун аз чигари ҳазор булбул резад.

Хуш мегузарӣ ба ин раҳи руфтаи ман,
Оташ мезанӣ ба чигари сухтаи ман.
Оташ мезанӣ, месуза ҳар хору хасе,
Месузему мевреҷем', намегем ба касе.

[1] *Врецъдан* —печутоб хӯрдан, киноя аз азоб кашиДан.

а) Дутор симу сим, бандаки дутор симу сим, )
Дутор назанед, эй ёраки сабзоширин.
Ду-тор назанед дар ҳавлии руфтаи ман,
Тире назанед дар ҷигари сухтаи ман.

*» Маҳтобшаб аст, ки аз дарат мепоям,
Аз таспи замин сухт кафи поҳоям.
— Қурбонаки пот шавам, ки ман бедорам,
Сар аз бағали модар читу бардорам?!

Қадди бачаҷон ниҳоли майдон ворӣ,
Дасти бачаҷон мурвати гардон ворӣ.
Мардум меган: «Гандаҷувонай бачате»,
Дар назаракум тумори гандум ворӣ.

*т- Себат медиҳам, себаки Фалғар боша,
Линчакта газам, чу лолаи тар боша.
— Линчакма нагаз, ки модарам мебина,
Дастакма бнгаз, ки зери остин боша. * *

Ман шишта будум, аврати гирдпаст омад,
Бо куртаи тика-тика барқасд омад.
Гуфтум, ки: «Бира, куртаи искотита пуш>,
Як дам нагузашт, нумола каҷбаст, омад.

Чагдона тафуш набоша, аз гармӣ чй суд,
Ере ки бағал надод, аз буса чӣ суд?
Хушбу гули сунҷит асту хушранг гули хор,
Ин лола, ки бу надод, аз сурхӣ чй суд?!

Чашмони сиёи азалита садқа,
Қошои сиёи қаламита садқа.
Мисли ту ҷавон ҳаргиз наруяд ба замин,
Он ҷо, ки нашастай, заминта садқа.

Чашмам ба раҳи омаданат чор шудаст,
Гулҳои ҷаҳон дар назарам хор шудаст.
Гулҳои ҷаҳона бу кашам, буи ту нест,
Шаҳрора ба шаҳр паштам, монанди ту нест,

Яг ёраки майдаҳаки маҳваш дорум,
Ай бахшаки у сина дар оташ дорум.
Ҳарчан кадум, ура надодӣ бар ман,
То рузи Қиёмата кашокаш дорум.

. Дар қади ниёли навниёлут ҷонум,
Дар руи сафеди беғуборут ҷонум. .

Халкои ҷиён маро ба ту бад меган,
Дар гардиши чашми пурхуморут ҷонум.

Умадану рафтанот кудурат бошад,
Ёр ай ёр ҷудо кардан чй сурат бошад?
Ёр ай ёр ҷудо кардан корест душвор,
У рузе ҷудо кардан, қиёмат бошад.

Куртақаламира ёр мегирам ман,
Аз шохи чанор анор мегирам ман.
Ин шохи чанор барги парешон дорад,
Дар сояи гул қарор мегирам ман.

а) Ай тори чанор анор мегирум ман,
Ай бахшаки у тумор мегирӯм ман.
Ай бахшаки у тумор гирум, нашава, -
Дар синаи у қарор мегирум ман.

Дарьё ҷола, миёни дарьё ҷола, .
Дарьё овард чанори panҷоҳсола.,
И шохи чанор шикаста, афгорум кард,
Ишқи духтари марду.м зангорум кард.

Сабзинабача, мара ба нанг овардй,
Бозӣ-ббзӣ мара ба чанг овардӣ.
Худ гуфта будӣ: «Духтар, тура ром кунумУ,
Ман ром шудум, ба 'дил чӣ нанг овардй?!

Мурғовира бин, лав-лави ҷу парвоз кард,
Гирди качакош гаштем, кофар ноз кард.
Гирди качакош гаштем рузе сад бор,
Дилуш, ки ба мо набуд, баланд парвоз кард.

Як ёр дорум, қалъаи боло рафтай,
Истеза ба ман кардаю танҳо рафтай.
Гуфтум, биравум, сараки роҳуша гирум,
Мурғовӣ шудай, қад-қади дарьё рафтай.

а) Ангуштарини дастам ба дайро рафтай,-
Ширинписари холам ба савдо рафтай.
Рафтай-рафтай, Балху. Бухоро рафтай,
Истеза ба мо кардаю танҳо рафтай.

Ин кутали качмокачу болош дамгир,
Эй ҷураи майдаҳак, биё, дастам гир.
Ан бахшаки ту дами саҳар хурдам тир,
Хунолу шудам, канори бекуртам гир.

**Аввал** биравй, назар **ба** чашмонаш кун,'
**Дуюм ба лабу** сеюм ба дандонаш **кун.**
**Чорум** бинигар, **ки хол дорад ё не,**
**Панчум** бинишину чонта курбонаш **кун.**

Аз Парраи Селҳо менамояд хунат,
**Ҳоят** гуям, даву баро айвунат.
**Дар** ваъдаи кардагит нишастам то руз,
. Эй ваъдахилоф, илоҳй сузад чунат.

Эй чураи чон, пурчафой накунӣ,
Ман ёри туям, бевафой накунӣ.
**Ман** ёри туям, мудом дар фикри туям,
Ту чои дигар фикри чидой накунӣ.

Қади"алифи.алифнамота садқа,
Дандони сафеди ширнамота садқа.
Раҳ мегардй, мисоли гул меларзй,
Раҳгаштанаку ҳавои. пота садқа.

Эй чураи чон, садқа шавум чашмота,
Раҳгаштанакои хуби беҳамтота.
Ай бахшаки ту дуст медорум хешота,
Ҳам падару ҳам модари бепарвота.

Тутак[1] найча, миёни тутак найча,
Тутак мекаша бачаи тоқиалача.
Рузе ки биёя чураҳои бача,
Гаҳ дастаи гул мешаму гаҳ гулғунча.

а) Деволи баланд дорем, сархор арча,
Ду зулфи сиёҳ дорем, парча-парча.
Хар боре.ниго кунад ёри бача,
Ё дастаи гул шавем ё гулғунча.

Дар косаи нилобӣ нил андохтум,
Маълимбач>ара ба дарди дил андохтум.
Маълимбачае, такья ба устал дорӣ,
Ду қоши сиёҳ болои журнал дорй.

Ин пуштаки осиёва мавличунай,
Ишқи духтари мардум балои чунай.
Чунай-чунай, гирди лабуш марчунай,
Ду холи сйёҳ дора,- балои чунай.

[1] ***Тутак*** **(тутик)—най.**

Ин беди баланду соя гардон-гардон,
Соя мекунад ба руи гандумдаравон.
Гандумдаравон, дос кашен бо дилу ҷон,
Як ҷон дорам, фидои гандумдаравон.

Дар дашти калон даравгарӣ мекардам,
Кулаҳ ба сарам, қаландарӣ мекардам.
Медонистам, ту, бевафо, ёри манй,
Сад соли дигар муҷарратӣ мекардам.

Дар пасаки бунг будуму ҷангум кардӣ,
Ман назчаи сев будуму чангуй кардӣ.
Ман навчаи сев будуму ҳамам ғура,
Тармаргут куна, хуш ноумедум кардӣ.

Рухсораи сурхи хунчаконе дорӣ,
Аз мушки сиё хуш абрувоне дорй.
Аз мушки сиё хуш абрувонат ба қалам,
Ошиқ ба туям, ҳеҷ гумоне дорӣ?!

Ин боми баланда мебуроюм, ба ту чӣ,
Бо нозу карашма мефуроюм, ба ту чӣ?
Ай шаҳду шакар' ширин. лабонум, ба ту чӣ,
Ай мушк сиёҳай абрувонум, ба ту чй?!

Э ҷураи ҷон, ранги гули тарбузй,
Қароқчӣ шавум, тура барум бо duzdӣ.
— Қароқчӣ нашав, мара набар бо duzdӣ,
Ё нимаки шаб биё ва ё нимрӯзӣ.

Ман руи туро ба моҳи тобон надиҳам,
Лаъли лаби ту ба дурру марҷон надиҳам.
Лаъли лаби ту агар ба дастам ояд,
Кимат хараму баҳои Шуғнон надиҳам.

Чашмон дорӣ, мисоли ангури сиёҳ,
Дар бодияи ишқи ту гудо кардем роҳ.
Дилро назанед, ки дил надорад гунох,
Айби чашмай, ба ҳар тараф кард нигоҳ.

Эй ҷураи ҷун, ки мармарут мебинум,
Печида ба шохи ар-арут мебинум.
Худ гуфта будй: «Ошно, тура мегирум»,
Дуруғгу будай, ба ҳар дарут мебинум.

Дар даштаки Шурובод сесад сангай,
Дар ҳар сари санг кабутари ҳафтрангай.

Мардум меган: «Ёри шумо чӣ рангай?»
— Сабзинаю сурхинаю гандумрангай.

Дарвоза ба дарвозаю қушдарвоза,
Овои равон, ачаб ҷувони тоза.
Ҷувона биген, бисьёр даст нандоза,
Мо сев нестем, дар кисаюш андоза.

Шабро дидам, сиёҳтар аз муи ту нест,
Рузро дидам, сафедтар аз руи ту нест.
Дар боғ дарам, ниҳол бо қади ту нест,
Дар дидаи ман бишин, замин ҷои ту нест.

Э боди сабо, назар ба ун дашт бикун,
Як бори дигар ба мулки мо гашт бикун.
Ун ҷо биравӣ, ҷурама танҳо бинӣ,
Бар гардани зебош яке даст бикун.

Дар ишқи ту дард мекунад дандонам,
Монанди танобы чарх саргардонам.
Ман пилта шавам миёни ангуштонат,
Шояд ба ваноғи[1] ту барояд ҷонам.

Заргарбачае зи ҳуш беҳушам кард,
Дастам бигирифту ҳалқа дар гушам кард.
Гуфтам, ки зи дарди гӯш фарьёд кунам,
Лабро ба лабам ниҳоду хомӯшам кард.

Гандум лола, миёни гандум лола,
Ошиқ шудаам ба духтари қинғола.
Ин духтари қинғола ба мо дил дора,
Қошони сиё, забони булбул дора.

Абрешими қирмизии торат бошам,
Эй бачаи помирй, ёрат бошам,
Ерат бошам, даргилу[1] зорат бошам,
Шаб то ба саҳар дар канорат бошам.

Духтар-духтаре, дар талошут бошум,
Дар соли буҳор савзаи ошут бошум.
Дар соли буҳор савзи ош бисьёрай,
Як даста гули болои қошут бошум.

а) Бача-бачае, ай ними ростут бошум,
Дар кадуи нуқрагц носут бошум.

[1] *Ваноғ* — ресмон шуда ба дук печидани шох.й.
[1] *Даргил* — паэмон шудан.

Дар кадуи нукрагӣ нос бисьёрай,
Як даста гули болои қошут бошум.

Ёракма бигу, бе мо дами хуш назана,
Ҳарфои маро ба ёри беҳуш назана.
Мо себаки ширинем дар у гушаи боғ,
Дандони худша ба себи туруш назана.

Эй дуст, биё-да, бишинем таи соя,
Тутик бикашем, дуди дилмун бурояг.
Не тутикум мефора, не таи соя,
Дустум боша, баҳри дилум мешкоя.

Ҳой салласафед, ру ба боло дорӣ,
Яктаҳи сафед ба кади раъно дорӣ.
Ман дар ҳақи ту ҳалоки беҳуда шудам,
Ту бо дигарон ишку тамошо дорӣ.

а) Ёракма бубин, ки ру ба боло дора,
"•' Тоқии саруш буридагулҳо дора.
Беҳуда манум, ки дар ғамош месузум,
Бо ёри навуш кайфу тамошо дора.

Ин танаи току танаи афгорам,
Ин чураи фариштаи беозорам.
Дар дилам набуд, чудо шавам аз ёрам,
Бо кардаи таййшри худо ночорам.

Рафтум, дидй, ағба гузаштум, дидӣ,
Хуни чигарма ба об шуштум, дидӣ.
Хуни чигарум ба об покиза нашид,
Ай бахшаки ту худакма куштум, диди.

Ошиқ, зи маломатои бисьёр натарс,
Дар сояи гул бишину аз,хор натарс.
Чои ҳама ошиқон таи дор бувад,
Мардона қадам бимон, аз дор натарс.

Гандумаки худруй дарав мекардум,
Рузи рафтагим ёрма хавар мекардум.
Рузи рафтагим ёрум хавардор нашид,
Сангои хӯнука дар чигар мекардум.

Эй бибизанон, мо нигор овардем,
Хулбуи лаби чӯя баҳор овардем.
Наққош будем, хона пури нақш бастем,
Дар хонаи пурнақш нигор овардем.

Қалпоқнақшин, ба гаштанат зорам ман,
Қалпоқи туро ба зар харидорам ман.
Қалпоқнақшин, қимати қалпоқата гӯй,
Охир- ба маломатат гирифторам ман.

а) Ҷомабеқасаб, ба гаштанот зор шудам,
Бо пупаки тоқиат гирифтор шудам.
Қошот чандай, баҳои қошот. чандай,
Қошони туро ба зар харидор шудам.

Аз хона баромадию оҳи дили ман,
Қаҷ бастани рӯмолат алоби дили ман.
Рӯмола баҳо кунед, харидораш ман,
То даври қиёмат ошуқи зораш ман.-

' Ман садқа шавам ду чашми фаттони туро,
Рую мую даҳону дандони туро.
Бӯс^м раҳи рафтуомадатро сад бор,
Молида ба чашм гарди домони туро.

Ман садқа шавам лаъли Бадахшони туро,
Рухсораи гулранги гулистони туро.
Меҳмони туям, ду бӯса армон дорам,
Ман садка шавам лабони хандони туро.

Рӯят гула мемона, агар об тиӣ,
Зулфат зара мемона, агар тоб тиӣ.
Як бӯса агар бар мани бетоб тиӣ,
Гӯё ки ҳазор ташнаро об тиӣ.

Аз бом паридему ба бомем ҳанӯз,
Сад банда харидему ғуломем ҳанӯз.
Сад аспи даванд дорем, ҳамаш балачом,
Дар орзуи тои навлачомем ҳанӯз.

Пудинаи лави ов чӣ буе дора, ч
Сабзиначувон чй гуфтугуе дора.
Сабзиначувон, қад ҳамели писта,
Дар мобайни бачаҳо шумо гулдаста.

Ситораи осмона шумурдам саду бист,
Эй чӯраи чон, барою тангкучаба ист.
Тангкуча баромадам, наёфтам паяха,
Аз муи сарам зиёда хурдам ғамата.

Аз хунаи мо баландтарак хунаи кист,
Ин духтари куртаалача духтари қист?

Эй духтари куртаалача, кучаба ист,
Аз холи лабат буса гирам сесаду бист,

Дар боғ даромадӣ ба буи кашниз,
Андешаи хотирам накардӣ ҳаргиз.
Ин ёри нават муборак, эй ёри азиз,
Мо тозагулем, ба дил нагирем ҳаргиз.

Ду зулфи сиёҳ дорию ҳар душ ҳалқа,
Ин шиштани пешорут куштай халқа.
Мо донистем, ки қаҳра бар мо кардӣ,
Бо ҳар сари қаҳракот сад бор. садқа.

Дарьёи калон гули аҷиб овардай,
Беморӣ маро пеши табиб овардай.
Бемории кӯҳнаро табобат накунен,
Монен маро, ачал қариб овардай.

Ин раҳаки рупару харобум кардай,
Ин навданиҳол ҷйгаркабобум кардай.
Як су ғами мурданай, як су ғами ту,
Мурдан чӣ ғаме, ғами ту обум кардай.

Имруз ҳавои абр парчин кардай,
Ин абри сиё дилакма ғамгин кардай.
Ғамгин шудаям, ғубори дил мешуям,
Хуноби дилам замина рангин кардай.

Ёракма бубин, ки кутала тай заду рафт,
Меҳри дилакам ба доманаш барзаду рафт.
Чанд вақт шуда буд, меҳри дилам кам шуда
Боз омаду оташа ба ҷонам заду рафт.

Биёй ғамум нест, ҳаргиз наёй, ғамум нест,
Гундишки паррандаюм, дураҳтум кам нест.
Ҳар шохи гуле ба сарум соя куна,
Сарум, ки ҳаёт боша, ёрум кам нест.

Долони баланд дорию пешаш якатут,
Ду қоши сиёҳ дорию чашмони кабуд.
Ҳар кас, ки маро аз ту чудогӣ фармуд,
Хонаш пури оташ асту гураш пури дуд.

) Дар ҳавлинакам як тана бед, ду тана тут,
Як зоғи сиё омаду ду ғулбакабуд.
Ҳар кас, ки маро аз ту ч^дой фармуд,
Гураш пури оташу лаҳадаш пури дуд. ,

Се моҳ шидай, ба якта хушдор шидам,
Хурдам ғами беҳудара, афгор шидам.
Як ҳиҷраи танг боша, бихонам ду **ғазал,**
**Ай** ҷони ширини худ ма безор шидам,

Дар гушаи бом шиштай, най метрошӣ,
Дар назари ман ҷувони қаламқошӣ.
Гуфтум, биравум, бинум, ба дилум **бошӣ,**
Дилум, ки нахост, ба ҷои акам бошӣ.

Рафтум бари ёр, ёр хабардор нашид,
Сад чарх задум, у гавр ведор нашид.
Сад чарх задум барои ёри мардум,
Ёри мардум ба ман вафодор нашид.

И себаки сурх дар вуҷуди банда,
Зоеъ накунӣ умра.ба ёри ганда.
Ёри гандара худо бута ҷазоша,
Куруш букуна, набина пеши поша.

Як шу кадай, гандахури гандамиҷоз,"
Чашмони чуқур дораду лингои дароз.
Ай лингош бигӣ, дар қаври куҳнаш бундоз,
Ту донию ман донаму шабҳои дароз.

Зулфи сияҳатро бод бурдан гирад,
• Олам ҳама бӯи мушку анбар гирад.
Ҳар кас, ки ту, нозанина дар бар гирад,
Наълат ба сараш, ки ёри дигар гирад.

Ман садқа шавам якка-якка гаштанакот,
Бо кавши сиёҳ сари по шиштанакот.
Гуфтам, ки равам буса кунам аз лабакот,
Ман садқа шавам ба неву не гуфтанакот,

Дар тори чанор элча мондай кафтар,
Мончанди анор сина мондай духтар.
Ман ҷӯй кашам, об диҳам кафтарро,
Як шаб ба канори худ гирам духтарро.

а) Дар шохи чанор лона мондай кафтар,
Монанди анор сина мондай духтар;
Модар дорад, падар надорад духтар,
^Мо месузем, хабар надорад духтар.

Маҳтобшаб аст, ки ман ба ҷонум гирумут,
Пайваста ба мағзи устухонум гирумут.

Пайваста ба мағзи устухонум нашава,
Дил пора кунум, даруни ҷонум гирумут.

\- Ай тори ҳаво борон чакидан гира,
Ай таҳи замин сабза дамидан гира.
Ҳар гоҳе мара хумори дилбар гира,
Оҳе мекашум, руи ҷаҳон дар гира.

а) Қаддат зира, гардиши каддат зира,
Зебат мета костуми сабзи хира.
Ҳар гаҳ ки мара хумори руят гира,
Оҳе бикашум, сабзаи тар дар гира.

Қаддут зира, қадди ниҳолут зира,
Аз мо ки ҷудо шудӣ ту, дардут гира.
Дардут гираву дардаки сахтут гира,
Морут бигаза, раҳота каждум гира.

Гашнич кабуд, гулаки гашнич кабуд,
И ёри мара маҳали зангириш набуд.
И ёри мара душманош зан додан,
Дар соли буҳор дили мара ғам додан.

Имрӯз ҳаво ба ранги мижгони манай,
Ҳар ҷо биравӣ, доғи ту дар ҷони манай,-
Ҳар ҷо биравӣ, оби равон пеш ояд,
Ин оби равон дидаи гирьёни манай,

. Ёрум-ёрум, дар ға'мот беморум,
Пажмурдагуле дар сари ҳар деворум.
Худ гуфта будӣ, «Тирамоҳ меоюм»,
Чоршанбею панҷшанбе чашми чорум.

а) Ёрум, ёрум, дар ғамут беморум,
Чун кавги рамида дар сари деворум.
. Хун, шуд ҷигарум, ба остином мемолум,
Аз дарди дилум хабар надора ёрум.

Чашмони сиёи срда дорад ёрам,
Пешобағали кушода дорад ёрам.
Модар дорад, падар надорад ёрам,
Гӯё дили санга хора дорад ёрам.

Ҷомет чиликӣ, бандаки ҷомет чиликӣ,
Сад ёри ҷувон садқаи ёри пиракӣ.
Ери пиракӣ боша, танҳоӣ кунем,
Сад куҳа ба куҳ зада, ошной кунем.

Дар сардарае ду мори печун дидум,
. Гирди сари ёр арақ парешун дидум.
Гуфтум, биравум, арақоша тоза кунум,
Дар баргаки гул шабнами борун дидум.

а) Дар сардарае ду мори печон дидам,
Дар қуртуқи ёр ҳақиқу марҷон дидам.
Гуфтам, биравам ҳақиқу марҷонша гирам,
Аз феъли бадам ёрма гурезон дидам.

Обам додй,-пиёла мунд дар дастам,
Беақл манамо, ба ту муҳаббат бастам.
Медунистам, ту ёри беоқубатй,
Аз рузи бино меҳри хунук мебавтам.

И шав чй шавай, ду дидаи бедорум,
Болини баланду чогаи беёрум.
Ман бедорум, шав то руз бедорум,
Дар касали ёр задам, ғамбеморум.

Ай беди баланди босафо тарсидум,
Ай ёри азизи бевафо тарсидум.
Эй ёри азиз, илоҳӣ беёр шавй,
Дар ҳандаи ёри мардумо зор шавй.

Қаддат ба карашма нархи чон мешиканад,
Озурда дилам, ки аз фиғон мешиканад.
Тири ҳама ошиқон ба мақеад бирасад,
Навбат, ки ба ман расид, камон мешиканад.

Қаддат ба мисоли ар-арай дар назарум,
Дил ҷои дигар додай, ман бехабарум.
Ман бехабарум, дар ишқут садбарги тарум,
Эй кофири ноинсоф, сухтай чигарум.

Эй беди баланд, хазонаи барг аз ту,
Ҳарчанд кунам, дилам нашуд сард аз ту.
Ман аз ту чудо намешавам то дами марг,
Ҳар гаҳ бимирам, чудо кунад марг аз ту,

Шинум-шинум, ёд кунум шабҳора,
Шабҳои дароз шиштани якҷора.
Шабҳои дароз хаёли ширин доштем,
Шабро ёбй, дигар наёбй мора.

Дар пушта будуму дар тагов афтодум,
Гулғунча будуму дар азов афтодум.

Садбарг будум, ки ҳар пагоҳ мешкуфтум,
Монанди ҳақиқ дар алов афтодум",

Бо куча гузар накун, ки мебинумта,
Аҳволи дили сухтара мепурсумта.
Аҳволи дили сухтара пурсида нашуд,
Дар сад бирави̅, охир мегирумта.

Боло меравй ба бунай кавгуша,
У раъноя гу, бuроя, бинум руша.
Руша-руша, сери̅ надидум руша,
Аз барги гули санҷит бигирум буша:

а) Рафти̅-рафти̅, яке бигардон рута,
Бо тахтаи пешонй хами абрута.
Ин бодаки боло биёра бута,
Бута чи̅ кунум, сери̅ надидум рута.

б) Чонона гузашту мо надидем руша;
Нумола кашид то хами абруша.
Як дардаки алой бигира шуша,
Ба бонаи касали̅ бубинем руша.

Ман бачаи хушруваки нозук ҳастам,
Ман ошиқи ун барнои кабки мастам.
Билло ба худо, ки рост мегуям ман,
Ангуштарини таваррукиш дар дастам.

Дар гушаи бом шиштай кавги ярадор,
Дил месуза, чигар кавовай бари ёр.
Мардум меган: «Хешу таворут бисьёр»,
Сад хешу тавора мекунум садқаи ёр.

Дар сабза нашин, ки сабза гулзори манай,
Бар ҳар сари сабза манзили ёри манай.
Ҳар чо рафти̅, дарахти пургул бини̅,
Сангуш назани̅, ки сурати ёри манай.

а) Дар сабза нашин, ки сабза гулзори манай,
Ҳар сабза зи хуни дили афгори манай.
Ҳар чо ки равию чои сергул бини̅,
Он чо манишин, ки манзили ёри манай.

Дар боғ дапом, буи ту аз боғ ояд,
Гулро биканам, ранги рухат ёд ояд.
Гулро биканам, варақ-варақ гардонам,
Ёд аз ту кунам, дилам ба фарьёд ояд.

Дар руи раҳут анор монум, бправум,
Себарга ба гул қатор монум, биравум.
Себарга ба гул қатор монум, нашава,
Доғи ту дар ин диёр монум, биравум.

Эй дӯст, ба кӯи ту расидан мушкил,
Пой аз сари кӯи ту кашидан мушкил.
Ҷон дар ҳаваси рӯи ту додан осон,
Ҷон додану рӯи ту надидан мушкил.

Дар санги сиёҳ алиф кашидан мушкил,
Хубона ба сӯи худ кашидан мушкил.
Хубона ба сӯи худ кашидан, ки нашуд,
Ери каса дар сина гирифтан мушкил.

Мо булбулему ай гул ҷудо мегардем,
Лабташна ба дашти Карбало мегардем.
Мо пеши худо аҷаб гуноҳе кардем,
К-аз ёраки худ зиндаҷудо мегардем.

Ман булбуламу зи гул чудо мегардам, •
Гирди сари ёри бевафо мегардам.
Гирди сари ёри бевафо фоида чист,
Дар сояи давлати шумо мегардам.

Эй дуст, биё, ҳардумон нола кунем,
Ай хуни чигар пиёларо мола кунем.
Ай хуни ҷигар пиёларо мола нашуд,
Эй дуст, биё, ки аҳди садсола кунём.

Эй дилбар, агар майли ту бо мост, бигӯ,
Бар мо сухани мухтасари рост бигӯ.
Гар дил ту ба ҷои дигар андохта"й,
Айб аз тарафи шумост ё мост, бигӯ.

Эй дилбари ман, дар дили ту чист, бигӯ,
Чуз ман дигаре ошиқи ту кист, бигӯ. '
Гар ҳаст, бигӯ, нест, бигӯ, рост бигӯ,
Моро ғами ту, туро ғамй кист, бигӯ?!

а) Аз хона баромадам, хабар чист, бигу,
Ранҷидани хотири ту аз кист, бигу?
Ранчидани хотири ту аз ман бошад,
Ман дар ғами ту, туро ғами кист, бигу?!

Дар даҳани дар набест, ёр, беҳуда,
Мара ба ту наметан, эй носуда. -

Мову ту канори ҳамдигар нодида
Овоза шудай, даҳони халқ олуда.

Ин чалаи нуқрагин шудай гушпорум,
Ин бачаи қишлоқӣ шудай хушдорум.
Ай бачаи қишлоқй ҳазор безорум,
Ман бачаи районира дуст медорум.

Севут додум ай тори болохона,
Ишқи ману ту дар кучаҳо мемона.
Ҳар кас, ки мара ай ту ҷудо гардона
Сесад ғами талха дар саруш резона.

Ситора баланду моҳ баландай имшаб,
Ай бахти бадам фалак ба ҷангай имшаб.
Ҳар шаб сари зулфи ёр болиштам буд,
Болиштимани ғариб сангай имшаб.

Як даста гули сафеда дар ҷар дидум,
Мисли ту рафиқи бевафо кам дидум.
Ай таҳти дилут Даромадум, санҷидум,
Гар қибла шавӣ, мазор шавӣ, ранҷидум.

Дилакма наков, ки дилакум хун шава,
Ай хуни дилум замин гулгун шава.
Хуни дили ма биреза дар руи замин,
Дар руи замин ду ҷура булбул шава.

Дар ҳавлий отам сурфаи сангӣ дорум,
Дар руи отам як ёри қарзй дорум.
Ёракма бута, қулуғу миннатдорум,
Еракма ната, гилаи бисьёр дорум.

Ин кутали пешору — боғи дилакум,
Як ҷой надодан ба муроди дилакум.
Як ҷой надодан, бишкана ормонум,
То даври қиёмат аз падар нолонум.

Ёрум рафтай, ба лаб намехандум ман,
На сар мешум, на курта мепушум ман.
Корвони Ҳисор омад, пурсидум ман,
Гуфто, ки: «Надидаму намешносум ман».

Ку дидаи равшане, ки созут бинум,
Як бори дигар марҳами розут бинум.
Қурбон созум ҷони азизи худро,
Шукронаи он рузе, ки бозут бинум.

Ҳар шаб зи ғамат тоза азобе бинам,
Дар дида ба ҷои хоб обе бинам.
В-он гаҳ ки чу наргиси ту хобам бибарад,
Ошуфтатар аз зулфи ту хобе бинам.

Дар гушаи бом дутор занум, гуш дорӣ,
Эй ҷураи ҷон, ба холи рум хушдорӣ..
Ман дутор занум, ту худта мечунбонн,
Бо ҳар нигаҳат ошиқа месузонӣ.

Эй яктасафед, ки яктаҳут гул дора,
Ғулакта бигӣ, бира, биш^,.дар соя.
И ғулаки ту тори бирешим дора,
Як ҳарфе бизан, дуди дилум биброя. •

Куртаалача, қади баландта садқа,
Раҳгаштанакой кучаи тангта садка.
Дар кучаи танг қадбаланд бисьёрай,
Ду қоши сиё, зулфои чангта садқа.

Бача-бачае, қадут ниёли арча,
Ҷаҳтут мекунум ай даҳани дарбача.
Ҷаҳтут мекунум, намешнавӣ овозма,
Худо гирифтай инсофи дилта, бача.

Эй ёраки хушруваки аҳли дилакум,
Андохт худо меҳри туро дар дилакум.
Рузе ки шава кунҷи лаҳат манзилакум,
Кирмо бихуран меҳри туро аз дилакум.

Ситора баромадай, қарибн рузай,
Дар гузари мо нигори бахмалдузай.
Мардум меган: «Ошиқӣ чан рузай?»
Хубаш сари сол, гандааш се рузай.

Эй ҷураи ҷон, ҳар дуямон якназарем,
Ҳар лаҳза ба суи якдигар менигарем.
Ту болои дукон бишӣ, ман погаҳи дар,
Билло ба худо, мувофиқи якдигарем.

Дар гушаи бом шиштай, бале, бача,
Дар сар дорӣ тоқии сабзи парча.
Рузе, ки шунидум зан гирифтай, бача,
Дар руи дилум рехтай алови лахча.

Хуш буи бунафша дар ҷаҳон афтодаст,
Дил дар паи ёри меҳрубон афтодаст.

Дил мехоҳад, ки ҳар замонаш бинад,
Ин роҳи дароз дар миён афтодаст.

Имшав чӣ шавай, медавонӣ ту маро,
Ай лаъли лават намечашонӣ ту маро?
Ай лаъли лават ташна ба дайро рафтам,
Ай сухтани дил Қуқан тамошо рафтам.

Ошиқ набудум, ошиқонум кардӣ,
Садбарг будум, заъфаронум кардӣ. ,
Садбарг будум, ҳар саҳар мешкуфтум,
Номард будӣ, дар ғам ниҳонум кардӣ.

а) Ошиқ набудам, ту ошиқонам кардӣ,
Ман мушк будам, ту заъфаронам кардӣ.
Ман мушк будам ба коғази печида,
Шармандаи дӯсту душманонам кардӣ.

Ҷонона, дар ин диёр ҳеч ёрам нест,
Ошиқ ба туам, забони гуфторам нест.
•Ҳар вақте баранд маро ба саҳрои чаҳон,
Саҳрои чаҳон бе ту даркорам нест.

• Ту об шавӣ, гузар ба чуят накунам,
~ч Ту. ҳур шавӣ, нигаҳба суят накунам.
Як дастаи гул шавию афтӣ ба замин,
Аз баҳри савоб', гирифта буят накунам.

а) Гар моҳ шавӣ, назар ба рӯят накунам»
Гар об шавӣ, кӯза ба чӯят накунам.
Гар дастаи гул шавию афтӣ ба замин,
Билло ба худо, гирифта бӯят накунам.

Маҳтовшав асту ман паси хонаи ёр,
Бар гушам расид овози дасмонаи ёр.
Мурғони ҳаво дар талаби донаи ёр,
Ман дар талаби канори мастоНаи ёр.

Ман бед шавам, қади туро соя кунам,
Булбул шаваму-ҳазору як нола кунам.
Ман чуб шавам, равам ба пеши усто,
Шамшод шавам, зулфи туро шонам кунам.

И духтари ҳамсоя маро фанд бидод.
Аз муи сараш гирифта тагбанд[1] бидод. •

[1] *Тагбанд* — миёнбанд,

Тагбанда чӣ ко кунам, миёнам борикай,-
Яг буса бите, даруни дилам торикай.

а) Ай боло қуланг омаду кӯшмурғобӣ,
Ошиқ шудаам ба духтари кулобй.
Ин духтари кулобй маро фанд бидод,
Аз милаи муш гирифта тагбанд бидод.

Аз хона баромадӣ, эй хушҳаракат,
Остино ба қад кашол, ҷонум садқат.
Не падари хуб дорӣ, не модари хуб,
Яг ҷони азиз дорум, сад бор садқат.

Ёри мара бин, ай -ма "ҷудо мегарда,
Ай ма чӣ шунид, қаҳринамо мегарда?
Ма мургаму дона мечинам ай лави бом,
У сайд шудай, тори ҳаво мегарда.

Кафтарбачаи тори ҳавоӣ, чӣ кунам,
Қанду асали қимматбаҳоӣ,#чй кунам?
Дар назаракам ширин-ширин метобй,
Ёри сараиву бевафоӣ чй кунам?!

Ай дур назораи лави бом кунум,
Худма ба ту, бевафо, чй бадном кунум.
Як дуст надорум, ба ту пайғом кунум,"
Сазои сарум, ишқа ба нодон кунум.

Эй моҳи баланд, дар осмон ҳайронй,
Ду қоши сиёҳ кашида дар пешони.
Эй бор худо, дилма худут медонӣ,
Дилхоҳи мана насиби ман гардонӣ.

Дар ҳавлини мо ду буттаи найшакарай,
Дар хонаи мо як духтари лабшакарай.
Хобуш бурдай, дастакош зери сарай,
Бедоруш накун, ки ошиқӣ дарди сарай.

Чашмони сиё дорию мо ҳам дорем,
Ту ноз накун, ки мо намебардорем.
Ту ноз накун, ки мо ҳанӯз хурдтаракем,
Ту дастаи гул бошӣ, мо беҳтаракем.

а) Қошони сиё дорию мо ҳам дорем,
Ту ноз накун, ки мо намебардорем.
Ту гандуми сурх шавию афтӣ ба замин,
Мо кабк шавем, дона намебардорем.

Ман хов будам, як барги савзам додӣ,
Бедор шудам, як буса қарзам додй.
Дар гур равад мучаррада камбағалиш,
Як буса чй буд, ба тарсу ларзам додӣ?!

Эй чураи чон, ай сарат мегардам,
Ай ҳалқаи гуши дилбарат мегардам.
Ту лоиқи ман бошию ман лоиқи ту,
Ай лаъли лаби мунавварат мегардам.

Эй чураи чон, аз ту надорам озор,
Дар гушаи қошони ту кардам бозор.
Се моҳи зимистону се моҳи баҳор,
Гул дар ғами боронай, мо дар ғами ёр; -

Қадди ёрма аз чиғаи[1] дар дидум,
Дар пеши баруш ду тугмаи зар дидум.
Гуфтум, биравум, ай тугмаҳош якта гирум,
Ишқи ҳамара ба вай муяссар дидум..

Ай хуна бурумад гулистон ёрум,
Лавпиставу марворидандон ёрум.
Руи хубуш фасли баҳора муна,
Хуи бадуш чиллаи зимистон ёрум.

Духтар-духтаре, бо қаду болот хурдӣ,
Ай хурдит натарсидӣ, дилма бурдӣ.
Гуфтум, ба дари хонат осақол монум,
Худакта ба кабудии осмон бурдӣ.

Э бачаҳаке, шиштаю заршуӣ кадӣ, "
Як шаб пеши мо шиштаю хушгуӣ кадӣ.
Хушгуии ту барои хандидани мо,
Ба риши сиёт садқа, дуруғгуй кадӣ.

Духтар, духтаре, нумоли гардӣ ба сарут,
Қасам мехурум ба ҳайкалой пеши барут.
Падарта бигу, ки колаша кам бикуна,
Ман — бача ғуломи зархариди падарут.

) Ай хона баромадӣ, нумол ба сарат,
Ду чура анори тоза дар пеши барат.
Падарта бигу,
- ки мара думод бигира,
Ман кухнағуломи зархариди падарат.

[1] *Чиға* — роғ, шикофии миёнаи ду табакаи дар.

Як даста гулум дар лави Ъв туда шудай,
Гаперо ба ёр задум, овоза шудай.
Гуфтум, биравум, пухта кунум гапора,
Ду занаки зол дар раҳум тарвоза шудай. ;

Бедут бошум, такья ба бедут бошум,
Чорубкаши қалъаи сафедут бошум.
Чорубкаши қалъаи сафед бисьёрай,
Дар минаи синаи сафедут бошум.

Ситора залилу заъфаронай имшав,
Парвин ба миёни осмонай имшав.
Парвин, ту бирав, ба чои худ сокин бощ, '
Ин қиссаи ошиқо дарозай имшав.

Зардай Зуҳраву заъфарунай Зуҳра,
Сурхай гули лола, ғарқи хунай Зуҳра.
'Мардум ба тамошои гули садбарганд,
Садбарг шукуфту сарнугунай Зуҳра.

Эй лола, ту ҳамранги рухи ёри манӣ, ч
Эй ғунча, ту чун даҳони дилдори манӣ.
Эй моҳ, агар мисли шакар ханда кунӣ,
Гуям, ки нигори шаҳгуфтори манӣ.

Ай дургӣ нигоҳ карданот маъниш чӣ,
Ангушта ба лаб газиданот маъниш чй?
Ангушта ба лаб газиданот маъниш рост,
Дил додану по кашиданот маъниш чй?!

Ин бедй баланда с-аргаяш зард шудай,
Поям ба вилояти дигар банд шудай.
Дар банд шудай, рангу руҳам зард шудай,
Рухсатма бите, ки дилакум сард шудай^

Эй духтаракон, салом дорем ба шумо,
Пайғоми намози шом дорем ба шумо.
Пайғоми намози шом бар мо нарасад,
Як бӯсаи нотамом дорем ба шумо.

Ғурбат накунед, мусофири раҳгузарем,
Имруз-пага аз ин ватан мебуравем.
Мо мебуравем, армон ба дил мемонад,
Ин ёри азизи мо ба кӣ мемонад.

Сар то сари ёлаҳо гузар мекардум, •
Чинда гули торона бағал мекардум, ""

Ҳар ҷо шишта даҳанма тар мекардум,
Ай ёраки хурдакак ҳазар мекардум.

Эй духтари ҳамсоя, мара ёр бигир,
Савғоти мара ай сари девор бигир.
Имшав, ки мара чои дигар металабан,
То омаданум худакта бедор бигир.

Кади алифат ҳамеша дар ёди ман аст,
Лаъли лабакат машрабаи оби ман аст.
Ҳар шому саҳар сар бимонам ба замин,
Ҳар ду хами абруи ту меҳроби ман аст.

Қади ту чи мӯътадил: на болову на паст,
Чашми ту на ҳушьёру на маҳмуру на маст.
Ҳар кас, ки ба кошонаи дил менигарад,
Мисли ту набудасту набудасту на ҳаст.

Рафтам ба даруни боғу кандам як гул,
Дидам қадаҳи нағма ба дасти булбул.
Булбул ба чаман, нолаи булбул ба чаман,
Аз нолаи булбул батарай нолаи ман.

Ин су манигар, ки шаҳсаворони манай,
Шаҳбози сари дасти ҷавонони манай.
Мардум мега: «Муносибат ҳаст ё не»,
Деҳқонбачаи мулки Хуросони манай.

Боло меравӣ, дуо бигу гулбадана,
Бодомбуттаи сафеди ширинсухана.
Ҳарчан кардум, ура надодан ба мана,
Ай бахшаки у килет кардум ватана.

а) Боло меравӣ, дуо бигу гулбадана,
У духтари майдаҳаки хушрусухана.
Ай бахшаки у килет кардум ватана,
Фардо чӣ мега ҷавоби хешони мана?!

Дар гушаи бом шиштай, эй сунаи' мо,
Ҷаҳдут мекунем, намешинӣ хунаи мо.
Бишиниву нашинӣ, бадномум кардӣ,
Ай бахшаки ту килет шудай хунаи мо.

Сабзинаҷувон, дар фирокут сухтум,
Нумолаки сони зард ба номут духтум.

Нумолаки сони зард дастлуча[1] шидай.
Мо зиндаҳаёт, ҷои дигар чура шидай.

а) Эй акаи ҷон, дар фироқут сухтум,
Нумолаки гулдузӣ ба номут духтум.
Нумолаки гулдузӣ фарсуда шудай,
Хунаҳои акаҷон хоктуда шудай.

б) Эй куртасафед, дар ғамут хуш сухтум,
Руймоли сари бозор ба номут гуфтум.
Тақдири азал будай, гаштак сари ман,
Ту зинда будӣ, ҷои дигар чашм духтум.

Эй ҷураи ҷон, чӣ булҳавас мегардӣ,
Дар минаи бачаҳо ба тарс мегардӣ.
Битарсиву натарсӣ, шудай овоза,
Монандаи кабки дар қафас мегардӣ.

Себе, ки ба ман додӣ, ба буяш мастам,
Аҳде, ки ту бастай, ба аҳдат ҳастам.
Кавле,»ки ту додаӣ, пушаймон нашавӣ,
Ман банда ба чашмони хум"ори мастам.

Бача-бача, такья ба устал дорӣ,
Ду чашми сиёҳ ба руи дафтар дорӣ.
Ду чашми сиёҳта нил кашум ё лахча,
Сад ғам бихурӣ, насибум нестӣ, бача.

Ере мегирум, бачаи дар бист боша,
Ёре мегирум, навкари раис боша.
Ере мегирум, ки ёри ёрон боша,
Дар минаи сад ҷавон намоён боша.

Дар табақи биринҷӣ кашидум оша,
Фарьёд кардум бачаи қаламқоша.
Ере мегирум, ай ҳама боло боша,
Намемонуме, замин бубина поша.

Ман мавҷаму мавҷи ман зи дарьё боша,
Ман резаму рези ман зи борон боша.
Ёре мегирум, ай ҳама боло боша,
Боло, ки нашуд, баробари мо боша.

Ин шабаки чо*ршанбе хоби мастум,
Бедор шудум, сурати ёр дар дастум.

[1] *Дастлуча* — дастзада, кӯхна.

Сурата гирум, гирди вилоят гардум,
Духтарои қишлоқӣ задан дар қасдум.

Яг даста гулум ай и вилоят рафтай,
Бирешими савзи бениҳоят рафтай.
Гуфтум, биравум, шаҳро суроғуш бикунум,
Ҳайрун мундам, кадом вилоят рафтай.

И хунаи пешору саравзоли мунай, ,
У бачаи рафтагӣ дилдори мунай.
У бачаи рафтагй рангзард шидай,
Рангзардии ӯ ҳамаш аламои мунай.

Ҳар ҷо равй, чура, хабардор кунӣ,
'Себат тиямо, ту тушаи роҳ кунӣ.
Ҳар бор газй, чура, мана ёд кунӣ,
«Во чураи сухта!» — гуфта фарьёд кунӣ.

Рафтӣ-рафтй, аҷаб ғарибум кардӣ,
Ай лаъли лабут чӣ бенасибум кардӣ.
Ай лаъли лабут ташна зи дуньё рафтум,
Бо тири муҳаббатут шаҳидум кардӣ.

Э духтари ҳамсоя, нигорем маву ту,
Булбулаки шухи навбаҳорем маву ту.
Дар айни баҳор ту гул шавӣ, ма булбул,
Гунҷишкаки зору беқарорем маву ту.

Дасти чапата ҷониби дарвоза накун,
Ту ёри мана дидӣ, ҳамьёза накун.
Вай ёри манай, муносиби ман дорад,
Хулқи хушаша ба ҳар кӣ овоза накун.

Боми ҳама бому боми мо дар соя,
Ёри ҳама дуру ёри мо ҳдмсоя.
Наълат ба касе, ки ёри ҳамсоя гира,
Чашмуш ба дарай, ки ёр кай меброя.

Се -буми қатору буми мо • дар со"я,
Ёри ҳама дуру ёри мо ҳамсоя.
Ҳамсоя, биё, ки мо шинем дар соя,
Ҳосил шавад муроди чандинсола. •

Ери ҳама ёру ёри ман дони анор,
Ёрони ҳама ба ёри ман хизматгор.
Болишти калои, сара монем ману ёр,
; Ёр аз сари ман гардаду ман аз сари ёр.

а) Ери ҳама ёру ёри мо донаи нор,
Ери ҳама пеши ёри мо хизматгор.
Ҳар кас, ки ёри мора гира ба канор,
Дастагша ғундал газа, зувонакша мор.

Чашмони сиёи сода сумбул хуши ту,
Ё наргиси пурхумори оламкуши ту.
Мардум мегун: «Кучо шуд ақлу ҳуши -ту?»
Ақлу ҳуши ман пеши ҷамоли хуши ту.

Қамчин чилучор, тупаки қамчин чилучор,
* Ин даштаки Тутқавул хуб ҷои шикор.
Худо мегуме, чурам биёя ба шикор,
Ҳам буи биҳишт биёя, ҳам буи баҳор.

а) Зулфут чилу чор, тамоми зулфут чилу чор,
Поюни сари зулфи ту майдуни шикор.
Ҳар кас ки ба майдуни ту ояд ба шикор,
Орзу бикунад, ки мун бигирум ба канор.

Сарчашма ҳазор, сараки сарчашма ҳазор,
Ов хурда наметонум ай ҳайбати мор..
Кай бошаю кай биёя у кавги айёр,
Овум бития, худакма гира ба канор.

Чашмони туро хумор мебинам ман,
Зулфони туро ду тор мебинам ман.
Дар сояи зулфи ту шукуфтай лола,
Даврони туро баҳор мебинам ман.

Ёрун-ёрун, шумо аҷаб ёрунед,
Ера мебаран, шумо намегардунед.
Гар гардунед, дар пешакум бишнунед,
Ман медонум, шумо мусулмонунед.

Ерум рафтай, ғамгусорум рафтай-,
Себ ай бағалу гул ай канорум рафтай.
И хона агар биҳишту ҷаннат боша,
Безорум ай и хона, ки ёрум рафтай.

Як ёр дорум, ай и ча ғофил шуду рафт,
Бо мардуми поёнӣ моил шуду рафт.
**Гуфтум, биравум,** ёрма суроғе бикунум,
**Чапкучаву** росткуча мусофир шуду рафт,

а) Эй **дастаи** гул, чӣ гуна ғоиб шудаӣ,
**Бо мардуми бегона** чӣ моил шудай?

Рафтум сари Рохарв, наомад хабарут,
Гуё ба кадом куча мусофир шудай.

Эй дида, чаро баҳори пурнам шудай?
Эй дил, ту чаро хазинаи ғам шудай?
Эй сина, чаро ту гаштай пораю реш?
Эй қомати зебо, ту чаро хам шудай?1

Эй дӯст, биё, дӯст, биё, дӯст, биё,
Пурсидани дӯсти худ ҳар рӯз биё.
Пурсидани дӯсти худ айбаш набувад,
Ҳар соату ҳар замон, ҳар рӯз биё.

<яь

Ҳич кӣ дидаст сувори тозуни мана,
Шорағзасиёх[1], бахмалгиребуни мана?
У, ки бурдаст ақлу ҳушу чуни мана,
Фардо чӣ бига чавоби хешуни мана?!

Ай хона баромадум, гумут кардум,
Гули мучаха хиёли руют кардум.
Ту гули мучах шавию точи сари мо,
. Мо ай ту гузар кунем, хок дар сари мо.

Кафшом дарид ай гаштани бом ба бом,
Ай боиси як лоларухи химчамиён.
Эй химчамиён, ту зираку ман нодон,
Коре накунӣ, да куча монем ҳайрон.

Абру ба мисоли моҳи нав хамзадагӣ,
Рухсор ба мисоли гули шагнамзадагӣ,
Аз рузи азал девонаи бебокам,
Савдои сари зулфи ту дар сар задагӣ,

Зулфат ба мисоли химча хам бошаду хам,
Ҳам дар дили ман ҳамеша ғам бошаду ғам.
Дуньёра агар ҳазор ғилбор кунӣ,
Монанди мани ғамзада кам бошаду кам.

Аз куча гузар накун, ки мо дар домем,
Беҳуда сухан нагу, ки мо бадномем.
Ҳар бор туро бинем, пушт гардонем,
Дар дил нагирӣ, ки сухтаву бирьёнем,

Тоқиарабӣ, ишқи ту бадномум кард,
Акам, ки шунид, дучори зиндонум кард.

I *Шорағза* — шалворе, кв аз матои пашмиа
, цедӯзанд.

Дар гушаи зиндонуш худо мегуфтум,
Сухтагӣ будум, дубора бирьёнум кард.

Ман руи туро нақш кашум бар девор,
Рузе ба саломи ту биёюм сад бор.
Сад бор биёюму набинум як бор,
Армон ба дилум монаву нақш бар девор.

Кордат гули нор, миёни кордат гули нор,
Шуғнон меравӣ ту, дер наоӣ зинҳор.
Ту косаи шарбативу мо ташнаи зор,
Бар ёру рафиқонам саломи бисьёр.

Аз хона баромадам, дучори ту шудам,
Ошуқ ба ду чашми пурхумори ту шудам.
Ту сабзоширин будай, хушдор шудам,
Охир ба маломатат гирифтор шудам.

Дар гушаи бом шиштай руймолқамарут[1],
Дар остинот чӣ дорӣ? — Анҷиру мурут,
Анҷиру муруту сурхиёи бари рут,
Дил канда наметонум ай чеҳраи рут.

Аз хона бадар шудӣ ба сад дарду алам,
Як даст ба китоби сабз, як даст ба қалам,
Ҳар ғоте китоби сабза хондӣ ба алам,
Об аз ду дидам бирехт, хун аз ҷигарам,

Эй чураи чун, ҷунакум дар чунут,
Марворӣ кашум гирди лави хандунут.
Як дуст йаёфтум, ки кунум пайғумут,
Дар«баргаки шафтолу навиштум нумут.

) Эй додари чон, ҷонакум дар чонут,
Дилгир шудаям ай рафтанои поёнут.
Ҳеҷ кас наёфтум, хат кунум бо номут,
Дар барги гули санҷит навиштум номут,

Шинам-шинаму аз ту, санам, ёд ояд,
Ман оҳ кашам, ки аз фалак дод ояд.
Дарди дилакам агар ба санго гуям,
Аз дарди дилам санг ба фарьёд ояд,

Гунҷишкаки беқарор кардӣ ту мара,
Шинандаи ҳар диёр кардӣ ту мара,

• *Рӯймолқамарут* — **рӯймоли шол.**

Шармандаю таънасор ҳаргиз набудам,
Шармандаю таънасор кардӣ ту мара.

Сад вой, ки ҳар думо дар ин кух доғем,
Ҷонона ба мисли гандумай, мо зоғем.
Мурғони ҳаво ҳамаш ба саҳро меран,
Ду булбули подшкаста дар як боғем.

Ман шишта будам, идаки Қурбон ома.д,
Булбул ба сари навчаки бодом омад.
Тираш бирасид, шалфаи пайкон омад,
Хунаш бичакид, буи гулистон омад.

Эй дӯст, бирафтию надидем дидор,
Дар ҳасрати абруи камандат мани зор,
Ту фурсати омадад надорӣ имсол, -
Аз мо хати бандагӣ, дуои бисьёр.

Ин беди баланду ишқи печидаи ман,
Биё, оштӣ кунем, чураи ранҷидаи ман.
Нв дар тани ту гуноҳу не дар тани ман,
Он чо дили ту сиёҳу ин ҷо дили ман.

Худ рафтию тоза кардӣ доғи дили ман,
Бо рафтани ту мурд чароғи дили ман.
Бо рафтани ту ҳуш маро дар сар нест,
Он ҷо дили ту кабоб, ин ҷо дили ман.

Дар санги сиёҳ алиф кашам, лом ояд,
Шояд ки нигори ман лаби бом ояд.
Бо гирду ваноҳи худ бипошам дона,
Шояд ки ба буи дона дар дом ояд.

Эй беди баланд, чу беди ларзон нашавӣ,
Гар ёри манӣ, ба хона пинҳон нашавӣ.
Кори мана имрӯз ба фардо магузор, .
Аз ваъдаи кардагит пушаймон нашавӣ.

Рафтам ба дара, ба бонаи химчаи тар,
Дидам санаме нишаста ҳамроҳи падар.
Гуфтам: «Духтар, буса бите ай лаби тар»,
Хандиду ба ғамза гуфт: «Мебина падар»,

Э духтари амакӣ, бигу, номакта,
Марворӣ кашум банди гиревонакта.
Дилум, ки намешава дуоют бикунум,
Мулло шавум, курхат кунум роҳакта.

Имшав чӣ шавай, никоҳ қардан 15рма,
Ай пеши барам ҷудо кардан ёрма.
Рафтум дани дарвоза, чароғаш хира,
Ду беваи зол ҷудо кардан ёрма.

Болини баланди барҳавора чӣ кунум,
Ма ёри азизи бевафора чӣ кунум?
Мардум меган: «Дӯсти пурут медора»,
Ма гапи дуруғи мардумора чӣ кунум?!

Нумоли бирешимин нагира хасро,
Зебиш натия либос ҳар нокасро.
Ман дар саракум гирум пари наргасро,
Ту бар саракум гирӣ ҳар нокасро.

Чашмон дорӣ, бум шина, хуна куна,
Муҳон дорӣ, бараҳнара ҷума куна.
Ҳар боре биёя, модаруш шуна куна,
И бачаи раҳгузара девуна куна.

Дар лаваки ов шинам, сар шона кунам,
Ин бачаи тоқисурха девояа кунам.
Девона кунам, ишорати хона кунам, ;
Молакша гирам, худакша овора кунам.

Дар тахтараҳи сафед даст мендозӣ,
Ду зулфи сиёҳа ба шикаст мендозӣ.
Мардум меган, ки уққа хубам нестӣ,
Ду бачаи мардумира чанг мендозӣ.

а) И руяву у руяда даст андозум,
Ду қоши сиёха сар ба сар андозум.
Таъриф нашава, хушруи бадам нестум,
Бачаҳои қишлоқира чанг андозум.

Саркӯҳи баланд качак-качак меборад,
Ширина бубин, тухми шакар мекорад.
Ту худ шакарӣ, шакар чаро мекорӣ?
— Ё хӯшаи саркашида ё марворӣ.

Гар ёр бигирум, ёраки духтар бигирум,
Дон дода ба дом мисли кабутар бигирум.
Ҷоюш бикунум наздики чон дар. ҷигарум,
Бо у сару по аз зару зевар бигирум.

Эй бандаи зулфу рую чашмонат ман, »
Курбони -лабу даҳону дандонат ман.

Мичгони ту тиру абрувони тукамон,
Дилхастаи абрувону мичгонат ман.

Бе ваъда ҳамеша интизорат моем,
Дар сахтии умр ғамгусорат моем.
Дилбастаи зулфи тобдорат моем,
Сайёди вафо, сайди шикорат моем.

Дар лаваки ов шинум, овум набара,
Дар болини беёрӣ ховум набара.
Ёрум боша, чоги калон мендозум,
Ерум нестай, худма ба хов мендозум.

Сабзак лаби чу, ёраки нағзак лаби чу,
То тар нашава себаргаҳои лаби чу.
Ёри мана бин, хобуш набурдай лаби чу,
Мурғовӣ шавум, ғута занум чу ба чу. ч

Садбарги сафед даруни дарьё дидати,
Ормони дароз, умри кутоҳ дидам.
' Гул дидаму гул дидаму гулҳо дидам,
Як гул ба миёни боғ танҳо дидам.

Куҳсор хуш асту оби куҳсор хуш аст,
Ёсуману сунбул, навдаи хор хуш аст.
Мурғони чаҳон тавоф биоянд ин чо,
Кабкони дарӣ, ғизоли мушкбор хуш аст.

Эй булбули хушнаво, ки дар саҳни чаман,
Ё нолаи ту хуш аст ё нолиши ман.
Ту аз бари гул биноли, ман аз бари ёр,
Не гул ба ту кард вафо, не ёр ба ман.

Болои Ҳисор резабарги ҳадасӣ,
И духтари мардумӣ — кабги қафасӣ.
Гуфтум, бирам, буса гирум бо ҳавасе,
У гашту бигуфт: «Ҳеч ба мақсад нарасӣ».

а) Поёни Кулоб каппаҳои магасӣ,
Эй духтари кулобӣ — кабки қафасӣ.,
Мо гуфта будем, туро гирем бо ҳавасе,
Аз мо, ки чудр шудӣ, ба пирӣ нарасӣ.

.Ман шишта будам, ёр гузашт ру-руи дашт,
Ҳарчанд давидаму давидам, нагашт.
Ман садқаи ду қошои у кавгаки маст,
Алов ба даруни дилам андохту гузашт.

Ин оба бинен, ки мерава нақши ба нақш,
Ёракма бинен, ки мерава пои ба кавш.
Ҳам еадқаи поҳошу ҳам садқаи кавш,
Ҳам садқаи устодаш, ки духтай ба дарафш.

Чашми сияҳат, ки мекунад маст маро,
Дил мекашаду намерасад даст маро.
Гуфтам, ки ба куи ошиқӣ сад тавба,
То дида єидид, тавба бишкаст маро.

І— Э духтараки латифаи буи баҳор,
Шуҳакта кушум, худта кунум беваи зор.
— Шухакма накуш, худма накун беваи зор,
Ҳарбуза бихур, тура ба полиз чӣ кор?!

Зулфи сияҳат ҳамели марҷуни манай,
Лабу даҳанат лоиқи дандуни манай.
Ҳар бадғаразе дар пешакат бад гуяд,
Яқин ту бидун, ки душмани ҷуни манай.

Ошиқ набудам, чӣ гуна имсол шудам,
Бо навданиҳоли боғ гирифтор шудам.
Эй навданиҳолу навниҳоли лаби ҷу,
Аз холи лабат буса талабгор шудам.

Қадди ту ниҳол асту ниҳол асту ниҳол,
Руи ту нигор асту нигор асту нигор.
Ман дар ҳакки ту мисли намак.об шудам,
Як бор нагуфтӣ, ки убол асту убол. -

Дз кучаи танги ту гузар мекардум,
Бо қадди алифи туназар мекардум.
Донистум агар ки бевафоӣ дорй, •
Андешама ай рузи азал мекардум.

Аз рафтанакот ғубор гирад дили ман,
Сад гирьяи зор-,зор гирьяд дили ман.
Мардум меган: «Гирья макун, меоя!»
Кай ояду кай қарор гирад дили ман?!

И ёраки бевафора мунуш, бурава,
Пургамдилу пурҷафора мунуш, бурава.
Ҳушуш ба ману дилуш ба ҷои дигарай,
Ҳар ҷое дилуш мехоҳа, мунуш, бурава.

Ман хӯд гуламу дар остином гул дорам,
Ман ошиқи он бачаи мӯйсардорам.

Качпахлу бизан, музахота буброрам,
Дар гардиши чашмои хуморат чонам.

Ман гушаи бом шинам, ёр дар боло,
Руяш бари дигарон, ҳушаш бари мо.
Монанди алоби даргиронай дилилло,
Кай амри худо шавад, равем пеши шумо?!

Чашмам мепарад, чашми чапу абрӯи рост,
Дил васваса мекунад, ки ёрам да кучост.
Ёрам да мазор, худам да беруни мазор,
Кай рахна шавад, ки ман дором дурни мазор?!

— Ёрум сари раворату ман гирья кунум,
Гулҳора чинум, дар сари роҳ туда кунум.
— Гулҳора начин, дар сари роҳ туда накун,
Ман умри чавон дорум, ту гирья накун.

Ин беди баланд, нукакуш қуббаи нур, •
Овора касе, духтар диҳад раҳаки дур.
Не дасти дароз дорему не дилаки пур,
Обест раҳи дуру равонак раҳи дур.

Ин беди баланду нугакуш якторa,
Дарду аламот чигарма кардай пора.
Пора-пора, тура надодан мора,
Худо букша бачай асақолора.

Рушон мерам, тарафи Рушон мерам,
Харидани гул ба гулфурушон мерам.
Эй очаи чон, гул. ба ман даркор нест,
Дилгир шудам, ба пеши чонон мерам.

Эй бод, биё, хабар биёр аз гули ман,
То пок шавад чангу ғубор аз дили ман.
Мардум гуянд ба дили худ: «Сабр бикун!»
Аммо чӣ кунам, тоқат надорад дили ман?1

Эй моҳ, ту буро, мо қаду брло бинем,
- Парвин, ту буро, мо рухи зебо бинем.
Ин Юсуфи саргашта ба зиндони ғамай,
*Як* бори дигар рухи Зулайхо бинем.

Се сол шидай, хонам лави ов шидай,
Сандуқи дилум кузаи зардов шидай.
Ку дусти ширин, кузаи зардова гира,
Мағзум ба даруни устухон ов шидай.

а) Имсол маро хона лаби об шудаст,
Мағзам ба даруни устухон об шудаст.
Кас нест, ки саҳрои дилам сайр кунад,
Саҳрои дилам коеаи зардоб шудаст.

То қуввати по бувад, ба сӯят гузарам,
То дида диҳад нур, ба рӯят нигарам.
Чун дида зи нӯру по зи рафтан монад,
Бинишинаму ҷон дар орзӯят супурам.

И рафтани ту рафтани бозиргунай,
Дер омаданат ба ман балои ҷунай.
Обе бихурӣ, оби даруни киштӣ, >
Киштӣ ба даруни об саргардунай.

Аз хона баромадум бозӣ-бозӣ,
Баста бурдан маро сагони қозӣ.
Тирдон боша, қушакамоне созӣ,
Бар синаи золимон тир андозӣ.

Сар то сари ёлаҳо бенам набувад,
Ҳаргйз дили ошиқон беғам набувад.
Пурғам дили кй бошад, беғам дили кӣ?
Беғам дили он касе, ки ошиқ набувад.

И боми қатор боми кияй? — Боми худум,
Абрудумимор ёри кияй? —Ери худум.
Абрудумимор, чома биёр, медузум,
То рузи қиёмат дар ғамут месузум.

Даҳлези баланд аҷаб шамоле дорад,
Ин духтара бин, чй хуш ҷамоле дорад.
Дорам ҳавасе, ки ҳамнишинаш гардам,
Аммо чӣ кунам, дигар хаёле дорад?!

Кадди ту ниҳоли бесамар кард маро,
Ишқи ту гадои дар ба дар кард маро.
Гуфтам, ки равам, ишқи туро тавба кунам,
Руз омаду ишқи ту батар кард маро.

Ту духтари тупидузу ман тупихарам,
Ту ҷои нишаст дорию ман раҳгузарам.
Як буса агар бар мани муштоқ диҳӣ,
Фардо сифати некита Маччоба барам.

Дар таҳаки дарвоза чӣ гуфтӣ ту мана,
Сад бори дигар садқа шудӣ ҷони мана.

Сад бори дигар садқа нашав чони мана,
Дар пеши занут ҳаргиз нагӣ номи мана.

а) Дар лабаки ҷубор чӣ мегуфтӣ мара,
Курбони сарат худо кунад чони мара.
Бо номи худо бошаду арвоҳи расул,
Дар пеши касе гап назанӣ номи мара.

Ин чираи ман зард барои ту шудай,
Хокистари ман гард барои ту шудай.
Мардум ҳама сарчамъанд дар хонаи худ,
Ай хона дилам сард барои ту шудай.

Аз хона баромадаму овора сарам,
Худакма худам кардаму сазои сарам.
Худакма худам кардам, худо медона,
Бо ёраки хушкардам лаънат ба сарам.

Рафтум ба ғарибиҳо, ғарибӣ кардум,
Сад косаи оби талха ширин кардум.
Сад косаи оби талх ширин ки нашуд,
Бемор шудуму худма табибӣ кардум.

Худо мегум, ҳеҷ ғарибум накунӣ,
Бемори дарози бетабибум накунӣ.
Бемори дарози бетабиб хости худо,
Ай ҷони ҷувонӣ ноумедум накунӣ.

Дар дашт будам, пиёда дар домани дашт,
Кофар назаре накарду умрам бигузашт.
Умрам бигузашт чу гандуми зард ба дашт,
Ҳайфи тани нозукам, ки бе ёр гузашт.

Боғ афтодай, деволӣ боғ афтодай,
Ду булбули ҷулида тифоқ афтодай.
Ду булбули ҷулидаву як қуббаи зар,
Ҳар чо, ки гулай, ба дасти хор афтодай,

Дар сари ёрум румоли чити дубара,
Дар руи сафед холи сиёҳи дусара.
Ҳар кас, ки аз ин холи сиёҳ бахра бара,
Бар кучаи Андичуна овоза бара.

Ман шишта будум, кулухчаборон омад,
Ин куртасафед бар лаби бом омад.
Эй куртасафед, кулухчаборон накун,
Душман дорум, мара ту бадном накун.

а) Дар шахча будум, кулухчаборон омад,
Нумолаки ёр ба боди гардон омад.
Нумолша бине, қалам-қалам гул дора,
Бачая бине, ҷои дигар дил дора.

Гул мегузара, мавсими гул мегузара,
Бархез Ҷувун, ки корвун мегузара.
Имсол гузара, соли дигар боз оя,
То соли дигар умри ҷувун мегузара.

Файрод, ки ёри ҳамдамум бедам шуд,
Пуштум, ки камони оҳанӣ буд, хам шуд.
У дидаи равшане, ки мо медидем,
Зангол гирифту рушноиш кам шуд.

Аз дарди дилам касе хабардор нашуд,
Кас воқифи асрори мани зор нашуд.
Рафтам зи ҷаҳон, касе суроғам нагирифт,
Ман хуфтаму^бахти хуфта бедор нашуд.

Ёр ай ману ёр ай туву ёр ай мардум,
Ёракма калон кардум ба нони гандум.
Ма бехабарум, ёрма бурдай мардум,
Зинда дар қатори мурдаҳо мегардум.

Мун шишта будум, ҷурама поюн бурдан,
То қалъаи Шивара^умоюн бурдан.
То қалъаи Шивара умед бисьёрай,
Як села кабутара ба осмун бурдан.

Дулонаи баста-баста мебоядма,
Шох ай чаману гулдаста мебоядма.
Як лаҳза ба пешакум намемонанта,'
Бархезу бирав, ки ҳолӣ мекованта.

Эй яктасафед, ба пеши долун нагузар,
Гар мегузарӣ, саракта хам карда гузар.
Шуе дорум ай саги гиранда батар,
Мара мекуша, тура ай кушта батар,

Румоли сарат соя ба рухсорат кунад,
Нодида маро садқаи дидорат кунад.
Нодида маро ба ту маломат карданд,
Маломатгара ба ғам гирифтор кунад.

Нумоли сари дасти туро банда шавум,
Ширин лабу дандони туро садқа шавум.

Дар дилум набуд, ки ман ба ту ҷура шавум,
Коре накунӣ, дубора шармаида шавум.

Дар дашт будам, ки лоларо шабнам зад,
Омад хабаре, ки нозанин барҳам зад.
Дар банди дилам ду доғ руи ҳам зад,
' Қаддам, ки камони оҳанӣ буд, хам зад.

Дар лаваки бом шиштай, эй кавги ҷарӣ,
Рухсорат арақ кардай монанди парӣ.
Мо химчаи шулашем, гул, ҳилаг^рӣ,
Мо дар ҳақи т-у сухтем, ту бехабарӣ.

Дурему ҷудоему ҷудоем, дареғ,
Бо мардуми ғайр ошноем, дареғ.
Бо мардуми ғайр ошноӣ нашава,
Дар ҳасрати дидори шумоем, дареғ.

Эй дуст, ба дидори ту ҳоҷатмандам,
Буи ту ба ман расад агар, хурсандам.
Метарсам аз он руз, шавам аз ту ҷудо,
Монандаки кабки хонагӣ дар бандам.

Ин кутали рупарура мером ҳолӣ,
Сесад ғазалу ду байда мегум ҳолӣ.
Мардум мегад: «Боисти чӣ менолӣ?»
— Ерум рафтай, канорум мондай холӣ.

Сабзоширинак, дилам гирифтори ту шуд,
Сар то ба қадам моили рафтори ту шуд.
Айбе ба мани ғариби бечора магир,
Айб аз тарафи модари бадкори ту шуд.

Рафтам* ба Қаротегин, анор овардам,
Сесад гули сурхи панҷадор овардам. :
Садуш баста, сади дигаш нобаста,
Сади дигаша назри мазор "овардам.

Чашмони сиёт мусалсалои дили ман,
Лаъли лабакат гираҳкушои дили ман.
Ман дйл надиҳам ба кас барои дили ту,
Ту дил надиҳӣ <5а кас барои дили ман.

Ёрум рафтай, ман шунидум дина,
Лаби ману дандони ту дорад кина.
Эй ҷурай ҷон, ҷоют кунум дар сина,
Кай дур .мешавад доғои парергина?!

Дар бехаки шуғ нумола бар сар гирӣ,
Оҳе мекашум, қатӣ нумол дар гирӣ.
Тар дар гирӣ, ду даста бар сар гирӣ,
Еди мо кунӣ, ғариб шавӣ, сар гирӣ.

Сухтай ҷигарам бари ту дар соли баҳор,
Мунандаи'гулбаҳор бастӣ дастор.
Мунандаи барги бед абру'хам-хам,
Дар мазҳаби ишқи ту шудам ман бембр.

Эй дуст, биё, сеторчата соз кунем,
Рубоба тариқи мулки Дарвоз кунем.
Дарвоз равем, бо ту ачаб ноз кунем,
Дар шохаки гул шинему овоз кунем.

Нумоли сарут ғунчагули дулуна,
Гирди ду лабут анори шириндуна.
Як бусая шав бите, як рузуна,
Гашти сафарум шидас, мерам хуна'.

Шом омадаям, намози шом омадаям,
Аз бахшаки ту мисли ғулом омадаям.
Шомро чӣ кунам, намози шомро чӣ кунам,
Аз хоби хушам хеста салом омадаям?!

Э себаки сурх, ман талабгори туам,
Дар орзуи дидани дидори туам.
Дар мулки шумо мусофири беватанам,
Як бор ба забони худ бигу: «Ери туам!»

Боло мерай, хуш бачаи нодонӣ,
Кулоб мерай, мара ба кӣ мемонӣ?
Кулоб мерай, ба кулобй дармонӣ,
Билло ба худо, минаи раҳ мемонӣ.

Сар то сари деворат гул коштам, ёр,
Гулма бурдӣ, бунавшаи тар биёр.
Пеши назарам ёр гирифтй, эй ёр,
Пеши назарат ёр гирам, тоқат ор.

а) Дар таҳаки долонут гул коштум, ёр,
Гулма ки барӣ, бунафшама тоза биёр,
Ту ёр м-егирӣ дар пеши мо сесад бор,
Мо ки ёр гирем, чураи ҷон, тоқат ор.

Эй куртасафед, ту куртаро бод мадеҳ,
Даврони гузаштаро ба ман ёд мадеҳ.

Гар куштани ошиқон ба дасти ту бувад,
Ту худ бикушу ба дасти ҷаллод мадеҳ.

Офтоб, ки расад, сояба хобам мебод,
Ташна шудаам, косаба обам мебод.
Ҷононаи ман, косаба об ҳоҷат не,
Аз дасти ту як ҷоми шаробам мебод.

Эй ёри азиз, чашми хуморат мана кушт,
Гӯш андохтам, гирьяи зорат мана кушт.
Дорам талабе, туро канорамба гирам,
Ду қоши сиёҳ, холи қаторат мана кушт.

Дар ма-йдони кор ҷилваю ҷавлон дорам,
Як туда рафиқи куртаавлон дорам.
Авлон мана кушт, куртаи авлон мана кушт,
. Гушвори ба гуши Зирагулҷон мана кушт.

Дар болои'қишлоқмон як кунда мурут,
Дар даруни кишлоқмон як куртакабуд.
Эй куртакабуд, аҳди кардагит чӣ буд?
Бо аҳдаки кардагит маро хоб набурд.

Ин беди баланди боҳавора чӣ кунам,
Ин ёри равии бевафора чӣ кунам?
Ёре, ки бирафт ай шаҳр, овора шава,
Бадгуии халқи оламора чӣ кунам?!

Саллалунгӣ, ними саллара тофтӣ,
Фашро ба миюни авруво партофтӣ.
Ҳар чо ки рафтй, ёри бафеълта ёфтӣ,
Тармаргут куна, ба ранги зардум дохтӣ.

а) Бача-бача, муи сиёҳта тофтӣ,
Тоқира ба зери абруят партофтӣ.
Мо медонем, зани ба дилта ёфтй,
Дар минаи душмано маро партофтӣ.

Олуча ката кардум, қадум нарасид,
Ба бачаи зандида зурум нарасид.
Очам мега: «Параи рута кӣ газид?»
— Ангури сафед будуму занбур газид.

Дар таҳаки бед қадакта гулгун дидам,
Лабакта ҳақиқ, дандунта марҷун дидам.
Дар руи сафеди ту набошад айбе,
Дар гирди лабат захмаки дандун дидам,

Ин тахаки туту дилаки даркуфтум,
Ҳар бегоҳи руз чураи ширин гуфтум.
Ҳарчанд гуфтум, ҳеч кас ба додум нарасид,
Дар ҳақаки духтарои мардум сухтум.

Чумчуқаки чур-чурӣ, чур-чур соя,
^инғолта бигӣ, бипар, бишӣ дар соя.
Қинғоли тура пупаки зар мевоя,
Овои равон, мулки падар мевоя.

Ин кутали пешору садазори манай,
Ин навданиҳоли рафтагӣ ёри манай.
Мардум меган: «Навданиҳол ёри ту нест»,
Билло ба худо, ёри вафодори манай.

"Чашмони сиёҳуш бенаво карда мана,
Бадномзадаи халқи худо кард мана.
Бадномзадаи халки худо бисьёрай,
Я хандаи ширинуш адо кард мана.

Духтар, духтар, муҳош гулгул паси пушт, •
Рухсораю руи хунчаконаш мана кушт.
Гуфтам, ки равам, ба модараш арз кунам,
Ин духтари шухи беқарораш мана кушт.

Чойлоби баланд ру ба чунбиш дорад,
Духтара бубин, дилуш гурумбиш[1] дорад.
Мо раҳгузарем, ба роҳи худ мегузарем,
Очаша бубин, сагора киш-киш дорад.

Мир омадаю сари пула тоза кунед,
Сад духтари нозанина қинғола кунед.
Духоба[2] гиред, қадашба андоза кунед,
Тилло рехта, маҳбубая розӣ кунед.

— Духтар, духтаре, чолора суст бофтаӣ ту,
Шукрона бикун, чувона муфт ёфтаӣ ту.
— Шукрона намекунум, ҷувон розй нест,
Дар ҷогаи ховум хандаву бозӣ нест.

Ёракма бигу, чӣ гуна ёруш форист,
Гулғунчара монду барги хоруш форист?

[1] *Гурумбиш* — ҳаячон.
[5] *Духоба* — бахмал.

Гулғунча намона минаи роҳ ҳаргиз,
Шоҳаври сиёҳи пурғуборуш форист?!

Дар гушаи мошина суворӣ, чурачон,
Қалам зиҳи гушу камсамолӣ, чурачон,
Мардумо меган, ту ёр надорӣ, чураҷон,
Ёри ту ману хабар надорй, чураҷон.

а) Дар даштй калон.хона дора ёрум,
Кастуни сиёҳи ҷола дора ёрум.
Мардумо меган: «Дил надора ёрут»,'
Дил дора, вале роҳбар надора ёрум.

Ин чуваки ар-арира дар мекардам,
Ин бачаи рафтагира шаҳ мекардам.
Ман медонистам, бача мусофир меша,
. Ин раҳаки таговара.маън мекардам.

И син беду у син беду мина гулй бед,
Мо ошиқи у бачаҳаки куртасафед.
Э куртасафед, куртаат баргаки бед,
Ҳама ба ту ошиқану мо ҳам баумед._

Ерум рафтай, дилум намегира қарор,
Ай сузиши дил такья задум бар девор.
Мардум меган: «Духтари бесабру қарор»,
Бесабрира мо кардем, беаҳдира ёр.

Ин боми баланд ҷои назаргоҳи шумо,
Зангол гиран[1] наълои кавшои шумо.
Мо медонем, барои мо умадаед,
Мо сур.ма кашем хоки қадамҳои шумо.

Эй дуст, чй дидиву рамидӣ аз ман,
Сарриштаи дустӣ буридӣ аз ман.
Ман чанга ба домони ту, нокас, кардам,
Т.у домани безорй буридӣ аз ман.

Хобе дидам, ки хоби маҳкам дидам,
Худма ба канори ёри маҳрам дидам.'
Бедор шидам, ки ёр дар бистар нест,
Ерам,, ки набуд, худакма пурғам дидам.

Дар гушаи бом шишта занум сетора,
Маст карда биёрум ман ҳамун барнора.

[1] *Зангол гирифтт* — занг задан, ин ҷо ба маънои хӯрда, суда шудан..

Мегум, ки: «Биё, а*рғуш равем, ҷураи ҷон»,
Мега, ки: «Чӣ медонӣ ғами дуньёра!»

Ҳаргиз нагира шохи чанор дулона,
Ҳаргиз нашава ёри қадим бегона.
Мардум мега: «Нав хубай ё куҳна?»
Нав роҳати чон, қадрдонай куҳна.

а) Анҷир дона, баргаки анҷир дона,
Ҳеҷ го нашава ёри қадим бегона.
Мардум меган: «Ту ёри нав мегирӣ?»
Нава чӣ кунум, ҷафо кашидай куҳна.

Ту қади баланд дорӣ, нумол ай мо,
Дил ҷои дигар дорӣ, безор ай мо.
Безор ай мо, дигар наоӣ суни мо,
Ту гард шавӣ, бирезӣ ай домани мо.

Ман садқа шавум ҷолои пайвандита,
Дар хок намон поҳои дардмандита.
Гар бишнавум хабари чаҳмандита,
Дуо*мекунум духтари дастангита.

Гундушкаки чур-чурӣ, чур-чур сари хор,
Гоҳ дар сари гул бишин, гоҳ дар сари хор.
Зурут, ки намераса ба гирифтани ёр,
Ай дургӣ бесту паси каллата бухор.

Ин кутали качмакаҷу се ҷуфти сувор,
Пешангиякаш ёри худам — мири Ҳисор.
Дар қанчиғаи аспаш кашам нақшу нигор,
Се себи самарқандию савғоти Бухор.

Чашми бади кас ба чашм-и мастат нарасад,
Офат ба лабони майпарастат нарасад.
Ман пеши худо ҳамин мурод металабам,
Бар қадди муборакат шикасте нарасад.

Ман шишта будум, ки ҷурама лат кардан,
Беайбу гунох номи мара бад кардан.
Дар ғам бузана худо душманора,
Дар гарданакум туҳмати ноҳақ кардан.

И кастунсиёҳ сар-сари девол ёрум,
И шофири райпо шидай хушдорум.
Очам мега: «Ай у шофир безорум!»
Дугонаи ҷон, шофӣра дуст медорум!

Эй ҷураи ҷон, ба гаштанот ҳайронум,
Ду зулфи сиёҳ, качакот дар ҷонум.
Ду зулфи сиёҳ, качакот гул банда,
Оҳи дили«ман дар ҷигарот хун банда.

Кулоб меравӣ, бача, сартасадқа,
Ду ҷура китоби пеши барта садқа.
Ду ҷура китоб дорӣ, дарс мехонӣ,
Қошони сиёҳи сар ба сарта садқа.

а) Сарта садқа, нумоли сарта садқа,
Ду ҷура анори пеши барта садқа.
Ду ҷура анор дорӣ, ғазал мехонӣ,
Сири дили ҷурата ту кай медонӣ.

Эй бачаи куртасурхи остинкалта,
Ҷаҳдут мекунум, биё, бишӣ дар парта.
Сирои дила бигем якта-якта,
Ту сузани патифон шаву ман қарта.

Дастмоли сари дастут гули олуча,
Лаву даҳанут шаҳтути тарай, бача.
Як гав мезанум, малол нашавӣ, бача,
Малолам шавӣ, очат нобобай, бача.

Гунҷишк шавум, ҳеча кунум тори дарут,
Ду зулф шавум, ҷилва занум пеши барут.
Маҷнун ману Лайлӣ ту, кофар падарут,
Парвона шавум, чарх занум гирди сарут,

Ёри худакум заб ҳолати тангунда,
Ҳақов[1] шидай, шиштай сари сангунда,
Ҳақов нашав, нашин сари сангунда,
Сад сол гардӣ, охир занӣ чангумда.

Ошиқ мануму кира фиристум бари ту,
Ҳар кира фиристум, мешава додари ту.
Дар боғ равум, гула^фиристум бари ту,
Тарсум, ки гул ҳам нашава чокари ту,

Эй духтараки сафедаки качтоқӣ,
Ай мулки Ҳисор, ай кадум қишлоқӣ? ,

I *Ҳақов* — уқоб.

Ҳарчанд кардем, тура надодан бар мо,
Охир ки насибаи кадом пуслоқӣ.

Имшаб шаби якшанбе, ба хоби мастам,
Як лоларухе қапид зи банди дастам.
Эй субҳ, надам, ки ман ба ин гул мастам,
То субҳ дамид, гул парид аз дастам. .

Кадди ту на паст, на баланд афтодай,
Абруи ту чун мори газанд афтодай.
Муште задӣ, ёр, дар арқани дардмандум,
Мушти ту ба ҷои бозубанд афтодай.

Эй беди баланд, ишқа барҳам назанӣ,
Дар бобати ошиқӣ ба кас дам назанӣ.
Дар бобати ошиқӣ шавад хунрезӣ,
Хунора ба об шуӣ, ба* кас дам назанӣ.

Ман омадаам, ки ёри худро бинам,
Сабри дили беқарори ҳудро бинам.
Гар реза кунад теғи ҷафо пайкари ман,
Дар руи раҳаш ғубори худро бинам.

Дар ҳавлинакум як қадбаланд мегарда,
Каҷак бари ру, абрукаманд мегарда.
Гуфтум, биравум, ай каҷакош тоқа кунум,
Ду булбули маст гирди чаман мегарда.

Сабзиназанак, шумо ба ҳавли боло,
Зебиш дорад камзули бахмал ба шумо,
Пушида ягон-ягон ба пешам оед,
Ин ҷони азизи бача қурбони шумо.

Ин моҳа бубин, хиргоҳ задай осмонӣ,
Қошони акам камар задай пешонӣ.
Нумолуш дузум чорқаламӣ, пинҳонӣ,
Покиза куна арақакой пешонӣ.

Нрам омад, сайлаки боғ қарду бирафт,
Ерам омад, дилакма доғ кардӯ бирафт.
Як сол шида буд, алови дил пас шида буд,
Боз омаду оташа ба ҷон карду бирафт.

Қад-қади тагобу лолаҳои лошӣ,
Садбарги сафед, дар гуҷо хоб бошӣ.
Агар донам, ки ёри ҷонсузи манӣ,
Як лаҳза намунам, ки ту бе ман бошӣ.

Чашмат гули бодому қадат найшакар аст,
Рухсораи ту зи барги гул тозатар аст.
Дардат кашаму ғамат зи ҷон нӯш кунам,
Гӯё ки ғамат аз ту вафрдортар аст.

Биё, биравем, аз ин вилоят ману ту,
Ту дасти маро бигиру ман домани ту.
Ҷое бирасем, ки ҳар ду бемор шавем,
Ту аз ғами бекасию ман аз ғамӣ ту.

Сарчашмаю боғи булбулонай ватанум,
Хушбоду ҳавою бустонай ватанум.
Як бори дигар бод бара бар ватанум,
Дил пора кунум, ёди ғарибӣ накунум.

Оча ба Қаротегину духтар ба Ҳисор,
Оча гули арғувону духтар гули хор.
Кай боша, ки бишкана ҳаму қулфи Ҳисор,
И очаву и духтар бинан дидор.

Ай дур нигоҳ мекунум гулҳора,
Ҳавлии кушоду модари танҳора.
Эй модари чун, ту начӣ гулҳора,
И сараки тоқагит сухтай мора.

Эй очаи чон, лав-лави дарьё шавӣ-чӣ,
Монандаки моҳи нав пайдо шавӣ-чӣ?
Монандаки моҳи нав бинум рута,
Шамолои куҳистон биёра бута.

Ванҷай, Ванҷай, дӣлам хумори Ванҷай,
Гирдоби сафед ба руи оби Панчай.
Мардум мега, ки рангат ай чӣ зардай?
Бачам ай танам чудову рангам зардай.

Рав очама гу, ки духтарут беморай,
Рангуш ба мисоли каҳгили деворай.
Очама бигу, ки исту бесте накуна,
Ҷон дар кафи дасту маътали дидорай. •

Очам* бигу, бум-буми заргуш накуна,
Доғои мара дар сина сарпуш накуна.
Ман медонум, дар хона одам дора,
Одамша дида, мора фаромуш накуна.

Чиликаки борикаки мо дардмандай,
Мора ғами ҳичӣ нест, ғами фарзандай.

Мардумо меган: «Фарзанд чӣ кор меоя?»
Ин лаззати умри одамӣ фарзандай.

Куртаи дарози чилча[1] дорад очам,
Муҳои дарози химча дорад очам.
Мардум меган: «Чй айб дорад очат?» .
— Айбаш ҳамин, ки бача надорад очам.

Наълат ба касе, ки бебародар бошад,
Дар руи замин чу мурғи бепар бошад.
Доман пури зар кунию додар бихарӣ,
Ин додари зархарид чй додар бошад?!

Борони баҳору ғузаҳои лошӣ,
Э додари ҷон, ту дар кучоҳо бошӣ?
Бошӣ-бошй, соқу саломат бошӣ,
Бо гардани качи мо бадавлат бошӣ.

Эй; додари ҷун, барги гула гард кардй,
Дур афтодӣ, ранги мана зард кардй.
Дур а-фтодй, ба кӣ фиристам пайғум,
Дарди дили озурдаи худма ба кӣ гум?Г

Тарки сараме чу қоғази дафтар сухт,
Нисфи ҷигарам барои як додар сухт.
Ай сузиши дил ман қади дайро рафтам,
Сангои қади дайро сар то сар сухт.

Аз ман салом додари дурира,
Е лолаи сурх ё гули сурира.
Доим ба тифоқй ҳамдигар мегаштем,
Ҳоло чӣ кунем фироқи радурира?!

а) Ман садқа шавам бунафшаи куҳира,
Апагию хоҳарии раҳдурира.
Якчоя будем, ҷангу ҷидол мекардем,
Акнун мекашем а-зоби раҳдурира.

Як апаву ду хоҳари ҷонӣ будем,
Дар ҳасрати руи зиндагонӣ будем.
Мо гуфта будем, ҷона ба ҷон мемонем,
Чӣ медонем, дар раҳи дур мемонем?!

Соли मану соли бачаам-гӯсфандай,
Ҷони ману ҷони бачаам пайвандай.

[1] *Куртаи чилча* — куртаест аз матои хол-холак.

Мардум меган: «Бачаат чӣ рангай?»
— Чиликаку борикаку гандумрангай.

Э очаи чон, раҳаки дурум додӣ,
Ҳафт ёлара паст кардӣ, ба зурум додӣ.
Ду чоли сиёҳ ба дасти душман додӣ,
Колахур будӣ, азоби гурум додӣ.

Э зоғи сиё, гучо мерай, гушот кар,
Хавари муна ба пеши очама бубар.
Аввал рафтӣ, гирьяву зорима бугу,
Бовар, ки накард, доғои чудогима бугу.

а) Э зоғи сиё, ки меравӣ, гушот кар,
Пайғоми мана ба бачаи дурам бар. -
Аввал шину гу, ки модарат бемор аст,
Рангаш ба мисоли каҳгили девор аст.

Офтоб баромадай паси кухи Валӣ,
Ерум муи сар мондай монанди парӣ.
Гуфтум, ки: «Кучо мерай, ёр, дар саҳарӣ?»
Гуфто: «Повиска омад, мерам аскарӣ».

Афтоб задай дар таҳаки олучам,
Хат омадай ай номи аскарбачам.
Хатша бигирум, ба дида молум сад бор, •
Шодум, ки ба аскаро калонай бачам.

Болоҳаки Душанбе дуд мероя,
Аскарбачаҳо думби ба думб мероя.
Аскарбачаҳо остино барзадагӣ, •
Сесад гули аскарира дар сар задагӣ,

Акаи худум мири Дараи Севоай,
Ай бобати хувардорӣ бепарвоай^
Э акаи чон, худо духтардорут куна,
Ай ҳоли дили хувар хавардорут куна.

Барфе, ки ба тори аҕба мебора, манум,
Хоҳар, ки.-суроғи ака мероя, манум.
Ку акаи дилсузум, бигуя: «Хоҳарум»,
Дар гушаи ғарибӣ рехтай чигарум.

Он чо, ки туӣ, расидани ман мушкил,
Ай рафтани.ту ҳазор мушкил дар дил.
Ту орзуи чӣ дорӣ, э хоҳари ман,
Ман орзуи рут дорум, дидан мушкил.

Ин беди баланд соя надора, бишинум,
Акаи худум бача надора, битирум.
Подшоҳи карим, и акама те бача,
Сардас кунум, барум сарои куча.

а) Ай лаваки ов я тугмаи зар ёфтум,
Ҳайдама бите, я янгаи нав ёфтум.
Ормон дорум, янгам бикуна бача,
Акам сари даст куна, бароя куча.

Эй додари чон, ай раҳи дашт меой̄,
Рубоб сари даст, чу кавги маст меой̄.
Дар гушаи рубобут к-ашум марворй,
Пешут бумбурум, дига"чӣ ормон дорӣ?!

Фарьёд мара, ҳамеша фарьёд мара,
На хотири ҷамъу на дили шод мара.
Ку акаи шермард, ки мекофт мара,
Дар мулки ғарибиё меёфт мара.

Ма шишта будум, ки саллата мебастӣ,
То мича задум, ки ағбая бигзаштӣ.
Ҳаргиз нарава ай дили зорум сахтӣ,
У рузи ҳавои авр танхо рафтӣ.

И дашти дуроз боди сабо мебаранум,
То гирья кунум, ҷабру чафо мебаранум.
То гирья кунум фироқи раҳдурира,
Фарзанди кучоюму куҷо мебаранум?!

Не дӯсти қарин дораму не ёри бадил,
Дар мулки шумо мисоли ман неот фақир.
Дар шаҳри мусофирӣ дилам гашт хичил,
Бечораи бекасам, биё, дастам гир.

Садбарги сафеда бин, чӣ ҳоло дора,
Тағдири худора бин, чӣ коро дора.
Гуфтум, биравум, пеши фалак гирья кунум,
• Аз гирьяи ман фалак чӣ парво дора?!

а) Садбарги" сафеда бин, чй ҳоло дора,
Тақдири худора бин, чӣ коро дора.
Гул мешукуфа, лола тамошо дора,
Мо месузем, ошиқ чӣ парво дора?!

Боло меравӣ, боло шамоло дора,
Гул мешукуфа, лола тамошо дора.

Савдогара бин, молоша савдо дора,
Пурғам менола, беғам чй парво дора?!

Ма мембуруму гурум куне дар Заргар,
Бар сараки қаври ма биёя додар.
Додар чӣ куна ҳилаго дармони мара,
Кирмон бихура ду чашми бодоми мара. .

Дар туяки додарум ман ғамза кунум,
Монанди дарахти савз ман ларза кунум.
Шоҳй биёрен, арақма покиза кунум,
Лаълӣ биёрен, даҳанма бомазза кунум.

Сад ҳайфу дареғ, дашту биёбон мурдем,
Дур ай ватану чудо зи ёрон мурдем.
Як парча хате кунем ба чумла ёрон,
Дар хат бинависем, ки пурармон мурдем.

Дар руи замин як дам"дили шодум нест,
Дар руи замин гаштанум ба ёдум нест.
Э дустои шиштагӣ, маломат накунед,
Сухтай ҷигарум, куввати файродум нест. '

Як села кабутарем, пгаридем, дареғ,
Дар гардани хирманчо расидем, дареғ.
Дар гардани хирманҷо як тудаи хок,
Ай тудаи хок баҳра набурдем, дареғ.

Хезен-хезен, вахти намозай, оча,
Балниса мерам, раҳум дарозай, оча.
Балниса мерам семоҳаву серуза,
Ин қиссаи «илкасал дарозай, оча.

И руйву у руяда гулкорй кунум,
Ширинакама муллои бухорй кунум.
Ҷома бидузум,~ба қадакуш рост кунум,
Гулғунча шавум, дар туякуш бозӣ кунум. '

Ай буми баланд туша ба даст овардам,
Дар туи акам наргиси маст овардам.
Дар туи акам йаргиси маст ҳочат не,
Як ҷон доштам, дар кафи даст овардам.

Ай хуна барумадум, дидум Ғарма, ,
Поюни Қаротегин — Ови Гарма.
Чй дарде ҳалоҳале гирифтай сарма,
Ку дусти ширин, хавар куна модарма.

Сандукчаи снми заргарун*ай модар,
Ҳар шому суҳар хабаргирунай модар.
Не холаю не амма намешад модар,
Ҳар ду нарасад ба хоки пои модар.

Э куртасафед, курта муборак бошад,
Дар пушти лавут холо қаторак бошад.
Ту гуфта будӣ: «Ераки хуб мегирум»,
И фохтаки нултосак' муборак бошад!

а). Эй апаи чон, туют муборак боша,
Дар гирди чодар гулҳо қаторак боша.
Худ гуфта будӣ: «Дар туюм очам боша»,
'Ин туяки беочат муборак боша!

Борона бубин, шибӣр-шибир мебора,
Келина бубин, тухми шибит мекора.
Хуштомани хуб домода дуст медора,
Хуштомани гандара худо бардора.

Духтар-духтаре, ҳавот мастум кардай,
Хок бар сари бемолим, пастум кардай.
Моле'надорум, ки атата розӣ кунум,
Мубоф шавум, ба қади ту бозӣ кунум.

Эй духтараке, ай ту чизак металабум,
Ташнашидиям, намакчашак металабум,
Не ташнаву не гушна, не хурданӣ ов,
Дар даҳани дар як мачак металабум.

Ин бед чӣ бед, сояи бед чӣ бед,
Дар сояи бед "шиштай як салласафед.
Э салласафед, барги бедум кардӣ,
Чавон бимурӣ, ноумедум кардӣ. "

Чалам нигина, пуштаки чалам нигица,
Чалам таги ов шина, душман набина.
Душман бина,
ҳамара чанг меандоза,
Дар косаи ошиқим захр меандоза.

Эй бачаҳаке, ранги гули садбаргӣ,
Дар бобати ошиқӣ ачаб номардӣ.
Дар бобати ошиқӣ накун номардӣ,
Ошиқут манум, ту^дар кучо мегардӣ?!

[1] *Нултосак* — нултосида.

Э куртасафед, куртаат масковӣ,
Маҳтови шавай, дар у гузар метовӣ.
Дар ҳавзи кабут хайма задай мурғовӣ,
Мо ёри туем, ҷои дигар мековӣ.

Дарьё, ки калон шавад, шинояш кӣ кунад,
Ду дил, ки яке шавад, ҷудояш кӣ кунад?
Ду дил, ки яке шавад, ҷудояш мушкил,
Ҷоне, ки ба лаб расад, давояш кӣ кунад?!

Дар боғ будам, ки гул ба дарвоза гузашт,
Ду деви сиёҳу як паризода гузашт,
Ман мушк наёфтам, аз пояш дуд кунам,
Дуди дилакам ба равзани хона гузашт.

а) Дар боғ будум, ки гул ба дарвоза гузашт,
Зулфо пари зоғ, худуш паризода гузашт.
Ай бахшаки душмано накардум назаре,
Гуё ба дилум дарду алам дода гузашт.

б) Дар дашт будум, ки як паризод гузашт,
Гуфтум ба дилум, маҳваши бедод гузашт.
Абруи каҷуш рост буридум ба қалам,
Лахти ҷигарум буриду озод гузашт.

Ай дургӣ саломи кас наметонум кард,
Пайғома ба дасти кас наметонум кард.
Пайғом кунум, меган: «Девона шидай!»
Пайғом накунум, меган: «Бегона шидай!»

Муи сарта бод парешон кардай,
Ишқи ту мара бесару сомон кардай.
У хеле аввал будӣ, ҳозир нестӣ,
Гӯё ки тура кадом пушаймон кардай.

Як даста гуле аз Бадахшон моем,
Дур аз Ватану чудои дустон моем.
Дустора буген, ғами бисьёр нахуран,
Ай сафари кардагӣ пушаймон моем.

Ер шамъи дари хонаю ман парвона,
Гулғунчаи навбаҳору ман девона.
Сад бор мурам ба ҳалқаи чашмоиаш,
Мардум ҳама ошною ман бегона.

Сарчашмаи боғи булбулон хор гирифт,
Омад хабаре, ки бевафо ёр гирифт.

Гар ёр гирифт, баробари мо нагирифт,"[1]
Аз гул бигузашту домани хор гирифт.

а) Авр умаду осмуна ба як бор гирифт,
Кавг умаду дунара ба минқор гирифт.
Умад хабаре, ки бевафо ёр гирифт,
Қай шод ша^ва диле, ки зангор гирифт.

Сабзинабача, ки дилҳавой накунӣ,
Ошикат манам, ту бевафой накунй.
Ошиқат манам, дар ғамот месузам,
То марг наояд, ҷудой накунӣ.

Эй мурғи сафед, болои боми заргар,
Бачат бумбура, хонат бисуза, саъйгарЧ
Саъйгар, ба балои бад гирифтор шавӣ,
Ҳичӣ нашавӣ, як ҳафта бемор шавӣ.

Пудинаи лави ов, ниҳолум кардй,
Қаҳрӣ, ки будум, оштӣ хаёлум кардй.
Он руз гули сурх будум, ёрум кардӣ, •
Охир гули зард шудум, хорум кардй.

Пудинаи лави ов, ниҳолут кардум,
Ту зан доштай, безан хиёлут кардум.
Ту зан доштай, ай мо панох медоштай,
Як бусаи ошиқира дуст медоштай.

Моҳ мераваду ситора пас мемона,
Номарда бубин, ёрша ба кас мемона.
Номарда бигу, худакша мард бигира,
Гулғунчаи у ба хору хас мемона.

Қадоваи Балчувон санглохи дурушт,
Я товада зар коштем, я товада мушк.
Не парвои зар дорем, не парвои мушк,
И бачаи рафтагира ғамош мара кушт.

а) Болояки Мадрушкат регои дурушт,
Як теппаша гул корем, як теппаша мушк.
Як теппаша мушк коштем, ҳосил нестай,
Холои сиёи думби қошат мана кушт.

Ай раҳи боло.миёй қалам сари даст,
Ту мурғи ало шавӣ, ма қавзаи хас.

[1] *Саъйгар*—миёнарав.

Қошони сиё, руи сафедут мара бас,
Ту бисузу ма бисузум, нафаҳма кас.

Маҳтобшаб асту гул миёни хирм^н,
Хуни чигарам. бирехт дар барфи Яман.
Эй барфи Яман, ту дил надодӣ бар ман,
Сад кас ба ту хушдору бадномзада ман.

Булбулаки ҷулида гадоюд бинум,
Шарманда ба даргаи худоюд бинум.
Ту бар мани бечора ситамҳо кардӣ,
Занчира ба гардану ба поюд бинум.

Ҷонона, дар ин диёр чаро бехабарӣ,
Шабҳои дароз дар талаби снму зарӣ?
Ай моли ҷаҳон наси^би мо як кафанай,
Он ҳам ба гумон, барӣ ё ки набарӣ.

Ин хонаи рубару- зиндони ман аст,
Ин хурду калон ҳамаш нигаҳбони ман аст.
Эй хурду калон, маро маломат'накунед,
Як дарзаи оташе бар чони ман аст.

) Ин хонаи пешору зиндони манай,
Одамони ин хона раҳбони манай.
Одамони ин хона, раҳбон нашаве,
Ситамои ин хона -дар ҷони манай.

Борони баҳору дидаи намнокум,
Борон, ту бибор, савза дамад ай хокум.
Ку дусти ширин, ки савзара ов. тия,
Сад сол бизием, оқибат дар хокум. _

И моҳа бине, дар руи ов афтодай,
Бовама бине, худша ба хов афтодай.
Мегум бовама: «Ай хов бедор шавӣ-чй?»
Дар ҷигари сухтагим алов афтодай.

Дар руи раҳат мисоли гард афтодам,
Аз хурдани ғамҳота ба дард афтодам.
Ғайр аз ғами ту ғами дигар нест маро,
Хурдам ғами ту, ба раиги зард афтодам.

Дар каппаи қамишй куштан маро,
Ай ови ду дидаи ту шуштан маро.
Ай гушаи дасторут кардан кафанум,
Дар хоки хунук бе ту намонан маро.

Зорут куштан, зори ба зорут куштан,
Дар ёли мазори арчадорут куштан.
Он ҷое туро куштан, кумистонай,
Хуни ҷигарут дуроки гундушконай.

а) Он ҷое туро куштан, Ҳиндустонай,
Хуни ҷигарут хуроки гунҷишконай.
Он ҷое туро куштан, коштан ғуза,
Аз пои муборакут кашидан муза.

Ситораи равшанма куҷо кардӣ, фалак,
Субҳа ай миёнишав ҷудо кардӣ, фалак?
Моро ба фалак то қиёмат гилае,
Ай акаи ширинум ҷудо кардӣ, фалак,

•Мо чор бародарем ай бобаи пир,
Мо чор камонкашему як дастаи тир.
Дар, об шиноварем, дар ку нахчир,
Дар ҷанг баҳодурем, бар марг асир.

Мо чор бародарони раъно будем,
Ай мулки Қаротегини боло будем.
Очама бигу, гирьяю зорӣ накуна,
Ай рузи азал насиби дарьё-будем.

Офтоб баромад, сари кух ларзун шид,
Аскарбачае ба захми тир яксун шуд.
Очаш гуфт, ки: «Ҳоли бачам чун шид?>
— Бо куртаи карбосӣ ғарқи хун шид.

а) Офтоб задай, гараки кух таспон шуд,"
Мирзомуҳиддин ба захми тир яксон шуд.
• Кордуш пури хун, дастаи кордуш пури хун,
Он қади алиф, риши сиёҳуш пури хун.

. Дар гушаи қавристон гули сияҳгушай,
Ҳайфи чурам, дар ҳиҷраи рупушай.
Гуфтум, бйравум кушода бинум руша,
Ай ҳа^ли замин ғубор гирифтай руша.

Он ҷой, ки тура куштан, як мир набуд,
Дар қисаи булғории ту тир набуд.
Дар кисаи булғории ту тири кабуд,
Он кас, ки туро куштаст, бадгири ту буд.

Фарьёд зи дасти фалаки ҷомакабуд,
Ёрони маро ягон-ягон омаду бурд.

Гар одати чарх ин бувад дар олам,
Имрузу паго навбати мо хоҳад буд.

Ман хов будум таги чанори Писта,
Бедор шудум, ки нола дошт гулдаста.
Панчуш баста, панчи дигаш нобаста,
Дилгир шудум ба хонаҳой дарбаста.

а) Ман хоб будам таги чанори Писта,
Бедор нашуд ҷавонзани гулдаста.
Панчаш баста, панҷи дигаш нобаста,
Рухсора залилу абруҳо пайваста.

Болои мазор палакои пиёзум,
Поёни мазор хов акаи банозум.
Мегум, бирам, ба чинданои пиёзум,
Сухтай чигарум, намеброя овозум.

Боло бодай, хирмани боло бодай,
Мурғи дилакум ҳамеша дар фарьёдай.
Додар боша, сухбатаком оводай,
Додар нестай/умри ширин барбодай.

а) Як даста гулум дар раи Файзободай,
Мурғи дили ман ҳамеша дар фарьёдай.
Гуфтум, ки ғариб нашавй, камтар сузум,
Ғариб шудай, бо сад алам месузум.

Гул дар куза, гули калон дар куза,
Ошиқ шудам ба ёри борикмуза.
Борикмуза, банди қафас медуза,
Чашмаш ба ману ғалат-ғалат медуза.

Ёрум, ки намегирӣ, чӣ одам бощӣ,
Беаҳд;будӣ, ҳамеша дар ғам бошӣ.
Ман дар ҳаққи ту монанди най месузум,
Ту, ки насузӣ, илоҳӣ пурғам бошӣ.

Себ дар камарай, решаи себ дар камаран,
Мо месузем; рафики мо бехабарай.
Мардум мега: «И муаллим раҳгузарай»,
Оҳи дилам аз оташи дузах батарай.

Ин беди баланд дараки маълимхона,
Маълимбача шиштай, китоб мехопа.
Ду қоши сиёҳуш ба қалам мемоиа,
У мераваду ба мо алам мемона.

Себаргаву себаргаву се оби равон,
Дар минаи себарга шиштай се чавон.
Гуфтум, биравум, салом кунум ҳар сешон,
Акаи худум шиштай, мири ҳамашон.

Ай хона баромадан се духтаракон,
Ҳалимаю Салима, Рухсораи чон.
Гуфтум, ки бирам буса кунум ҳар сешрн,
Як бусаи Рухсора баҳои ҳамашон.

Имсол гирифтам аз гулистон як гул,
Мондам, рафтам чаман ба дасти булбул.
Гуфтам, ки равам, хабар гирам аз булбул,
Не буи гул асту не садои булбул.

а) Борон гирифт, додарум дар сари пул,
Тоқӣ тару локӣ[1] тар, ру хирмани гул.
Гуфтум, ки равум, рухсат гирум ай сари пул,
На буи гул асту на садои булбул. ,

Ман қади туро ба қибла тоат кардам,
Лабҳои туро ба буса ғорат кардам.
Рузе ки ҳазор бусаат мекардам,
Имруз ба як буса каноат кардам.

а) Қад-қади тагоб аз гул иморат кардам,
Руҳои туя ба буса ғорат ка'рдам.
Руҳои туя ба буса ғорат ки нашуд,
Ғамҳои туя хурда қаноат кардам.

Тоқӣ ба сарут, тоқии шоҳӣ ба сарут,
Шинум сари кучаҳо, пурсум хабарут.
Шиштум сари кучаҳо, наёмад хабарут,
Беаҳд будай, бача, биреза чигарут.

И ёри мара ай роҳ бероҳ кӣ кард,
И ёри мара бо дига ҳамроҳ кӣ кард?
Илоҳӣ бисуза хонаи ҳамроҳкун,
Ду чашми мара ба ҳар сари роҳ кй кард?!

Имруз дилам намекушояд бе ту,
Сад қанда хурам,
захр намояд бе ту.
Сад қанда хурам- ба қаҳру истезаи ту,
. Ҳаргиз нарасад ба меҳри якрузаи ту.

[1] *Локӣ* — миёнбанд.

а) Ҷомаалача, тирези остинат ман,
Сад ёра гирӣ, ёри нахустинат ман.
Сад ёра гирӣ ба қаҳру истезаи ман,
Ҳаргиз нарасӣ ба гашти якрузаи ман.

Ман санг чинам, раҳи гузар туда кунам,
Ҳар кас, ки ба боло бйравад, зора кунам.
Ин зории ман ба гуши ёрам нарасад,
Ханҷар гирам, руи ҷигар пора кунам.

а) Санчил[1] бичинум, гузар-гузар туда кунум,
Адрас бихарум, ба акама ҷома кунум.
Адрас чандай, баҳои адрас чандай,
Ин рафтани акаҷонма соли панҷай.

Шабҳо ҳама шаб дарди туро нола кунам,
Дар кунҷи лаҳад ёди ту, ҷонона, кунам.
Баъди сад сол агар ба хокам гузарӣ,
Буи ту ба ман расад, кафан пора кунам.

Ҳар гаҳ чамани куи туро ёд кунам,
Сад оҳу фиғон аз дили ношод кунам.
Дур аз гули руи ту чунонам ки дигар
Булбул шаваму ҳазор фарьёд кунам.

Пеши хонат оби равонай, духтар,
Сар то қадамат нуқрагиронай, духтар.
Ҳарчанд қалинги ту гаронай, духтар,
Шоҳбача ба, пеши ту ғуломай, духтар.

Эй духтари ҳамсоя, аҳволи ту чист,
Бе бусаву бе канор шаб ёри ту кист?
Шаб ёри ту мо будем, дур афтодем,
Баъди сари мо ёри вафодори ту кист?!

Рафтӣ ба ғарибӣ, ғамот кушт маро,
Кардӣ ба даруни дил фаромушт маро.
Не хати хушат омад, не безорит,
Ин кинаи дусту душмано кушт м.аро.

Дар лаваки ов буттагули хор манум,
Давушта баланд нагир, аламдор манум.
Давушта баланд нагир,
дилум месуза,
Ай ҷигари сухтагит хабардор манум.

[1] *Санчил* — сангреза.

Дусто, ҳаматун шиштеи, ғарибум карден,"
Аз мулки падар бенасибум карден.
Аз мулки пидар пугоҳи мардон хестем,
Чашмо пури ов, ду дида гирьён хестем.

Ҳаргиз нагирад шохи сафедор ангур,
Ҳаргиз нарава меҳри ту аз дилам дур.
Ту куббаи зар шавӣ дар Хучаи Нур,
Мо санги фалахмонем, афтодем ду‖Г.

Аз дур ба ман бас аст як дидани ту,
Монанди гули сафед хандидани ту.
Мардум ба саломи иди Одина раванд,
Сайли ману Одина як дидани ту.

Дар даҳани дарвоза аминат кардам,
Ба дастаки бозорчӣ таъинат кардам.
Ба дастаки бозорчӣ таъинам нарасид,
Андеша ба қадди нозанинат кардам..

Очат, ки тура мезад, ман медидум,
Дар гушаи бунг чу мор мепечидум.
Гуфтум, биравум сараки химчаша гирум,
Ай очаи бадфеъли ту метарсидум.

Як ёр доруме, дар ёлаҳой Ёвонай,
Даҳмардаи харсувори гуспанбонай.
Очама мегум: «Ҷаҳтуш куне, меҳмонай»,
Очам мега, ки қалуғбачаи ҳайвонай.

Ин раҳои Файзобод регча-регча,
Омадану рафтаном барои очa.
Очам мега: «Ғам нахур, сиёҳпича»,
Ман ғам нахурум, диёри ғайрай, очa.

Болои сарум ағбаи барфай, очa,
Поёнаки пом кулфату ғамай, очa.
Очам мегае: «Ғам нахур беҳуда»,
Мо ғам нахурем, ғамхур надорем, очa.

Мо.кабгонем, ҳечаи мо дар камарай,
Мо беморем, очаи мо бехаварай.
Очама бигу, куртаи ғам пора куна,
Шав дар таи сар монаву руз нола куна.

Эй очаи чон, обу адоюм накунӣ,
Хушкардама мегирум, дуоюм накунӣ.

Хушкардама мегирум, ба сад кавлу қасам
Мо кавкаки қушаем, чудоюм накунӣ.

Ситораи осмон будум, канда шудум,
Ман духтари беоча будум, ганда шудум.
Духтарои очадор дар шохи заррин,
Ман, духтари беоча, сарум хам ба замин.

а) Мо духтари беоча, сар дар қафасем,
Духтаро оча меган, мо дар ҳавасем.
Духтарои очадор дар шохи заррин,
Мо, духтари беоча, шудем хоки замин.

Аз хона баромадум чунбон-чунбон,
Хафабанди сабз дорум, миёнаш марчон.
Очам мега: «Кучо мерай, духтари чон?»
Дастум суни дарвоза, саломи акачон.

Аз хона баромадум чунбон-чунбон,
Хурдам ғами дуньёира, рангум зардай.
Рангум зардай, ранги рухонум зардай, '
Бегона чӣ дона, дар дилум чанд дардай.

Эй чархи фалак, ситам-ту бар мо кардӣ,
Моро ба чахон ғарибу танҳо кардӣ.
Коре кардӣ, ки душмано шод шуданд,
Кофар накунад, ту дар ҳақи мо кардӣ. ,

Дар хонаи уругӣ чароғ месуза,
Дар руи дилум пилтаи доғ месуза.
Ку дусти ширин, пилтаи доға бикуша,
*То даври қиёмат чои доғ месуза.

Бача-бачае, дилма ҳавоӣ кардӣ,
Сандуқи дилма пур ай рубоӣ кардӣ.
Сандуқи дилум пур ай рубоӣ нашуд,
Бегона будӣ, аҳди чудоӣ кардӣ.

Ман байта намедонум, рубоӣ мегум,
Сесад ғазала бахри чудоӣ мегум.
Майли дилатон, ёдум куне ё накупе,
И байта барои ёдгорӣ мегум.

Дар лаваки ов булбули хушхон мана"м,
Бо ҳар сари санг лаъли Бадахшон манам.
Мардум гули сурха дар баҳорон бинан,
Садбарги шукуфтаи зимистон манам.

Эй ҷураи ҷон, маҳтова шинунда биё,
Занҷири дари чорбоға ларзунда биё.
Занҷири дари чорбоға ларзунда нашуд,
Ин хотири як ҷурара ранҷунда нашуд.

Булбул шудамо, ту ғунча дар боғ шудй,
Ман лола шудам, дар назарам доғ шудй.
Ман, бачаи нодон, ба фироқи руят, .
Кафтар шудамо, ту ҳамдами зоғ шудӣ.

Нашми ману абруи ту тоқ афтодай,
Ду булбули ҷулида тифоқ афтодай.
Ду булбули ҷулидаю як қумрии маст,
Суданамаке ки дар кабоб афтодай.

Ту тут бошӣ, такья ба тутут бошум,
Дар таҳаки кастуни кавутут бошум.
Дар таҳаки кастуни кавут ҳоҷат нест,
Ман садқаи ваъдаҳой дуруғут бошум.

ё
Ёрум ба сини Кулоб меҳмонӣ рафт,
Доғоша ба ман мондаку пинҳонӣ рафт.
Гуфтум, биравум, савдоша баргардонум,
Ҳайфи гули қиматум, ба арзонӣ рафт.

Зашмон дорӣ мисоли кавги даштй,
уи падарут оиёҳ, ки ай мо гаштӣ.
Гаштӣ-гаштй, ба чан касо дил бастӣ,
Мурғовӣ шудӣ, гирди сарум гирд гаштӣ.

'Аз дур сиёҳӣ мекунан чашмонут,
Андар назарум мисли садаф данданут.
Кавле кардай, бо сари қавлут бошӣ,
Бадқавлӣ кунӣ, Каломи ҳақ дар ҷонут,

а) Ай дургӣ сиёҳӣ мекуна чашмонут,
Монанди садаф сафедиҳой дандонут.
Куҷое равӣ, меравум ай дунболут,,
Килиғут ҳамин боша, намешам ёрут.

Саҳнаи баланду кафтарой парвозӣ,
Ошиқ щудам ба духтари дарвозӣ.

Ин духтари дарвозира танҳо созӣ,
Ду чашми сиёҳ ба миҷа дора **бозй.**

Рафтум ба сари болин, ки ёрум ховай,
Миҷа мезана, чашмой сиёш пуровай.
Гуфтум, биравум, ёракма бедор кунум,
Дамуш назанен, ки булбули маст ховай.

Як ёр дорум, аз гузари Шугновай,
Лабу даҳануш пудинаи серовай.
Гуфтум, биравум, катиякуш роз бигум,
'. Аммочӣ кунум, нозанин дар ховай.

Маҳтобшаб асту ман ба саҳро ҳар шаб,
Дуди дили ман чу мавҷи дарьё ҳар шаб.
Ту бар сари давлативу корат.ба ривоҷ,
Ман мунта^иру ғарибу танҳо ҳар шаб.

в) Маҳтобшаб асту ман ба саҳро ҳар шаб,
Дуди дили ман ба мавҷи дарьё ҳар шаб,
Осуда туӣ, ки ёр дар бар дорӣ,
Носуда манам, ғарибу Танҳо Ҳар шаб.

Ин бачаи шиштагира чашмонаша бин,
"Бозгашта нигоҳ кардани ҳайронаша бин.
Ин бача агар аҡлу тамиз дошта боша,
Шабнамзадаи гирди гулистонаша бин.

Қаде, ки ту дорӣ, зираро роҳе нест,
Руе, ки ту дорӣ, дар фалак моҳе нест.
Ҳарчанд гаштум миёни узбеку дазоқ,
**Мисли ту** санам ба ҳеҷ хиргоҳе нест.

Кутал қуша, миёни кутал қуша,
Мо марди мусофирем, надорем туша.
Мо марди мусофирем, арз омадаем,
Серуза раҳа ба тарсу ларз омадаем.

Э беди баланд,.ки шохакот дугуша,
Духтара бубин, ки шишта гов меҷуша.
Сарй беёрут боша, бидеҳ як буса,
Қасти[1] сафарум шидай, надорум туша.

Қад-қади тагобу мераванд сурху сафед,
Руҳота газам, ҷувонзани латтасафед.

. I *Қаст* — максад, ният.

Эй латтасафед, латта қафо мекунӣ ту,
Ин ҷавра ба ҷони мо чаро мекунӣ ту?

Дурем зи якдигар, чудоем, эй чон,
Наздик ба ҳамдигар кай оем,эй ҷон.
Рузе ки никоҳи осмонӣ бирасад,
Мову ту ба як курпа дароем, эй чон.

Дар гушаи бом шинию албон ба сарут,
Ду қуша анор афтод дар пеши барут.
Гуфтум, биравум, арзӣ ба пеши падарут:
«Арзи ма ҳамӣ, ки ҳушма бурдай духтарут!»

а) Эй ҷураи чон, ай ҳад гузаштай аламут,
Ҳушма бурдай қошои сиёҳи қаламут.
Дастакта гирум, барум ба пеши падарут:
«Арзут кунуме, ҳушма бурдай писарутЬ.

Дар пеши дарут гули анори дубара,
Дар руи сафед холи сиёи дусара.
Ошиқи ҷигарсухта, дилозори ту ман,
Болишти таги сарам сангои дара.

Ина раҳи качмакаҷ, ина раҳи рост,
Ҳаргиз нарава каҷмакаҷак бо раҳи рост. \
Мардум мега: «Каҷмакаҷак ёри шумост»,
Шояд ки дуруғи мардумо гардад рост.

а) Дар қадаки дарвоза чӣ истодаӣ рост,
Ақли тура кӣ бурду ҳушут ба куҷост?
Мардум меган: «Ҳамӣ бача ёри шумост», '
Шояд ки дуруғи мардумо гардад рост.

б) Эй миҷакачу абрукаҷу мичгонрост,
Раҳ рафтани ту миёни сад кас пайдост.
Мардум меган, ки: «Майдаяк ёри шумост»,
Гар ёраки мост, бахти мову давлати мост.

Чинора бубин, барги Сулаймон дора,
Сабзиназанак шоли Зарафшон дора.
Гуфтам, биравам, дар бағалаш бозӣ кунам,
Дар сараки раҳ ҳазор раҳвон дора.

Оҳу ба сари куҳи баланд лола чарид,
Ин куртаи ёр мисли гули лола дарйд.
•Мардум меган: «Куртаи ёр бахчӣ дарид?»
Ч,онона кашиду мо кашидему дарид.

Тангкуча дароз, миёни тангкуча дароз, ' - .
Ҳар ду хоҳарон шиштан бо муи дароз.
Хурдаш — гули арғувон, калонаш — гули ноз,
Ман банда ба арғувон, ғуломи гули ноз.

— Мурғак, ба сари чашма чӣ кор омадай,
Ё гушна шудӣ, ё ба шикор омадай?
— Не вушна шудам, не ба шикор омадаам,
Девона шудам, аз ғами ёр омадаам.

а) Мо кафтаракем, ай раи Роғ омадаем,
Ташна шудаем, хурдани об омадаем.
Не ташнаю не гушнаю не хурдани об,
Дилгир шудаем ёра суроғ омадаем.

Аз куи баланд, чура, ба об омадай,
Пурсидани дилҳои хароб омадай.
Кузата бимон, биё, бишин дар пешам,
- Ҳарчанд ба кори изтир.об омадай.

Чашмат аҷабай, гушаи чашмат аҷабай,
Ҳар кас ки тура бидид, насузад, аҷабай.
Булбул ба^қафас-қафас миёни оташ,
Қафас сузаду булбул насузад, аҷабай.

Эй беди баланд, навдаи хамта садқа,
Роғунибача, қади баландта садқа.
Мо қади туро дидем, хушдор шудем,
Бо таънаи духтаро гирифтор шудем.

Дар пуштаки мактабо гандум коштум,
Дар даруни мактабо дугона доштум.
Гандума дурав кардум, нестай саракуш,
Дугона суроғ кардум, нестай даракуш.

Хезен, хезен, нигоҳ кунен поёна,
Ин куртасафеди лави новардона.
Гуфтум, ки равум, ҷаҳтуш кунум меҳмона,
Монуш, бурава, бачаи гапгардона.

Аз хона баромадӣ, ба долон гаштӣ,
Долона баромадӣ, ба майдон гаштӣ.
Кач мондани тоқиат надорад айбе,
Ошиқ шудию зуд пушаймбн гаштӣ.

Кошке ки намешуд хонатон дар гузарум,,
Кошке ки намедидум, намесухт ҷигарум.

Хар боре ба суи хонатон менигарум,
Ов ай ду дидам реза, хун ай чнгарум.

Ман садқаи ту, садқаи ту, садқаи ту,
Ман садқаи абрувои пайвастаи ту.
Мардумоҳама сиву ду руз руза гираи,
СиВу ду рузум садқаи як бусаи ту.

Мав садқаю. ман садқаю, ман садқаи ту,
. Мая садқа ба у қошои пайвастаи ту.
Ай ёрум чудо шудум ай бахшаки ту,
Хок бар сари ошиқии дурузаи ту.

Даҳани дарат бутта задай кокутӣ,
Ошуқ шудам ба бачаи сияҳлутӣ.
Кокутӣ биёр, ошакум явғонай,
Сад ёр гирӣ, ба пешакум ҳайронай,

Э аспи сиё, маро ба боло барӣ-чӣ,
Қамчин бизанум, ба таҳти дарьё барӣ-чӣ?
Нуқра бихарум, сумбота гулкорӣ кунум,
Як бори дигар пеши рафиқо барӣ-чӣ?!

Ай руваки бом тугмаи зар ёфта манам»
Шаҳбози сафеди резапар кофта манам.
Худ гуфта будӣ: «Дар ин чаҳон якка манам»,
Ту зиндаҳаёт, ёри дигар ёфта манам.

Ту меравию ман тура кай ме(?инум,
Дар ҳавлии гаштагит пай мебинум.
Дар ҳавлии гаштагит пай дида нашуд,
Овозта дар нолиши най мебинум.

Эй чураи найнавозу найовозум,
Ман най бихарум, туро ба най бинвозум.
На овози най расаву на овозум,
Ман дарди туро чӣ гуна дармон созум?!

Ёрум ба дара, худум-45а болои дара,
Ёрум гули сурх, худум анори дубара.
Ҳар касе мана ба пеши ёрум бубара,
Нумол метиюм, ғучумша шамол бубара.

Шабҳо ба ситораҳо равад нолиши ман,
Аз оби ду дида тар шавад болиши ман.
Эй дӯст, биё, ту бар сари болинам,
Дида рухи дӯст, кам шавад нолиши ман.

Қадди ту алифу қомати ман долай,
Як лаҳза чудогиат баром сад солай.
Ҳарчанд қасам хурдам, бовар накунӣ, -
Ин чеҳраи зарди ман гуво^ҳи ҳолай.

Ошиқ ману.му не шав қарорум не руз,
Ошиқ шудуме ба сузани бахмалдуз.
Сузан гиру ришта гиру чашмонума дуз,
То кур шавум, пешут бишинум^шаву руз.

Эй гулбадани бадангули гулдаста,
Ними ҷигарам бо ҷигарат пайваста.
Ҳар кас ки маро аз ту чудо мехоҳа,
Баргашта биё, дари чудогар баста.

N

Чормағзи дари ҳавлита баргуш майда,
Ин душмана бин, дар паюм мегарда.
Рав, душмана гу, ки давру даврон накуна,
Оҳе мекашум, хоки замин мегарда.

Имруз мусофирем дар шаҳри шумо,
Пуга биравем, ғаниматай руи шумо.
Пуга, ки мерем, ғаниматиш мемуна,
Ҷидокуни мо дар охират дармуна.

Кулоб ғариб, сарҳади Кулоб ғариб,
Бемор шудем, ба сар надорем табиб.
Ку падару ку модару ку хеши қариб,
Бегона чӣ донад, ба кучо мурд ғариб.

Чинора бубин, барги парешун дора,
Мулки падарум лоиқи хешун дора.
Хешунма бигу, пур ғарибум накунан,
Ай дидани рушун бенасибум накунан.

Ай дурии дуриҳо чу най месозум,
Монандаи чуби тар ба нам месузум.
Ай гардиши чарх, ай ситамҳои фалак,
Билло ба худо, ба сад алам месузум.

Ёрам тую чонам тую ғамхорам ту,
Дорам ҳама дам умеди бисьёр аз ту.
Ту чала бихар, дасти маро нур андоз,
Сад сол гузарад, ёри вафодорам ту.

а) Ерам тую ҷонам тую ғамхорам ту,
Дорам ҳама дам умеди бисьёр аз ту.

Гар мемурам, пояи тобутама гир,
Хушнуд шаванд халқои олам аз ту.

Бача-бачае, дар дили зорут садқа,
Дар гардиши чашмои хуморут садқа.
Ту гуфта будӣ, ки ҳардумон ёр шавем,
Дар гардани качҷи интизорут садқа.

) Духтар-духтаре, дар дили зорут садқа,
Дар гардани качҷи интизорут садқа.
Тӯ гарданта качҷ нахӣ, ёрут мешам,
Дар пеши бари силсиладорут садқа.

Э яктасафед, музаҳот мирзоӣ,
Бо қади алифи ту шудум шайдоӣ.
Э яктасафед, яктаат қарк[1] шудаст,
- Ай мун чӣ шунидӣ, дилут сард шудаст?

Духтар-духтаре, дасмонаҳо дар дастут,
Моро мекуша қошои сиёҳи мастут.
Моро накуша қошои сиёҳи мастут,
Садсола умри ширини ман дар дастут.

Ин себаки сурхинум сузанзадагӣ,
Як ёраки хуб дорум, дар банд задагӣ.
Дар банд назан, чура, халосут мекунум,
То уне ки чон дорум, талошут мекунум.

Аз боло миёй, тоқии чустӣ ба сарут,
Делоҳои таҳкардаи руи усталут.
Чашмаким бикун, омада шинум да барут,
Ёрум, ки намегирӣ, бирeза ҷигарут.

Ҷононаву ҷонона, ҷононаи ман,
Ҷаҳдуд кардум, намеравӣ хонаи ман.
Ту кабги ҳаросонӣ дар и бомаки ман,
Ту сур шидӣ, намечинӣ донаи ман.

Офтоби сари қалъа сияҳтобам кард,
Ишқи духтари мардум ба ин ҳолам кард.
Ишқи духтари мардум илоҳим сузад,
Охир ба балои бад гирифторам кард.

Ман беди туюм, такья ба беди дигарӣ,
Ман ёри туюм, ошиқ ба ёри дигарӣ.

[1] *Қарк* — ифлос.

Мо қавлу қасам кардём бо ҳамдигарӣ,
Ин қавлу қасам дуруғ, ба пеши дигарӣ.

) Ту себи манӣ, соя ба боғи дигарӣ,
Ту шамъи манӣ, нури чароғи дигарӣ.
Ғамгин манаму ту ғамгусори дигарӣ,
Бадном манаму ту дар канори дигарӣ.

Ерум, ки намегирӣ, дилозор накун,
Бахти аввалут мешам, мара хор накун.
Ҳар нохалафе ба пешакут бад гуя,
Зинҳор ба гуфти нокасон кор накун.

Ин дашти дароз рафтани ёр хуш аст,
Садбарги сафеди резапардоз хуш аст.
Гар ёр гирӣ, ёри вафодор хуш аст,
Ин ёри вафодор ба гулзор хуш аст.

Ман садқа ба қади на баланду пастат,
Ман садқа ба қошони ба ҳам пайвастат.
Он рӯз чӣ рӯз аст, ки бинем дидор,
. Гулдастаи ишқро диҳам бар дастат.

Ин дашти дарбзу осиёбгардонум,
Навбатум бите, ёр омадай меҳмонум.
Табақуш кунум, дар пешакуш бимонум,
Дар қошои пайвандиш бароя ҷонум.

Ёракма бигу, ки бемаломат боша,
Ай мо, ки чидо шидай, саломат боша.
Ай мо, ки чидо шидай ба лавзи мардум,
-Рузе ки чидо шидай, қиёмат боша.

) Имсол чи солай, пурмаломат боша,
Аз ерам чудо шудам, қиёмат боша.
Аз ёрам чудо шудам, дилам месуза,
Ҳар чо боша, ёрам саломат боша.

Қаддум зира, тамоми қаддум зира,
Кошке ки намекардум ошиқира.
Дар сар бастум нумоли бадномира,
Бача овардай духтари қишлоқира.

Эй бачаҳаке, пуштта ба дар мемонӣ,
Ай сухтани дил сина ба ях мемонӣ.
Аҳде, ки худат кардай, худат медонӣ,
Охир ту мара миёни раҳ мемонӣ.

Эй чураи чон, ҳайфи ҳамун давронмон,
Ситора баланду шиштаной ҳайронмон.
Душмано намонд, бушкана ормонмон,
Хок бар сари душманони гапгардонмон,

Ай хона баромадӣ, гули лолаи ман,
Бо кас манишин, ки мекафа талхаи ман.
Мардуми чаҳон барои ту душмани ман,
Сузад дили душманою равшан дили ман.

Кабгут бигирум, кабутарут ном кунум,
Худма ба ту, бевафо, чӣ бадном кунум?!
Ту кабги рамидаию дар ҳар сари роҳ,
Ман дона тиюм, туро ба худ ром кунум.

а) Кӣбгут бигирум, кабутарут ном кунум,
Худма ба ту, бевафо, чӣ бадном кунум?
Бадномзадаи куи ту кардан мора,
Шояд ки ба як ханда тура ром кунум.

Бача ба даруни боғ сар паст мекард,
Оташ ба даруни дил алангаст мекард.
Кашидани тамокуву сар додани дуд,
Кач мондани тоқиш маро маст мекард.

Чононаи чон, мисоли ман зор шавӣ,
Монанди дилум хаставу афгор шавӣ.
Тиреро задӣ рост миёни чигарӯм,
Дар чигари худ занӣ, хавардор шавӣ.

а) Бача-бачае, мисли манӣ зор шавӣ,
Мисли мани паршикаста афгор шавӣ.
Доғе ту ниҳодай даруни дили ман,
Дар синаи худ бимон, хабардор шавӣ.

Эй дил, ки давидию давидӣ, бас кун,
Дар муи сарат сафедӣ дидӣ, бас кун.
Ҳарчанд давидӣ аз паи лоларухон,
Аз лоларухон чизе надидӣ, бас кун.

Муят гулу руят гулу дар сар задӣ гул,
Раҳ гаштани ту мисоли ларзидани гул.
Дар боғ равӣ, бишинӣ дар сояи гул,
Муҳточ шавам барои як дидани гул.

Ман хоб будум, ки ёр омад саҳарӣ,
Пушида либоси савз монанди пари.

Гуфтумуш: «Кучо мерай, эй кабки дарӣ?
- Хабари мара ба пёши дустон бибарй». •

Зулфи сияҳат, ки мекунад маст маро,
Дил мекашаду намерасад даст маро.
Гуфтам, ки ба куи ошиқӣ сад тавба,
То дида бидид, тавба бишкаст маро.

Фарьёд, ки як умр гадоем, дареғ,
Борони баҳору бебаҳорем, дареғ.
Сад сол агар умр вафогӣ бикунад,
Охир, ки чудоему чудоем, дареғ.

Ситора далелу мо далелем, дареғ,
Дар шаҳри мусофирӣ ғарибем, дареғ.
Дар шаҳри мусофирӣ ғариб бисьёрай,
Гӯё ки ғарибу мунтазирем, дареғ.

Эй бор худо, маро чаҳонгард накун,
Аз бахри тамаъ ранги маро зард накун.
Аз баҳри тамаъ ранги маро зард кардӣ,
Муҳточи дари хонаи номард накун.

Доро, ки шароб мехӯрад, мегузарад,
Сад нуқлу кабоб мехӯрад, мегузарад.'
Бечора ба косаи гадой нонро
Тар карда ба об мехӯрад, мегузарад.

Ғам гирди сари пурҳунарон мегарда,
Шодӣ ба дили бехабарон мегарда.
Ҳар кас ки дар ин чаҳон суханфаҳм нашуд,
Ҳайвонсифатай, гирди чаҳон мегарда.

Дуньё ҳама ҳеҷ, кори дуньё ҳама ҳеч,
Ин салтанати боғу ҳарамҳо ҳама ҳеҷ.
Дурузаи умри худ ба шодӣ гузарон,
Рузе ки ачал расад, аламҳо ҳама ҳеч.

Дуньё барбод, кори дуньё барбод,
Лаънат ба касе, ки дил ба дуньё медод.
Ҳар кас, ки ба ин хирмани мо орад ру,
Коҳаш ба замин резаду донаш бар бод.

а) Дуньё барбод, корои дуньё барбод,
Наълати касе, дилша ба дуньё медод.
Дуньёталабо дар ҳаққи дуньё мурдан,
Мақсадталабо чон ба саломат бурдан.

Исторашабасту мо шабистон мурдем,
**Ёрон ҳама** ҷамъу мо парешон мурдем.
Ёрон ҳама дар роҳи аҷал мемурданд,
Мо дар раҳи орзуи ёрон мурдем.

Дуньё ба мисоли одами раҳгузарай,
Андар дили ман ҳазор фикри дигарай.
Гуфтам, ки бароям ба тамошои ҷаҳон^
Дидам, ки тамошои ҷаҳон даргузарай.

Дуньё й ба мисоли тири партофтанист,
Дар ковиши у машав, ки ноёфтанист.
Ҳар чиз, ки ҷуӣ, бозьёбӣ осон,
Чуз суҳбати дустон, ки ноёфтанист.

а) Дуньё ба мисоли тири партофтанист,
Одам ба мисоли чизи ноёфтанист.
Ҳар чиз талаб кунӣ, биёбӣ ба ҷаҳон,
Фарзанди падар меваи ноёфтаиист.

Намози шом ғарибӣ рух ба ман тсард,
Дилам ҷавлун заду ёди ватан кард.
Намедонам, падар кард ё бародар,
Маро гушанишини ҳар ватан кард.

Биродарҳо, шумо бошен саломат,
Қи мо рафтем ай ҷавру маломат.
Худо хоҳад, биёем ё наёем,
Ватан дар гуру ваъда дар қиёмат.

Шамолак мезанад бо барги гандум,
Мусофир гаштаям дар шаҳри мардум.
Мусофирӣ маро дилгир кардаст,
Фалак бар гарданам занҷир кардаст.

Фалак доду фалак доду фалак дод,
Фалак аз дасти ту сад доду бедод.
Аз он рузе, ки тақдир менавиштанд,
Қалам дар бахти ман ёрӣ намедод.

Ало духтар, ки дар шаҳри шумоем, ;
Ғарибу бекасу беошноем. '
Чилимро тоза кун баҳри мусофир,
Қи имшаб инҷаву фардо' куҷоем?1 !

Ба ёрон алвидоъ гуфтему рафтем,
Ба ҷону дил дуо гуфтему рафтем,

Ҳамон ёре, ки бо мо дошт улфат,
Нигаҳвонаш худо гуфтему рафтем.

Сари кӯҳи баланду дав-давонам,
Ка"мон бар китфу ханчар дар миёнам.
Илоҳо бишкана дасти камонсоз,
К-аз ин дасти камон бехонумонам.   .

Фалак, дидӣ, ки бар чонам чихо кард,
Ғами олам насиби ҷони мо кард.
Ғами олам ҳамаш реги биёбон,
Фалак барчиду дар домони мо кард.

Сари кӯҳи баланд як тори гандум,
Ғарибӣ мекунам дар шаҳри мардум.
Ғарибӣ карда-карда тор гаштам,
Миёни дӯсту душман хор гаштам.

Сари сарчашма рафтам ман ба вахте,
Ба оби дида биншондам дарахте.
Шамол омад, дарахтам решакан шуд,
Мани мискин надорам ҳеч бахте.

Кафас тангай, наметонум парида,
Ватан дурай, наметонум расида.
Агар мурғи ҳаво ояд ба сӯям,
Зи аҳволи шумо дар чустучӯям.

Ситора дар ҳаво кабки зарин аст,
Худам ангушттарин, ёрам нигин аст.
Худовандо, нигинамро нигаҳ дор,
Ки ёри аввалу охир ҳамин аст.

Чӣ шаб, маҳтоб дорад ё надорад,
Ду чашмат хоб дорад ё надорад?
Ҳамон себе, ки дорӣ, ёр, дар даст,
, Надонам, об дорад ё надорад?!

Сари куҳи баланд, ёр, манзилат нест,
Муҳаббатҳой аввал дар дилат нест.
Ма курбони муҳаббатҳои аввал,
Фаромуш кардаӣ, дар хотират нест.

Агар сузан шавӣ, торат намешам,
Агар ошиқ шавӣ, ёрат намешам.
Агар бозор равӣ, худро фурушӣ,
Ба ҷону дал харидорат намешам.

Ғубор омад, аброра панокард,
Чита золим мара ай ту ҷидо кард?
Чита золими габри номусулмон
Мара муҳтоҷи дидори шумо кард?!

а) Қади пасти туро девор пано кард,
Кадом золим маро аз ту ҷудо кард?
Кадом золим, кадом хонахаробе
Ма.ро аз ёри худ зиндаҷудо кард?!

Дилв дорам, дили носуда дорам,
Хаёли зинда, доғи мурда дорам.
Хаёли мурдаро хости худо буд,
Ҷудои зиндаро тоқат надорам.

Маро дар куча диди̣, ханда карди̣,
Ба сад нозу карашма банда кардӣ.
Накарди̣ аз таҳи дил ошноги̣,
Ба назди ҷураҳо шарманда карди̣.

Ду-де руз аст, ки буи гул наомаД,
Садои хондани булбул наомад.
Равед, аз боғбони гул бипурсед,
Чаро булбул ба пешӣ гул наомад.

а) Шаби маҳтоб хоби ман наомад,
Задам фарьёд, ёри ман наомад.
Задам фарьёд ба гуши боғбонон,
Чаро булбул ба сайри гул наомад.

Нигори нозанини аҳли дардам,
| Сарамро гар бури̣, аз ту нагардам.
/ Сарамро гар бури̣ бо ханчари тез,
Ба хун ҷавлон занам, гирди ту гардам

Диле дорам, ки аз султон натарсад,
Зи банди кундаву зиндон натарсад.
Дили ошиқ мисоли гурги гушна, •
Ки гурги гушна аз чупон натарсад.

Агар боди сабо пайдо намешуд,
Даҳони ғунчаи гул во намешуд.
Агар Лайлира медодан ба Маҷнун,
Дар олам ошиқи̣ расво намешуд.

— Лабат қанду даҳонат лонаи канд,
Харидорат манам, кимат бигу, чанд?

— Агар гуям баҳои ростиро,
Хуросрну Бухорову Самарқанд.

Нигоро, ту гули сурхи.ю ман зард,
Ту аз шодӣ шукуфию ман аз дард.
Биё, он сурхгул бо зардгул неҳ,
Ки дар боғ ин ду гул бо якдигар беҳ.

Алиф будум, зи ишқут дол гаштум,
Кулоҳ пушидуму абдол гаштум.
Гуле будум миёни тозагулҳо,
Ғариб афтодуму чун хор гаштум.

Илоҳӣ ошиқи зори- ту бошам, '* •
Ба ҳар куча харидори ту бошам.
Агар рузе дусад борат бубинам,
Ҳануз муҳтоҷи дидори ту бошам.

Илоҳӣ мисли ман бе ёр бошӣ,
Ба ранг зарду ба тан бемор бошӣ.
Шунидам ёри нав дар бар гирифтай,
Ба ҳар паҳлу бигардӣ, хор бошй.

Илоҳе то ҷиён бошад, ту бошӣ,
Замину осмон бошад, ту бошӣ,
Замину осмон бар ман-чй ҳоҷат,
Дуогӯи ту бошам то қиёмат.

Дилам ғам дораду ғам дорад имрӯз,
Миёни лола шабнам дррад имрӯз,
Намедонам, бигирьям ё бихандам,
Ки ёрам қасди рафтан дорад имрӯз.

Кадат хиргоҳу муят банди хиргоҳ,
Ба гулчинӣ биёй, ҳар саҳаргоҳ.
Ба гулчинй биёӣ, гул наёвӣ,
Ту дар киштӣ, ки мо дар мавҷи дарьё.

Нигоро, як шабе ёдам накардӣ,
Ба пайғому салом шодам накардӣ.
Ба мактабхонаи ишқи ту будам,
Сабақ додиву устодам накардӣ.

Шаби шанбе, ки кайко мезанан н«ш,
Биё дилбар, ки дар пешам касе нест.
Илоҳо бишкаста дасти намадрез,
Намад тангай, ки ҷои дилбарам нест.

Шаби шанбеву бехобӣ кашидум.
Чилими нукрагӣ холӣ кашидум.
Чилими нукрагӣ, дасташ биринҷӣ,
Зи ёри камбуғал хорӣ кашидум.

Гули сурху сафеди арғувонӣ,
Ба ҳуснат мекунам ман боғбойӣ.
Гули сурху еафед ай мо рамидай,
Ягон ҳарфи баде ай мо шунидай?

Гули сурху сафедам — ҳар ду лола,
Ба чашмони ту дорам оҳу нола.
Агар як шаб шавӣ меҳмон ба пешам,
Худам соқӣ шавам, чашмам пиёла.

Гули сурху сафеди қандаҳорӣ,
Миёни сад ҷавон обру ту дорӣ.
Миёни сад ҷавон бошӣ саломат,
Дуогуи ту ҳастам то қиёмат.

Кабутарбаччаи сабзи ҳавоӣ,
Мйёни мрву ту кардан ҷидоӣ.
Ҳамон кас, ки чидоиро бино кард,
Саҳар хезад, хурад тири ҳавоӣ.

Диле дорам, ки беҳбудӣ надора,
Насиҳат мекунам, суде надора.
Ба бодаш медиҳам, кай мебарад бод,
Ба оташ мезанам, дуде надора.

Ба мактаб ҳамсабақ будем, дугона,
Ба хӯрдан ҳамтабақ будем, дугона.
Маро беболу пар кардӣ, дугона,
Дарахти бесамар кардӣ, дугона.

Ало духтар, ки рафторат марокушт,
Садои кафши булғорат маро кушт.
Садои кафши булғорат чӣ бошад,
Ду холи[4] зери рухсорад маро кушт.

Ало духтар, ду хол дорӣ ба рӯят,
Туро лоиқ набинам ман ба шӯят.
Дуое мекунам, шӯят бимирад,
Ки як лаҳза нишинам рӯ ба рӯят,

Азизам, аз лабат бӯи гул ояд,
Л^аро аз ту чудоӣ мушкил ояд.

Маро гӯянд: «Чудоӣ кун, ҷудоӣ»,'
Ҷудоӣ гар кунам, ҷонам барояд.

Фидои баччаи ҳамсоя мешам,
Агар офтоб шава, ман соя мешам.
Агар кафтар шава зери дарахте,
Ба умеди шикори боша мешам.

Сарам дард мекунад, сарвар биёред,
Табиби шои Искандар биёред.
Табиби шои Искандар набошад,
Равед, аз хонаи дилбар биёред.

Сари чашма расидам, нола кардам,
Назар бар хонаи ҷонона кардам.
Назар қардам, надидам ёри худро,
Гиребон то ба доман пора кардам.

Сари кӯҳи баланд то кай нишинам,
Ки лола сар барорад, ман бичинам.
Чу лола сар баровард, бебақо шуд,
Чилими нуқрагин аз даст ҷудо шуд.

Сари кӯҳи баланд най мекашад ёр,
Ба қошаш усмаи тар мекашад ёр.
Намедонам, ки устозаш кӣ бошад,
Қалам болои дафтар мекашад ёр.

Сари кӯҳи баланд ҷуфти ситора,
Чувони навхати бистудусола.
Ҷувонон, қадри ҳамдигар бидонед,
Худо кай медиҳад умри дубора.

— Нигори нозанини резадандон,
Маро ай бахши ту бурдан ба зиндон.
— Дута гушвор дорам харҷи зиндон,
Чаро ғам мехурӣ, эй ёри нодон?!

Ҷавони нозанини зирадандон,
Миёни синатон будас гулистон.
Миёни синатон як шаб бихуфтам,
Надонистам, баҳор буд ё зимистон?!

Нигори нозанин, ҳастам ғуломат,
Бигир дастам, бубар болои бомат.
Агар болои бомат кас набошад,
Бите бӯса аз он даври лабонат.

Аз ин ҷо то Бухоро лола боша,
Ҳамеша кори ошиқ нола боша.
Ту мегӯӣ, ки ошиқ мурданӣ нест,
Илоҳӣ умракут садсола боша.

Сиёчашмак, ки чашмак мезанӣ ту,
Диламро бурдаӣ, гап мезанӣ ту.
Диламро бурдаӣ бо сеҳру ҷоду,
Чаро лофи муҳаббат мезанӣ ту?!

Сиёдона, сиёхолат шавам ман,
Ба ҳар маҷлис равӣ, ёрат шавам ман.
Ба ҳар маҷлис равӣ, ган мезанӣ ту,
Балогардони овозат шавам ман.

Сари роҳат нишинам, ту биёӣ,
Фидоят мекунам ҳар чӣ бихоҳӣ.
Надорам туҳфае аз ҷон қиматтар,
Аз он тарсам, ки ҷонамро нахоҳӣ.

Дута кафтар будем дар тоқи айвон,
Ки шаб дар хонаву рӯз дар биёбон.
Кадом золим, ки ҷуфтро тоқ кардаст,
Диламро то қиёмат доғ кардаст.

Арақ гирди лабат шабнам гирифтас,
Дили мискини манро гам гирифтас.
Биё, эй чура,
аз'ҳолам хабар гир,
Сари роҳи маро душман гирифтас.

Ало духтар,
таманнои ту дорам,
Назар бо қади болои ту дорам.
Тамоми мева дар боғи ҷаҳон ҳаст,
Тамаъ аз меваи боғи ту дорам.

Кади сарват илоҳӣ хам нагардад,
Дили шодат ба даври ғам' нагардад.
Илоҳӣ бонлию садсола бошӣ,
Ки соят бар сари мо кам нагардад.

Сари роҳи маро девор кардан,
Маро муҳтоҷи руи ёр кардан.
Илоҳо кур шава чашми ҷидогар,
Маро аз хонумон безор кардан.

Ало духтар, намешносӣ худоро,
Парешон кардаӣ зулфи сиёро.
Наметарсӣ зи фардои қиёмат,
Чаро куштай ҷувони бегуноро?!

Ба дастат косаи хоси биринҷӣ,
Ду рухсори ту, ёр, зери фаранҷӣ.
Намоён кун ду рух, шояд шавам сер,
Ва ё бусам лаби лаълат, наранҷӣ.

Дуто духтар ба суи хона мерафт,
Якаш пешу дигар гул чида мерафт,
Ма курбони қади пешина духтар,
Ду кокул то миён ҷунбида мерафт,

Ба боло мерава духтару модар,
Ки очаш барги гул, духтар кабутар.
Илоҳо ту мара шоҳин бигардон,
Бигардум сар-сари роҳи кабутар.

Нигори нозанини дона-дона,
Арақ гирди лабонат карда хона.
Арақро пок кунем бо як баҳона,
Зи лаб буса гирем, ҳеҷ кас надона.

## БАЙТ

Муҳаққиқони мӯътабари адабиёти даҳанакию хаттии тоҷик тахмин кардаанд, кӣ байт чун як жанри мустақил ҳанӯз дар замони Рӯдакӣ ва ҳаттс) пеш аз истилои араб маъмул будааст. Ин фикрро дар асосе пеш рондаанд, ки дар эҷодиёти асосгузори адабиёти классикии тоҷик Абӯабдулло Рӯдакӣ ва ҳамзамонони ӯ байтҳои ҷудогона — фардбайтҳо мавқеи калон доштаанд. Байти зеринро яке аз ҳамасрони Рӯдакӣ Абӯ Ҳафси Суғдӣ эҷод кардааст, ки дар охирҳои асри IX ва аввалҳои асри X умр ба сар бурда будааст:

> Охуи кӯҳӣ дар дашт чӣ гуна давадо,
> Ӯ надорад ёр, бе ёр чӣ гуна равадо?![1].

Байти Абӯ Ҳафсба байтҳои имрӯзаи халқӣ шабоҳати диққатангезе дорад:

Масчоба мурам, ки чашмасорҳо дорадо,
Обҳои хунуку лолазорҳо дорадо!

Қафтар шавамо, боғу чаманро бинамо,
Оху шавамо, кӯҳи баландро бинамо!

Байт чун рубой дар тамомӣ давраҳои мавчудияташ эхсосоту хаёлоти рангини мардум, ғаму шодӣ; фикру зикр, орзую умед ва шмкояту эътирози одамонро ифода намуда, ҳодисаҳои гуногуни зиндагӣ ва.хаёти ичтимоӣ, маишию маънавии халқи меҳнаткашро инъикос карда омадааст. «Ба ин маънӣ байтҳо манбаи муҳимме барои донистани тарзи зиндагӣ, муносибатҳои ҷамъиятию оилав-ӣ, фикру андеша, олами ҳиссиёт ва психологияи оммаи меҳн^аткашанд»[2]. Дар ҳолати диққат додан ба мундариҷаи байтҳо чунин таассурот ҳосил мешавад, ки қисми калони

> *Ашъори ҳамасрони* Рӯдакӣ, Сталинобод, 1958, саҳ. 25.
[8] *Р Амонов.* Лирикаи халқии тс?чик, Душанбе 1968, саҳ. 206.

онҳо гӯе масъалаҳои ишку ошиқӣ, азоби ишк, шавқи дидор ва зарурати вафодорӣ, душвории фироқ ва монанди инҳоро дар бар кардаанд. Мана, намунаҳои йн қабил байтҳо:

Аз дарди тура ҳавлитба мерам сад бор,
Сазои сари касе, ки мешад хушдор.

Ман рафта дили дилбарама бардорам,
Парвои алоби дузахаш кай дорам?!

Ту гул. шавию аз лаби чу канда гирам,
Сад сол гузарад, доғи чудогит ба дилам.

Тоқат неяд ба дари хунат гузарам,
Як бори дигар дидората дида мурам.

Агар кас бо диққати махсус мутолиа намояд, мебинад, ки ҳар кадоми ин байтҳо ягон ҳиссиёти одамиро ба ҷилва меорад ва вазъияту воқеаҳои дар байтҳои шабеҳ тасвир гардида низ тафовутҳо доранд.

Дар байтҳои ишқӣ ҳусни инсон дар партави эҳсосоти самимии дилҳои муҳабатманзил ба воситаи таъбирҳои хаёлофарин, таъкидҳо ва болобардориҳои хотирнишин падид оварда мешавад:

Аз ҳар нигаҳат чаман-чаман гул резад,
Аз мӯи ту даста-даста сунбул резад.

Изҳори садоқат ва вафодорӣ дар- байтҳо пуркувват ва пуртаъсир садо медиҳад:

Ошик шудиям на шаб карор асту на рӯз,
Сузан гиру ришта гиру чашмонама дуз.

Дар мавриди таъкиди нашъаи дидор ва висоли ёр ба зебоиҳои табиат, ба лаззати обу ҳавои диёр ишора намудан яке аз хусусиятҳои асосии байтҳо қарор гирифтааст:

06 аз сари шарраҳои боло резад,
Гул аз бағали духтари раъно хезад.

Байтҳо дар тасвири хислатҳои неки духтараконй шармгину боҳаёи деҳот назир надоранд:

Ту дар лаби бом шиштай тут мебезй,
Чашмат ба ману арак зи рут мерезӣ.

Дар бисьёр байтҳо ҳолатҳои рӯҳӣ ва вазъиятҳои нозук ба **вазар** мерасанд:

Чашмони туя алас-палас мебйнам,
Румоли туя ба дасти кас мебинам.

Яке аз мавзӯъҳои муҳимтарин ва асосии байтҳои халқӣ, чун рубоиҳо, никоҳи маҷбурӣ ва оқибатҳои фоҷиаовари он, инчунин бедилӣ мебошад:

Ёре, ки ба хуни дил кардамаш рум,
Сузи дили ман шуд, ёри дигарун.

Офтоб задас зардиш сари анчиранда,
Ерам ба тааддӣ дасти харпиранда.

Эй кошкалам, ту ба киён афтодӣ?
Гулғунча ба- дасти нокасон афтодӣ.

Дар бисьёр байтҳои оиди ин мавзӯъ аз хусуси муносибати ошиқ ва шавҳар, муносибати шавҳари дилнохоҳ ба зане, ки дар дасти вай азоб мебинад, сухан рафтааст:

Ошиқ шудамо, серй надидам руша,
Дар куча шунидам таънаҳои шуша.

Дар куча будам, ки шуи гандат тура зад,
Зардоби дилам монанди дарьё лаб зад.

Мавзӯи ғарибӣ ва зиндаҷудои дар байтҳо низ чун дар рубоиҳои халқӣ яке аз мавзӯъҳои асосӣ қарор гирифтааст. «Байтҳои ;арибӣ, — менависад Р. Амонов, — як қатор хусусиятҳои ҳаёти ғарибон ва мусофиронро бо оҳанг ва обу ранги дигар муҷассам менамоянд»[1]. Бисьёр байтҳои дар ин хусус гуфта шуда аламангез ва таъсирбахшанд:

Ман байда намедонам, рубой мегум,
Ин байда барои зиндаҷудой мегум.

Ҳар шуму саҳар, чунуна, чашмам ба дарат,
То умадаша хун аз дилам мегузарад.

Ман байт гуям, дусто, шумо гуш дорёд,
Зардоби мани ғариба мебардоред.

Чанд сол бозе мусофири дарбадарам,
06 аз ду рухам резаду хун аз чигарам.

Ерам-ёрам, ман дар ғамат беморам,
Ҷун дар кафи даст маьтали дидорам.

Байтҳое ҳам вомехӯранд, ки дарди зӯри инсони дар шароити ҷамъияти синфӣ ба азоби сахт гирифтор шударо ифода мекунанд:

Дарди дилама ба кас наметом гуфтан,
Поҳомба кашан задан, наметом рафтан.

1 *Р. Амонов,* асари мазкур, саҳ. 221.

Дидори тура бинам надорам армун,
Сад дарду алам дидам дзр рӯи ҷиюн.

• .

Мо дар байтҳо инсонро гоҳ дар сурур, гоҳ дар ҳузну алам, гоҳ дар ҳола-ти рӯҳбаландӣ ва ё оташинию ноқаноатмандӣ ме-' бинем. Дар ин байт қаҳрамони лирикӣ дар вазъи хавотирӣ ва ноороми тасвир шудааст:

Роҳ мегардию ягон-ягон механдӣ,
Хона биёй, озурдаю дардмандй.

Ба андеша рафтан, дар сари муаммоҳои зиндагӣ хаёл карда мондан, ҳайрат, ҳарссонӣ, дудилагӣ, хотирпарешонӣ ва маҳзунӣ. барин хислатҳои гуногуни инсонӣ дар байтҳо гаштаву баргашта намоён мегарданд. Байтҳо олами ниҳонии одамонро ошкор мекунанд ва аҳволи онро дар нозуктарин лаҳзаҳои зиндагӣ, махсусан дар лаҳзаҳое, ки тақдири одамӣ ҳал мешавад, ба пеши чашм меоранд. Ошик ба чӣ сабабе хоҳиши аз бахри ишқ баромадан ва ё аз ёр чудо шуданро кардааст ва дар айни замон ҳеч намехоҳад, ки ин хоҳишаш амалӣ шавад:

Чунун, ба рухат назар кунам ё накунам?!
Ин ишки тура тарк к>нам ё накунам?!

Гул мешукуфад ҳамеша дар фасли баҳор,
Мегӯм, чудо шавем, намешад дилн зор.

Мо байтҳоро мутолиа карда, ба худ саволҳо медиҳем: гӯянда ё сарояндаи байт кист, дар чӣ ҳолат байт гуфтааст, дар гуфтори ӯ чӣ хислате акс мешавад, оқибати кори вай чӣ мешуда бошад. Масалан, духтаре, ки аз маҳбубаш ранчидааст, ба рн қадрнодон хитобан гуфтааст:

Савзиначувон, сарам ба савдои ту нест,
Сад сол гузарад, диламба парвои ту нест!

Бисьёр байтҳо ба хавфу хатар ва фочиаҳои зиндагӣ ишора мекунанд. Баъзан, кас агар аз асли воқеа воқиф набошад, ба ин ишора сарфаҳм -намеравад. Чунончи, дар байти зерин % зотан духтаре тарси худро аз омадани чавони асптоз изҳор кардааст. Мо фақат дар натиҷаи ба ёд овардани як суруди халқӣ, қи дар он духтаронро зӯран.гирифта рафтани ғоратгарон тасвир ёфтааст, ба маънои байт сарфаҳм меравем:

Дар куча будам, гурум-гурум боз омад,
Дастама гиред, чувоии асптоз омад.

Байтҳо, дар~ зимни ин гуна ишораҳо ҳатман ҳолат ва хоҳиши дили одамонро акс менамоянд:

Ҳушам ба ту шуд, пома бурид потеша,
Аз омадани очат кунам андеша.

Рӯймолсафед, рӯймолта тов андохтӣ,
Маро дидӣ, худта ба хов андохтӣ.

Ёрам ба деху худам ба кӯх беморам,
Абре шаваму болои ёрам борам.

Дар кисми калони байтҳо сухан аз ёр рафтааст ва гила аз ёри бевафо чун дар рубоиҳо яке аз мавзӯъҳои асосии байтҳоро ташкил додааст:

Ишқ овардӣ, ба доманам пайвастӣ,
Бемор шудам, нагуфтӣ: «Беҳтар ҳастӣ?»

Аз сухтанама ман мефуроям лаби об,
Ёр-ҷигари сухтагимба чошид намакоб.

На дар ҳамаи байтҳо гила ва ғаму алам ифода шудааст. Бисьёрии байтҳое, ки дар замони мо ба вуҷуд омадаанд, пурсуруру ҳаётдӯстонаанд. Дар онҳо озодии дилдодагон дар интихоби ёр, зиндагии осуда, имконияти донишгирӣ, меҳнати дастҷамъӣ, ҳамчун ҳодисаи хурсандибахш қайд мешавад:

Дардат занаде, ҷонунаи мачлисшин,
Орзу дорам, як дам биё, пешам шин.

Таъбили идораба гузаштас нумат,
Таъбилчӣ шавам, мерам ба гуши бумат. ;

Ман садқа шавам у дашти боғмайдуна,
Ман садқа шавам духтари мактабхуна.

Байтҳо, чунон ки ишора шуд, моҳияти ҳаёти мардумро хеле бурро ифода мекунанд. Ба заноне, ки ҳуқуқи худро шинохтаанд ва аз бахт баҳра мегиранд, имрӯз ҳокимона ва бепарвоёна гуфтугӯй кардан мумкин нест:

Аз хона баромадам, ба рӯи раста,
Гапгӯй наметоям занои маста.

Яке аз мавзӯъҳое, ки занони мо гаштаву баргашта дахл мекунанд, дониш аст. Дар онҳо шавқу ҳавас, орзую нияти ҷавонон дар бораи хондан, маълумот гирифтан васеъ акс ёфтааст:

Мактаба кушод ба рӯи моҳо Ленин,
Илм омӯхта, мо мешавем марди матин.

Дастатба китоб рафта ба мактаб хонӣ,
Ту майдаҳаку боадабу пурдонй.

Мактаб мерамо, мактаби Ленинобод,
Дардат занадо, духгари Заҳматобод.

Дар байтҳо, ки ақидаи мардумро дар бораи ҳодисаҳои гӯногуни ҳаёти шахсӣ, оилавӣ, ҷамъиятӣ ва иҷтимоӣ дар бар кардаанд, ҳодисаҳои ҳаёти нав, алалхусус ташкили колхоз, хизмати аскарӣ, ҳифзи Ватани социалистӣ ва дигар воқеаҳои муҳимми рӯзгори мардум борҳо мавриди ифтихор ва сарфарозӣ қарор гирифтаанд:

Ман садка шавум бехи дурахтундавака,
Ман садқа шавум Қуввати аскарравака.

Коғаз омадо, меравам аскариба,
Таҳсин кунед, ин аскари фалғариба.

Сесола равед, Армияро буд кунед,
Э ҷураи чун, доим мана ёд кунед.

Еди ватан, меҳри он, орзуи баргашта дидани зодгоҳи азиз мундариҷаи як қатор байтҳоро ташкил -додааст. Изҳори садоқат ба Ватан, азми ҳар супориши онро аз ҷону дил ба ҷо овардан дар байтҳо бо самимияти тамом ифода гардидааст. Модарон, падарон, хоҳарон, бародарон, маҳбубаҳо аз он сарбаланду хурсанданд, ки хешовандон ва дӯстдоштагонашон хизмати Ватани маҳбуби худро адо менамоянд:

Дарвозаи кибла кӯчаи ростанда,
Акои худам дар солдатй-постанда.

Ман мебуравам, сайри гули боғи чаман,
Посбунй кунам, ёр, хоки озоди Ватан.

Аскарбачае ба боғ болида гузашт,
Корд дар сари даст, калам тарошида гузашт.

Миннатдорӣ аз доҳии муаззам В. И. Ленин, Давлат ва Ҳукумати ғамхори Советӣ, ки ба аҳли меҳнат озодӣ ва хушбахтӣ, ба занону духтарон баробарҳуқуқӣ додааст, дар байтҳои зиёде ифода гардидааст:

Мо камбағало, не фикри боё дорем,
Мо бар сари худ Давлати доно дорем.

Хукумати Шуроӣ додас ба -мо озодӣ,
Акнун зану духтаро ҳама дар шодӣ.

Дар байтҳо ҳамаи он тағьиротҳои бузурге, ки дар давраи советй дар ҳаёти хоҷагӣ ва маишию мадании халқи тоҷик, ба вуҷуд омадаанд, гаштаву баргашта ва бо қаноатмандӣ ишора шудааст. Мардумро таъсиси клубу кино, театрҳо, артельҳои дӯ-

зандагй, ободиҳои ҳамаи гӯшаҳои диёр, фаъолияти самарабахши комсомолону коммунистон, муаллимон, сардорони звено ва бригадаҳо хушнуд ва шодком кардааст:

О духтари комсомол, мурам дар адабат,
Ман тугма шавам дар кастуми беқасабат.

Дар болои мошииа савор аст додар,
Камзул сари китфу камсамол аст додар.

Ин бачаи комсомол хушкардаи ман,
Дардаш задай дар чигари сухтаи ман.

Эй духтари комсомол, маҳи осмонй
Дар илму адаб шоистаи давронӣ!

Пахта чинему ичро намоем плана,
Бо меҳнати худ розй намоем Ватана.

Дар байтҳо манзараҳои дилкушои зиндагии мардум, табиати маҳалҳое, ки байтгӯй одат шудааст, равшан намудор аст. Бо таъсири бевоситаи ҳодисаҳо, шароитҳои табиӣ ва рӯзгори мардум гуфта шудани бисьёр байтҳоро мисолҳои зерин тасдиқ карда метавонанд:

Соғу ба сарат об меравад руятба,
Ман чунама курбун мекунам муятба.

Алафи лаби вота банд мебастӣ,
Байт мегуфтию мунанди кабки мастӣ.

Барфак задаст ағба таноб афтодаст,
Хуни чигарам руи алоб афтодаст.

Ба ҳаёт наздик будани байтҳоро ҳамин ҳам исбот мекунад, ки дар онҳо чои рӯйдоди вокеаҳо, номҳои маҳалҳо*и гуногун ва шахсони конкрет зуд-зуд дучор мегарданд:

Аз Кавра намогон барало боғи шумо,
Тошканд мерамо, чура, дилам доғи шумо.

Дилварзин равам, Тошканд назик мемунад,
Кучида равам, Масчо сабил мемунад.

Бозори Уротеппа маиз арзон шуд,
Қонуни Хукумат — зангирй осон шуд.

Дасти мана гир, буром ба девори баланд,
Дастпуна харам бари **ту** аз **шахри Хучанд.**

Пеш-пеш кунамо, гусолаю **говн** ало,
Говчушиба аз занои Дардар ту бало.

Бисьёр байтҳо дар иазар содда менамоянд, аммо агар кас дурусттар мулоҳиза кунад, мебинад, ки онхо аз ягон чиҳат, махсусан аз ҷиҳати баёни фикру ҳис ҷолиб буда, хусусияти забони гуфтугӯ ва ҳусни ин забонро дар бар кардаанд. Дар онҳо калимаю иборахо, тарзи талаффузи хоси ин ё он маҳал равшан мушоҳида мешавад. Чунончи, бароба, соғу, вот, кощпаррон, хушханда, арақпаррон, уреб, хушкош, чока, меботам, мекутат, неяд, аспи қантарӣ, қоши холкуфтагӣ, бехи дарахтундавак, духтари қошуқрӯй, рухсораи хунчакон барин калима ва иборахо бештар ба забони мардуми воҳаи Зарафшон хос аст:

Эй духтараке, лаб-лаби вот мегардӣ,
.Дуррат сари қош, бо дили шод мегардӣ.

Порудба[1] даромадам, ки ёр шуд чотса,
Соғу ба сараш мэнанди кабки тоқа.

Аз хона баромадиву чумун-чумун,
Дардат занадо, ҷувунзани қошпаррун.

Э духтараки сафедакч хушханда,
Умрат гузарад ба ин чавони ганда.

Бинобар ин, ба. назари мо барои ҳар як хонанда, дар зимпн мундариҷаи ғоявӣ ва бадеии байтҳо, шакли ифода, ҳусни забони зиндаи гуфтугӯӣ низ мавриди эътибор қарор гирифта метавонад. Илова бар ин ташбеҳ, истиора, рамз, тавсиф, муболиға барин санъатҳои сухан дар байтҳо мавқеи калон доранд. Масалан, дар байти зерин ба абрувони кабк ташбеҳ карда шудани абрувони ёр ва ба бекасаб монаид кардани рӯи маъшуқа диққатангез аст:

Қошота кунам ба коши кабк андоза",
Аз беқасабам зиёда руят тоза.

Ташбеҳе, ки дар байти зерин мушоҳида мешавад, ботароват ва дилчасп ба назар мерасад:

Шохи чамани шикаста мегуяндам,
Як бега ба пеши ёр намемунандам.

Доираи ташбеҳшаванда дар байтҳо пурвӯсъат аст, алалхусус ба ҳаёти маишӣ доман андохтааст. Ба ин даъво байти зерин мисол шуда метавонад, ки дар он шабоҳати абрӯ ва дук аз ҷиҳати борикӣ қайд шудааст:

Думми қошат аз думи дукам борик,
Як лаҳза набинам, бе ту, дуйном торик.

1 *Поруд* — номи маҳал.

Байтҳое дучор мешаванд, ки дар ташбеҳ буньёд ёфтаанд:

Қадат ба мисоли чавдаи навсарзада буд,
Руят ба мисоли барги шабнамзада буд.

Дар байтҳои имрӯза низ чун дар байтҳои тоинқилобӣ тасвири ҳусни инсон мавқеи калон дорад: истифодаи рамз, ташбеҳ, истиора, муболиға ва тавсифҳои анъанавии гул, булбӯл, сарв, маҳтоб, ситора ва монанди инҳо зиёд мушоҳида мешавад:

Хобам бурдас ин бега, ёр дар бағалам,
Бедор шудам, аланга дорад ҷигарам.

Сухтам бари номи хуши ту, э ёри азиз,
Таспи бананат зиёда аз моҳи тамиз.

Ман мемурамо, ба холи банди днли ёр,
Ер барги гул асту очаш гули хор.

Ситора ба маҳ бурумаду ман дидам,
Қаҳрй будамо, ба дилбарам хандидам.

Каддат гула монадо, ду абру — махи нав,
Девонаи руи ту гардам вакти дарав.

Эй чураи нозанини дандонзира:
Берун, ки намебурой, маҳтоб хира.

Ситораи рӯз мисоли руят бошад,
Ин моҳаки нав мисли абруят бошад.

Байтҳо чун рубоиҳо ба андоми инсон зиёд аҳамият медиҳанд, ки ин албатта, бесабаб нест. Аз ҳусни инсон мутаассир шудани дилҳо ба ин боис шудааст. Муаллифони байтҳоро зимнан хусни рафтори инсон ба шавқ овардааст:

Аз хона баромад як духтари сабзина,
Яг даст ба китобу яг даст ба руи сина.

Қадат гулу рӯят гулу рухсорат гул,
Қошат қаламу ду тори муят сунбул.

Дар тори сарат карсн сафеди дубара,
Дар рӯи гулат холи сиёи дусара.

Аз сарви чаман каддч ту боло бошад,
Аз дастаи гул руи ту зебо бошад.

Яке аз воситаҳои асосии тасвир дар байтҳо рамз аст. Рамз ҳамон роле дорад, ки дар рубоӣ адо кардааст. Дар санъатҳои тасвир аломатҳои ҳаёти имрӯза низ кам ба назар намерасанд:

Тилфуни идораҳо ду мели муят,
Монанди электрик сафедай руят.

Дар байти зерин нури барқ равшаниро ифода кардааст, ки дили ошиқро фаро гирифтааст:

Дар болои сарам электрик рӯшноӣ,
Ошиқ шудиям ба духтари масчоҳӣ.

Дар мисоли қаробати рубой ва байт мо як ҳодисаи муҳими фольклорӣ—алоқа ва таъсири дутарафаи ин ду жанри машҳури лирикиро равшан мушоҳида менамоем, ки инро санъатшинос С. Мирсаидов ҳам қайд кардааст[1]. Бисьёр байтҳо аз рӯи кор дар асоси рубоиҳо ба вуҷуд омадаанд. Аммо чунон ки муҳаққиқи ин жанрҳо Р. Амонов қайд менамояд, аксарияти он байтҳо тағьир ёфта, аз ягон ҷиҳат аз рубоиҳои маълум фарқ кардаанд, бинобар ин онҳоро асарҳои мустақил ҳисоб кардан мумкин аст[2]. Дар ин ҳолат лозим дониста шуд, ки байтҳои шабеҳи мисраъҳои ягон рубоӣ ва ё рубоиҳои ба ин ё он байт монанд ба маҷмӯа дохил карда шаванд, то ки ба муҳаққиқон ва хонандагони асари халқ алоқаи ин ду жанри машҳур ва таъсири самарабахши дутарафаи онҳо равшан гардад.

Масалан, байтҳои зерин дар байни рубоиҳо қаринаҳо доранд:

Ҳушам ба Диҷик, чушу ҳолам ба Дичик,
Садбарги сафеди дилкушоям ба Диҷик.

Эй духтараке, алафн ошат бошам,
Холои катори думи кошат бошам.

Рубоиҳое низ дида мешаванд, ки ҳамоно аз байтҳои ҷудогона тартиб ёфтаанд:

Ман бомба намебаром, куртам тунук аст,
Ман ёра намегирам, дилам хунук аст.
Ин оба намехурам, ки об хас дорад.
Ин ёра намегирам, ки ин кас дорад.

Тошкандба фурумадам ба руи раста,
Додгӯй неметунам авозам хаста.
Додгӯй наметунам авозам хаста,
Гапгӯй наметоям занои маста[3].

Кабкак шаваму шинам ба нӯги қаламат,
Мурғак шаваму дона чинам да бағалат.
Сабза шаваму ба остинат хона кунам,
Булбул шаваму ҳазору як нола кунам[4].

1 *С. Мирсаидов.* Байт хамчун жаири фольклорӣ. «Садои Шарк», 1964, VII, сах. 151—153.

2 *Р. Амонов,* асари мазкур, саҳ. 204.

[3], [4] *Байту рубоиёти* кӯхистони Зарафшон. Ҷамъкуианда ва тартибдиҳанда С, Мирсаидов. Душанбе, 1982, сах. 156, 167.

Як миқдор байтҳое, ки ба адабиёти китобӣ, эҷоди аҳли қалам тааллуқ доранду дар байни мардум паҳн шуда нусхаҳо пайдо намудаанд, мазмунан ишқӣ ва пандомезанд ва аз ҷиҳати шакл сазовори диққат буда, барои омӯхтани робитаҳои адабиёти хаттию даҳанакӣ ҳамчун маъхази муҳим хизмат карда метавонанд, дар маҷмӯа дохил шудаанд.

Хулоса, намунаҳое, ки ба ин китоб дохил гардидаанд, хусусиятҳои яке аз жанрҳои машҳур маъмул ва мутараққии лирикаи халқии тоҷик будани байтро нишон медиҳанд.

*Нурулло Азимов.*

## БАЙТҲО

Ёри мана гу, аз бум фурод айвунаш,
То чун наравад, нагардам аз фармунаш.

Эй чураи чун, ай ҳад гузаштай аламут,
Бурдай дилама қоши сиёи қаламут.

Шамоли сари аға аракпаррун аст,
Ишқи духтари мардум ҷигарсузун аст.

Қаддатба мурам, қадди ту паст афтодай,
Чашмони ту пурхумори маст афтодай.

Дар гушаи румоли ту гард афтодас,
Ҳайфи тани нозукат ба дард афтодас!

Эй ёри азиз, дарда набинад баданат,
Тақдир кунад нону намаки ватанат!

Ман масти туям, ту дар хумори дигарӣ,
Ман гашта хазон, ту навбаҳори дигарй.

Румоли сари ёрам қаноти зоғас,
Вай ғамзада мегардад, дили ман доғас.

Ин бачаи истодая чашмонаша бин,
Баргашта назар қардани ҳайронаша бин!

Ман боғ даром, буи ту аз боғ биёд,
ЁДИ ту кунам, ба синаам доғ биёд.

Гул мешукуфад ҳамеша дар фасли баҳор,
Оҳу ба камар мераду додар ба шикор.

а) Гул мешукуфад ҳамеша дар фасли баҳор,
Мегӯм, ҷудо шавем, намешад дили зор.

Руймоли сари чурем шудас барги анор,
Байтои мана хонда равад то сари кор.

Аз дарди тура ҳавлитба мерам сад бор,
Сазои сари касе, ки мешад хушдор.

Токӣ лаби қош истоданат мир борин,
Ман сайди хароб, мижгуни ту тир борин.

Э ҷураи ҷон, ман ба қошот банда,
Ту меравию ман ба кӣ мунум зинда?!

Дасти мана гир, буром зи.девори баланд,
. Дастпуна харидам ба ту аз шахри Хуҷанд.

Қади ёрам ниҳолаки араразор,
Раҳ меравадо замин наёбад озор.

Рӯймолсафед, рӯймолта тов андохтӣ,
Моро дидӣ, худта ба хов андохтӣ.

Ду дастата, ёр, ба гарданам андозӣ,
Ошуқ шудиям, хешу табор норозӣ.

Чумчук сари беду пои чумчуқ сари бед,
Ду қоши сиё муносиби руи сафед.

а) Ду қоши сиёҳ муносиби рӯи сафед,
Бо ғамза ва ноз гашта гуфт: «Кай мейед?»

Кошке ки намедидам тӯро вақти дарав,
Ҷонро бари хотири ту мондам ба гарав.

Қошота, кунам ба қоши кабк андоза,
Аз беқасабам зиёда руят тоза.

Ду қоши сиёҳи ту ба монанди алиф,
То умр бувад,
дил наканам аз Худгиф'.

Ин бачаи комсомола ёраш бошам,
Дар пахтачинӣ ҳамдами кораш бошам.

' *Худгиф* — деҳа дар райони Мастчоҳи кӯҳна.

а) Ман духтари пахтачина ёраш бошам,
Дар пахтачинӣ фартуки кораш бошам.

Ман садқа шавам у дашти боғмайдуна,
Ман садқа шавам духтари мактабхуна.

Ошуқ шудиям ба зираи дандунат,
Бар ғум-ғуми чарху бар лаби хандунат.

Оби хунука ба оби чуш андозед,
Байтои мани сухтаба гуш андозед.

Ҳар шуму саҳар, чунуна, чашмам ба дарат,
То умадата хун аз дилам мегузарад.

Дируз ба маҳфили ситам ҳор будем,
Дар қурсаи[1] нуни мурғакӣ[2] зор будем.

Шамоли сари куҳҳо дарахтҷунбунай,
Ин чураи сарвиноз ҷигарсузунай.

Чанд сол бозе мусофири дарбадарам,
06 аз ду рухам резад, хун аз чигарам.

Ерам таги арку ман дари дарвоза,
Ёрам гули сурху ман бунафши тоза.

Торик шаваду руи ту равшан гардад,
Зиндон зи тамошои ту гулшан гардад.

Оби шуха бин, сангора ғелунда бурафт,
Сабзиназанак худаша ларзунда бурафт.

Я даста гулум да даҳани дарвоза,
То гав назанӣ, намешава овоза.

Ин қуртаи ёри ман-ку авлон бошад, .
Нақши ҷиякаш бофти Бадахшон бошад.

Дар пуштаки дар будам, кушодӣ дарата,
Чононаи чон, ҳаргиз набинам ғамата.

Духтар-духтаре, алафи ошат бошам,
Як даста гули болои қошат бошам.

• *Курса* — як лаб нон, порчаи нон.
* *Мурғакй* —- нони ба хокистар афтида.

Дар ҳаққи туя савдогари гулқандам,
Рӯмол хараму болои қошот бандам.

Баргои дарахт рехтас ба руи Дардар[1],
Хуҳари шумо пазмуни руи додар.

Ёрам ба деҳу худам ба куҳ беморам,
Абре шаваму болои ёрам борам.

Сузан гиру ришта гиру чашмонама дуз,
То кур шавам, пешат бишинам шабу руз.

Хонаи ёрам дар пуштаки девор аст,
Ҳар гоҳ, ки равам, дарбачаба тайёр аст.

Духтар-духтаре, ман дар ғамат беморам,
Чун кабки рамидаи сари кӯҳсорам. -

Дар ниспишабӣ чароғи равшан-духтар,
Дар руй замин зебаки гулшан-духтар.

Эй ёри азиз, туят муборак бошад,
Дар банди дилат садаф қаторак бошад.

Аскар шудиям синама доштам тирба,
Сина сипар кунам ҷони камандирба.

Мун садқа шавум бехи дурахтундавака,
Мун садқа шавум Қуввати аскарравака.

Байтҳои шумо ҳаргиз нарад аз ёдам,
Суҳбати шумо шому саҳар мебодам[2].

Як санг задӣ ба гурдаи дардинам,
Ман мушти тура ба ҷои дармон бинам.

Ҳар кора ҳунар дораму андеша кунам,
Қонун зур аст, ман кора аз реша кунам.

Э куртасафед, курти шумо даридагӣ,
Аз ёди шумо хоби шабам паридагӣ.

а) Ин куртаи авлуни шумо даридагӣ,
Хоби саҳарам барй шумо паридагӣ.

[1] *Дарбар* — деҳа дар райони Айнй.
[2] *Мебодам* — мебоядам.

Румолчаи дастата гирам ёдгорӣ,
Хуш ҷурагиҳои бемалоле дорӣ!

* Ер ёрӣ кунад, асло намешем ганда.
Ерӣ накунад, дар куча мо шарманда.

Ин руи ҳаво гирумагир афтодас,-
Гусола ба дасти гови пир афтодас.

Дардат занадо, дар вахти гули гандум,
Ғамгин манамо, дар ватанои мардум.

Гапҳои ту гуфтагӣ расид дар гушам,
Андеша накардӣ дилбари сирнопушам!

Эй чураи чун, ба даст китобе дорӣ,
Дар кучаи ишқ аҷаб шитобе дорӣ.

Як ёр дорам аз ағба уру ватанаш,
Мунандаи хумқаймоқи ҷавзо баданаш.

а) Як ёр дорам аз ағба уру ватанаш,
Аз куртаи шоҳӣ менамояд баданаш.

Гуфтам, ту усул бикун ба савти сетор,
Дидори мубораки ту кардас мана хор.

Имруз мусофирора ёди ватанай,
Ду булбули чулида ба шохи чаманай.

Дар лабаки бум шишта занам дутора,
Маст карда барам ин дилбари айёра.

а) Дар гушаи бум шишта занам сетора,
Маст карда фурорам ман ҳамун барнора.

Сабзиназанак, номата додам ба газит,
Ин номи азизат то ба марказ бирасид.

Офтоб задай қатӣ фуроем таги бурс,
Ҷононаи қошсиё, ту ҳоли мана пурс!

Қадат гулу руят гулу рухсорат гул,
Қошат қаламу ду тори муят сунбул.

Девонаи синачокам аз рузи азал,
Руҳот мисли гулу худи ту қанду асал.

Ии куча дароз, сарҳади ин куча дароз,
Ҳар ду хоҳарон нишаста бо муи дароз.

Мактабба фуром, ҷура, ба вақти дарсат,
Даспона шавам, гирӣ, ба банди дастат.

Масчоҳ равамо, ба ағбаҳои вайрун,
Ҳолам чӣ шавад, охир манам саргардун.

Болои Қаротегин абри даввун,
Ошиқ шудиям ба духтари қошпаррун.

Раҳакои Душаибе ниҳолҳои азиз,
Аскарбачаҳора сувор кардан да поиз.

Дар шари мусофирӣ ҳолам чу гадо,
Гапам назанед, дустон, дилам обу адо.

Мурғобӣ шуда, даром даруни дарьё,
Булбул шуда, нола занам дар саҳро.

Сабзиназанак, чорбоғи боло ватанат,
Бурдас дилама қоши сиёҳи қаламат.

Ман дар лаби ҷӯй шиштаму ёр дар айвон,
Истода табассум мекунад, ман ҳайрон.

Ман байт гуям, байти манам яг дарьё,
Байтои мани сухтагӣ дардадба даво.

Қад-кади тагоб меравам то Вору',
Ошиқ шудаам ба духтарони гулру.

Гушворои тиллоӣ зеби гӯшам,
Эй бачаи комсомоли кастумпӯшам.

Дар таҳаки тиреза анор афтодас,
Ишқам ба бачаи комсомол афтодас.

Сабзиназанак, аҷаб зани айёрӣ,
Афсун кардӣ,
акида кардам — морӣ.

Шоир нестам байту рубоит гуям,
Сесад ғазала баҳри ҷудоит гуям.

» *Вору* — деҳа дар райони Панҷакент.

Соғу-ку[1] ба сар дорию даспона ба даст,
Дардат ба сарам, эй ёри бегонапараст!

Аз хона баромадӣ ба сад дарду алам,
Холҳои қатори думби қошотба мурам.

Ман садқаи он ду зулфи анбарбуят,
Эй ёри азиз, бӯса бидеҳ аз руят.

Румоли сари ёрам амбарбуӣ,
Зориш кардамо: «Чиба ако мегӯӣ?!»

Ин бачаи танбурчии танбур сари даст,
Дар нағмаи танбурат шудам булбули маст.

Дар боғи шумо руид анору ангур,
Ин меҳри шумо намеравад аз дил дур.

а) Ҷононаи гӯшти кабку оби ангур,
Ҳаргиз наравад меҳри ту аз синам дур.

Рафтам ба даруни боғ, кандам як гул,
Дидам қадаҳи нағма ба дасти булбул.

Рафтам лави ов, боша надорам сари даст,
Дар гӯр сари бебачагиш, орзум нашикаст.

Дастпонаи нуқрагини банди дастам,
Акои бурафтагии кабки мастам.

Омад баҳори оламу вақти алаф,
Дар банди дили сафеди ҷонона садаф.

Аз ишқи ту дард мекунад дандонам,
Монанди таноби чарх саргардонам.

а) Аз дарди тура дард мекунад дандунам,
Аз ҷабрата месузад тамуми ҷунам.

б) Аз дарди тура дард мекунад дандонам,
Шоҳад[2], ки балои ту занад бар ҷонам.

Дойрая баландтар зан, ки йн тӯй акем,
Имшаб мебиёд арӯси дӯстрӯи акем.

[1] *Соғу* — зарфи чӯбин.
[2] *Шоҳад* — шояд.

Як ёр дорам арақхури дангоса,
Ваъос занад чашмони у шаҳкоса.

Пеш-пеш кунамо, гусолаю гови ало,
Говҷушиба аз занои Дардар ту бало.

Пазмон шавам, аз сари шах ҳоят гум,
Рози дилама рафта ба додоят гум.

Э ёри азиз, ба ту будам андармун,
Дидората дида ман, акун беармун.

Ангуштарини таварукат дар дастам,
Бар ту нарасам, аз хок берун дастам.

Сарчашма буром, ҳавлитба чашм андозам,
Аскар, ки биёд, ёр гуфта чашм андозам.

Ангури сиёҳ мисли асал шира гирифт,
Ин дилбари мо, бе чанг, ба ман кина гирифт.

Сӯзад қаламу давоти рузи азалам,
Тақдир накунад бе ту ёри дигарам. •

Имшаб чӣ шаб аст, ду дастакат дар дастам,
Аз буи қаламфури гулет[1] ман мастам.

Болоба гули лолаю поинба анор, ,,
Буи ту ба ҳавлӣ умадас — буи буҳор.

Чоют додум, пиёла монд дар дастум,
Беақл будум, ба ту муҳаббат бастум.

Офтоб задас, зардиш сари анҷиранда,
Ёрам ба тааддн дасти харпиранда.

Ин кутали каҷмакаҷи пишти дастам,
Ман ошуқи духтарои кабки мастам.

Дар.ҳаққи зани мардум дуо арзанда,
Гушпори бари руи ту пинҷо танга.

Бозор равам, чизе биёрам тиямат,
Айби худаме,
никоҳ накардам гирамат.

[1] *Гулет* — гулӯят.

Байтои тура навистиям дар дафтар,
Раҳ рафтану гаштанот мисоли кафтар.

Не руи ту шуд, не руи ман, хайр гуем,
Тағдиру нарафт, як шаб та руз, дард гуем.

Чупунбачаи куҳу ба куҳ, дашту ба дашт,
Ҳайфи тани нозукат, ки бебуса гузашт.

Ерам бурафта манба кардас армун,
Изҳор накунед, чигар барояш бирьюн.

Мусат кардам дар тангиҳои лаби дашт,
Дастот шикаиад, ба гарданам халқа нагашт.

Долони баланд дорию пешаш арча,
Ду қоши сиёҳ дорию руят лахча.

а) Долони баланд дорию чубаш арча,
Синаи сафед дорию шуи бача.

Хобамба дарумадед, эй зебо келин,
Ду зулфи сиё аз зиҳи румол берин.

Се моҳ шудасо бурафтани шаҳрота,
Вақташ, ки гузашт, чико кунам пайдота.

Даратба равам, садо кунам мисли гадо,
Як буса бидеҳ садақаи ради бало.

Боғи ҳама боғу боғи мо арарзор,
Нри ҳама ёру ёри мо чонбезор.

Озодачуҳун, кастуми зебо ба танат,
Монанди исполкуми районн суханат.

Аз хуна бурумадӣ, қанду асалӣ,
Ишқи ту мана, барно, кардас касалӣ.

Ман хов будам да тагаки деворут,
Бедор шудам ба нағмаи дуторут.

Румоли саратба, чура, мушк андохтӣ,
Зорит кардам, бераҳм, мушт" андохтй!

Дарьёи Хучандба мо бурафтем ба қаик,
Ер бозикунун биёд, дасташба ҳақиқ.

Додар гуша, ҳавлии додар гуша,
Шамоли кадум куча биёрад буша?

Ман очаю додо, ки надорам хорам,
Як ҷӯрагӣ кун, ман аз ту миннатдорам.

Қадди ту, санам, аз навдаи гул борик,
Як шу дорӣ, дилаш чу гури торик.

Даратба равам, дарат калит[1] афтидас,
Ин ларза ба чони баччагит афтидас.

Навруз расид, руи замин сабза гирифт,
Саҳрою лаби ҷую чаман ғамза гирифт.

Э кафтари сулҳ, буро бал.анд аз абро,
Бинад турае тамуми халқи дуньё.

Дар аға нарав, ки аға пирьях дорад,
Қошотба мурам, ки чурагӣ вақт дорад.

а) Ин аға намебуром, ки он ях дорад,
Балота гирам, чудошавӣ вақт дорад.

Қадди ёрам ниҳоли гандумзебай,
Рухсораи руи ёр нахши себай.

Олуча шинондӣ дар таги айвонат,
Хумор доран ду ҳалқаи чашмонат.

Хат мекуние, чура ту, ман гирьёнам,
Дар шаҳри мусофирӣ ҷигарбирьёнам.

Бача-бачае, меравӣ боми ба бом,
Сайёду шавум, туро бигирум дар дом.

Ин беди баланду сарнавишти азалам,
Тағдири мана ҳаргиз надонист падарам.

Дарде дорам зи дарди дандон бадтар,
Оҳи саҳарам аз кандани ҷон бадтар.

Басманда[2] равон ҷонона бо қади базеб,
Қошони сиёҳ дораду рӯйҳои сафед.

[1] *Калит афтодан* — кулф, махкам будан.
* *Басманда* — деҳа дар райони Ғончӣ.

*Иц* беди баланд саргаҳаш гулбандӣ,
Пешатба мурам ба тарзи румолбандӣ!

Бо кучаи боло меравам байтгуюн,
Овозама шунвида буро гушаи бум.

Имруз ду руз аст, ки дилам афгор аст,
Яг омадани ёр ба ман даркор аст.

Эй ҷураи ҷон, нархи ту қимат бошад,
Ин шиштани пеши ту ғанимат бошад.

Марҷон ба гулет, марҷони тоза ба гулет,
Гуфтам, ки гирам, ҳамсои ростат ба умед.

Офтоб бурумадо аз сари бурси баланд,
Ёрам сари чу бароба[1] шуд кифтба каланд.

Дар лаби оштун мехурам захру бало
Шерин баччам мусофири шаҳри куҷо?

Оина шавам, дар кисачат андозӣ,
Аксата ту бинӣ, мешавам ман розӣ.

Румолчаи шоҳӣ мехарам қоштба банд,
Ту ёри манӣ, ҷониби бегона наханд!

Чун оҳу напар аз ман, биё, шин пешам,
Аз насли тую фарзанди инсон мешам.

Дарди дилама ба кас наметом гуфтан,
Поҳомба кашан задан, наметом рафтан.

Сабзинаҷувони пурхумори бангӣ,
Дар вартаи ошиқӣ аҷаб бенангӣ!

Обам додӣ, эй ҷӯра, шаробам додӣ,
Хушваъда будӣ, чиба мана ғам додӣ?!

Э булбули хушнаво, навои дила гу,
Дардманд манамо,
давои дила гу!

Шомам ганда, намози шомам ганда,
Зоеъ накунам умра ба ёри ганда.

*Бароба шудан* — ба баландӣ рафтан.

Ҳамсоя бало, духтари ҳамсоя бало,
Ҳаргиз накунад духтари ҳамсоя вафо.

Басманда равам, ёра зи Басманда гирам,
Айбам накунед, агар ки пасмунда гирам.

Дуньёи дуруза ҳасту умри барбод,
Як бор намекунӣ мани сухтара ёд.

Ман рафта дили дилбарама бардорам,
Парвои алоби дузахаш кай дорам?!

Кокул ба миюнат дастаи гул борин,
Байт гуй агар, хониши булбул борин.

а) Хониши ту чаҳчаҳи булбул борин,
Зулфи качат дастаи сумбул борин.

Дидори тура бинам, надорам армун,
Сад дарду алам дидам дар руи чиюн.

Ин чураи поринам худи гул борин.
Додо дорад чаллоди хунхур борин.

Камзулча сиёҳ, садафча чиндас барно,
Аз ганда баро, ки мегирам сад билло!

Қадқади тагоб ниҳоли дулуна барод,
Кошке ки хавози чура аз хуна барод!

Аз дур ишоратат кунам, бархезӣ,
Монанди қаламфури Бухоро тезӣ.

Дулонаи пешорура бин бастанаша,
Чувонзани бебачара бин гаштанаюа.

Аз Дарғи' калун буромадем се бача,
Ман мемурамо ба ҳасрати гулғунча.

Дар руи замин мисоли гард афтодам,
Аз хурдани ғами ту ба дард афтодам.

Дар хоб будам, сабзина умад бағалам,
Бедор шудам,
алангa дорад чигарам.

---

• *Дарғ* — деҳа дар райони Айнӣ.

Ерам гули сурху ман гули бағдодӣ,
Як даста алова дар дилам сар додӣ!

Дарди сарата ту шину дар пешам гуй,
Ҳайфи тани нозукат, ки гаштӣ бешуй!

Қадатба мурам, қадат базеб афтодай,
Ду синаи ту мислаки себ афтодай.

Ин ёри азизи ман худи абри баҳор,
Ман туба ду-се гап дорам, одам бисьёр.

Сухтам бари номи хуши ту, э ёри азиз,
Таспи баданат зиёда аз моҳи тамиз[1].

Афтод назарам, ки об гирифт аз дарьё,
Монанди кабутари баҳор бепарво.

Гуё ту Гуландомию ман Баҳрумам[2],
Дар ҳаққи ту сухтаю ҷигарбирюнам.

Садбарги сафед, мешукуфӣ бегунӣ,
Ғурбати тура ман мехурам пинҳунӣ.

Ин шаб, чӣ шаб аст, ду дидаи бехобам,
Болини баланду чогаи беёрам.

Ман дар ғами ту ҳалок шудам, э барно,
Як бору ниё кун, сухтиям дар дуньё!

Эй бачаи қадбаланди гули гандум,
Нумолат дузамо дар миёнат бандум.

Майдони гули лола шукуфтан гирад,
Ду ошиқи ру ба ру гиристан гирад.

Ери мана мебинед,
салумаш гуед,
Дартои[3] дили мана тамумаш гуед.

Дар боғи шумо зардолуи береша,
Келини шумо шудори беандеша.

[1] *Тамиз* — тамуз — мохи даҳумӣ сурьёнӣ, ки ба мохи июль рост меояд.
[3] *Гуландом ва Бахром* — каҳрамонони афсонаи «Шоҳзода-Баҳром ва Гуландом».
[8] *Дартои* — дардҳои.

Маҳтоби шабасту ба дарат зам[1] сангча,
Боби дили ман чавонзани бебача.

Боло меравӣ, ситора талқонаша гир,
Чодир задаю духтари-деҳқонаша гир.

Сабзиназанак, алову оташ борин,
Хулқи хуши ӯ мисоли очаш борин.

Синема ба ях мондаму шиштам ба аёс,
Сад ҳайф, ки Обидахон надорад дили рост,

а) Яг рума ба ях мондаму як ру ба аёс,
Тоҳир манамо, Зуро намешӣ ту халос!

Гар об равӣ, мана хабар дода гузар,
Ду себа тиям, тушаи ро карда гузар.

Маҳтовшавай ман мебаром бумҳора,
Кай мебинам хушқоши бепарвора?!

Ери мана бин: дар қаллаи Вайроғат[2],
Дарди мана тоза мекунад ҳар соат.

Кучаи шумо як боғи пургул дорад,
Як духтари нозаиини булбул дорад.

Аз куча гузар накун, ки ман баднумам,
Дар бағали нозуки ту кай сар мунам?!

О духтари комсомол, мурам да"р адабат,
Ман тугма шавам дар кастуми беқасабат!

а) Эй духтари комсомол, мурам дар нумут,
Сақичи сиёҳ шавам ба таҳти кумут.

Рафтам ба сари болини ёри бемор,
Гуфтам, ки: «барои хотирам сар бардор».

Имсоли дароз ба фикри ту афтодам,
Корам мунду ба зикри ту афтодам.

Дар гушаи буми мо нашин беҳуда,
Моро ба ту бад гуянд, эй носуда!

' *Зам* — задам.
2 *Вайроғат* — калъаест дар наздикии деҳаи Пастиғави районни Мастчоҳи кӯҳна.

Хандун-хандун барно бурумад сари вот,
Қурбуни ҳамун хандаи шеринат акот.

Аз дир[1] ишоратат мекунам хезу биё,
Ин қиссаи ошиқӣ будай дар ҳама чо.

Эй очаи чун, куртаи ғам пора бикун,
Шабҳои дароз, духтар бигӯ, нола бикуи!

Боло мерам ба марзахои гандум,
Ошиқ шудиям ба духтарои мардум.

Кафтар шавамо, боғу чаманро бинам,
Оҳу шавамо, куҳи баландро бинам.

а) Оҳу шаваму қуҳи баландро бинам,
Як бори дигар нозукбаданро бинам

Эй духтари сабзинаи мағзи гандум,
Тарс аз падарат дорам, ваҳми мардум.

Ситораи оспуна шумурдам саду бист,
О ёри хутуркакам, буро, кучаба ист!

Барфак задаст, ағба таноб афтодаст,
Хуни ҷигарам руи алоб афтодаст.

Хонатба намедаром, ки одам бисьёр,
Мисли ҷазза месузад дили ошуқи зор.

Э ёри азиз, худат зи ҳурони биҳишт,
Дар гушаи румоли ту гулҳора кӣ кишт?

Садбарги сафед мебуравад бозикунун,
Ранги мана мекунад худи барги хазун.

Чойникаки қирмизӣ руи дуконам,
Ин акаи майдаҳаки пурармонам.

Дурраш[2] чакатоб, ёр умад бар лаби бум,
Бо чашми ҳаросонаш нигоҳ кард ба рум.

Ой камзурпуш, об буро ман бинам,
Зоре ки кушода шад, дили ғамгинам.

1 *Дир* — дур.
2 *Дурра* — рӯймол, пешонибандак.

а) Чашмам ба раҳаш, ёрам биёяд бинам,
Шояд ки кушода шад, дили ғамгинам.

Эй духтари нағз, тугмара баргак духтӣ,
Ту ин дили.девуная бе гап сухтӣ.

а) Дар банди дилат тугма қаторак духтӣ,
Тақдири мани бадбахта имсол сухтӣ!

Ой чураи чун, ҳардумоям гул борин,
Аз ман чиба меҳаросӣ бедил борин?

Маҳтоби шабаю меравам боми ба бом,
Аз чаври ҳамон лоларухи химчамиён.

а) Умрам бигузашт ба гаштани боми ба бом,
Аз боиси он ҳақиқлаби химчамиён.

б) Кафшам бидарид аз гаштани боми ба бом,
Ер адраси нобуриду ман нукраи хом.

Кафтар шудаю парвоз кунам бо бумат,
Овора макун ба ваъдаҳои хумат.

Додот шавадо розӣ,. барою мана гир,
Мегуд, ки дилам доғ асту гап дар тағдир.

Думми қошат аз думи дукам борик,
Як лаҳза набинам, бе ту дуйном торик.

Берун набаро, тар мешавӣ дар борун,
Дар оби ду дидаят мурам, чураи чун!

Ту гул шавию аз лаби чу канда гирам,
Сад сол гузарад, дбғи чудогет ба дилам.

Ман мор шавамо, ба нӯги мӯт овезам,
Обдаста шавам, да сару рӯт об резам.

Ид умадасо, идӣ барем мо бари ёр,
Сесад шутури сафеду марворид бор.

Ман мурғ неям, дуруни мурғун ёбй,
Оҳубараям, мана зи куҳ меёбӣ.

Обе хураме, оби Зарафшон бошад,
Ёре гираме, ёраки хандон бошад.

а) Як обе хурам, ки обаки соз бошад,
Як чӯра гирам, табельчи колхоз бошад.

б) Ерера гирӣ, ки ёри косиб бошад,
Ҳар чоба равӣ, ба ту муносиб бошад.

Як бор рафтам ба роҳ Бадалмо во хӯрд,
Дида мана вай се-чор бор пешпо хӯрд.

Сабзиназанак, сабзу мунаввар гардӣ,
Баъд аз сари ман кӯша кабутар гардӣ.

Қадат ба мисоли химчаи навсарзада буд,
Рӯят ба мисоли барги шабнамзада буд.

Дар долуни пешору мо шишта будем,
Ин сухани чудоира кай гуфта будем?

Тоқат неяд ба дари хунат гузарам,
Ях бори дигар дидората дида мурам.

Қоғаз умадо, меравам аскариба,
Таҳсин кунед ин аскари фалғариба,

Дар кунҷи тагобу ман ниҳоли бурсам,
Ҳар кас ки биёд, аз дилбарам мепурсам.

Болохонаи сафедаки гаҷкорӣ,
Маълимакаҷон, биё хурем чанголӣ[1].

Рафтам ба лаби ҷуи Самарқанду Бухор,
Ғайр аз ғами ту дигар надорам ҳеҷ кор.

Дар гушаи бум шиштас, ёрам бемор,
Дил месузад, ҷигаркабобам бари ёр.

Мактуб кунамо, ёр дар сари хат бошад,
Ҳар ҷоба равад, ёрам саломат бошад.

Духтар борик, мижгони духтар борик,
Ҳолаш чӣ шавад дар хонаҳои торик.

Румол ҷигарӣ, миёни румол ҷигарӣ,
Ғам мехурамо,
ту дар канори дигарӣ.

[1] *Чанголӣ* — таом.

Чашмони тӯ бе сурма сиёҳӣ дорад,
Лабҳои ту боби ошноӣ дорад.

Дар хонаи мо намакфуруш омада буд,
Пушти лаби ёр арақ ба ҷуш омада буд.

Чунам гирамат, миюни ҷунам гирамат,
Пайваста ба мэғзи устахунам гирамат.

Офтоб ба дуруни авр тобиш дорад,
Ин танбала бин, сояба нолиш дорад.

Масчоба мурам, ки чашмасорҳо дорад,
Обҳои хунуку лолазорҳо дорад!

а) О чашмаи Барҷушак, чӣ обо дорад,
Обашба мурам, чӣ ҷои хобо дорад.

Рав, очата гу, мана ба думодӣ гирад,
Ин банда ғуломи зархариди падарат.

а) Рав, очата гу, маро ба домодӣ гирад,
Ин ғунчаи ангура ба савғотӣ гирад.

Дар ҳавлии боло дилкашонӣ дорам,
Дуом накунед, умри чавонӣ дорам.

а) Дар кучаи боло дилкашунӣ дорам,
Айбам накунед, ишқи дарунӣ дорам.

Э куртасафеди ширамағзи гандум,
Ту меравӣ, дилма ба кӣ мебандум?!

Ағбара сар кардам ба пушти бурсо,
Чашмам чорай, дилам кашони Масчо.

Сабзиназанак, аҷаб зани гирдпастӣ,
Ту дар назарам мисоли кабки мастӣ.

Мактуби саломатӣ кунам ман бари ёр,
Аз ошуқи чонсухта дуои бисьёр.

Гулҳои лаби ҷубор чӣ буе доранд?
**Ҳар** ду хуварун чӣ гуфтугуе доранд?

**Ман** мемурамо ба холи банди дили ёр,
Ер барги гул асту очаш гули хор,

Ман шишта будум, ёрум гузашт ба доргӣ[1],
Аз сухтани дил байдуш мондум яборгӣ.

Гундишк париду олама нур гирифт,
Ёрам мана дида роҳаша дур гирифт.

Ин гаштани Дилварзин[2] фаромуш нашавад,
Сузад раҳи Масчоҳу ангишт нашавад.

Ман шона шавам ба зулфи тобдори ту, ёр,
Е ойна шавам ба руи зебои.ту, ёр.

Ман байт гуям, дусто, шумо гуш доред,
Зардоби мани ғариба мебардоред.

Шумат бинам, намози шумат бинам,
Ситора бишав, ки баъди шумат бинам.

Аз Тангӣ[3] намоён шуд дуди борик,
Бе ёр, доим, дуньё ба чашмам торик.

Аз кор умадам, дар куча дидам ёра,
Ниспи чигарам кабобу ниспаш пора.

О чураяки ҷавкору гандумкорам,
Яг бору намегуй, ки «ман ёр дорам».

Гумҷу шуда, гум кардиям ман ёра,
Аслоҳ намеёбам ҳисоби кора.

Аскарбачае ба боғ болида гузашт,
Қорд ай сари даст қалам тарошида г.узашт.

Мо, камбағало, не фикри боё дорем,
Мо бар сари худ давлати доно дорем.

Аз ағбаи -Хишекат[4] бурод абри баҳор,
Асои қаландарӣ гирам дар ғами ёр.

Бумои мактаб ҷои тамошо бошад,
Ёрам гузарад, дар дил таманно бошад.

' *Доргӣ* (дургӣ) — аз дур намоён шуда гузашта рафтан.
2 *Дилварзин* — дашт дар соҳили рости дарьёи Сир.
3 *Тангӣ* — гузаргоҳ дар наздикии деҳаи Овчии райони Ғончӣ.
*.*Хишекат* — Хушек&т деҳаи райони Айнӣ.

Эй ҷураи ҷон, ба ман нагу гапҳота,
Молома фурухта метиям додота.

Шаб то ба саҳар дидаи бедор дорӣ,
Дардат занадо, ҷогаи беёр дорӣ!.

Як абри сафед аз тарафи қибла гузашт,
Ин куртасафед аз ин ҷа бо ҷивла гузашт.

Кадатба муносиб кокулое дорӣ,
. Аз тири говара сар намебардорӣ.

Аз сарви чаман қадди ту боло бошад,
Аз дастаи гул руи ту зебо бошад.

Фа-рдо, ки худо қозӣ шавад дар арасот,
Аз дасти шумо, камзулсиё, гуям дод.

Саҳроба бурумадам, ки ёр қаҳрй гузашт,
Зориш кардам: «Аз ман чӣ кутоҳӣ гузашт?»

Дар куртаи сурхи дурнамоҳай, ёрам,
Бо амри қазо аз ман ҷудоҳай, ёрам.

Кошке ки худо муаллимам гардунад,
Китобча ба даст, фурод, ба пешам Хунад.

Мошина савор шудаму рафтам Вота,
Аз баҳри худо як бор надидам рута.

Аз хуна барумадо, салум дод ёрам,
Ду руш ба мисоли гул, тамошо дорам.

а) Ҳар бор ба долун мебарояд ёрам,
Ман қомати зебоша тамошо дорам.

О ҷураи ҷун, ҳар думо хуб доғем.
Ду булбули пошикаста дар як боғем.

Дар тори сарат қарси сафеди дубара,
Дар руи гулат холи сиёи дусара.

Як беди баланди якка дорад, ёрам,
Ду қоши сиёҳи ҳалқа дорад, ёрам.

Ёр, бе ту шабам руз нашавад дар дуньё,
Бад бошам агар, ҳаволаи ман ба худо.

Чашмота хумор накуну дилама адо,
Дар ҳаққи ту ман қаландарам мисли гадо.

Ҳисор дурасе, роҳҳои Ҳисор дурас,
Аз додар ҷудо шудан азоби гурас.

а) Яғноб дурасо, роҳҳои Яғноб дур аст,
Бе хандаи ёр хонем мисоли гур аст.

Орзу дорам, сар мунам дар болинат.
Беҳасратам, ба рум расад остинат.

Куҳои баланд-баланду регои дурушт,
Сесола ҷидогиҳои ҷурам мана кушт.

а) Ман қад-қади сой омадам, регои дурушт/
Ҳолҳои сиёҳи руи ёрам мана кушт.

Аз ишқи ту фикри парешунӣ дорам,
Ту мебуравӣ, ман дилкашунӣ дорам.

Як куи баланд бошаду як дона дутор,
Дар сояи у нишаста нолам бари ёр.

Нумола додам, ба сар набастас, ёрам,
Гуё, ки дилам ба ях шикастас, ёрам.

Рафтам ба сари барозу[1] умад буят,
Равшан гардад дашто зи шамъи руят.

а) Рафтам ба сари каналу умад буят,
Равшан кунадо, пахтара шамъи руят.

Ер, аз гули садбарг биёяд буят,
Аз себи гулобӣ менамояд руят.

Ман садқа шавум дастаки дар диторта!
Ман садқа шавум ҷомаи бирешумкорта!

Ман сухтиям, хабар надорад, ёрам,
Аз кучаи ман гузар надорад, ёрам.

а) Модар дорад, падар надорад ёрам,
Ман сӯхтаям,
хабар надорад ёрам.

[1] *Бароз* — баландӣ.

Байдои мана хабар баред ёрамба,
Румолча гирад, гирья кунад ҳоламба.

а) Мактуб карда фиристонам ёрамба,
Румолча гирад, гирья кунад ҳоламба.

Аз дур назора мекунам ёрамро,
Садбарги сафеди нозбардорамро.

Ин духтари майдиякба сесадта забон,
Ҳам дарди сарам шидасту ҳам қотили ҷон.

Шабҳои дароз уй[1] мекунам, уйи дигар,
Дастамба пиёла мехурам, хуни ҷигар.

Сабзиназанак ба шӯи гандеш габ зад,
Зардоби дилам монанди дарьё лаб зад.

Мошина қатор кардан ба роҳи Ревод,
Се йигити сабзина мурад дар зебат.

Аз хона баромадам, ёр, дар сари роҳ,
Румолчаи гирбишин к-ард руша панох.

Кухҳои баланд-баланду бурсои кабут,
Мисли ёрам озода оламба набуд.

Эй наргиси тар, ту дил набанд ҷои дигар,
Бо ёди ту мегардам сад соли дигар.

Дарди дили ман ба руи олам ру зад,
Дар ҳаққат агар бад гум, забунам сузад.

Шаҳри ҳукумат бурдагӣ аз ҳад дурай,
Посилка — румоли шоҳиюм манзурай.

Сарлавҳаи табилба гирам ҳуҷагита,
Як бус натӣ, бас мекунам ҷурагита.

Ман масти туам, ту дар хумори дигарӣ,
Ман гашта хазон,
ту навбаҳори дигарӣ.

Дар дасти шумо пиёлаи чои кабуд,
Монанди шумо райони Масчоба набуд.

1 *Уй* — фикр, хаёл.

Дар дашт будам, ки лоларо шабнам зад,
Дар руи дилам ду доғ руи ҳам зад.

Ман қадди туро аз ғобии дар' дидам,
Дар банди дилат ду тугмаи зар дидам.

Дар тори сарат румоли бахмал дидам,
Дар гирди сарат чил кокули зар дидам.

Ин духтараке, дутор ба дастат дидам,
Хоб рафта ба руи сабза мастат дидам.

Хар бега равам ҳавлии ёр об задагй,
Ду зулфи сиё дар бари руш тоб задагй. ^

а) Хунатба даром, хунат мудум об задагӣ,
Дар руи сафед зулфи сиё тоб задагӣ.

б) Аз хона баромад кафтари куш[2] задагӣ,
Ду зулфи сиёҳ дар бараки руш задагӣ.

Омад хабаре, ки дилбарам бетоб аст,
Дар шаҳри мусофирӣ дилам зардоб аст.

Эй духтараке, дар танат куртаи лас,
Як буса диҳӣ, мани чонсухтара бас.

Эй чураи. чун, дар раҳи даштат дидам,
Афтодаю хеста кабки мастат дидам.

Ман мемураме, дара ба лелак заданот,
Давида буро, ёр, сарам дар қадамот.

Шабҳои дарозу болинам дар бум аст,
Ду чашмаки ман қаландари раҳбун аст.

Раҳ меравиё, кокул ба пуштат ларзон,
Гап мезаниё, дилбар, ба ман хандакунон.

Дар тори ҳаво ду чуфт кафтар дидум,
Худро ба канори гарми дилбар дидум.

Рафтӣ ба алафчинию шиштӣ ба замйн,
Шуе, ки ту хуш кардӣ, аҳволаша бин!

1 *Ғобии дар* — роғии, шикофии дар.
2 *Куш* — лочин,

Садбарги сафед дар сари хор гирьюн аст,
Ниспқ чигарам барои ту бирьюн аст.

Румоли ғичим дореду курти ласчит,
Аз ман чӣ гуноҳ гузашт, ки дилтун ранчид? ,

Ман дар лаби чу ду барги ларзун дидам,
Ин бачаи беочара ҳайрун дидам.

Эй саллакабуд, саллаи ту зангорӣ,
Ман туба намерасам, ки ту зан дорӣ!

Колхозчӣ ба кор бурод ин нур аст,
Давлати Советӣ дар чаҳон машҳур аст,

Мактаб мерамо, мактаби Ленинобод,
Дардат занадо, духтари Заҳматобод.

Каддат ба мисоли навдаи борикас,
Бемор шудӣ, ёр, дуньё ба ман торикас,

Обе, ки ба руи сабза — оби дидам,
Ман дилбарама бори дигар медидам!

Рафтам ба дарат, ба дас задам занчират, ,
Кошке ба мани зор шавад такдират,

Нуми ин дашт савхози «Ленинобод»,
Техника қати инчара кардем обод.

Дар пушти лаби чувонзанак хол дидам,
Бемор шудам, тамоми шаб нолидам.

Дар хонаи мо равшан чироғи Ленин,
Ман бачаи даврон мешавам марди матин,

Мактаба кушод ба руи моҳо Ленин,
Илм омухта, мо мешавем марди матин.

Дар дасти шумо ангуштарини зардас,
Ҳар кас ба щумо ошуқ наяд, номардас.

Эй чураи чон, биё кунем ошноӣ,
Ин хонаи торикам шавад рушноӣ.

Бемор шудам, ёрам наомад дидан,
Андуҳи дили бечораро пурсидан,

а) Бсмор шудиям наумадй, ёр, дидан,
Аҳволи дили беморима пурсидан.

б) Бемор шудам, наомадӣ дидани ман,
Гӯё ки ризо шудй ту ба мурдани ман.

Шишта лаби дарьёи Зарафшунанда,
Шона мезанӣ зулфи нарешунанда.

Дастпонаи дастома тиям заргариба,
Ерам мана партофта бирафт аскариба.

Эй ҷураи ҷон, ҳаргиз наёфтам дилата,
Аз муи сарат зиёд хурдам ғамата.

Даҳта йигито мебураван бахри Ватап,
Саркарда шудан Азизу Мирзою Ҳасан.

Шамоли таги аҕба дарахтҷуммон аст,
Ишқи духтари мардум балои ҷон аст.

Се моҳ бозай надидаям дилбарама,
Ерун чӣ кунам сухтани банди дилама?

Барфои сарй аҕба ҳамаш борунай,
Ошуқию маъшуқӣ ҳамаш даврунай.

а) Ин абри сиёра оқибаш борунас,
Дар хунаи додом гаштанам даврунас. •

Каклик Манаме, макони ман дар камар аст,
Пурдард диламе, чураи ман бехабар аст.

Э ҷура, чиба мою ту бошем дилгир?
Шояд ки ба ҳам пайваста бошад тақдир.

Ошуқа дилаш харобу рангаш зард аст,
Ин корои ошуқӣ оҳу дард аст.

Ҳушам ба Дичик[1], ҳушу ҳолам ба Дичик,
Садбарги сафеди дилкушоям ба Диҷик.

Омад хабаре,
ки ҷураам шу кардас,
Аз оби ду дидаам замин чу кардас.

[1] *Дичик* — деҳа дар райони Айнй.

Рӯймоли бирешимину давраш заррин,
Аз қанду набот бусаи ёрам ширин.

Обаш гуфтам, шароби қандинам дод,
Мусаш гуфтам, хандаи ширинам дод.

Амири Бухор, ки нест шуд аз олам,
Колхозчӣ шудам, осуда гардид ҳолам.

Тақдири бадамба, дилбарам, тан додам,
Аз дардӣ тура ба ранги зард афтодам.

Ҳар куҷо равам ранги ятимим зардас,
Э ёри азиз, тамуми чунам дардас.

Аз ёр ҷудо шудан-ку мушкил кор аст,
Ҳар кас, ки зи ёр ҷудо шавад, бемор аст.

Роҳ меравиё, замин миннатдор аст,
Ҳар ҷо, ки шинӣ, дар назарам гулзор аст,

Боло мерам бари аруси додар,
Ҳар мелаи мум-лачуми аспи додар.

Аз хуна бурумадӣ, рангат зардас,
Медунам, ки додои ту номардас.

Себам додӣ, миёнааш мағзу мавиз,
" Худ гуфта будӣ: «мегирамат ёри азиз».

Очеш мегуд: «духтари хурдем нағз аст,
Да кисаи бахмалаш ҳамели мағз аст».

Да болои мошина савор аст додар,
Камзул сари китфу комсомол аст додар.

Ревад[1] нарав, ки Ревад регистон аст,
Ишқи духтари Ревад балои ҷон аст.

Ошуқ шудани мануту донан мардум,
Ёр мебуравад,
дилам кашолас аз дум.

Ёр мебуравад имсол ба хуни додош,
Румоли гули барра ба руи қошош.

• *Ревад* — деҳа дар райони Айнӣ.

Ҳар кас, ки ба колхоз кор кунад, ёраш ман,
Румоли бирешими сабукбораш ман.

Девори тура кулухаш аз санг аст-чӣ?
Ман мунтазирам, дастои ту бандас-чӣ?!

Эй ёри азиз, дар кисаат мағзу мавиз,
Сирҳои гузаштаро нагуй ҳаргиз.

Ёри мана бин: айвуни додошанда,
Румол бастасо болои қошошанда.

Чупонбача, молат дар Чаққил[1] хоб асг,
Тез гашта биё, дилаки чурет об аст.

Ёр, гавҳару тилло ба ту ҳай зебанда,
Ҳайфи тани нозукат ба шуи ганда.

Ин бега чӣ бега буд, ки ваъдам додӣ,
Поҳом ба замин намерасад аз шодӣ.

Дар боғ даром, ангур хурам дони маиз,
Ошуқ шудам ба духтари хурди раис.

То қай мешинӣ сари баландӣ танҳо,
То кай мекунӣ дили мана пурсавдо?!

Хумдун[2] фурумадам ба рузи майрам[3],
Бе дидани ёр орум надорам як дам.

Санги таги ҳавлии ту монанди мазор,
Ҳар бор ба зиёратат равам, ошуқи зор.

а) Себои дари хонат монанди мазор,
Ҳар лаҳза зиёратат бороям, дилдор.

Ошуқию маъшуқия ёдам додй,
Маҷнун шудам, акнун ҷавобам додӣ!

Дар пеши танур нун мепазад атласпуш,
Гуфтам, ки мусофирам, зи ман рута напуш.

Коғазба гирам ман сурати зебота,
Савғоти Душанбе мебарам гапота.

1 *Чақшл* (чаққилғозй) — номи мавзеъ.
2 *Хумдун* — Хумдон — даштест дар Мастчоҳ.
3 *Майрам* — ид.

е) Пешатба шинам, тамошо кунам қошота,
Фрунтба равам, савғот барам гапота.

Зира-зираё, баргаки зира-зира,
Ниспатам[1] барафт, фикру хаёло гира.

Дар назди тирезаи шумо гул дидам,
Худро ба канори вай чу булбул дидам. !

Бурванда будй, ба ман чиба дил додй?!
Як қабза алоба дар дилам андохтШ

Э, духтараке, бари ту синам чок аст,
Беақлй накун, ки дидаям намнок аст.

Аз кухи баланд фурумадам пушти мазор,
Як даста гуле кандам барои дилдор.

Қададба мурам, кадад ниҳоли зира,
Бузчушй равй, нумоли шоҳед хира.

06 те гуфтам, оби зулолам додй,
Се руз гуфта, се моҳ фиребам додй,

а) .06 те гуфтам, ба коса обам додй,
Ман гул будамо, гирифта тобам додй.

Ту ваъдара дар намози шумам додӣ,
Дардат занадо, ваъдаи хумам додӣ.

Борон резаду сабза дамад пои мазор,
Кабкак шаваму аґба баром дидани ёр.

Ошуқ шудиям ба духтари мактабхун,
Аз тарси муаллимо шудам саргардун.

Ҳарчанд кунам чудо намешад, дили зор,
Мурғе, ки тамум бепару болам бари ёр.

Ошиқ шудиям, имсол соли чор аст,
Дил туба[2] намекунад, аҷоиб кор аст!

а) Даспонй ба даст дораду гушворӣ ба гӯш,
Ман мемурамо, ба шиштанои лаби чӯш, '

[1] *Нисбат* — ошик, номзад, қинғола.
2 *Туба* — тавба.

Айбам накунед, ки ин дилам ғамдор аст,
Ҳар ҷоба равам, дилам кашуни ёр аст.

Чор кокули пуштат дастаи қамчинас,
Додот намурад, илоҷи корам қинас.

Анҷир дона, миёни анҷир дона,
Ҳаргиз нашавад ёри қадим бегона.

Ҳасрат дорам тамом кунӣ мактабата,
ДастмОл кунам қошони серравғаната[1].

Эй ҷураи ҷон, мактуб куну кучаба ист,
Аз банди дилат тугма канам яксаду бист.

Айвуни баланд дорию пешаш рават аст,
Ин сухтани ман барои зулфи хамат аст.

Қошат дона, миёни кошат дона,
Ту раҳми мана кай мехурӣ, ҷонона?

. Чашмони ту оҳубарраи сур афтод,
- Нозукбадан зи пеши ман дур афтод.

Раҳмат ба Совет кушода кард мактабаша,
Ҳар кас ба қоғаз медиҳад мақсадаша.

Румоли сарат ҳазору як гул дора,
Мегум гирамут, қонун намебардора.

а) Румоли сарат ҳазору як гул дорад,
Сад нақшу нигору акси булбул дорад.

Аз боми баланд ба боми паст афтидам,
Гусоласуроғ рафта, ба даст афтидам.

а) А буми баланд ба буми паст афтодам,
Динангӣ арус ба ранги зард афтодам.

Зардолуи зарди обба таркардаи ман,
Аскарбачаи ба ноз хушкардаи ман.

| Эй қошқалам, ту ба киён афтодӣ?
Гулғунча, ба дасти нокасон афтодӣ!

I *Қоши* серравған — коши ғафси сиё\, чило-
, дор-

Дар якуми сентябрь равӣ мактабхонӣ,
Қадри мани беилма ту кай медонӣ?!

Дастатба калан(д) кор мекунӣ дар сахро,
Нуматба мурам,
таърифи ту дар ҳар чо.

Эй духтари майдияки чени дили ман, .
Рав очата гу: «фалончиай ошиқи ман!»

а) Ман бачаву ту бачаву ту лоиқи ман,
Рав, очата гу: «фалонӣ буд ошиқи ман!»

Дастатба китоб рафта ба мактаб хонӣ,
Ту майдаяку боадабу пурдонӣ.

Чашми ману чашми ёр бозӣ дорад,
Чашми дигаргун замунасозӣ дорад.

Ман мемурамо, ду гур ковед бари ман,
Якташ бари ман,
якташ бари зардобам.

Кадат ба даруни курта бозӣ дорад,
Ин хона ба гаштани ту шодӣ дорад.

Бозор мериё, чӣ мебиёрӣ бари ман?
Дер омадӣ, тоқат надорад дили ман!

Ноаҳд будӣ, диламба чошидӣ алоб,
Сухтам ба фироқ,
як чакра надодӣ об.

Сад сол гузарад, ёри вафодорат ман,
Аз лаъли лабат буса талабгорам ман.

Э духтараки сафедаки буи баҳор,
Қаддат ба ниҳол монаду руят ба анор,

Э ёр, зи лабони ту чакад оби набот,
Аз духтарият додот тура манба надод.

Аз сухтанама ман мефуроям лаби об,
Ёр чигари сухтагимба чошид намакоб.

Кади ту алифу қомати ман долай,
Як лаҳза чудогият ба ман садсолай.

Гулои буҳор шукуфту неяд[1] гули ман,
Шодас дили булбулою ғамнок дили ман.

Ту дар лаби об шиштиго обат набарад,
Болина баландтар мон, ки хобат набарад.

Соғу ба сарат сой мефурой бари об,
Кошке ба мани сухта куни дастайроб.

а) Соғу ба сарат сой мефурой бари об,
Гуё мана мекуши ба зулфони дутоб.

Ёр чашми сиё, забони булбул дорад,
Меҳраш ба даруни сина ғул-ғул дорад.

Болини шумо болини сармони набуд,
Дил дода будам, ҷои пушаймонӣ набуд.

Кадат гула мемунаду руят маи нав,
Девунаи руи ту шудам вақти дарав. ;

Звенои мо духтараки серкорай,
Хоб надораде, дар сахари бедорай.

Ту куртаи шоҳӣ дори, гиребонат ман,
Ту ёри дигар дорию банномат[2] ман.

Эй духтараки сабзинаи хушкумат
Дар меҳнати колхози боши салумат.

Дар даст соғуи шир, дар сарат соғуи об,
Дардат занадо, рост биё, рута натоб!

а) Қадатба муносиб дар сарат кузаи об,
Эй ёри азиз, пештар биё, рута натоб!

Он ҷо дили ту кабоб, ин ҷо дили ман,
Ту дар ватанат карор, сарсон сари ман.

Духтар-духтар, муҳои ғул-ғул дорад,
Ду коши сиё, овози булбул дорад.

Ёри мана бин, чилта кокул дорад,
Дардаш занадам, овози булбул дорад.

[1] *Неяд* — нест.
* *Банном* — бадном.

Аз себи дари ҳавлит гирам як навда,
Байтои мана шунида мегуд ганда.

а) Аз себи дари хонет гирам як навда,
Гапҳои ту не, гапҳои бобот ганда.

б) Ай боғи калон ба мо расид як навда,
Ай ҷамъи ҷавон ба мо расид як ганда.

Аз чашмаи зери санг хурам як курт об,
Як муси[1] Савлатмо чу каймоқи тагоб.

Се моҳ шудас кор мекунам дар раҳи Фун[2],
Ошик шудаям ба хониши патифун.

А хона баромадӣ дилам сард шудай,
Хокистари ман барои ту гард шудай.

Дафтар гиру қалам гиру мактуба навис,
Сухти ту мана монанди офтоби тамиз.

Аз ёд фаромушам накун, ёрат ман,
Сад сол гузарад, чура, харидорат ман.

Ин абри сиёх хаёли борон дорад,
Мушкил ба касе, ки ёри нодон дорад.

а) Ин абри сиё хиёли борон дорад,
Мушкил ба касе, ки ёри чӯпон дорад.

. Таспи дилама паскунӣ рафтам лаби об,
Ҷононаи ноинсоф ба ман дод намакоб.

Таърихи чаҳун нумиТагарина навишт,
Якум шуда вай киштии кайҳониба шишт.

Додар-додар, ба гаштанат зорам ман,
Чашмони туро ба зар харидорам ман!

Як гул ба ду гул мобайни Яғноб афтод,
Кулли зани нағз ба шуи нобоб афтод.

Курола гирифтаму бурафтам Берлин,
Мактуб кардаму чавоб нададед, келин.

1 *Мус* — бӯса.
² *Фун* — номи дарьё.

Ҷонона, куҷо ҷуфт мебарӣ, нун барамат,
Як коса шароб, ду кабки бирьюн барамат.

Орзум нашикаст ба манзилои падарат,
Овора манам ба ваъдаҳои саҳарат.

Ҳам улфати ман будию ҳам кулфати ман,
Гаправ шудаё, нашиштӣ дар суҳбати ман.

Руймоли сарат бирешимай, чанг нагнрад,
Ҳар кас, ки ба ёди ту шинад, зан нагирад.

Ман банда ба шистани лаби оба-тба,
Ду чашми сиё, муи муғултобатба.

Дар сари шумо якта гули пайвандӣ,
Дардат занадо, иққа чиба механдӣ?!

Осиё нарав, ки осиё навбати ман,
Ёр меравадо, чӣ мешавад ҳолати ман?!

Як гул манамо, яктул лаби обанда,
Маҷнун манамо, Ширини ман хобанда.

Чашмам ба даруни Сталинободай,.
Дар кучаи ошиқӣ дили ман шодай.

Да боғи диёт[1] як-та ниҳол пайвастам,
Чӣ рӯзи сиёҳ буд, ки ба ту дил бастам.

а) Дар боғи шумо якта ниҳол пайвастем,
Билло ба худо, мо ба шумо дил бастем.

Маҳтобшаб аст ман меравам обдорӣ,
Дастпонаи дасти ту ба ман ёдгорӣ.

Сабзиназанак, аз ту намегардам ман,
Аз шуи лаванди ту наметарсам ман!

а) Ишқи туя хурдиям, намегардам ман,
А хешу тавори ту наметарсам ман.

Ин беди баланди нугакаш пайвандӣ,
Эй ҷураи ҷон,
аз мо чаро дил кандӣ?

• *Диё* — додо, падар.

Дар лаваки бум шиштай поовезун,
Акат мегум, ба дил нагир, чураи чун.

Чашмак занамо, сухан нагуй, чӣ кунам,
Як қиссаи ошуқӣ нагуӣ, чӣ кунам.

Ишқ овардӣ ,ба доманам пайвастӣ,
Бемор шудам, нагуфтш «беҳтар ҳастӣ?»

Духтар-духтаре, аз чашма об овардӣ,
Ман садқа шавам, шаҳра ба дод овардӣ.

Сабзиназанак, аз ту наосудам ман,
Аз руи гулат як бор набусидам ман.

. Бача будамо, заврақи ишқ овардам,
Сесад гули сурха аз Димишқ овардам.

Хобат дидам мисли алоб дар назарам,
О чура, биё, илоҳӣ дардат ба сарам!

Дафтарба кашам ситораи панчгуша,
Мактуб рафтай бари амакаш қуша.

Шабҳо ба ситора мерасад нолиши ман,
Дар оби ду дида тар шавад болиши мая.
* »

Эй ёри азиз, ҷилвагарӣ дар назарам,
Як куча буро, ба роҳи ту менигарам!

Об овардам, да куза об овардам,
Ҳалоли дилам[1], ба ганда тоб овардам.

Дарди дили ту дар дили озурдаи ман,
Мурғе, кӣ шуда бисмилу номурдаи ман.

Тушама биёр, ки аз Фалғар мерам,
Бар зидди фашисто мани аскар мерам.

Кошки намешуд ҳавлият дар гузарам,
^Х^н шуд диламо,
садпора гаштас ҷигарам,

Ситораи руз пеш мебурод ё Парвин,
Руи раҳата гирам шинам, то пешин.

1 *Х,алоли дилам* — офарин ба ман.

а) Ситораи руз пеш мебурод ё Парвин,
Сӯзи дили бачагим намешад таскин.

Сад неш задӣ бар дили озурдаи ман,
Аз рафтани ту холӣ шудас гурдаи[1] ман.

Ту шаъми шабунасузу ман парвуна,
Лайлии чигарсузию ман девуна.

Эй ёри азиз, гулои остинат ман,
Сад ёра гирӣ, ёри нахустинат ман.

Ин кутали молраҳаки шуми назарам,
Тири ғами молбарор зад дар чигарам.

Ерум зан гирифт ба сад макру овоза,
Як духтари қошуқруй, найрангбоза.

Ҳукумати Советӣ додас озодӣ,
Мегум: халқо меҳнат кунад а шодӣ.

а) Ин давраи мо ҳаст давраи озодӣ,
Мардону занон кор мекунем бо щодӣ.

Ту навданиҳоли хуб будй дар назарам,
Чун, ҷои дигар дил додаӣ, бехабарам.

Ери мана бин, худаш каммунист-партин,
. Руяш худи матоб,
ду чашмаш Парвин.

Аз раравиёт замин нагирад озор,
Ҷура, бари ман чй мехарӣ аз бозор?

Қадди ту мӯътадил: на болою на паст,
Чашмони ту пурхумор: на ҳушьёру на маст.

Оҳ чураи чун, аҳдора барҳам назанед,
Сирри худа пушеду ба кас дам назанед!

Ҳар нек табассумат баҳои олам,
Ман дар ғами ту шуму саҳар менолам.

а) Хуршеди чаҳон ҳар гаҳ бурод бар олам,
Ман дар ғами маъшуқаи худ менолам.

[1] *Гурда—ба* маънои паҳлӯ

Ин бачаи комсомол хушкардаи ман,
Дардаш задай дар ҷигари сухтаи ман.

Ман хоб будам таги чанори Патакон[1],
Бедор шудаям, тоқима бурдан занакон.

И руяки чу шинӣ ту, уруяш ман,
Ту куртаи шоӣ пуш, тугмаш аз ман.

Дар пахтачинӣ будам, ки ёрам омад,
Ороми дилу барори корам омад.

Дасти чапата иреби[2] дарвоза накун,
Вай ёри ман аст, нигоҳи беҳуда накун.

Сабзиназанак, моили чашмунат ман,
Дарди сару хотири парешунат ман.

Аскарбачаё, асири чашмунат ман,
Хуш лоиқи он сафед дастунат ман.

Эй себаки сурх, ту гул куну ғура накун,
Ман ёри туям, мана ту бегуна накун!

Бозору равем, мавиз харем ё пахта,
Хуштумани ноаҳла сараш да тахта.

Ин хунаи ёр рупаруи дари ман,
Аз кулли ҷиҳонзано[3] базеб, ҷураи ман.

Шабҳои дароз барои ман нола накун,
Оби чашмата, ёр, худи ҷола накун.

Чизҳои ту додагӣ ба дастам умад,
Оҳ, ошуқи ҷонсухта, мурам дар нумад.

Дар соати ҳафт мебуроӣ пахтачинӣ,
Эй ҷураи ҷон, дуньёба ҳаргиз намурӣ!

Эй ҷураи ҷун, аз ту ҷудогӣ накунам,
Бо ҳар касу нокас ошногӣ накунам.

Ман дар лаби об будам, ки ёрам умад,
Соғу ба сараш гули бухорам умад.

1 *Патакон* — мавзеъ.
2 *Уреби* — ҷониби, тарафи.
8 *Циҳонзано* — ҷавонзанҳо.

Рафтам ба сари барозу омад аз пеш,
Зориш кардам: «Гучо будӣ духтари хеш?»

Дар куча будам, гурум-гурум соз омад,
Дастама гиред, чувони асптоз омад.

Маҳтоби шабас, ки мебароям пешат,
Ду кокули ту ба гардани ман печад.

Обдорӣ равам, нигоҳ ба боғат накунам, *
Дур афтодй, ҷура, суроғат накунам!

Дар ҳавлии боло об набуд, об умад,
Се латтасафед[1] сайли гули боғ умад.

Аз рузи бурафтанат ба ғам печидам,
Дидори тура бори дигар медидам!

Ҷонат сузад, ёр, дил надодӣ ту ба ман!
Дил ҷои дӣгар додй, маломатзада ман.

Аз ра гузарӣ, ёр, салумат накунам,
Андеша ба фардои қиюмат накунам.

Ҳар чанд сухбат кардам ба вай то пешин,
Алоби дилам ҳаргиз намешад таскин.

Дар боғи диём ниҳоли якторa манам,
Бе ёраки худ ғарибу бечора манам.

Ҷунун, ба рухат назар кунам ё накунам?
Ин ишқи ту тарки сар кунам ё накунам?

Дар дашт будам, ду кафтари рум[2] умад,
Ёри мана бин, ба гушаи бум умад.

Булбул шавам, шинам ба пешайвунат,
Гуӣ сухане аз он лаби хандунат.

О, ёри азиз, бебақогӣ накунед,.
Ман ёри шумо, зи ман чудогй накунед. •

Ин маҳа бубин миёни оспонанда,
Вилояти мо бурҷи куҳистонанда.

I *Латта* — рӯймол.
• *Рум* (ром) — ромшуда.

Дар куча будам, омад шамоли печун,
Ду зулфи сиёх дар бари рут элечун[1]. *

Ҳар боре равам, чонона, гул медӯзй,
Моро ба умеди ваъдаҳот месӯзй.

Додои шумо зотехники колхозӣ,
Балот занадо, ика чаро менозӣ?!

Ҳар шаб ба хаёли ёр ҳайрунам ман,
Дар руи алоб гушти бирьюнам ман.

Дар кучаи ошуқӣ дурумад накунед,
Ман айб надорамо, мулумат накунед.

Ман аз раҳи дур дав-давон умадиям,
Ман пешаки ёри меҳрубон умадиям.

Имрӯз баром ба пахтачинй пешат,
Мардум мегун: «Олуфтамо ҳай хешат»,

Матоби шаб аст, ситораи рузат ман,
Оҳ чураи чун, ошики дилсузат ман!

а) Маҳтоби шабӣ, ситораи руз манам, '
Мачнун тую Лайлии дилсуз манам.

б) Маҳтоб туй, ситораи руз манам,
Ту мушки тарӣ, анбари дилсуз манам.

в) Парвин ту ҳаӣ, ситораи руз манам,
Ьедил ту ҳаӣ,'ошуки чонсуз манам.

Кӯкӯтй[2] баланду қадакам намерасад,
Ин ёр гузашту зӯракам намерасад.

а) Олуча баланд шудасу қадам нарасид,
Бойдухтар калон шудасу зурам нарасид.

Эй духтари комсомол, маҳи осмонӣ,
Дар илму адаб шоистаи давронӣ!

Колхозӣ шуду аъзо шудам аз ҳама пеш,
Ту ҳури биҳишт шавӣ, намешам ба ту хец1. '

1 *Элечун* – овезон..
* *Кӯкутӣ* – пудинаи кӯхй.

Дарьёи Хучанд чуш мезанад, чушаш ман,
Оташ, ки аланса мезанад, дудаш ман.

«Арзанчиниба бурумадӣ вақти намоз,
Лабҳота тамошо мекуыам — пусти пиёз.

Садбарги сафед шукуфтанаш осунай,
Ларзидани гушворош балои чунай.

б) Садбарги сафед шукуфтанаш осонай,
• Дил додану дил бурдан балои чонай.

Ошиқ шудаем ҳардуи мо пинҳунӣ,
Ин дарди дили сухтара кай медунӣРГ

Ҳар чоба равӣ, ёрам, назан гапи мана,
Зурат нарасид, баднум накун нуми мана.

Оҳубарраи масти гурезун-ёрам,
Хушқоматаки ризймарезун[1] — ёрам.

Руи ту сафед, барно, мисоли пахта,
Дастама бигир, қадам занем дар раста;

Ҳусне, ки худо додас, таманно дорӣ,
Дар руи гулат ду холи зебо дорӣ.

Ту ёри манӣ, шакарлаби гулғунча,
Мирзои дари идора, мири кӯча.

Ту бачаи бой бошию ман камбағалам,
Оё ба муроди дил расам ё нарасам?

а) Ту духтари бой бошию ман камбағалам,
Аз ишқи тура соли дароз дарбадарам.

Эй бачаи комсомоли камдидорам,
Аз меҳри тура Падроха[2] дуст медорам.

а) Э духтари комсомоли камдидорам,
Аз боиси ту мактаба дуст медорам.

Ваъда додй, буромадам ман каппат,
Ошуқ манамо, ба холи руи чаппат.

• *Ризимарезун* — хушрӯ, зебою дилкаш.
I * *Падрох* — деҳаи Мастчоҳи кӯҳиа.

Кошои сиёи ту мана авгор кард,
Шаҳрои мусофирӣ мана бемор кард.

Дар сараки санг навишта монам ба шумо,
Мактуба гиред, хонед рози дили мо. .

Аз хоби шабам чуммунду бедорам кард,
Як буса талаб кардам, гунаҳкорам кард.

Ишки ту, парӣ, сузунду бирьюнам кард,
Ин дарди ҷудогӣ, ҷура, гирьюнам кард.

Киштии совет ғулғула дар олам кард,
Дусто хама шодӣ, душмано мотам кард.

Афтоби сари қалъа сиёҳтобам кард,
Ишқи духтари мардум бетобам кард.

Доғам кардию доғимадоғам кардӣ,
Дар фасли баҳор-булбули боғам кардӣ.

Румоли сарат соя ба мӯят кардай,
Девона мана ду холи рӯят кардай.

Дар гушаи бум як себи сурх даст кардам,
Сад бор ба тамошои рухат қасд кардам.

Аз дур дидам туракт ишорат кардам,
Аз тӯғрии ҳавлият иморат кардам.

Аз дир хиёли гули лолат кардам,
Қаҳрӣ будиё, оштӣ хиёлат кардам.

Чунунаи нозанина меҳмун кардам,
Ман аз ҷигарам кабоб бирьюн кардам.

Аз хона бурумадӣ, нигоҳат кардам,
Монанди маҳи чордаҳ хаёлат кардам.

Маҳтоби шабай, хаёли рузаш кардам,
Аз гушаи бом ёзида бусаш кардам.

Рафтам лаби об оба тамошо кардам,
Ишқи туя, ёр, дар дилакам ҷо кардам.

Мактуб кунамат аз оби Фалғар уру,
Хатту хабарат намебиёяд иру.'

Боруни бух̣ор сабзаро сероб кардас,
Ишқи ту мана, о ҷура, бехоб кардас.

Лайлоқи баланду ҷои мирон Каррук[1],
Ҷурғоти хунуку оби яхтон Каррук.

. Такфон[2] рафтие, кастума болишт кардӣ,
Меҳре, ки ба мо доштӣ, фаромӯш кардӣ.

Румоли фаранг бастиго доғум кардӣ,
Овора ба Палдораку Роғум[3] кардй.

То зинда ҳаям тура намунам ба касе,
Баъд аз сари ман ту дону ҳар хору хасе.

Танбуру дутор гирифтанат каттагитай,
Моро-ку назар.накарданат баччагитай.

Дар гушаи бум шиштаг мисоли кафтар,
Ишқи ману ту имсол мешад дафтар.

Усто шавамо, пешам биёр кафшота,
Як кук занамо, синча кунам қошота.

а) Усто нашудем, духта тиям кафшота,
Габба гираму ниго кунам қошота.

Аз ҳавлии мо баландтараш ҳавлии кӣ?
Ин ҷомаалоча мебурод, ҷураи кӣ?

Э духтари кокулзарди кокулмалла,
Ҳайфо, ки худат нағзию додот ганда.

Рузҳои дароз вакт намеёбам аз кор,
Маҳтоби шаб аст,
ки мебуром дидани ёр.

Гуфтам равам,
пухта кунам корамро,
Аз ҷангӣ ҳариф ҷудо кунам ёрамро.

Аз хона баромадӣ ба дастат коса,
Ларзида шинам ман дар таги дарвоза.

> *Каррук* — мавзеъ дар деҳаи Зимтути райони Панчакент.

* *Такфон* — деҳа дар райони Айнй.

8 *Палдораку Роғ* — деҳахои раГшни Мастздқи кӯҳна.

0 чураи чун, ягун-ягун ёдам куп,
Симоби дари куят шудам, обам кун. -

Сарчашмаи нав миёни камчзоранда',
Ман мемурамо карашмаи ёранда.

Эй беди баланд, балан баро, майлон кун,
Эй ёри хучек[2], лайлоқ биё, даврон кун.

Гандуми сари мазора фуро хуша кун,
Аз меҳнати колхозет ба ман туша кун.

Чупонй равам, ба куҳу дашт нола кунам,
Ин чигари сухтагима чӣ чора кунам?!

Шамшоду шавам, зулфи сйёҳ шона кунам,
Мӯбофу шавам, дар қадамат бозӣ кунам.

Ҷунама фидои чашми масти ту кунам,
Дастунама ман чойруби дасти ту кунам.

Саъба шаваму дар остинат хона кунам,
Булбул шаваму ҳазору як нола кунам.

Имруз дилам ҳаво кунад, ман чй кунам,
Майли бағали ошиқ кунад, ман чй кунам?!

Дасти мана аз домани ту канда кунапа,
Хоҳанд, маро ба нокасе банда кунанд.

Ошуқбозира кунӣ буҳоранда кунӣ,
Ин бусу канора лолазоранда кунӣ.

Ҷонона, ту арзи бандаро гуш кунй,
Бо як нигоҳат олама хомуш кунӣ.

Худои карим, дили мана шод кунй,
Ёри гулама аз золим озод кунӣ!

Дилварзина бин чои хубу дашти кушод/
Мардону занон кор мекунанд бо дили шод.

Авлон мана кушт, куртаи авлон мана.кушт,
Ду қоши сиёи синаҷунбон мана кушт,

1 *Камчзор* — камишзор.
2 *Хучек* — хурдакак, майлаяк.

Дируз фурумадам ба қадди куча,
Ин духтари комсомол худи гулғунча.

Дар даҳани дарвоза ту чӣ гуфтӣ мана?
Бо ун лаби пурханда гирифтӣ ҷони мана.

Модар чӣ кунад, ҳилаю дармони мана,
Кирмон хуранд ду чашми бодоми мана.

Боло мерй, салом бугу ёри муна,
Ай банди бало халос куна ҷони муна.

Имруз мусофирй асар кард мана,
Тири ғами ту порачигар кард мана.

Сабзиназанак, аз ёр чудо кардӣ мана,
Дар вақти гули сабза адо кардӣ мана!

Бо як нигоҳат мубтало кардӣ мана,
Партофта, ба гирдоби бало кардӣ мана.

Рафтӣ-рафтие, аламот кушт маро,
Кардӣ ба даруни дил фаромуш маро.

Партофтй мана, худо напартофт мана,
Ёре ёфтам, ба дида бардошт мана.

Кадат, санамо, осоиши ҷони манай,
Лунҷат санамо, зебиши дандони манай.

Ғӯш[1] манамо, навдаи сарғӯш манамо,
Оинаи духтарони рӯпӯш маламо.

Дилтангӣ накун, ки дилкушои ту манам,
Ғамгин машав, ки бовафои ту манам!.

Обе, ки ба руи сабза ғелида манам,
Як булбули ҷонсухта дар ин кулба манам.

Аз дарди тура бо ҷигари сухта манам,
Танҳо ба руи худат чашмдухта манам.

Эй ғунчаи гул,
ба ҳар сари хор марав,
Бо гуфтаи одамони бадкор марав.

• *Ғӯш* — дарахти мустахками кӯҳӣ.

О, ҷураи ҷун, биё шинем дар марза,
Аз ҳайбати додота дилам дар ларза.

Румоли сарат бирешими Марғелун,
Дузд умадасо, бурору дар токаш мун.

Даст андохта гирифтам аз марҷунаш, <
Дар банди гулуш мундас балогардунаш'.

Духтар-духтаре, дар ҷамолат мастам,
Ҳаргиз нарасад гирди канорат дастам!

Ёрам мегуд: «Дар ҷамолат мастам,
Шарбат шуда, дар лаъли лабунат часпам».

Дар айни ғурури бачагӣ ман мастам,
Сад оҳу дареғ, ҷавонӣ рафт аз дастам!

Аз дуру ниё[2] кунам ду чашми мастат,
Ту неъмати ноёфт, ман замини пастат.

Эй себи Самарқандӣ, ба буят мастам!
Ман мисли ту нё, ман ба аҳдам ҳастам.

Чупонӣ буром, фурорамат барги матор[3],
Ҳасрат дорамо, ойим, сар аз хоб бардор!

Аъзо шудиям дар ширкати матлубот,
Румол ба сарат, кулуши панҷум дар пот,

Мун садқа шавум холи лаби маҳвашро,
Дар ҷогаи гарми ман бизад оташро.

Дар парраи торунзор бурумад маҳтоб,
Аз толеи пасти мо Зулайхо бетоб.

Рухсораи руи ёр худи маҳтобас,
Ҳайфи тани нозукаш, ки танҳо хобас.

Расво кунамо шуи тура дар майлис,
Дубора тура аз кор намунад ҳаргиз.

Зулфони сиёи ёр худи маҷнунбед,
Сад кас ба вай ошиқасту мо ҳам ба умед.

[1] *Балогардоы* — мӯхра.
[5] *Ниё* — нигоҳ.
3 *Матор* — растании кӯҳӣ.

Қадди ёрам ниҳолаки маҷнунбед,
Аз ман насиҳат ба гапи гапгу наравед.

**Қаддат ба** хироҷи мамлакат меарзад,
Кокул ба миёни борикат меларзад.

Чашмони ту баҳри ошуқӣ меарзад,
Аз сухтанама тамуми ҷун меларзад.

Алафи лаби вота ту банд мебастӣ,
Байд мегуфтӣ мунанди кабки масте.

Сар кардани ағбанда хаёл мебарадам,
Буи хуши дилбара шамол мебарадам.

Ту **дар** лаби бом шиштаю тут мебезӣ,
Чашмат ба ману арақ зи рут мерезӣ.

Аз синчаи ту тири ҷафо мебинам,
Дар хандаи ту аҳду вафо мебинам,

Ду кӯҳи баланда сар ба сар мебинам,
Ёри худама ман дар сафар мебинам. .

Обам мебод, оби тагобам мебод,
Саргашта шудам, духтари бобам мебод.

а) Обам мебод, оби тагобам мебод,
Аз дасти ту як коса шаробам мебод.

Бозори Уротеппа анорам мебод,
Корам равамо, суҳбати ёрам мебод.

Зебои ширин, зи ҳусни худ меболӣ,
Рузе мерасад дар ишқакам менолӣ!

Борони баҳор шимир-шимир меборад,
Ғамдор нолад, беғам чӣ парво дорад.

Э ёри азиз, нур аз сарат меборад,
Дил рафта аз ихтиёр, шодӣ дорад.

Шабнам резад, боди сабо меботам,
Банди дили қоғази шумо меботам.

Ҳангоми саҳар боди баҳор мебодам,
Рухсораи себи сурхи ёр мебодам.

Тошканд дур аст, ман бенаво мегардам, '
Мошукр сарам, ай ёр ҷудо мегардам.

Дар ишки ту, ёр, дида пуроб мегардам,
Афтода ба сад ҳоли хароб мегардам.

Кошке ки ба ту хамсоя мегардидам,
Ҳар шуму саҳар руи тура медидам.

Мунанди булбули чаман мегардй;
Ман мебуравам, ту дар ватан мегардӣ.

Румоли сарат шамола мегардунад,
Шамоли саҳар муҳота меларзунад.

Эй кабки рамида, ман салОм мегумтун,
Ҳаргиз наравад латофати бачагитун.

Ман аз бари Ленин як китоб байт мегум,
О ҷура, шунав, ки вай азизи мардум.

Ман байда намедунум, рубоӣ мегум,
Сесад ғазали зиндаҷудогӣ мегум.

Ҳар кас, ки тура гирад, зи ҷон мегузарад,
Аз хешу табору хонумон мегузарад.

Шохи чамани шикаста мегуяндам,
Як бега ба пеши ёр намемунандам.

Зангир шудиям, хешу тавор не мегун,
Аз ҷураи сарвиноз ҷудо шав мегун.

Байте, ки турам дунӣ, манам медунам,
Сад байти тура гирди сарам гардунам[1].

Мактуб кунамат, чура, худат медунӣ,
Шояд ки чавоби хатама гардунӣ.

Дар биргади ду дарав мекард ёрам,
Як буса талаб карданба шарм медорам.

Эй ёри азиз, лотиния медонӣ,
Дафтар гирию оӣ ба пешам хонӣ.

I *Гирди сар гардондан* — хеле азиз, қимат до.
нистан.

а) Оҳ чураи ҷун, лотинира медунӣ,
Мора гирию ба пеши худ хунунӣ. •

**Дар** шаҳри мусофирӣ ямоқ медузам,
**Дар** нозу карашмаи санам месузам.

Усто шудаё поҳотба кафш медузам,
Кафш пушу гузар, ман аз ҷигар месузам.

Раҳмат ба Совет Совета дӯст медорем, •
Аз. техникаҳои ӯ мо миннатдорем. *

Акоҷунакам, ҳаво-ҳаво мегардед,
Солҳои дароз аз мо ҷудо мегардед.

Лабам ба лабат расад, ҳаёт меёвам,
Аз зери лабат, ҷура, навот меёвам.

Ман дар шаби тор раҳи тура меёвам,
Дар ишқи ту, гул, шому саҳар бетобам.

Рузе, ки ба кучатун гузар мекардам,
Аз апаи золиматун ҳазар мекардам.

Сар кардани ағбаю шамол мезанатам,
Буи ватанам гоҳ-гоҳ хаёл мебаратам.

Очетба мурам, очет далелам мекард,
Дар гармои руз, боғча нишебам мекард.

Ман гандуми тирмоҳӣ дарав мекардам,
Ман ноза ба хонаи падар мекардам.

а) Гандумаки колхоза дарав мекардам,
Ҳар чо ки равад, ҷура хабар мекардам.

Аз хунаи пастакат сарам мекутта![1],
Ҷурат мурад ба синаҳои муттат[2].

Аз ағбаи Оббурдон[3] дилам меларзад,
Дар ҳар қадами ҷурам мурам, меарзад.

Қошони сиёт мисли қалам мемонад,
Ту меравию дилба алам мемонад.

' *Мекутат*—мерасад, мезанад.
2 *Мут*—майда, хурд.
3 *Оббурдон* — деҳа дар райони Мастчоҳи кӯҳна.

Румоли сиё болои қошаш мемонд,
Чандин йигита нигоҳи масташ сузонд.

Эй бачияке, пушта ба тах мемонӣ,
Аз сузишата сина ба ях мемолӣ.

Мо мебуравем, армон ба дил мемонад,
Ин ёри қаламқошам ба кӣ мемонад?

Ту корба равӣ, аз ақибат менигарам,
Исто, қатӣ рем[1], дарду балоят ба сарам.

Ҳар бор сари кӯҳи баланд менигарам,
06 аз ду рухам резад, хун аз ҷигарам.

Ҳар бор ба суи модардорон нигарам,
а) 06 аз дидам резаду хун аз ҷигарам.

Мунанди оҳуи ярадор менолам,
Як бору хабар намегирӣ аз ҳолам.

Дар фасли саҳар булбул ба боғ меояд,
Пурсида гирӣ, гула суроғ меояд.

-Ер, аз нафаси ту буи гул меояд,
Дар суҳбати ту шиштан мана мебояд.

Ту гуфта будӣ, ки: «рузи даҳ меоям»,
Даҳ-понздаҳ шудаст, ман раҳ мепоям."

Мактаб гирадам, о ҷура, хундан мерам,
Ёрам бошад, ёрама дидан мерам.

Мурғобӣ шуда таг-таги дарьё мерам,
Бе ёр, ки ҳаям, киноба танҳо мерам.

Дарьёи калон ба ҳар сари хас мерад,
Вай ёри кӣ ҳай, ҷилвакунон дарс мерад?

Зандолу пазад, дайро сари хас мерад,
Ин ошиқи мо ба дасти нокас мерад.

Нур аз ду руху чашмони ту мерезад, *
Дурр аз даҳану дандони ту мерезад.

• *Рем* — равем.

Меҳнат дорад, араќи руш мерезад,
Танбал вая дида, ба дарав мехезад.

Ман гуфта будам юрта тамошо мерам,
Уреб гузашта пеши Бадалмо мерам. •

Дар гушаи бум шистаю чарх мересад,
Ҳуштак занамо, ҷилвакунун мехезад.

Соғу ба сарат сарчашма гаҳ-гаҳ мерӣ,
Монандаи аспи қантарӣ раҳ мерӣ.

Ёрам раҳи дуру мана месузонад,
Ҷигари мана об карда мерезунад.

Румол ба сарат, рангу ба ранг метобӣ,
Аз ҷабри кадум душманата бетобӣ.

Роҳ мегардию ягон-ягон механдӣ,
Хона биёӣ, озурдаю дармандӣ.

Як булбули хушхун дар қафас мехунад,
Гуё, ки ҳама дарди дилам медунад.

Ҳар лаҳза ба чунам байдата мехунам,
Бв гапи турам, мақсадата медунам.

Мактаб гирадам, ба пеши ёр мехонам,
Эй ёри азиз, дарду балот бар чонам.

Соғу ба сараш а лаби об мехезад,
Ҳушаш ба мано, а руш арақ мерезад.

Баъд аз се руз дараву хирман мешад,
Як кора баҳона карда мерам пешад.

Себарга дамад баҳори олам мешад,
Як мус бите, ғами дилам кам мешад.

Офтобе, ки Зосуна[1] шинад, шом мешад,
Додар, ки биёд, ғами дилат кам мешад.

Эй духтараке,
ту хунда мулло мешӣ,
Аз байрақи сурхи комсомоло мешӣ,

I *Зосун* — деҳа дар районн Айнӣ.

Имшаб ту биё, мекунамат меҳмунӣ,
Ман ҷуни азизама кунам курбунӣ.

Ин чашмая бин булуқ-булуқ меҷӯшад,
Комсом.олкая бин, дудаста гов меҷӯшад.

Эй қошқалам, ду даста кардӣ ба миюн,
Ҳар кас, ки тура гирад, мурад беармун.

Эй баччаки қалпоқбасари румолбамиён,
Ҷуххоя ту кандӣ, оба хурдан дигарон.

Аз хона бурумадед мижгун-мижгун[1],
Ҳам дарди сарам шудед, ҳам коҳиши ҷун.

Роҳ меравӣ, замин зи ту миннатдор,
Дар ҳар қадами ту мемурам сесад бор.

Озодачувон, ман аз ту миннатдорам,
Хоки рахата ба дида мебардорам.

Духтар шаваде, гавора меҷунбонам,
Писар шаваде, дасти ба даст гардонам. '

Дар кунҷи работ шиштаю буз мечушӣ,
Бачаи мардума дидаю ру мепушӣ.

Хез, муну бурав, ки ҳоли мечуяндат,
Як лаҳза~ба пеши ман намемунандат.

Эй рафиқи чун, хуна бура меҳмонӣ,
Ту лаззати ошиқира чӣ медонӣ?!

Офтоб задай тори чубтораи[2] мо,
Зангор гирифт руи рухсораи мо.

Як бори дигар қадам ба Масчоҳ монам,
Булбул шаваму дар ҳаққи духтар хонам.

Шоир нашудам, ду-сета байдад-мунам,
Сафедии дандунат балои чунам.

Ту очата зорӣ кун, ки ман кас мунам,
Ин меҳри туро дар банди дил таспунам.

1 *Мижгун*—мижгун—чашмакзанон.
*2 Чубтора — навън* хона.

0 ёри азиз, дар бағалат сар мунам,
Аз ваъда нагард, ки мебурояд чунам.

Саргардунам, сара ба санго мунам,
Ақлам нарасид, дар қадамат сар мунам.

Ҳар бор ту қадам мунӣ, ман сар мунам,
* Дар қошу қабоқи пурхуморат ҷунам.

Садбарг корам, ту пота дар руш мунӣ,
Ошуқ шудиям, дардама кай медунӣ?

Боғбонаки боғ шудаму аз боғ мондам,
Кардам сафари дарозу аз ёр мондам.

Ерам, ки бурафт, чашми ҳаросон мундам,
Дустон, ба фироқаш зору гирьён мундам. >

Ман бачаяме, ба бачагим мунетам,
Аз пеши ҳамин барно нахезунетам.

Ҷонона, дарав равӣ ба суи Хати мор[1],
Бозгашти сафар ба ман гули лола биёр.

Қад-қади Зарафшон меравем дар мошин,
Халқи Масчоҳ дар кори роҳ ҳаст лочин.

Ери мана бин, сувор шуд дар мошин,
Сангоби Самарқандба фуроям пешин.

Гуфтам, ки кучо меравӣ, э моҳпора?
Дар ҳачру фироқи ту шудам овора!

Холои қатор дорӣ мунанд худи мош,
Мунандаи чунварон чинемшун баталош.

Дар қадди ниҳоли навниҳоли ту мурам,
Дар руи сафеди беғубори ту мурам.

а) Қадатба мурам, қади ниҳолатба мурам,
Ин омаданой бемалолатба мурам.

Дар банди дили сафеди ҷунуна мурам,
Дар руи сафеди духтари хуна мурам.

1 *Хати мор* — мавзеъ дар деҳаи Басмандии рай. они Ғончӣ.

Эй ёри азиз, овози хандатба мурам,
Чоқа[1] шудани кучаи тангатба мурам.

а) Духтар-духтар, лабҳои қандатба мурам,
Истодани кучаҳои тангатба мурам.

Чашмони сиёҳи пурхуморатба мурам,
Дандони сафеди обдоратба мурам.

Аз хона баромадию хандетба мурам,
Ду зулфи сиёҳи чоркардетба мурам.

Болоба мурам, ҳавлии болоба мурам,
Румолсафед — духтари барноба мурам.

; Аз лаби ҳавз парвоз кард мурғобӣ,
Ошиқ шудиям ба духтари сурхобӣ.

Дар даври Совет не қозию не муфтӣ,
Мо дасту ба даст равем, Ҳукумат розӣ.

Бозор равам, харид кунам собуни мушк,
Дарду аламат, барно, ба ҳасрат мана кушт,

а) Бозор равам харид кунам собуни мушк,
Раҳ гаштани духтарои холам мана кушт.

б) Тошканд равам, харид кунам собуни мушк,
Ду қоши сиёҳ, руи сафедат мана кушт.

Аз пои муборакат кашидам муза,
Мумкин бошад, суҳбат кунем т*б руза.

а) Дар пои ту, ёр, ҳаяд калушу муза,
Дар ҳақи ту, ёр, ғазал хонам то руза.

Ранги тура, ёр, дида дид[2] кард муям,
Руи гулата ба оби дидам шуям.

Шамолаки саҳарӣ вазад бар муят,
Ёрат шавамо, буса гирам аз руят.

Чашмони хумор, аз оби тилло муят,
Ошуқ шудиям ба лолаҳои руят.

I *Чоқа* — намоён.
* *Дид* — дуд.

Аз хуна бурумадию пупак сари му,
Сабзиназанак, дарду давои мана гу!

Садбарги сафед, нуги муят мулча[1],
Пазмони ишоратат шудам, гулғунча.

Ман сухтаямо, намебурояд нафасам, :
Мунандаи кабке, ки мудом дар қафасам.

Ёр, ошуқиҳои бачагит овоза нашад,
, Норбун қати рав, ғичасти дарвоза нашад.

! Дар қишлоқи мо як духтари куртасафед
Ҳушу ёдаш мегуд: «Мана мактабба баред!».

Чашмо дорӣ аз чашми бум ҳам нағзтар,
Бисьёру ниго накун, ки мешам ахгар.

I Як бори дигар ба ҳам шинем ё нашинем,
Армуни дила ба ҳам кунем ё накунем.

Байтои мана румолба бардор худи нақш,
Эй дилбари ҷун, гуноҳи кардагима бахш!

Сабзиназанак, деволи додот нақшин,
Орзу дораме, як дам биё, пешам шин.

Савзиначувон, сарамба савдои ту нест,
Сад сол гузарад, диламба парвои ту нест. ^

Рафтам сари кор, юхлӣ[2] кунам, ёрам, не,
Аз сухтанама мадори рафторам не.

а) Ангор[8] равам, сайр кунамо, ёрам нест,
Сухтаст ҷигарам, мадори гуфторам нест.

б) Колхозчира сайла мекунам, ёрам не,
Поезд набарад, мадори рафторам не.

Тошкандба мувофиқи қадат кастум нест,
Дар пеши шумо баромадан осун нест.

[1] *Мулча* — мӯлчок, мӯхра.
8 *Юхла* — чустуҷӯ, пурсуҷӯ.
8 *Ангор* — мавзеъ дар райони Айнӣ.

а) Хиҷ чоба мувофиқи қадат кастум нест,
Ҳич кас ба мунанди шумо сарсун нест.

Болоба равам зарра қарорам неяд,
Поёнба биём ёр дар канорам неяд.

а) Ошуқ шудиям як дам қарорам неяд,
Гулғунчаи ман, чашми хуморам неяд.

б) Эй чураи чун, бе ту қарорам неяд,
Дар ҷисми адошуда мадорам неяд.

Дар кунҷи тагоб хафсалаи корам нест,
Моил ба туям, забони гуфторам нест.

Тошканд рафтаю кардам ниспатбозӣ,
Ошуқу шудам, хешу табор норозӣ.

Бо чашми ҳгросун мекунам туба ниго,
Душман мурад, аз ҳам шудем зиндачудо.

Нисфи ҷигарам сухтай, нимаш шуда ов,
Хостгор мундиям очаш намегуяд ҳов[1].

а) Чупун шаваму ҳуштак кашам нову ба нов,
Одам мундамо, очаш намегуяд ҳов.

Ин ағбара сар кардам ба оху нола,
Ту духтари бой бошию ман бечора.

Булбул ба фироқи гул дорад нолиш,
Дар сояи гул кӣ мекунад осоиш?!

Ду қоши сиёт бурдас дили нолонам,
Ду зулфи сиёт качак задас бар ҷонам.

Аз хуна бурумадӣ нолон-нолон,
Бехрин[2] набуро, тар мешавӣ дар борон!

Сардафтари ошиқон бошад номам,
Машҳури ду олам шавад достонам.

Гуфтам, ки равам, бинам гули норамро,
Садбарги сафеди нозбардорамро,

1 Ҳов — ха.
а *Беҳрин* — берун.

« Аз даври қадим шеринас ошуқбозӣ,
Кошке ки ту оҳу шавию ман тозӣ.

Гулғунча будам, сиё шудам дар офтоб,
Сухтам бари ту, тамуми ҷунам зардоб.

Эй ҷураи ҷон, биё кунем ошной,
Ин хонаи торика кунем рушноӣ.

Руймол дузам фиристонам пинҳонӣ,
Гоҳ руята пок кунию гаҳ пешонӣ.

а) Румол дузам ба ёракам пинҳонӣ,
Гоҳ дасташа пок кунад, гоҳ пешонӣ.

Мактуб нависам ба дилбарам пинҳонй,
Аз файзи саҳар хонию хоҳ бегонӣ.

а) Мактуб кунаму фиристамат пинҳонӣ,
Сухтай ҷигарам, ҷавобаша гардонӣ.

Пахта чинему ичро намоем плана,
Бо меҳнати худ розй намоем Ватана.

Як ёр дорам дар гузари поёнай,
Як руз набинам, ҷигаракам бирьёнай.

Ерат мурад, эй бачаи поюнӣ,
Ман сухтиям, бача ту кай медунӣ?!

Аскар шуда равам ба шаҳри Польша,
Хуш карда гирам як духтари серқоша.

Ду гови ало доштему додем пора,
Осақола гу, ёбад ҳисоби кора.

Аа рахна[1] дарояд ёри ҳурипокам,
Зоро ки кушода шад, дили ғамнокам.

Ту лаб-лаби вот равию ман таг-таги пот,
Ин муси худа хабар набар бар додот.

Обба мерӣ кафшои нуғайча[2] ба пот,
Хоки қадамот сурмаи қошони акот.

[1] *Рахна* — чои кӯчида, афтидаи девор.
* *Кафши нугайча*—навъи кафши пошнааш паст.

Ҳушам ба ту шуд, пома бурид потеша, .
Аз омадани очат кунам андеша.

"Аз сухтана ман мефироям сари пул,
Аз ҷамъи чураҳояш ёрам худи гул.

Кай амри худошавад, фуроям сари пул '
Ҷонама фидо кунам ба он навдаи гул.

а) Борун сари пул, ки шохчаборун сари пул,
Ҷонама фидо кунам ба ун навдаи гул.

б) Борон сари пулу резаборон сари пул,
Чомеш тару тоқеш тару ру хирмани гул,

Ин додари майдияки ман вазни пулай[1],
Румоли миюни додарам ғарқи гулай.

Шамоли бароба меба]>ад пупаката,
Як гап дорам, дилбак, дор гушаката.

Ман байд гуям аз ин дили пурдардам,
Зарханда накун, ёри гули садбаргам.

Ин нолиша аз булбули саҳро пурсёд,
Тири ғами ишқа аз Зулайхо пурсед.

Ин беди баланд нукакуш пурқаламай,
Хешом раи дур дилакум пураламай.

Туто пухтасо, тутои боло пухтас,
Солои дароз чигари додо сухтас.

Парти ману парти чурам пуштимапушт,
Ҳар лаҳза нигоҳи зери чашмаш^ мана кушт.

а) Парти ману парти чураям пушти ба пушт,
Ду зулфи сиёҳи качмакачаш мана кушт.

Се моҳ шудаст, қаландари раббонам,
Оҳи сари чурагӣ занад бар ҷонам.

Ох, чураи нозанин,
биё сайлба равем,-
• Имруз мусофирему пагоҳ мебуравем.

I *Вазни пулай* — азиз, кимат аст.

МурғобЙ шавам, чура, лаби об равам,
Ту гул бошй, дар сояат хоб равам.

Қаланд сари кифт карда ту обдорӣ равӣ,
Ё баҳри мани дилсухта гулкорй равӣ.

Ту гавҳари дайроию ман оби равун,
Кадрата худам медунамо, чураи чун.

Шиштам ба умед дар лаби оби равун,
Ер ҷилвазанун бурафту мундам ҳайрун.

Ҷонона биё, ки ҳардумон дашт равем,
Мо дасти ба даст гирифта, гулгашт равем.

Повиска ба дастам меравам ман район,
Фотиҳа надод ойимчаи лаби бом.

а) Повиска дастам доду мерам район,
Апаш мана диду духтараш гашт гирьён.

Эй ҷураи ҷон, ҳавлитба коштам райҳон,
Ери аввалат хонаба мондас ҳайрон.

Сесад гули сурху як гули райҳонӣ,
Ошуқ будани мана худат медонӣ.

Дар даври Совет ҳар кас муродашба расид,
Бе маҷбурӣ ёраки дилхоҳашба расид.

-Тошкандба фуромадам ба руи раста,
Байдгуй наметунам, овозам хаста.

Меҳмун шудам ба хонаи руфтагитун,
Сад бор мурам ба руи холкуфтагитун.[1]

Аз лаъли лабат ташна ба дарьё рафтам,
Аз сузиши дил Кукан тамошо рафтам.

Дар давраи Шуро зангирӣ осунай,
Ҳар кас, ки қалин гирад, ду сол сарсунай.

Ошиқ шудам кори дигар аз ёд рафт,
То чашм кушодам,
ки умр барбод рафт.

[1] *Холи куфтагӣ* — холи сунъй.

Пойҳомба кишан, ба пеш натонам рафтан,
Дарди дилама ба кас натонам гуфтан.

Ангуштарини дастам ба дарьё рафтас,
Ин ёри қаламқошам ба савдо рафтас.

Офтоб нагирад руи гули раънота,
Сумбул шаваму соя кунам болота.

Боруни буҳор тар мекунад раҳора,
Қошои сиёи ёр барад дилҳора.

Не зан дорам, не бачаю на рузгор,
Дар ҳасрати^рӯи ёр мегардам зор.

Имруз ман асири каманди ту шудам,
Ҳайрони қаду қоши сиёи ту шудам.

Фалғарба[1] намеравам, ки регистонай,
Ишқи духтари Фалғар балои ҷонай.

Аз орази ту чаман-чаман гул резад,
Аз муи ту даста-даста сунбул резад.

Аз Ҳукмати Шурой бидидем роҳат,
Аз шукронаш равем ба суи меҳнат.

Дарвозаи қибла кучаи ростанда,
Акои худам дар солдатӣ-постанда[2].

Ере, ки ба хуни дили худ кардам рум,
Сузи дили ман шудаю ёри дигарун.

Оина гирифт ҷурам ба дасти росташ,
Нумола намебандат дили нохосташ.

Чанд вақт боз аст, надидиям ман руят,
Мунанди ду мори печзада гесуят.

) Се моҳ бозас надидиям чун рута,
Шамоли сари авға биёрат бута.

Меҳмун шудиям, дара кушо бар руям,
Дар ҳаққи худат ду-сета байт мегуям.

[1] *Фалғар* — номи собики райочи қозираи Айнй.
а *Пост* — навбатяй.

Гуфтам, ки равам, буса гирам аз бари рут,
Афсус, ки нахобида будас гандабурут.

Шояд ки дар ин диёр бинам руят, '
Қаландари дилсухта шудам дар куят,

Аз хона баромадй надидам руят,
Румола кашидй ба хами абруят.

Эй ҷураи ҷун, ёдам ба ёди руят,
Шаббодаи боло мебиёрад буят.

Румоли барешимин гирифтас рута,
Дар куча шунидам ғазабои шута.

а) Ошиқ шудамо, серй надидам руша,
Дар куча шунидам таънаҳои шуша.

Ойначаи додагимба шишт нақши рухат,
Аз байду ғазал манба фиристундӣ ду хат.

Дар болои сарам электрик рушноӣ,
Ошуқ шудиям ба духтари масчоҳӣ.

а) Лампушка ба болои сарат рушноӣ
Як буса гирад ин бачаи масчоҳӣ.

Шабнам задасо, ба руи баргу сабза,
Ошуқ шудиям, доим дилам дар ларза.

Дил додаямо, ба бачаи сабзина,
Чашмои хумораш мебурорад кина.

Духтар-духтаре, говчушаки сабзина,
Дардат занадо, чура, шумо бадкина.

А хона баромад як духтари сабзина,
Яг даст ба китобу яг даст ба руи сина.

Дарди тура нолида равам то Самчун[1],
Ин гардани борики ту боби марчун.

Ҷоно, ба фироқат,
ин дилам сад пора,
Ба дидани ту ҳаргиз наёфтам чора.

1 *Самҷун (Самчон).—* деҳа дар Мастчоҳи кӯҳна.

Ту бошаи сур[1] бошию ман сайёдам,
Феъли хуши ту намеравад аз ёдам. '

а) Ту қарчиғаю ман аз қафот сайёдам
Руи хуби ту намеравад аз ёдам.

Румоли бирешимӣ ту андохтӣба сар,
Як бори дигар ҷониби ин сухта нигар. ,

Аз дур чӣ донистӣ, ки ман дарди сарам?
Румолата те, бандам, тасаллои дилам.

а) Аз дур чӣ донистӣ, ки ман дарди сарам,
Э дилбари ҷун, кай мебиёй ба барам?!

Имсоли .мусофирим шудай дарди сарам,
Ин дуди сиёҳ ҳалқа задай дар ҷигарам.

Аз ҳона баромадӣ бухчат ба сарат,
Худата худат кардӣ, сазои сарат.

Румоли ғиҷими сурхи зебо ба сарат,
Шинам сари кучаҳою ёбам хабарат.

Қад-қади тагоб медарон сурху сафед,
Пешангиякаш ёри худам — латтасафед.

Мардум сари кӯҳ шуданду ман дар саҳро,
Ҷононара гу: биёд, ки мондам танҳо.*

Қад-қади тагобу меравам селобча,
Дардат занадо, келинчаки беоча.

Ҷо-ҷо гули олу ҳаю чо-чо гули себ,
Хушбу гули санҷитаю шохаш ба нишеб.

Паншанбе мерай, чумъа надора соат,
Ғарибӣ мерай, дилум надора тоқат.

Ҷонам сузад, тамоми чонам сузад,
Номата гирам, кому зубонам сузад.

Сузундӣ мана, илоҳӣ чунат сузад,
Дарди мана тоза кардӣ,
хунат сузад!

I *Сур* —ромнашуда, гурезон.

Очаг намурад ба тарзи духтардориш,
Духтлр намурад ба ин қадар зебоиш.

Сарчапшаи Устомард[1] обои зулол,
Роҳ рафтани ҷонона чун мурғи ҳилол.

Рӯзе, ки туро говорабандон карданд,
Дар банди дилат гандума бирьён карданд.

Рафтам ба дараш, ки оҳи бешуй кашид,
Овози мани бечора аз куча шунид.

Қадатба мурам, қади ту борикӣ кунад,
Румоли сарат Хумдуна торикӣ кунад[2], |

Олуча туруш, лаззати олуча туруш,
Як ёр дорам тегинхури гандабуруш[3].

Эй ҷомакабуд, ҷома қафо мекунӣ ту,
Ҳар лаҳза ба ман ҷавру ҷафо мекунӣ ту,

Ери мана бин, печида румоли фаранг,
Дар банди дилаш чордаҳ садаф рангу ба ранг,

Сари мйнбар буром, дуньё намояд,
Додари аскар биёт, аз дар дарояд.

То кай мешинӣ сари баландӣ танҳо?
То кай мекунй дили худа пурсавдо?

Ёри мана бин, дар.хона шиштай танҳо,
Мо дар ғами ёр, ёр зи мо бепарво.

Яг бори дигар дилбара ёбам танҳо,
Дар сояи беду дар шамоли дарьё.

Ёр, аз хона бурумадӣ ба сад ташвиқот,
Розӣ шудани тура намехоҳад акот.

Аз хона буроӣ ёри телпакпушам,
Зоре ки ба ин ҷура бурояд кушам[4].

1 *Устомард* — номи шахс.
2 *Торикӣ кардан* — ишора ба калонии рӯймол.
3 *Гандабуруш* — базеб, бадафт.
4 *Бурояд қушам* — зиндагй кунам, ҳушбахт шавам.

Гоҳ домани гул гираму гоҳ домани тер,
Гулғунча ба дасти нокасон, оҳу дареғ!

Э духтари майдияки оби тилло,
Бад уйла накун, мегирамат сад билло!

Досандозит зебандаю тобанда,
Ман дар талабам, барно, даро хобамба,

Ту байт гуфта, алоба[1] кардӣ тоза,
Ҳусни тура ман бо кӣ кунам андоза?!

Сад бор мурам ба ранги сурхи тозат,
Ҳар лаҳза ба гушам мерасад овозат.

Булбул шавам, чаҳ-чаҳ занам шабҳои тор, '
Кабкак шавам, ағба буром дидани ёр.

Ман шишта будам намози шуми торик,
Пешамба расид навданиҳоли борик.

Дуньё ба ғамат дар назарам торикас,
Ёр, қади гулат аз навдарам борикас.

Румоли сарат барешуми тор-тора,
Шуи бағалат арақхури бекора.

Кошони сиёи чиндаи тор-торат,
Ман мемураме, ба халқаи гушворат.

Э ҷураи чун, қаддат қади торун аст,
Ду қоши сиё дорӣ, балои ҷун аст.

Гитлери ҷаллод, нолаву фарьёд аз ту!
Зулму ситаму хо^ию бедод аз ту!

Ин беди баланд, баланд баро, барг аз ту,
Ман дил накам, эй гули садбарг, аз ту.

Эй ҷураи ҷун, чашмора ранг бастаӣ ту,
Сози ғами дуньёра надонистаӣ ту!

Имруз дилам намекушояд бе ту,
Сад қанд хурам, захр намояд бе ту.

1 *Алоба кардӣ тоза* — ғам ё алами дила кардӣ ; тоза.

Шйринсухано, ёри вафодорам ту,
Дар даври Совет рафиқу ғамхорам ту.

Дар ин дуньё ҳиҷ чиз надидем ману ту,
Аз гулшани дидор гул начиндем ману ту.

Маҳтоби шабу ситораи рузам ту,
Шабҳои дароз рафиқи дилсузам ту.

Эй моҳи баландам, осмун хунаи ту,
Бераҳмӣ накун, банда девунаи ту!

Ошуқ шудиям ба чашми шерунаи ту,
Ду чашми ман ба чуниби хунаи ту.

Қанот ёвам, парида равам пеши туба,
Е ин ки кунам ҳасратама хеши туба.

Дулонаи баста-баста мегуян тура,
Шох ай чамaну гулдаста мегуян тура.

Лабҳот худи қоғази хитоист тунук,
Гапои рақиб қатӣ нашав, чӯра, хунук.

Маҳ аз лави шах гуфт, ки: «ман руи туям»,
Аз боғ бунафша гуфт, ки: «ман буи туям».

Чархам тутӣ, пояи чархам тутӣ,
**Ошиқ** шудиям ба духтари киштутӣ[1].

**Мун** садқа шавум катушаву[2] тупота,
Душманкушаки зи марг бепарвота.

Як ёр доштаме, монду бурафт Урметан[3],
Гуё ки с#ри мана чудо кард аз тан.

Аскар шаваму равам ба қадди Фалғар,
**Хат карда фиристам** дар қаноти кафтар.

Ҳар **кас,** ки тура зи ман чудой фармуд,
**Се моша** сиёҳ пушаду се моша кабуд.

1 *Киштут* — дараест, ки Совети кишлоки Рӯдакию Воруии районн Панчакент он чо вокеъ шудааст.
2 *Катуша* — катюша—навъи аслихаи артиллерни реактивӣ.
* *Урметан*-деха дар районн , Айнӣ.

Ман мебуравам рӯзи душамби-фардо,
Ду чашмам пуробу дилам пурсавдо.

Шириндустон, қанду асал — фарзандам,
Малҳам карда, ба мағзи ҷонам бандам.

Эй ёраки майдияки фармонбардор,
Дардот занатам, дастаматир аз девор.

Аз хуна бурумаду кардам фарьёд,
Яг умри ҷавуним бари ёрам барбод.

Оштони хунук намегирад нони фатир,
Ин духтари ёш намегирад шавҳари пир.

Ёри ҳамазеб, дилама бурдӣ ба фиреб,
Қошҳои сиёҳ дориго рухсори базеб.

Эй ёри азиз, намебиёяд хабарат,
Сад бор мурам ба тупии пеши сарат.

Дар тори ҳаво дидум як села фохтак',
Ҷонум садқаи очат, ки туро сохтак.

Як даста гула фирист барои хабараш,
Зоре ки ба буи гул биёд бар ватанаш.

Сад қанд хурам, рангам барои ту хазун,
Сад сол гузарад, мегирамат ҷураи ҷун.

а) Сад сол гардам, умрам барои ту хазун,
Як бори дигар бо ту шинам беармун.

Маҳтови шав, ки шимшими барги хазун,
Сад ошуқа мекушӣ, тӯ, э химчамиюн.

Дар пот муза, дар сарат ҳаст шойрӯймол,
Аз нусхаи қошони ту мегирам ман тумор.

Шабнам задасу боди сабо барги хазун,
Аз хонаи пушти чу бурод офати чун.

Яг ёр дорам дар гузари Хайробод,
Ними ҷигарам кабоб,
нимаш обод.

*Фохтак* — мусича

Доим ба лаби ту бозӣ дорад ханда,
Дардат занаде, ақлатба мешам банда, -

Мошинба савор шудему кардем ханда,
Дилварзин барои коргурезҳо ганда.

• Ин каппа хасас, девори ин каппа хасас,
Ман роҳгузарам табассуму ханда басас.

Ман хат кунамо, Ҷурем гирад, рост хезад,
Оби дидааш ба чоки кастум резад.

Дар фасли саҳар овози мурғон хезад,
Духтар ба ҳавои буса ларзон хезад.

Болои Ҳисор товаҳои[1] таспидагӣ,
Бевара бине, ба ёри ман часпидагӣ.

Э куртасафед, куртет гарди хирман,
Шарманда накун дар байни дусту душман!

Э ҷураи чун, дашт меравӣ ё хирман,
Қошои сиёта уреб кунӣ ҷониби ман.

Офтобаи сарнуқрара поёнаш хишт,
Тағдири мана ба ҷои нодида навишт.

Миҷҷа мезанӣ, ду чашми мастат пури хоб,
Девунаба як ниго кун аз баҳри сабоб.

Рузе, ки мурам, дилбар мана бинӣ ба хоб,
Хунам гирадат, аз худ гирӣ, ҷура, алоб.

Ин бегаҳи чоршамбе ба ёдат хобам,
Мисли ту, санам, ман аз куҷо меёбам?

Шабҳои дароз уй мекунам дар хобам,
Се руз бозас духтарака мекобам,

Шамоли сари ағбаву чули Ховас[2],.
Ду зулфи сиёҳ дореду руи қоғаз.

) Аз Даҳна[3] нишеб шудам ба чули Ховас,
Ёр қоши сиёҳ дораду руи қоғаз.

1 *Това* — санги калони суфта.
2 *Ховас* — номи дашт.
3 *Даҳна* — номи кӯҳ.

Эй гулпарие, дар руд дидам як хоЛ,
Субат карда мешинем мо дар сари мол[1].

Аз дур назора мекунам холота,
Милкома фурухта метиҳам додота.

Кафтарбадани сафедаки холгардан,
Моро ба шумо туҳмати ноҳақ кардан(д).

Ер дар таги долонай, ман дар хона,
Овозеша шунидам, шудам девона.

Сангҳои сари аға қариби хуна,
Дар ҳаққи шумо, чура, шудам девуна,

Обе, ки бурод, аз миёни хона,
Ману ту хурем, зара хурад бегона.

Эй ёри азиз, тезтар буро аз хуна,
Ба қадди базеби ту кунам шукрона.

Рафтам сари санг, бурумадй аз хуна,
Чашмони тура дида шудам девуна.

Аз парраи Шур[2] менамояд хунаш,
Ин духтари румолсурх фурод аз бумаш.

\- Ёри мана бин, аз бом фуромад хонаш,
Чонам раваду нагардам аз фармонаш.

а) Ҷураи мана гу, фурояд аз буми хунаш,
То умр дорам нагардам аз фармунаш.

Ин чо гули санчитаю он чо гули хор,
Печида шавадмуи ману кокули ёр.

Садбарга бубин, мешукуфад дар сари хор,
Умри хуши ман мегузарад аз бари ёр.

Се боми қатору боми минеш хорзор,
Гуфтам, ки даром, додои гандеш бедор.

\-Беақл будам, шарманда кардам худама,
Не дуста чудо кардаму не душманама.

1 *Сари мол* — сари рама.
2 *Шӯр* — мавзеъ.

Себаргаву лолазор мегум худата',
Убол нашава, мазор мегум худата!

Оина ба даст дорӣ, ки бинӣ худата,
Ду зулфи сиёҳат мекушад ошуқата.

Чупон худатӣ, бачаи чупон худатӣ,
Ҳуштак бикашӣ баланд донам худатӣ.

Эй додари чун, паноҳатун ба худо,
Шамсу қамар, ситора ҳамроҳи шумо.

Ман мебуравам, оим, панотун ба худо,
Андуҳи дили мана кӣ гуяд ба шумо?

Ёрам бурафт, нагуфт паноҳат ба худо,
Гаштам зи дараш навмёд монанди гадо.

Бадаҳтӣ кунам ба ту, ҳаволам ба худо,
Дасти ману думани ту то рузи ҷазо[1].

Чашмони сиёи наргиси хуморут,
Акот бумура ба ларзиши гушворут.

Зй ёри азиз, ба қаду болот хурдӣ,
Ҳурдитба чӣ меравам, диламро бурдй.

Гуноҳи баде будас ҳамин хушдорӣ,
Сад тавба кунам, ҳаргиз нашуд худдорӣ.

Эй ҷунуна, ачаб шумо хушнумед,
Дардтун ба сарам, гули намози шумед!

Эй духтараки сафедаки хушханда,
Умрат гузарад ба ин ҷавони ганда.

Чаққилғозӣ,
обҳои Чаққилғозӣ,
Ҳар бор гузарам чашмои ту дар бозй.

Саҳроба бурумадӣ ту аз чапкуча,
Румоли сарат ғарқи гули олуча.

Аз дур назора мекунам чашмота,
Пазмун шудиям табассуму гапҳота.

• *Рузи цазо* — рӯзи киёмат.

Боғба дором, ангур хурам чилагй,
Хона дором, қоши занам чнндагӣ.

Соғу ба сараш мерад ба қадди чубор,
Бо куртаи чити майданахши гулдбр.

Ҷӯгӣ[1] шаваму занам ба боғат чодир,
Дардат занаде, биёю ту дастама гир.

Чашмам ба раҳи авғи Камодун чорай,
Ду пом ба замин мерам, ба пуштам борай.

Порутба[2] даромадам, ки ёр шуд чоқа[3],
Соғу ба сараш, монанди кабки тоқа.

а) Дар куча будам, ки ёри ман шуд чоқа,
Тоқиш лаби қош, мунанди кабки тоқа.

Бозори Уротеппа мавиз арзун шуд,
Рухсораи руи ёр паи дандун шуд.

а) Бозори Уротеппа маиз арзон шуд,
Қонуни Ҳукумат зангирӣ осон шуд.

Садбарги сафед дар сари хор гирьюн шуд,
Кулли зани нағз дар ғами ёр бирьюн шуд.

Дарвозини рупарума бин, занҷир шуд,
Ин ёраки мо да боломо зангир шуд.

Офтобу расид, сари куҳҳо ларзон шуд,
Мири Ғозибек[4] ба захми тир нолон шуд;

Аз пахтаи мастчоҳӣ Ватан мамнун шуд,
Номи хуши у дар ҳама ҷо маълум шуд.

Дар банди дилам буғмаи дард пайдо шуд,
Ишқи ту, чувон, дар дили зорам чо шуд.

Ёр, гуфта будам,
ёри вафодорам шав,
Ҳар шому саҳар мана хабардорам шав.

» *Ҷӯгй* — лӯлй.
2 *Порут* — махал.
3 *Чоқа* — намоён.
* *Мири Ғоэибек* — яке аз саркярдаҳои босмачи. ён дар музофоти Мастчохи кӯ*на.

Бечора касе, бемаҳал бева шава,
Хокистари кӯча дар саруш туда шава.

Духтар, ки ба хонаи падар пир шавад,
Аз бахти сиёҳи худ дилгир шавад.

Дур афтодӣ, илоҷи корам чӣ шавад?!
Ер, бе ту зимистону баҳорам чӣ шавад?!

Районба равем, ЗАГС кунем, туй шавем,
Тағдир, ки рава билло зану шуй шавем.

Ту розӣ щавӣ. ҳардумо ёр шавем,
Дил додаю дил гирифта ғамхор шавем.

Ман байт гуям, ғами дилам. тоза шавад,
Бо байти шумо гуфтагӣ андоза шавад.

Қошои сиёҳ дорию шони шамшод,
Як **бор** намекунӣ ман» сухтая ёд.

Овули шумо шудас шаху шахпора,
Аз ишқи шумо сӯхта мани. бечора.

а) Боғоти шумо чура сари шахпора,
**Дар** ҳаққи шумо мурдам мани бечора.

Чайлоби баланд до-рӣ, пояш шингӣ[1],
**Синаи** сафед дорӣ, шуй фунгӣ[2].

Обам додӣ, пиёла ғалтиду шикаст,
**Як бусаи** додагитба орзум нашикаст.

**Ери** мана бин, дар ҳади поюн шиштай,
**Руи** гулаша ба оби борун шуштай.

**Дар ёди** ду рухсораи ту ҳастам шод,
Дардат занаде, о чураи қадшамшод!

**Валентина,** ту духтари даврунӣ,
**Қандата** зану дуньёнда кун кумрунӣ!

Аз хуна бурумадӣ, ба қасди ту шудам,
Савдозадаи ду чашми масти ту шудам.

[1] *Шингӣ* — дарахти сахти кӯхӣ. ; •
[1] *Фунгӣ* — фанг, манка.

Ман умадиям, ду куза дар дасти шумо,
Чашмам ба ду чашми наргиси масти шумо.

Мурғи дили ман мурғи мусаммои[1] шумо,
Ранги зардам ҳамаш аламҳои шумо.

Аз дур назора мекунам якбараро.
Ин бачаи тӯписурхи боронзадаро.

Кокутӣ биёр, ошаки ма явғонай,
Сад ёр бигирӣ,
дар пеши ма ҳайронай.

Ту духтараки сафедаки якдуна,
Чашмои тура дида шудам девуна.

Дар ҳавлини шумо ниҳоли якатут,
Руҳои сурх дореду камзули кабуд.

Панч сол бозас ману шумо дар Янтоқ[2],
Ҷононаи сарвинози ман вақтшун чоқ.

Боруни баҳорӣ мезанад дар ғалмуш[3],
Хунбориш шавад, ҳаргиз нагардам аз руш,

Ҷура, ба фироқи ту мудум ғамгинам,
Чор сол шудасо,
руи гула кай бинам?!

Аз хуна бурумадӣ ба нозу ғамза,
Ман руи туро дидам, дилам дар ларза.

Дар гушаи_бум шиштӣ ба нозу ғамза,
Ман шуи тура дидам,
шудам дар ларза.

Шаҳроба мусофир шудиям, ғамнокам,
Оё ба кадом чулу биёбон хокам.

Кафтарбачаи сафедаки ғамнокам,
Оби дидат резад ба руи хокам.

1 *Мурғи мусаммо* — мусамман — мурғи фарбеҳ. равранин.
2 *Янток,* — номи пештараи маркази райони Маст« чохи нав, ки дар чои он ҳоло посёлкаи типи шахрии Бӯстон. буньёд гардидааст.
3 *Ғалмуш* — ғалбер.

Чупои шудиям, мола фурорам Ғурфкат[1],
Ошуқ шудиям ба духтарои Сурхкат[5].

Тагоба намедаром бари навдаи ғуш,
Ин чураи чун сурхӣ задай дар бари руш.

Ере, ки вафо кунад, сарам дар қадамаш,
Ере, ки ҷафо кунад, хок дар даҳанаш.

Аз хуна бурумадӣ, дидам қадата,
Аз муи сарам зиёда хурдам ғамата.

Наққош ду қоши ту кашидай ба қалам,
Мактуби навистагит пури дарду алам.

Абруи кушода дорию холҳои Қатор,
Аз руи сафедат задасам буи баҳор.

Дар кучаи мо сета сафедори қатор,
Дар кучаи поён чура бесабру қарор.

Май шиштаям ба сари сангҳои қатор,
Чакман ба танаш, умад, дасташба дутор,

Борони баҳор гира, мо дар қафасем,
Ҳар каее, ки ёр гӯяд, мо дар ҳавасем.

Хонеки моҳо дар миначои қишлоқ,
Ҳамсояи мо арақхури бадахлоқ.

Эй куртасафеди руи буми қозӣ,
Ман сайди ту неям, ки тир андозӣ!

Аз дур сиёҳӣ мекунад қошонат,
Монанди садаф сафедии дандонат.

Нумоли гули барра ба руи қошот,
Садсола шавӣ, чура, ба ин ҳусни расот!

Ин абри сиёҳа жола зад дар боғот,
Рӯмоли гули барра ба руи қошот.

Э духтари комсомол, дидам қошота,
Қоғазба кашидам қомати зебота.

> *Ғурфкат* — мавзеъ.
2 *Сурхкат* •— деҳа дар райони Ғончӣ.

Ёри мана бин, усма кашид кошоша,
Охир ба замин зад сухани додоша.

Таг-таги тагобу овулои қуша,
Бойбача мурад, гирам зани хушруша.

Гуфтам ба худам, туро бигирам ба ҳавас,
ДОРИ дили ман шудию ёри дига кас.

Мактуб кунамо, ба дасти зоғони ҳаво,
Серуза омаданот алоби дили мо.

Қошони сиёҳ дорию ҳардуш қуша,
Якташ ба ману якташ ба гирду гуша,

Аз дарвозаи мактаб даромад ба ҳавас,
Як буса бидеҳ, ҷура, ду-се сол мана бас.

Боруни шибир-шибир, мо дар ҳавасем,
Мо кавгаки тоқаем, даруни қафасем.

Дар куча тура дида шудам ман ҳайрун,
Аз дарди ту, ном-арда, ҷигарам бирьюн.

Соли ману соли духтарат ҳамдуна,
Зангир шудиям намебарод аз хуна.

е) Соли ману соли духтарат ҳамдуна,
\- Вай ёри манас, вудаш бурор аз хуна.

Қошке ки намешуд бачаи ҳамсоя,
Ёр беди баланд неяд, шинам дар соя.

Мулчи дастат сурху. сафед, ҳарранга,
Ҳар чй гуямат, накун мана шарманда.

Дар гушаи бом шиштй, фарқат ҳиллон[1],
Ту дар ватанат қарору ман саргардон,

, Румоли сарат румоли ҳиндустунӣ,
Золим падарат давои қабристуни.

Дар хонабудам, омад овози ҳоят,
Ту курпара парто,
ки шинам дар соят.

I *Ҳиллон* — шоназадагй, дурахшон, тоза.

Як бор хабар намегирӣ аз ҳолам,
Бисьёр дилам шикаста шуд дар олам.

Моҳи чавзо аёни сарбастани чав,
Досора гиред, тезтар фуроем ба дарав.

Сесола равед, Армияро буд кунед,
Э ҷураи ҷон, доим мана ёд кунед.

, Қад-қади тагобу меравам ҷавдаравӣ,
Румолчаба мағзу а қафом медавӣ.

Ситора буромадас қарибӣ ҷавзо,
Ҳайфи тани нозукат, ки ҳар шаб танҳо!

Эй ҷураи ҷон, ман туро кай кардам ҷанг?
Рафтӣ ба мусофирӣ дил бастӣ ба санг1

Маҳпорара бин, файзи саҳар лаб-лаби ҷар,
Раҳ меравадо, пора шудас-ними ҷигар.

Ситораи шаб ҳамраҳи матоби ҷиюн,
Ман дар бари ту ҳалқа занам, ҷураи ҷун.

Қошатба кашидӣ усмаи ҷойдорӣ,
Сад сол гузарад ба дасти-номард хорӣ.

Қошота сиё кардӣ, балот бар ҷунам,
Болин, ки надорӣ, бар куҷо сар мунам?!

Эй ёри азиз/дарду балот бар ҷонам,
Мактаб барадо,
дар пеши ту мехонам.

Эй ҷураи ҷон, ҷонакум дар ҷонут,
Марворӣ шавам гирди лаву дандонут.

Урчуқресун[1] бум мебурод ҷунуна,
Ман қаддаша дида, мекунам шукрона.

Чашмон дорад пиёлаи ҷигдагулӣ,
Ёр дар таги бед шиштас монанди парӣ.

а) Чашмун дорад пиёлаи чигдагулӣ,
Дилбари худам беҳтар зи ҳар ҳуру парӣ.

I *Урчук,* — чиллик — асбоби ресандагӣ»

Як кафтари сурху як сафед дар лаби ҷӯ,
Эй чура, ба ман гапҳои беҳуда нагӯ!

Модар-модаре, ман дар таги Эльбрусам,
Ҳар кас, ки биёд, аввал туро мепурсам,

Соғучаба об гирифт зи ҷуи Узвор[1],
Мусаш талабам, мегуд, ки одам бисьёр.

Пуштак[2] бастӣ нумолаки хушрута,
Ноз карда дар лаби ҷуй мешуӣ рута,

Ин себаки сурх сардарахти шодӣ*,
Худам гули сурх, аком гули бағдодй.

Налат ба касе, ки хат кашид[4] дар девор,
Гугирд задаю[5] мана ҷудо кард аз ёр.

Қадат гулу руят гул, муят гулу газ,
Дар ошуқии руи ту мурдай сад кас.

Қаддат гулу руят гулу муят гули нағз,
Тақдир ба яке, доғат ба дили чанд кас.

Эй духтари шухмашухи гулгунпушам,
Ман шири сафедама дар ҳаво меҷушам*.

Аз ағба фиромадаму нолиш кардам,
Сангои дари хоната болиш кардам.

Мошина савор шудаму оҳе кардам,
Суи ватани ҷурам нигоҳе кардам.

Хондан рафтӣ, дурра таинат кардам,
Ақидаи меҳри аввалинат кардам.

Эй ёри.азиз, бевафогӣ кардӣ,
Аз ман чӣ шунидй, ки ҷудогӣ кардй?

Ангорба даромадию иллат кардӣ,
Як мусаи додагета миннат кардӣ!

1 *Узвор* — деҳаи Мастчоҳи кӯхна.
2 *Пуштак* — тарзи рӯймолбандй.
3 *Сардарахти* шодй — дарахти бахосият.
* *Хат кашидан* — бадном кардан.
5 *Гӯгирд задан* — иғво кардан, шӯр андохтан. -
6 *Ба ҳаво ҷӯшидани шир* — аз фарзанд гу«
зашт кардан ва ок кардани ӯ. . -

Румолчаи дастата намоюн кардӣ,
Ер, хотири ҷамъама парешун кардӣГ

Ман боғба будам, ашулата сар кардй,
Ман омадаму ошуқита бас кардӣ.

Ай лаваки нумолум бисозе қафанум,
Дар гур бирава ҳами тани беватанум.

Тағдиркаша гу, тағдирама дида кашад,
Нунҳои хамирама ба як пушта пазад.

Ер омаду гуфт, ки: «мондаҳои сари кор»,
Гуфтам, ки: «саломат бошӣ, эй абри баҳор>.

Қади раҳи Дилварзиро гандум корам,
Як падару як ёраки раҳдур дорам.

Эй бор худо, дарахти пурборам кун,
Ду дасти мана ба гардани ёрам кун,

Боруни буҳор тар мекунад куҳора,
Қошои сиёҳи ёр барад дилҳора.

Як ёра ба нанг куштан, як ёра ба санг,
Дасто пури санг. монаю дилҳо пури нанг.

Хушкарди худам, биё, бишин тори сарам,
Хушкарди додом гум шавад аз назарам.

Да пот муза, дар сарат қарси сафед,
То рузи никоҳата ҳаям ман ба умед.

Чашмон дорй ситораи файзи саҳар,
Монандаи ман ёр намеёбй дигар.

Аз кучаи додот меравам шуму саҳар,
Ғайр аз худате, намегирам ёри дигар.

Шамоли сари аҕба мудом серчангай,
Ту гирья накун, барно, дили ман тангай.

Чашмон дорӣ, мисоли ангури сиёҳ,
Як бор ба суи ман намесозӣ нигоҳ. .

Румоли сарат садагули симхалқа,
Гузаштани кучаҳот сузон(д) халқа.

Ошуқ шудиям ба қадду басти созат,
Ман банда шудам ба шеваҳою нозат.

Чашмони ту чун ситораи думдор аст,
Ошиқ ҳама шаб ба ёди ту бедор аст,

.. Ин коза хас аст, боми ин коза хас аст,
Мо раҳгузарем, ба мо ҳамин коза бас аст,

Рафтор базебу коматат шамшод аст,
Ин умри ҷавонӣ дар ғамат барбод аст.

Дар гӯшаи бум шиштаю дар сояи бед,
Монанди гуле мешукуфад сурху сафед.

Шукрона кунам, акам дарояд бинам,
Вай кулча хурад, ба паҳлуяш ман шинам,

Дардат занЯдо, химчамиюни борик,
Ту шамъи манӣ, ёр, шабои торик.

Рафтори ту, ёр мурғи хиромун бошад,
Ошиқ бари ту ҳамеша нолун бошад.

а) Рафтори шумо мисоли кафтар бошад,
Ду холи шумо Фалғару Дардар бошад.

Эй ёри азизи ман, азизат бошам,
Ту гандуми сабзу ман мавизат бошам:

Эй ёри азиз, банди қазоқет[1] бошам,
Яқ даста гуле дар таги тоқет бошам. /

Шабҳои дароз хобу хаёлам ту будӣ,
Эй куртаало, аввала ёрам ту будӣ.

Дарав ганда, дарави ӯғун[2] ганда,
Духтари амак, мана накун шарманда..

Румоли сарат афтиду Ангора гирифт,
Лаънат ба касе, ки ёри зандора гирифт.

Эй додари чон, ту меравӣ аз гузарам,
Мегӯм, ки балои ту занад дар чигарам.

1 *Банди қазоқӣ* — навъи гиребони курта.
2 *Уғун* — растании кӯҳӣ. ,

Сел омаду себарга тар карду гузашт,
Тири ғами чунуна асар карду гузашт.

Қаддат чу ниҳолу рӯи ту гулдаста,
Аз қомату рӯи ту дилам хун баста.

Эй духтараке, соқаи мӯзат гулдор,
Ту раҳ равию замин наёбад озор.

Рӯмолчаи додагит гулу гулкорӣ,
Дардат ба сарам, садои булбул дорӣ.

Ман аҳди туя халқа кунам дар гӯшам,
Зулфони туя савдо кунам, нафрӯшам. •

Овул баромадам, шудам дамкӯта,
Қошзин баландй кард, надидам рӯта.

Эй чӯраи нозанини дандонзира,
Берун, ки намебароӣ, маҳтоб хира.

Кад-қади тагоб як гулай дар дастам,
Аз бӯи қаламфурои куртат мастам.

Сӯзад дилакам, такья кунам бар девор,
Девор гӯядам: чавони бесабру қарор.

Рафтам лаби чӯ, як гули хандон дидам,
Дар паҳлуи вай хори мағелон дидам.

Имшаб чӣ шабай, ки мебаранд дилбарама,
Чӣ дору кунам сухтани банди дилама?!

Ҳулбӯи лаби чашма чӣ бӯҳо дорад,
Додар ба хоҳар чӣ гуфтугӯҳо дорад.

Зарбеди баланд, баландтараш зарбандӣ,
Румола ба қасди ошиқон мебандӣ.

Дар дасти шумо ангуштарини зардай,
Ҳар кас, ки шумора нагирад, номардай.

Румоли сиёҳи ранг-рангат зебо,
Чашмони сиёҳи оҳурангат зебо.

Янтоқ раҳи дур, ба гуфтано шаҳри калун,
Қандшуна занан ба пахтаи киштагишун.

Мошинба савор меравӣ шаҳри калон,
Дардат занадо, мӯт аз миёнат поён!

Инкутали качмакаҷу поҳом **дард** кард,
**Як бӯса** надода дарду ҳасрат сар кард,

Маҳтоби шаба хиели руят кардам,
Буи кашнича хиёли муят кардам.

Ман сӯзани заргарии байни ду касам,
Оё ба муроди худ расам ё нарасам.

Қад-қади чашмаҳо баромад кору[1],
Кулли алафи ватан ба одам дору.

Чашмун дорӣ, ки мурдара зинда кунад,
Фарзанди азизи мардума банда кунад.

Борони баҳор мекунад кӯҳбориш,
Мурғи дили ман ҳамеша дорад нолиш.

Кафтарбачая ба зӯрй ром кардам ман,
Аскарбачая охир ба дом кардам ман.

Дарвозара боз карду нигаҳ кард мана,
Банди дилаша кушоду ҷо кард мана.

**Ишқат** сузад, ишқат адо карда мана,
Аз хешу табори ман ҷудо карда мана!

Монандаи чашмаи пур аз ҷӯш манам,
Оинаи духтарони рӯпӯш манам.

Кад-қади Зарафшона гузар мекардам,
Духтарои хушқада назар мекардам.

Мактуби саломатй кунам, мехонӣ,
Кошке ки ҷавоби қоғаза гардонӣ.

Ду қоши сиёҳ дорию дастат ба миён,
Ҳар кас туро гирад, мурад беармон.

Эй духтараки сафедаки мӯрчамиён,
Як буса бидеҳ,
маро накун саргардон,

1 *Қору* — растании кӯҳӣ.

Занҷири дари сароя мунад муят,
Равшан кардай Тагоба шамъи руят.

Дар ишқи ту ман қаландари раҳгузарам,
Қошои сиёҳ, дандони тиллотба мурам!

Эй духтари ҳамсояи дасти ростам,
Аз рӯзи бино, ҷӯра, тура мехостам.

Чононаи ман нишастааст дар сари санг,
Ду қоши сиёҳ дораду рӯмоли фаранг.

Румоли сарат бирешими симдӯзӣ,
Эй духтари нозанин, мана месӯзӣ!

Ман боғ даромадам бари сурхангур,
Дар ишқи ту ду дидаам гаштас кӯр.

Ери мана бин, кор мекунад дар Сурхоб,
Нисфи ҷигарам сухта, нисфаш шуда об.

Акои маро аа ҳама четай[1] хонаш,
Печида баромадай ду гул аз бомаш.

Кабкак шаваму равам ба шохи чаманат,
Хундан гирамо, сузад тамоми баданат.

Сеятба мурам, сеят гули як чаманед,
Сабзинаю сурхинаю рангинбаданед.

Рӯмоли арӯса мебарад шаббода,
Очаш лаби бом мезанад фарьёда.

Овулба буром: ё шир хӯрам, ё ширбиринҷ,
Балота гирам, чувонзани дандонбиринҷ!

Чонона сафар карда равад ярмарка,
Хат карда фиристам ба қаноти акка.

Ду духтаракон канори дарьё ғамнок,
Овозаи ҳарду меравад то афлок.

Румоли бирешимиву давраш ғиҷимин,,
Ери мӣна бин,
фариштаи рӯи замин.

1 *Чет* — канор, гӯша.

Дарвозаи додота кушоям ба ҳавас,
Ду коши сиёҳ, рӯи сафедат мана бас.

Дар ишқи ту ҳар руз равам бар ҳезум,
Рози дилама ба хору бурсо мегум.

Шомас ҳолӣ, намози шомас ҳолӣ,
Кӯчаба буром, чоҳои гаштат холӣ.

Куртат авлун, дар савза дорӣ ҷавлун, -
Чашматба мурам, пупак ба пуштат ларзун.

Ту кабк шавӣ, туро гирам дар лаби ҷар,
Ту ноз накун, ки мешавам ёри дигар.

Ту дар лаби об шиштию ман дар лаби ҷар,
Як бор нигоҳ кун ба мани сӯхтаҷигар.

Тупии сари арӯс сурхи ҷигарӣ,
«Победа» савор шудай. намози дигарӣ.

Ман об шавам, равон шавам чӯй ба чӯй,
Бо дасти муборакат бизан бар сару рӯй.

Дарьёи калон чӯш мезанад ҷӯшона,
Ин ҷураи ҷон гап мезанад гӯшона.

Аз дурӣ сафедӣ мекунад дандонат,
Ду зулфи сиёт шамола мегардонад.

Қадатба мурам, ту гашти раъно дорй,
Қошони сиёҳ, қомати зебо дорй.

Юртои мусофир чӣ гирад дарди сарам,
Мемунаму мебуравам ба шари падарам,

Қалпоқ ба сарат, қалпоқи заррин ба сарат,
Ин футаи пошшоӣ ба даври камарат.

Дил дар талаби дидори ту об шудагӣ,
Аъзои бадан пур-пури зардоб шудагӣ.

Эй ёраки майдияки фармунбардор,
Дардат қапатам, дастама гир аз девор.

Чашми сияҳат ба чашми кабк андоза,
Рухсораи ту зи беқасабат ҳам тоза.

Қад-қади тагоб ниҳоли дулуна барод,
Кошке ки ҳавози чура аз хуна барод!

а) Қад-қади тагоб тути бедона барод,
Қошке, ки садои ёр аз хона барод.

б) Таг-таги тагоб ниҳоли дулона бурод,
Шинам сари санг, ёр аз хона бурод.

_ Парвин ба миёни осмон рахшон аст,
Ишқи зани мардумон балои ҷон аст.

Аз хоби шабам ҷуммунду бедорам кард,
Як буса талаб кардам, гунаҳкорам кард.

а) Ман хоб будам, ҷонона бедорам кард,
Бе бӯсаву бе канор гунаҳкорам кард.

Аз хонаи мо баландтараш хонаи кист?
Ин куртаалоча ёри ҷононаи кист?

Эй куртасафед, куртаят масковӣ,
Маҳтоб шуда аз он бара метовӣ.

Ситораи осмон баромад қӯша,
Дар дастаки додарам надодам тӯша.

а) Ду қоши сияҳ дориву ҳарду қӯша,
Ман одами роғиям, надорам тӯша.

Ин кабка бубин, нул мезанад ҷарҳора,
Ин духтара бин, об мекунад дилҳора.

а) Кабкак сари санг меканад гулҳора,
Духтар ба карашма хун кунад дилҳора.

Ин кучаи Днлварзӣ ба номи Айнӣ,
Девона шудас духтар мисоли Лайлӣ.

Зардолуи зарди ғурарангай — акам,
Деҳқонбачаи ҳимматбаландай — акам.

Мо гандуми сабза дарав андозем, •
Дар ҳавлии душмано алав ағщозем.

, Рӯмоли сарам даруни майдон афтод,
Бечора сарам, ба ёри нодон афтод.

Баргҳои кабуд рехтас ба гирди арча,
Аскарои рафтагия ҳамеш бача.

а) Баргои кабуд рехтас ба гирди арча,
Ғамҳои дилам барои аскарбача.

Ман мору шавам, печам ба ёли аспат,
Орзу дораме, личом гирам а дастат.

Эй духтараке, ман дилхароб афтодам,
Ошуқ шудаям ба ин азоб афтодам.

Дур афтодамо, дурумадур афтодам,
Мунанди кабобе ба танур афтодам.

Дар пупаки кокулам ду тугми базеб,
О додари чун, ту мана бурдӣ ба фиреб.

Эй ёри азиз, то кай кунем байтхунӣ?!
Ошиқ будани мана ту нағз медунӣ.

Ду қоши сиёҳ дорию болои баланд,
Ҷонона, муборакут шавад чои ба қанд!

Ту ҷони манию ман ба ҷонат банда,
Да ваъдаи ҳамдигар шинем арзанда.

Рафтам ба сари куҳи баланди баҳаво,
Ман лаҳҷа надорам, ки бихонам: «ту биё.»

Дар хони шумо як одами бегона,
Дар пушти лабаш холи сиёҳ як дона.

Қади ту бед, қаду болои ту бед,
Чашмак занамо, шумо таги майдун бед.

Ҳар кас бинад рангома мегуд: «бемор»,
Сухтас ҷигарам, ахгар шудас аз бари ёр.

Додом бечо, хаёли додом беҷо,
Уй карда тиян додом мана ҷои бачо.

Ин бегаи чоршанбе ба хобат бинам,
Куртат гули нор дар лаби обат бинам.

а) Куртат гули нор дар лаби обат бинам,
Аз миннати хуштуман харобат бинам.

• Ҳукумати мо қадам ба панҷо бнниқод,
Меҳнат шараф аст, халқи ҷаҳон шуд обод.

Дуньё барбод, корои дуньё барбод,
Оғушта ба ишқам, кай кунам мурдана ёд.

Гӯё ту гули садбаргӣ, ман бодумам,
Кошке шавӣ гандум, ки ман об мунам.

Холи лаби ёр мисли гул*1 бодумай,
Лахти ҷигарам мисли алов сузунай.

Хурса-нд шудам, додош бурафтас бозор,
• Дар ҳасрати кокулои химчаш ман зор.

Қошота хурам, чашмот дорад бозй,
Хайрам накунӣ, як дам шинй ман розӣ.

Ошуқбозӣ дасти тура кард боло,
Дар ҳасрати васли ту манам вовайло,

Се хол чудо: ду пасту якташ болЪ,
Чанд ошиқи ҷулидара кард вовайло.

Ин духтари чилкокул шиштас лаби бом,
Себашро накан, ки вай ниҳоли додом,

Дарде бошад, дарди ёрӣ бошад,
Дарди дили ман зиндаҷудоӣ бошад. •

Ин себа газам, себаки майдун бошад, •
Як ёр дораме,
аз худи Ремун бошад.
{
Ин куча нарав, ки куча сернам бошад,
Як ёре кунӣ, қи ёри беғам бошад.

Ин давраи кор давраи қимат бошад,
**Ҳар** соати ин давра ғанимат бошад.

Муаллими мӯйсардор,
ёрат бошам,
То ҷон надиҳам дар канорат бошам.

Як даста гули даруни майдун бошӣ,
Ту ёри манӣ,
ҳамеша хандун бощӣ.

Ҳоят додам намебурӣ[1] аз боғат, ,
Мобайни ду шохи себ ҷои хобат.

Долуни баланду пешаки вай боғай,
Аз рафтанакот ин дилаки ман доғай.

Ин роҳи қадим ағбаи Оббурдан буд,
Меҳнаткаш аз шуришу барф диязан буд.

Дар давраи пеш аҳволи моён бад буд,
Бо куртаи карбосӣ рангҳо зард буд.

Дар музаи пот мурам, ки музат булғор,
Раҳ рафтани хуб дорӣ дар фасли буҳор.

Поин мерӣ, суратата дода бурав,
То мурданама аз ман ҷудогӣ нашунав.

Ёрам худи посчоҳ буду очаш-ку вазир,
Мо чойники чой шавему ёр косаи шир.

Дарьёи калун гузаргаҳи шоҳу гадо,
Ҳар ҷо, ки равӣ, малуматот бар сари мо.

Ин кавши гирифтагем рехташ ганда,
Аз ёраки хуш кардем шудам шарманда.

Аз омадани роҳҳои дурат гардам,
Аз гаштанаки лаб-лаби бумат гардам.

Хобам бурдасо, дар хонаи гаҷкорӣ,
Ёрам омадас айёми гандумкорӣ.

Дар соати ду фуромадам ман горсад,
Саргашта шавӣ,
биё, шинемяк соат.

Эй ёраки ч,ун, мола нигаҳ дошта гузар,
Ғами дили чандсолема бардошта гузар.

Аз дур биёяд додараки гулдастам,
Кушода шавад банди дили ғамбастам.

Чулҳои Малика кардиян гулкорӣ,
Қандаша занад районни Масчоҳ номӣ.

1 *Намебурӣ* — намебарой.

Мактабба фаром салом диҳам гулҳора,
Ин духтари куртасурхаки Масчора.

Мо садои мошинара андохтем гуш,
Марду зани Масчоҳ бахмалу шоҳипуш.

Тур-тури трактор расид бар гушам,
Тракторчира дидаму паридай ҳушам.

Ту гул будиё, аз ду рухат лола дамид,
Гул шуна зада, ба руи ту соя давид.

Руят гули лолаву садаф дандунат,
Ман банда шавам ба қомати мавзунат.

Рафтам ба Замини Нав, ки гандум даравам,
Аз баҳри Ватан ҳарчи тезтар биравам,

Ин чои нишастам шуд таги дарвоза,
Номи бади ман ба мардумон овоза.

«Тиллои сафед» барои давлат даркор,
Чонона ба сидқи дил мерад сари кор.

Кабутари сулҳ пар занад бар дастам,
Ман дар сафи пеши сулҳчӯён ҳастам.

Бофанда ҳаям доим ҳунар дар дастам,
Мунандаи нақши беқасаб пайвастам.

Соат шавам, гирӣ ба банди дастат,
Муаллим шавӣ, равам ба вақти дарсат.

Гул дидаму гул дидаму гулҳо дидам,
Гулғунчара дар Ш.аватки Боло дидам.

Ин қутали качмакача кайҳо дидам,
Ду духтари куртасурха танҳо дидам.

Сабзиназанак, ҳаргиз наёфтам дилата,
Пазмон шудиям алафчинӣ рафтаната.

Мактуби тура, ёр, ман гирифтам дина,
Хат карда фиристонам ба дасти Нина.

Коргар шудие, дар кони Дичикруд,
Як буса бите, ёри азиз, аз бари рут.

Аз.донаи талх шикаста ёр мағзам дод,
Дасташ, ки расид, ширин шуд аз қанду набот,

Болои Бидев шӯъла ба маҳтобам дод,
Ҳабиба ба дасти нозукаш обам дод.

Эй ёри азиз, пуштора борат додам,
Аз сузишата ба муштам обат додам.

Дар кучаи тангматанг салом додамата,
Дилҳо, ки пури ғам шуд, чавоб додамата.

Додар-додар, гули чамарғай додар,
Ҳайфи додар, арусакаш бемодар.

Дар чиллаи чилруза сафар кард, додар,
Аз хешу табори худ гузар кард, додар.

Э латтасафед, латта ба шустан додй,
Ёри ту манам, дилат ба душман додӣ!

Сабзиназанак, ту рлама ғам додй,
Дилсузата ширчои баравған додӣ!

Эй куртакабуд, як-та гирам аз зотат,
Ту дуну худо, домод шавам мебодат?

Ҳар бега ғулумам дар таги долунат,
Молдор шавӣ, худам шавам чупунат.

Ҳар кас, ки ба Ростровут ёре дорад,
Мунед буравад, дили харобе дорад.

Ленинободи мо баҳори зебо дорад,
Чорсуи базеб, чои тамошо дорад.

Қади ёрам сию ду пайванд дорад,
Румоли сараш гули Самарқанд дорад.

Пушти лабатон холи сиёҳе дорад, .
Духтари шумо зеби раисӣ дорад. -

Духтар-духтаро, ин ча биё, гап дорам,
Ғами дили бачагета мебардорам.

Ой апа, кучо мерӣ, ки гапат дорам?
Як дам шинӣ андуҳу ҳасрат дорам.

Эй куртасафед, ту азми боло дорӣ,
Чашмони сиёҳу қади раъно дорШ

Аз ман ту зиёдтар қонун дунӣ,
Дар байни муаллимони софдил хунӣ.

Чиҳратба нигоҳ қунам ту аз ҳад дуно,
То гул натиям, намекунӣрумба ниго.

Чанд солу шудас, ки аз ватан ҳастам дур,
Аз савдои ту бар чашмунам нестаи нур,

Садбарги сафеди дастон — духтар,
Аз гапои задагеш пушаймон духтар.

Даҳ рузи дигар мебуравем Душанбе,
Эй дилбари нозанин, биё, ваъдам те!

Ленин-падари халқи чиҳон аст, дустон.
Беҳурматӣ лозим нест бар халқи чаҳон.

Эй чураи чун, ҳамеша ту дар ёдам,
Осмен, ки баланд, намебарод файродам.

Пеш аз саҳарӣ ба ёдам омад рухи ёр,
Хонашба даром, чойники чояш тайёр.

Рафтам сари боғ, ки умад ёрам,
Асло назар накард ба ҳоли зорам.

Барозба баромадам, салом кард ёрам,
Мегуд: «— Кучо мерӣ, ки ман гап дорам?»

Аз дараки магазин бурумад ёрам,
Ҳам чураи акокаму ҳам хушдорам.

Ерон-ёрон, шумо ачаб ёронед,
Ер мебуравад, аз раҳ намегардонед.

Дар даруни мактаб дилата ман ёфтам,
Зулфони базебата ба дастам тофтам.

Рӯймоли сарам бирешими зангора,
Ошиқӣ намезебад марди зандора.

Муҳои сари духтар заррин-заррин,
Духтар мегуд: «қучоқи Едгор ширин».

Умад рамазун — офати чуни занун,
Ду даст сари зоную чашмо бари нун.

Ойим, мурамо ба қошу чашми зебот,
Бар лаъли лабу сафедии дандонот.

Ошуқ шудиям ниспи зимистонанда,
Музтар мондиям замину осмонанда.

Дилгир шудиям Маччоҳи зиндунанда,
Мегум буравам Хуҷанди шоҳунанда.

Хукумати мо-ҳукумати дилсофай,
Ин азоби Яғноб мисли куҳи Қофай.

А ҷигари сухтам мебурод буи кабоб,
Пайғуми мана набурдӣ аз бахри савоб.

Сузундӣ мана, кардӣ ҷигарама кабоб!
Ман дар ҳавасам, суханба гардунӣ ҷавоб.

Ой, аз сари шарраҳо хурам оби кабуд,
Чашм андохтам, ҷонона дар хона набуд.

Румоли сари ҷураму чиншоли кабуд,
Дар солаки панҷопанҷ муҳоҷир шуда буд.

Повиска ба дастам дод раиси Каздун,
Аскар шуда меравам ба шаҳри Гирмун.

Раҳмат ба Совет колхозира барпо кард,
Занҳои таги фаранҷира доно кард.

Аз зулму ситам Ҳукумат озодам кард,
Дар руи дилам як зарра ҳам неяст дард.

Дар боғчаи регистун матор гул кардай,
Ин духтари майда ёри худ гум кардай.

Дар вақти намоз трактора ҳай кардам,.
Оҳе ба дилам кашида ёдат кардам.

Аз **руи** ҳаво нахуда бирьюн кардан,
Товути мана суи биёбун кардан.

Бодкуби сари аға ҳалокам кардас,
Ишқи духтари Яғноб хуморам кардас.

Румоли сарат мисли қаноти каргас,
Вақти бурафтани ёрам шудай марказ.

Ман ойна наям, ки руша бинад ҳар кас,
Ман об наям, ки даста шуяд ҳар кас.

Рузоба надорам вақт, ки ҳунар зи китоб,
Ерам ба ту арз дорам, ҳисоби мана ёб.

Озору гузор накун, ки ман колхозам,
Ҷонама фидои кокулат месозам.

Кай соати ҳашт шавад, бароям сари кор,
Табельчӣ шавам, меҳнат нависам бари ёр.

Як даст ба китоб, як даст ба бели корӣ,
Руятба муносиб чашми шаҳло дорй.

Фармон диҳамат раву ба сахро кор кун,
. Як меҳнатакат монад, биё, даъво кун.

Авора мана кади болои ту кунад,
Девона мана ҳусни расои ту кунад.

Ҳар лаҳза барои рухи ту гирья кунам,
Хоки раҳата ба чашми худ сурма кунам.

Овози тура шунида ман нола кунам,
Шудгори замината баҳор мола кунам.

Хой, аз сари сайёдй, ёди ту ку-нам,
Ҳар чомакабуд бинам, хаёли ту кунам.

Ман мемурамо, гури мана хор кунед,
Дастуни мана дар беруни хок мунед.

Се-чор-та шуда, дусто, ғазалхунӣ кунем*
Дар даври Совет шодшо шодмунй кунем.

Қаддат Лайле, қоматат чун Лайле,
Ту дар мани носуда накардӣ м.айле.

Вақти гули зардолу буром лалмкорй,
Бо дастаки худ гирӣ, бари ман корӣ.

Мерам даруни хунатун ба боғи Ленин,
Сад сум тиям, кино дароед келин.

Дар таи марза ду гули сурх, як лола,
Нумата намедунам, кадумит Лола?

Як курта харидор шавам аз магазин,
Ду қоши сиёи духтари хуная бин.

Эй ёри азиз, ба чони ман чабр макун,
Ин моҳи рухат ба зери ҳар абр макун^

Ман мебуравам, ғам нахуред, ёр, бари ман,
Дилам ба шумо бошаду чонам пайванд.

Не тоқати дарду доғ дорад, дили ман,
Не тоқати сайли боғ дорад, дили ман.

Э беди баланду бар сари роҳат ман,
Қурбуни сафар кардани ҳар моҳат ман.

Нумола баҳо кунед, харидораш ман,
Сар то сари нумол ошиқи зораш ман.

Им бегаи чоршанбе ҳайронам ман,
Аз рафтани Масчоҳ пушаймонам ман.

Ҳамроҳи сари"шахча чӣ ҳамроҳи ман аст,
Вай куртасафеди рузахур ёри ман аст.

Бедат манамо, пуштаба бедат манамо,
Ҷорубкашаки ҳавлии сафедат манамо.

а) Ман дар таги кӯшаҳои бедат бошам,
Ҷорубкаши долуни сафедат бошам.

Банда шудиям ба бандаҳои мардум,
Дилрехта шудам дар ватанои мардум.

Шуд душмани чони ман ду чашми мастат,
Соат шавамо, бандӣ ба банди дастат.

Хуб кор кунаду хор нашавад маччоӣ,
Се соли дигар мебинӣ, ки ободӣ.

Ҳусни ту ба ман равшании маҳтоб аст,
Гармии руҳи ту гармии офтоб аст.

Хондам-ку китоби «Лайлию Маҷнуна»,
Ишқи зани бева кард мана девуна.

Камзулбахмал, ханда кунӣ меарзад,
Чон дар баданам мисоли бед меларзад.

Аз тоқча назар кардам, ки орд мебезй,
Як буса талаб кардам, чаро меларзӣ?

Офтоб гармас, сояба хобам мебод,
Аз духтари ҳамеоя кабобам мебод.

Роҳ меравӣ, кокул чудо мегардад,
Як мус талабам аз ту, дилам меларзад.

Девона шудам хайру худоит мегум,
Як буса барои ошноит мегум.

Он руз, ки туро дар пахтазор медидам,
Бо ғайрати дучанд пахтаро мечидам.

Колхозия, чура, худатам медунӣ,
Ҳавлит наравам, ҳар руз ту одам мунӣ.

Қалпоқи урусият ба ту мезебад,
Каҳрӣ нащаво, гардам ба феъли тезат.'

Ман роҳи гузаштани тура мeёфтам,
Зулфони тура ба дасти худ мебофтам.

Аз болои хотири ту мепурсандам,
Як лаҳза ба пеши ман шинӣ, хурсандам.

Ёр куртаи сурхи гулгулак мепушад,
Дасташба пиёлаю қандчой менушад.

Асроргулаке куртаи чит мепушад,
Таспи баданаш чойчушба Об мечушад.

Аз рузи бино бахти туба месузам,
Бе суҳбати ту шаб нашавад як рузам.

Бача будамо, Кули Дароз мерафтам,
Зулфои ёра дида ба ноз мерафтам.

Колхозӣ шуду ҳама ба сахро меранд,
Аз неъмати дуньё ҳама халқо серанд.

Хат карда фиристондасу ман мехунам,
Бо нозу карашмаҳои духтар чунам.

Як шаб шинамо, бе ту худи сол мешад,
Едат кунамо, рангам гули хор мешад.'

Чойчушба алов мунед, ки меҳмун мешум,
Ман тавқи гули сафеда пазмун мёшум.

Мошини ғазалчиҳо фурод қӯш мешем,
Шаҳроба равем, ҷура, зану шӯ мешем.

Пешатба буром ту гул шуда мешукуфӣ,
Ой ҷураи ҷун,. илоҳӣ ҳаргиз намурӣ!

Номи Стахановӣ гирем аз меҳнат,
Рузи меҳнат аз ҳама чизас қимат. .

Ин духтари комсомол шудай меҳмунам,
Ҳайррн шудиям, дар пеши у чӣ мунам? '

Чипари[1] дари хоната меҷунбондам,
Ерам хобас, дилша намеранҷондам.

Бибӣ-бибиё, ман аз шумо миннатдор,
Румоли бирешими Бухоро қарздор.

Хурсанд шудем аз кардаи Давлат мо,
Ин пахтаи мо бошад баҳои тилло.

Шабҳо ба ситора мерасад нолиши мо,
Аз оби ду дида тар шавад болиши мо.

Қад-қади тагобу меравам овули мо,
Умрам ба нигоҳ кардани ин бача адо.

Холи лаби ёр холи палангро монад,
Зулфони нигор бастаи чангро монад.

Зулфони ту гандумак, дандунат мор,
Аз ҷавру ситамҳои ту сухтам мани зор.

Дастата гирам, барам,
ба мактаб мунам,
Дурри сарата дар руи устал мунам.

Як бори дигар қадам дар Самҷун мунам,
Булбул шаваму дар ҳаққи барно хунам. '

I *Чапарӣ* — даричаи аз шох бофташуда.

Э беди баланд, баландбуроитба мурам.
Э шамъи равун, хунадароитба мурам.

Гулҳои муруду тозагулҳои муруд,
Бурафтани додарама чанд сол шуда буд.

Ин қадаки борикат малимзебай,
Ҷон дар баданат мисоли барги бедай.

Дардат ба сарам, гулғунча — насли наврас,
Як буса буте, савғот ба ман имсол бас.

Дар кӯтали Вағанзой аспам надавид,
Дар гардани Ҳабиба дастам нарасид.

Сухтам ба ғамат, рута намегардунӣ, .
Дар ошуқиё бари кӣ саргардунӣ?

Мактаб хондан не таънаю не ор аст,
Ҳар касба акнун партия ғамхор аст.

Ман гул будаму сад дод ба ман гулзор нест.
Монанди шумот абри баҳорон, ёр нест.

МаҳпЬраи чун, маро ту шарманда накун,
Ман ошиқи ту ба ҳар касе ханда накун.

Кадде дорӣ, ки дар чаман саврам нест,
Қошон дорӣ, ки усма дар шаҳрам нест.

Дар тани худам куртан чити нимдошт,
Рухсораи дилдорама офтоб бардошт.

Ман хунаи рогифиҳо дароям ба ният,
Пиёлаба чоям дод, ки чунсухта хурад.

Сад гул бастаю сади дигар нобаста,
Рухсора ақиқу абруяш пайваста.

Булбул шудамо, гули дарахт нодида,
Ман дар орзуи чеҳраҳои нохандида.

Қонуни Ҳукумат неъмати ноёб аст,
Келинча ба шуяш дар лаби чу хоб аст.

Ман дар ҳақи ёр як касали нокумам,
Дафтар гираму «Лайлию Мачнун» хунам.

Кордат гули нор, дастаи кордат гули нор,
Ҳар чо, ки равӣ, дер намонӣ зинҳор!

Дар соати панҷ туро дидам дар раҳи об,
Аз руи гулат як мус гирам — оби набот.

Ин себӣ Самарқанд ба лабат овардам,
Шарманда сарам савғот камат овардам.

Дар даври амир мошин набуд дар олам,
Дар давди Совет мошин омад ба дарам. I

Ҷои аниқам колхози Охунбобо,
Ҳар кас, ки биёд, суроғ кунад ёбат мо.

Ҳамсоя шудию кардӣ шума ошуқ,
Аз банди дилат зардоб гирам> бо қошуқ.

Ленин ба тамоми халқи олам падар аст,
Аз меҳнати он халқи ҷаҳон баҳравар аст.

Шаб то саҳара дар обу лои падарам,
Душман мураде, аз нолишои саҳарам.

Аз дастат гирам, барам ба пеши падарат,
Гапом ҳамин: «дилама бурдаст духтарат,>

Аз ҳаки ту байт гуям саду панҷота,
Ноштои пагоҳирузӣ мекунам гапота.

Кафтарбачаи сафедаки парканда,
Фақербачаи ширинлаби пурханда.

Ер, усма накаш, ҳусни ту зоид зи парӣ,
Мунандаи кабки маст биёӣ саҳарӣ.

Шабҳои дароз кузеки гул да пешам,
Уйла мекунам мусофири бехешам.

Имшаб маҳтоб, рафтан наметом пешат,
Ҷангӣ шудасе, аз ман тамуми хешат.

Шурой-Ҳукумат ҳама кораигба пилон,
Хоҳем мекунем мо душманора яксон.

Румоли сарат ҳазору як рангубаранг,
Кабкӣ, ки ба ғамза мебарой, оари санг,

Мошин, ки нашуд, пиёда рам то Рарза,
Ман ганда ҳаям, буро, ту гир як нағза.

Ҷонона, биё, ки навбаҳорон расид,
Дар руи гуло шабнаму борон расид.

Ин ҷураи ман рафтас ба дашти Рахшин,
Аз дур назар кардам, ки курташ нахшин.

Ман хоб будам, хобу хаёл омаду рафт,
Бедор шудам, миҷахумор омаду рафт.

Як сол бозас дар куча кардам туя рум,
Э гандападар, хуна даро, дардама гум.

Пешонии сахти ман надидаст роҳат,
Санг аз сари санг мундан азобу меҳнат.

Аз хуна бурумадаму руям суи рут,
Райкуми сарӣ раюна мемунад шут.

Ери мана бин,-зулф бурид бо руяш,
Борон шавам, ғелам ба қадди муяш.

Лола-лола, дилам шудас садпора,
Мунаш биравад маъшуқи бепарвора.

Тошкандба фуромадам бабоғи санатур,
Фаҳмидам акун, ки ошиқа дардаш зур.

Ин кабки бағамза мебурояд сари санг,
Рафтори базеб дорад, ду кисаш пури қанд.

*

Дардар сараяс, боғчеки Дардар сараяс,
Румолчасиёҳ — ниспати додар сараяс.

Ман хоб будам, ки ёрам дарумад ба сарам,
Дар пеши поҳот мурам, валастно[1] набарам.

Ша[2] кардану салла бастани гирди сарат,
Аппат мурадо, ба пупаки пеши барат.

Румоли алою кокули гирди сарат,
Дар рақсу ашулаи ту чурат намурад.

1 *Валйсто* — сардори волость.
2 *Ша-шо^* — домод.

Гул гуфт, ки аслу насаби ман покай,
Аз дасти аҷал домани ман чокай.

Ин абра бубин, дар осмон шашпора,
Шиштас гули сурх, ҷигарам садпора.

Муза да потон, музи хиром да потон,
Ман садқа ба он карашмаи чашмотон.

Болора нигоҳ кунам ё пбюна,
Ё латтасафеди гушаи долуна.

Рафтам дари хунат, дарат пушида,
Озору гузори Лола нури дида.

Аз шаҳри Самарқанд кай бурем раюн,
Ер, дасту ба даст гирем, дароем раюн.

Да гушаи тоқит гул занам ё райҳун,
Халқо ба тамошои ҷамолат ҳайрун.

Як румолча, ҷура, садқи саратун,
Гучоба равед, ман оби пеши раҳатун.

Меноламу меноламу мешам сардард,
Дар ҳақи шумо тамуми чунам гард-гард.

Чашмони ту чун ситораи сарпоӣ,
Остина ба гардани кӣ мепартоӣ?

Да пушти лабат ушкуфаю холи сафед,
Ман дору кунам рузи дарозе ба умед.

Ниёкуниёт, ёр, мисоли кабки саҳро,
Ман дар ғами ту сухта шудам обу адо.

[1]
Чашмун дорӣ оҳуи сури саҳро,
Не дар ватанат қарор, не дар шаҳро.
Вай ёри манай пахтачини саҳроӣ,
ҚоШота хурам, эй дӯхтари масчоӣ.

Дар тани шумо нимчаи селони сиё,
Ошиқи шумо сардори колхозчизано.

Та.клиф кунам ман-духтари сурхпуша,
Дар орзу будам, як бор бинам руша.

Қандак мана сухт, чубои қандак мана сухт,
Ин бачеки мактабхун бахти мана сухт.

Қолхозӣ мисоли модару фарзандас,
Ҳар кас, ки гумони бад кунад, номардас.

Қошот қаламу чашмот ангури тагоб,
Акот гардаде ба вақти об умаданот.

Боруни баҳор мекунад.ҷумая тар,
Қу ёри вафодор, кушод занҷири дар.

Аз сухтанама хоб меравам дар тарӣ,
Ҳеч кори гуноҳ накардиям, ёр қаҳрӣ.

Ман сухтиям ба тобаҳои тафсун,
Хуни ҷигарам дар аѓбаи Шаҳристун.

Ин қули дароза тобаҳош тафсунас,
Норафтагиё дар ҳасрату армунас.

Ман садқа шавам дарьёи обаш теза,
Ин духтараки пахтачини колхоза.

Барози шумо-барози тика-тика,
Охир мемурам дар ишқи Эвазбика.

Чашмони сиё дорию ҳамчун товус,
Охир мана мёкушӣ барои як мус.

Ин ток чӣ ток, сояи ин току чӣ ток?
Эй ток, сабил монӣ, дар ин сузу фироқ!

Маҷчора куҳаш баланду обаш тоза,
Ин рафтани Дилварзӣ шудай овоза.

Ширинсухано, ёри вафодорам ту,
Дар даври Совет рафиқу ғамхорам ту.

Дилу ҷигарам аланга дорад бари ту,
Ҳар лаҳза ниго кунам ба суи дари ту.

Ҳайфам бар ту, ҳазор ҳайфам бар ту,
Сад ҳуру шавӣ, ки дил надорам бар ту,

Бол ману боша ману шоҳин ту,
Қанд ману набот ману шерин ту.

Булбул шаваму равам дари ҳавлии ту,
Давида буро, эй духтари ҷингиламу.

Кордам тугма, гулбанди кордам тугма,
Қошота хурам, говчуши гови фурма.

Шамоли сари ағба тӯфон-тӯфон,
Да гардани ёри ман ақиқу марҷон.

Булбул манаму гул манаму хор туй,
Ман тани сиҳат дораму бемор туӣ.

Мактуба тиям, ҷура, да он рузи хушӣ,
Метарсам аз он мактуб, ки моро накушӣ.

Ҳамсояи ман будӣ ту дар шаҳри Хуҷанд,
Лаъли лабата макидаму гуфтам: — «қанд»,

Дар кифт камону дар миёнат ханҷар,
Бо нозу карашма меравӣ лаб-лаби ҷар.

Харсе хуҳарун саҳари барвақт хезем,
Ғалбера гирем, хоки ғарибй безем.

Авлоди Нақибхун будиян хешотун,
Орзу дорам, як дам шинам пешотун.

Кад-қади тагоб мерӣ ба воти-хирман,
Гапои мана нагу ба дусту душман.

То кай мешинй ту, сояи хонанда,
Як тир мезанӣ ҷигари садпоранда.

Ман дар ҳақи ёр китоби Маҷнун хонам,
Як зарра табассум кун, ба холот ҷонам.

Мактабба фуром ,мегум, қаторат хунам,
Дар ҳасрати оғуши ту сухтас чунам.

Боло мерам, раъно буро аз хуна,
Дар холи лабат мунам паи дандуна.

Аз байни тирезам менамояд хонат,
Духтарчияке, ман мемурам дар номат.

Интернати давлатиба се сол хундам,
Зеҳнама ҳамеша. ба китоб мемундам.

Дидори мӯбораки ту кард олама хор,
Булбул ба шукуфтани гули садбарг зор.

Ер, гул будию печида рафтӣ ту ба хор, -
Дар ҳаққи ту ман ҷигаркабоб, сар бардор!

Ёрам гули хору додарам наштари хор,
Сад вою дареғ, дилам гирифтас аз ёр.

Офтоб задас ба сари кӯҳи хора,
Ер меравадо, ин дили мо садпора.

Такфун хунук аст, калоти Такфун хунук аст,
Ин чумаи беқасаби додом тунук аст.

а) Овулаки якшанбара обаш хунук аст,
Сафедаки коғазира курташ тунук аст.

а) Овулаки якшабара обаш хунук аст,
Чононаи майдияка рангаш зард шуд.

Мактуб кунам, чура, бо мурғуни чаман,
Масчоҳба намеғунчад алови дили ман.

Як даста гули сафеда кардам чодар,
Дар сар задаму ҳамеша гуфтам: «модар.»

Чӯгй шаваму занам ба боғат чодир,
Дардат занаде, биёю ту дастам гир!

Э додари чун, кучо занам чодарата?
Фардо, ки биёранд, ёри бемодарата.

Ман дар сари чаррои Чаланд[1] чупунам,
Ҳар шому саҳар бари шумо раҳбунам.

Ошуқ ба касе шавӣ, ки арзанда шавад,
Хоки қадамаш сурмаи^ду дида шавад.

Саъйгар ба балои бад гирифтор шавад,
Аз буми баланд афтаду хуншор шавад.

Ту дардата гу, ки ман давои ту шавам,
Парранда шавӣ, гул,
. ман қаноти ту шавам,

I *Чаланд* — мавзеъ:

Сабзиначавон, ҳазору садсола шавӣ,
Мисоли Рудакӣ ба халқ афсона шавӣ.

Чоршанбе ба руи растаҳои шаҳрам,
Кошке ки қанотам тӣ, ба Маччо паррам.

Эй ёри азиз, биё, ки бо ҳам шинем,
Дар боғи ҳаёт гулҳои мақсуд чинем.

Ман таги дарахти мевадорат шиштам,
Қошои сиёи сурмадорат куштам.

Аз токча назар кардам, ки сеят шиштй,
Дутета чй ко кунам, ки яктет куштй!

Дз бахти хушу даврони нек шодонй,
Рафт аз бари ту бадбахтию нодонӣ.

Колхоз шудан баъд роҳи Масчоҳ сар шуд,
Васегии роҳба халқи мо хурсанд шуд.

Се моҳ шидай хирман тирифтем дар бод,
Коҳуш ба заминрезаму донаш бар бод.

Ҳар гоҳ равам, оина ба дастат бошад,
Шабҳои дароз ду кас ба қасдат бошад.

Як себи самарқандию як себи Бухор,
Кай гуфта будам, ба ман ту рӯймол биёр.

Мо дар сарй об боғи шӯмо сероб шуд,
Мо дар хонаю дили баъзе зардоб шуд.

• Гапам назанед, дусто, дилам хун шудагӣ,
Ман дар ғами ёрам сухта, бирьюн шудагй.

Шиштам ба умед, мунтазири ёр шудам,
Рафтам ба баҳона чой харидор шудам.

Румоли сарат гули Уротеппа шудай,
Ҷурам, ки маро бидид, саросема шудай.

Ман шишта будам, ки ёр нотоб шудай,
Дил мисли зироатои беоб шудай.

Повискам дод, равони боло шудиям.
Савдозадаи ишқи ту танҳо шудиям.

Аз шаҳри Расӣ равонаи Масчо щудиям,
Дар банди дили сестра ман чо шудиям.

Байтои тура шунида хущдор шудиям,
Дар руи гулат мурам, гирифтор шудиям.

Чид сол шудаст Ҳукумати Шурора,
Ҷамъ карда гирифт чамии муфтхурора.'

Дар майлиси колхоз мекунам эълунз
Аз пахтаи якум пур кунем пилуна.

Ин хунаи ёрум ру ба руи Ярмай,[1]
Ҳуснаш як навъ, билло ситораш гармай.

Да ойна нигоҳ кунам ғичимруймола,
Аз тавқи гулеш канда гирам тумола.

Овулакя руи дашта руяш якамех,
Чор духтари қошсиёю шиштан сари теғ.

Гардондани доси чураям як қавз аст,
Аз ҷамъи ударникои колхоз нағз аст.

Гул, дар таги дастам меравӣ як қавза,
Ман аз бари ту партофтиям соф нағза.

Пеш-пеш мерй, назорат созам зи қафот,
Ман банда ба арғуштои руи наматот.

Аз хуна баромадам, ки ёр қаҳринамо,
Қаҳрй нашавед,
чуни манам ини шумо.

Як зарра намедунам раҳи қонуна,
Ҳукумати ман аввал дароз кард нуна.

Ин духтари нозанин кор рафт ба ҳавас,
Ҳам хондану рафтори базебаш мана бас.

ГЭС месозем дар оби Норак ба ҳавас,
Равшании вай ба ҳамаи олам бас.

Якдил шуда сахроба бурем соати ҳашт,
Хест, Гитлери нобакор ба мо ҷанг пайваст,

1 *Ярм* — деҳаи М^стчоҳи кӯҳна.

О ҷураи ҷун, дар пот кафши ҳунарӣ,
Як бори дигар ба гирди ҳавлим гузарӣ.

Қонуни Ҳукумат бар ҳама пиру ҷувун,
Одам мешам гуй, даро мактаба хун!

Даравгара бин, дос мекашад бо дилу ҷон,
Амбор пур шавад — донаи гандум марҷон.

Раҳмат ба ту, эй партияи ҷоноҷон.
Ин бахти базеб додӣ ту бар халқи ҷаҳон,

Дар шаҳр будам, рафт коғази чунуна,
Як шунаю як собуну як даспуна.

Як даста гула дар чаман шод карданд,
Ин хоки маро дар зиндагим бод карданд,

Сарбанди мазор баромадам, ёрам нест,
Бархезу биё, ки ҷӯраҷон, тобам нест.

Фарьёд, ки дар ҷигар ту чошидӣ намак,
Хокистарама шамол буровард ба фалак,

Эй очеки ҷун, гаҳ хобу гаҳ бедорӣ,
Нолишои фарзандата гӯш медорӣ.

Дар саҳари паншанбе кардӣ ту сафар,
Нисфи умрам кам шуд, чура, мана бар.

Сарсунаму ҳам дурам аз ёри улфат,
Дар Қалъача доимо кашидам кулфат.

Дустуни азиз, як лаҳза орумам нест, '
Гуҷоба равам, ёри дилрруман нест.

Ту гулаки бебаҳору бетобистун,
Ман булбули пошикаста дар гуристун.

Хоки қадамат шавам ба рӯям гардӣ,
Эй ёр, мисоли гул хазунам кардӣ!

Безорам аз ун рафтану дер умаданаш,
Як ҷунаки ман закоти ҳар як қадамаш.

Сад бор мурам ба қади зебот дилбар,
Хун мегирьям бари ту ҳар шуму саҳар.

Дар хокрахи хунаят хунам кардай,
Ғамҳои ту, бепадар, хазунам кардай.

Бемор шудиям нуни ғарибим нестай,
Ман нола кунам, ёр дар қарибим нестай.

Оҳ, ёри мана аз роҳ бероҳ кӣ кард?
Ду чашми мана ба ҳар сари роҳ кӣ кард?

Туто пухтасо, тутои боло пухтас,
Солҳои дароз ҷигари ёро сухтас.

Кафтарбачаи сафеди ан-гор-ангор,
Болак заду рафт, мана чудо кард аз ёр.

Дастпушаки дастата гули зар дӯзам,
Мунӣ буравӣ мисли алов месӯзам.

Дар дастаки ёр ангуштарин у- фирӯза,
Аз ғаматси ёр нолиш кунам то рӯза.

Дар коғазисоф навиштиям нуми тура,
ГТурсон шавамо дидаи гирьюни тура.

Аз Кавра намоюн барало боғи шумо,
Тошканд мерам, чура,
дилам доғи шумо.

Ман сухтиям осухтаро[1] мемунам,
Оташ задиям алангаро мемунам.

Ман банда ба тобакои тобат бошам,
Бечора ғариб шаб дар сарбғат бошам.

Мошина савор шуду нагуфт; «мегардам»,
Бе ту кӣ назар кӯнад ба ранги зардам?

Мо бӯи гуластему сабо овардас,
Моро ғами ҳичрони шумо овардас.

Эй ёр, барои диданат зор ҳаям,
Бо шиштану сӯҳбатот талабгор ҳаям.

Эй чӯпонбача, сар-сари қир мегардӣ,
Фӯтит гули нор аз мо ту дур мегардӣ,

1 *Осухта* — чуби нимсӯхта.

Биё-биё, ки духтарам барги гулай,
Ин ёраки хушкардат садбарги гулай.

Ин телпаки сангловия пӯшад писарам,
Ин бачаи пириям шудас дарди сараи.

Додар, ки сафар кардай, гул дар камараш,
Накши пои ҷонварун дар пеши бараш.

Ду қош дорӣ, муносибат лавҳу қалам,
Як шӯ дорӣ, дилат пур аз дарду алам.

Эй додари ҷун, биё, ки ман щрьюнам,
Ту додари якторaи мағаи ҷунам.

О додари ҷун, ёраки нодун дорӣ,
Ҳар ҷо, ки'равй, кори намоюн дорӣ.

Ту соҳиби як гулию ман бегуна,
Гапои туя ба гур барам, ҷонуна,

Ҳар ғот меравам ба пешгаҳи айвунат,
Чун лолаи навшукуфта бинам руят.

Маҳтобкдпабай, ки мебвром Роброғат,
Ту бачата бус накун, надорам тоқат,

Ман оҳ кашамо, қоқ шавад оби равун,
Сатил ба сарат сой равӣ гирьякунун.

Нумол ба хутотун мана баднум кардед,
Ман мебуравам соқу салумат гардед.

Бедои дари мактаба об мебояд,
Духтараки барнора кабоб мебояд.

Афтоби сари куҳо шинад, шаб мешад,
Ҳар гаҳ, ки ба пешат равам, ёр, гап мешад.

Шахсе накунад ошуқӣ вай инсун не,
Дуньё ба қади ошуқй ҷунсузун не.

Дар вақти мавизчошӣ ту обам накунй,
Мунандаи олӯхти алобам накунй!

Аребчасафед куртаи гермун дорад,
Ман гап занамо, гапа намебардорад,

Ман бачаи роғию мундам байта,
Оим фаҳмадо, тамуми ҷунам майда,

Як ёр дорам мунда бурафтас Евун,
Аз бехи гулеш садаф чинам то поюн.

Айрунаки додош додагӣ об дорад,
Ду зуфли сиёи ёракам тоб дорад.

Имсоли дуроз об умадай дар чуйбор,
Кафшои арӯс печундагӣ дар рӯймол.

Ман ошуқи печунат шавам, сояи гуле,
Тӯтӣ шуда хунданот ҳавози булбуле.

Чанд вақт бозас, барно, чиба ғамнокӣ?
Ғамҳот занадам, ту духтараки покӣ!

Сухтас ҷигарам, ахгар тамоми суюкам,
Инсофба биё аз ҳама ёри тузукам.

Рӯи ту офтоб, хусн махтоби ҷиҳун,
Аз талъати рут сухта мешам бирьюн.

Аз сурхии рут хун макамо як қошук,
То зинда ҳаям барно қатӣ ман ошуқ.

Ҳавлит равам, ёр, хеста буро бо рӯям,
Дар ҳақи худат ду-се-та ҳасрат гӯям.

Баҳор, ки шавад, дарахти олуча кунӣ,
Ду дасти мана ба гардани навча кунӣ.

Мубораки гуфтагита қуллуқ мегӯм.
То зинда ҳаям ман дарди ошуқ мегӯм.

Аз вақти намоз ман шиштиям дар хуна,
Чашмам нигарун, бурод, ки гум армуна.

Қад-қади тагоб ман меравам селобча,
Дардат занадо, келинчаки беоча.

Дастои сафед дореду боби карсун,
Кошои сиё дореду мӯси арзун.

Эй сабзина, хишова мерӣ ба замин,
Ман мемурамо, рангаки зардамро бин!

Қарсои сар.ата шамол мебардорад,
Аз лаъли лабони ту дур меборад.

Қадатба мурам, қадат ниҳоли химча,
Ман вақт намеёбам, кунамтун синча.

Монанди шумо зебо надидам дигара,-
Аз аввали шаб гирья кунам то саҳара.

Ёрам сари асп мерад назараш боло,
Ман сухтияму асло надорад парво.

Соғу ба сараш сой мефурод чилвакунун,
Дуо кунамо, қоқ мешавад оби равун.

Қадди ёрам ниҳолаки бойчечак,
Аз ҷаври туя бурафтиям Панҷекат.

- Дорам ба худам машқи дутору тамбур,
Аз ҳар ду рухи чунуна меборад нур.

Имсолу чӣ сол аст — соли серборунӣ,
Эй ҷӯра, равем тагоби серторунӣ.

Дандон-дурру лаб-байни гулу тан — тоза,
Дар ҳусну адаб байни ҳама мумтоза.

Духтараки зебора баландай хунаш,
Печида бурумадай ду гул да бумаш.

Мо шод шавем, ки ҳамсояи дарбадарем,
Ҳар лаҳза ба пеши якдигар мегузарем.

Парвин, ки бирафт, ситора аз дунболаш
Феълаш, ки ҳамин бошад, намешам ёраш.

Рафтам сари шарраҳо — алафзори манай,
Он латтасафеди дурнамо ёри манай.

Сабзиначавон, сабзу мунаввар гардӣ,
Баъди сари мо мисли қаландар гардӣ.

Дар гирди ҳаёти худ накардам тоат,
Дар ошиқиҳот дилам надорад тоқат.

Эй духтарако, меред ба ҷӯи шарра,
Овози манба гӯш андозед як зарра,

Ман роҳи гузаштани тура меёфтам,
Зулфони тура ба дасти худ метофтам.

Румоли фаранг бастас ба гирди сараш,
Дил мебарадо, ҷилваҳои хоҳараш.

Имрӯз шунидам, ки подабунай барно,
Сарчашмаи Гирдак мефароянд танҳо.

Дар гушаи боғ шистаму ёр дар сари роҳ,
Румолаки шоҳӣ мегирад руи чу моҳ.

Хуҷанд рафтам, ишқи ту даркорам шуд,
Масчоба р биём, малуматот борам шуд.

Сабзиначавон пушти мазор об медод,
Ин чураи вай зулфи сиё тоб медод.

Ин духтари хутуркака дидам дар хоб,
Афтодиямо, намебаром аз гирдоб.

Мимони равораваму рухсат талабам,
А гуфтугузори душмано пураламам,

Савғотӣ надорам, ки барорам бари ту,
Дил метападо, ду дида шармандаи ту.

Қадди тура, ёр, алиф кашам дар ғазалам,
Руҳои тура фатир кунам дар бағалам.

Сабзиназанак, таклиф ба ширам кардӣ,
Қошота напаррун, чура, пирам кардӣ.

Ҳафт рузи дароз ба дашту саҳро гаштам,
Ман сайд шаваму ба шасти зебо афтам.

Қошота хурам, ту гулхуморе бошӣ,
Дар дилаки ман доғи алобе бошӣ.

Эй ёри азиз, ту коғази пайвандӣ,
Истода ба душмано чаро механдӣ?!

Як тангая харҷ кардам аребчи гардӣ,
'Ҷое, ки- манам, ту дар кучо мегардӣ?

Холи лабата дандони мо бардорад,
Шӯи сарата дарди вабо бардорад.

Шистӣ ба замин, нигоҳ накардӣ тарафам, I
Як бӯс бите, ки хушк намонад нафасам.

Хунеки шумо аз ҷӯи Ангор боло, ' *
Новдунак равем, имо кунед бепарво.

Гуфтам, ки равам намози шом пуштаки дар,
Пешама гирифт химчамиён, навдаи тар.

Овул меравем, дар овуло манзил нест,
Ошук шудани мою шумо ҳазил нест.

Очеш мегӯд, «Духтари ман садбарг аст,
Ороми дили^як бачаи тармарг аст».

Ин куртаи авлуни танат рангибаранг,
Ту баста буро чаккатба румоли фаранг.

Хавлитба рафтам вақти гули картушка,
Ғамчад занадам, чура буро бумгуша.

* * »

Нигини дасти ман андар Яман нест, .
Мисоли ёри ман гул дар чаман нест. •

Сирри худро аз ду кас пинҳон мадор:
Аз табиби ҳозиқу аз ёри зор.

Рӯзи Наврӯз аст фасли навбаҳор,
Боғ пургул гашту саҳро лолазор.

Чаро ғам мехурӣ, эй марди содда?
Ки як дар баставу сад дар кушода.

Хар кас, ки бадӣ бувад хаёлаш,
Охир зи бадон расад заволаш.

Саре, ки ишқ надорад, кадуи бебор аст,
Лабе, ки ханда надорад, сурохи девор аст.

Дар ин ҳавлӣ, ки ду духтар калон аст,
Яке хущкад, яке ширинзабон аст.

Э вой, чонам аз ғами бисьёр бинолад,
Аз нолаи зораш дару девор бинолад.

Ҳирси дуньё оташи сузон бувад,
Бо бадон улфат балои ҷон бувад.

Ҳар ки худро кам гирад, мард он бувад,
Худписандӣ пешаи шайтон бувад.

-Гар ростӣ кунӣ, хока гирӣ зар гардад,
Гар қалбӣ кунӣ, рӯят сиёҳтар гардад.

Гул гуфт, ки «мана савоқи гулдаста баред,
Ман нозуки оламам, мана оста баред.»

Дуньё ба мисоли равоти дудар аст,
Ҳар рӯз дар ин равот қавми дигар аст.

Ҳамон ёре, ки майли ёр дорад,
Куҷо парвои дару девор дорад?

Сар то сари деволи тура пашша надидай,
Бингар, ки кабутар ба чӣ минвол паридай.

Мо софдилонему ба кас кина надорем,
Шахс аст ба мо душману мо бо ҳама ёрем.

Ёри азиз, дили ғампарварат ман,
Балогардони чашми кофарат ман.

Илм агар мебоядат, такрор кун,
Нон агар мебоядат, шудгор кун.

Гар нахонандат, ба хони кас марав,
Аз паи ҳар мурдор чун каргас марав!

Одамӣ аввал гулу охир хазон,
Номи нек бояд гузорад дар ҷаҳон.

Аҳд додию лек туро паймон нест,
Дон, беаҳдӣ шарафи ҳеҷ инсон нест.

Биҳишт он ҷо, ки озораш набошад,
Касеро бо касе кораш набошад.

Агар ёдат кунам, дардам шавад зӯр, -
Фаромӯшат кунам, «ашмам шавад кӯр.

Биё булбул ба боғи мо назар кун,
Бизан фарьёду Лайлиро хабар кун.

То ба кай ту нуни муздур мехурӣ,
Бо ҷафову ғуссаву зур мехурӣ?!

Барафкан дарахте, ки хор оварад,
Дарахте бипарвар, ки бор оварад.

Чун дар дили ту нест вафо дар як пӯст,
Дар чашми ту якранг бувад душману дӯст,

Таги дарвоза рафтам, бонуям рафт,
Қувват аз дасту пою зонуям рафт.

Бидидам духтареро дар Самарқанд,
Лабаш лаълу қадаш сарву худаш қанд.

Қалам гуфто, ки ман шоҳи ҷаҳонам,
Қаламкашро ба мақсад мерасонам.

Боғбонат ман будам, боғи туя ов кӣ дод?
Ошуқи рӯят будам, зулфи туя тов кӣ дод?

**Чашм** пӯшида, рух тофта, зи мо мегузарӣ,
Ин ҳама мегузарад,
дидаву рӯ мемонад.

Дар миёни чор чарх чархи мо оби равон,
Дар миёни чил чувон ёраки мо ширинзабон,

Сад бор бадӣ кардию шарми ту наёмад,
Некӣ чӣ бадӣ дошт,
ки як бор накардӣ?!

**Қарор** дар кафи озодагон нагирад мол,
На сабр дар дили ошиқ, на об дар ғирбол.

Эй парӣ, аз як нигои масти ту девонаям,
Не ба шабҳо хов дорам, не қарори хонаям.

Қокулатро аз паси гӯшат намоён кардаӣ,
Хонаи чандин мусулмонро ту вайрон кардай,

Е) Қокулатро аз паси гушат намоён кардӣ ту,
Хотири ҷамъи маро аз он парешон кардӣ ту.

Рафтани ноомаданро мо зи об омӯхтем,
Сӯзиши дилҳои худро аз кабоб омӯхтем.

Дӯст, ман омада будам, ки туро дида равам,
Ҳай, оссои[1] дилама ман ба ту гуфта равам.

Сурататро чӣ кунам, гар ту надорӣ сират,
Кас ба як ҷав нахарад ин сурати бесиратро

Гул будам," булбул будам, охир хазонам сохтӣ,
Ман ниҳоли сабз будам, заъфаронам сохтӣ.

Лабат бар коса расад, пур аз шароб шавад,
Назар ба холи ту афтад, ҷигар кабоб шавад.

Дар миёни хубрӯён муддаои ман туӣ,
Куфр мегардад агар гӯям: «худои ман туӣ.»

Бар сари фарзанди одам ҳар чӣ ояд, бигзарад, .
Навбати пирӣ.дарояд, навҷавонй бигзарад.

Ба ҷуз руи гулат дигар ба чашмам хору хас бодо,
Ғами ту то нафас боқист, бо ман ҳамнафас бодо.

Қошки дар бепулӣ дар боғ арар мешудам, •
Ё сутуни хонақо, ё таммаи дар мешудам.

а) Аз ин беҳуда гаштан, май қаландар мешудам, беҳ
Сутуни хонақо ё зулфи духтар мешудам, беҳ буд.

Дилбарам болои бому ҳар ду чашмам сӯи вай,
Мекашам ман интизорӣ, то бубинам рӯи вай.

Илоҳо мисли ман ошиқ шавӣ, дар ишқ дармонӣ,
Ба дасти нокасе афтӣ, бисӯзӣ, қадри ман донӣ!

Мурда будам, бӯи ёри дилнавоз омад ба ман,
Бори дигар ҷони аз тан рафта боз омад ба ман.

Садои булбулон.аз гушаи гулзор меояд,
Садои мо, ғарибон, аз таги девор меояд.

Қад баланд, қомат баланд, гардан дарозӣ мекунад,
Дар миёни ҳар ду қошаш хол бозӣ мекунад.

а) Қад балалд, комат, баланд, гардан дарозӣ мекунад,
Мезанам танбурро, дилдор бозӣ мекунад.

Ба поят кафши бахмал, моҳи мо касди куҷо дорӣ?
Қадат гардам, муборакрӯй, ки душман зери по дорй.

1 *Оссои* — асрори, сирҳои.

Хушо, дар пеши ман ҳозир дилороми ман аст имшаб,
Ки даврони фалак гардида бар коми ман аст имшаб.

Чашмат ба карашма нархи ҷон мешиканад»
Озурда дилам ба ҳар замон мешиканад.

Бар сарам афтода, эй барно, ҳавои кокулат,
Печу тобе мехӯрам, баҳри ризои кокулат.-

Намеояд бурун аз ёди ман ҳаргиз нигоҳи ту,
Балои ҷони ман будаст ин чашми сиёҳи ту.

Меравӣ ҷилвакунун куштай маро ҷилваи ту,
Як нигоҳ агар кунӣ, дасти ману думани ту.

Ошуқам мегӯию аз ман намегирй хабар,
Ваъдаҳои хоми ту маро кунад хуни ҷигар.

Эй фалак, кардӣ маро аз ёру дӯстонам ҷудо,
Аз гулу гулзорҳою боғу бӯстонам ҷудо.

Лоларо гуфтам: «Сияҳдил буданат аз баҳри чист?»
Гуфт: «Ҳолаш ин бувад, ҳар кас, ки дар саҳро нишаст».

Ман намедонистам ғарибй, ёр, фикандӣ ту маро,
Ман ки мурдам дар ғарибй, хуни ман гирад туро.

Миёни синааш гул дидаму оташ гумон кардам,
Ба ёри бевафо дил додаму кори хато кардам.

Дар миёни чор дарьё тахтабандам кардаӣ^.
Боз мегӯӣ, ки: «доман тар макун, ҳушьёр бош.»

Ба боғат ром кардӣ, кафтари бегбнаи манро,
Ба зулфат ошно кардӣ, дили девонаи манро.

Гуле, ки бӯй надо^ад, ба вай чаман ҳайф аст,
Диле, ки дард надорад, ба вай сухан ҳайф аст.

Ҳайфи он чеҳра, ки аз баҳри тамаъ зард шавад,
Ҳайфи он мардест, ки мӯҳтоҷ ба номард шавад.

Дар ғарибй нола кардам, ҳеҷ кас ёдам накард,
Дар қафас ҷон додаму сайёд озодам накард.

Меҳр агар бо меҳр зам гардад, дучандон мешавад,
Дӯстӣ гардад дучандон, мушкил осон мец!авад.

Ошногиҳое булбул бар рухи гул мекунад,
Гул тағофил дораду фарьёд булбул мекунад.

Наврӯзу навбаҳорон-фасли гул асту лола,
Кумрӣ ба ҷӯшу мастӣ, булбул ба оҳу нола.

Шуд мунаввар аз кудуми дӯстон кошонаам,
Хона-фонӯс, меҳмон-шамъу ман-парвонаам.

Ман асири ғурбатат, роҳи ватан гум кардаам,
Ту ватан гум карда бошӣ, ман ҷигар хун кардаам.

Боғбуни гул будам, ҳаргиз накандам як-та гул,
Гул ба дасти нокасону ман хазони як-та гул.

Вах, дареғо, моҳи ман дар абр пинҳон гаштааст,
Базм барҳам хӯрдаву шоми ғарибон гаштааст.

Офтоб аз дар дарояд, соя хамидан гирад,
Аз дили пурҳасратам зардоб чакидан гирад.

Авр агар а қибла хезад, сахт борун мешавад, ,
Пошшо одил набошад, юрт вайрун мешавад.

Чун сафедӣ шуд зи мӯ, хушьёр мебояд шудан,
Субҳ чун равшан шавад, бедор мебояд шудан.

Аз худ хабар надорам, аз ин хабар шунидан,
Аз дӯст як ишорат, аз мо ба сар давидан.

Ҷудоӣ то наяфтад, дуст кай донад ҷудоиро,
Шикасти устухон донад қадри мӯмиёиро.

Кокулат андар хаму ҳар як хамаш сад аждаҳор,
Рӯи ту чун барги гул, чашмони мо дар интизор.

Ошуқию маъшуқӣ дар гӯшаи саҳро хуш аст,
Косаи чинӣ ба дасти дилбари раъно хуш аст.

Парешонхотирам, ҷоно, нагӯй имрӯз Наврӯз аст,,
Касеро хотири ҷамъе бувад, ҳар рӯз Наврӯз аст.

Э писар, дар хизматат ҷонам фидо созам, кам аст,
Хоки поятро ба чашмам тӯтиё созам, кам аст.

Такаллум бо касе кун, к-аз сухан ӯ баҳравар бошад,
Бар он кас ошноӣ кун, ки аз худ бохабар бошад.

Бубинад сад бало ҳар кас, ки халқеро биёзорад,
Ба оташ ҳар ки шуд наздик, хаф аз сӯхтан дорад.

Андичону Марғелон ҳардуш тифоқи Тошканд,
Ҳар ду шаҳре як ша-вад, як кӯчабоғи Тошканд.

Азизонам, шумо аз ман ба дӯстонам салом гӯед,
Ба додарҳои хушбахту ёронам салом гӯед.

Дар биёбон нола кардам, хирмани гул дар гприфт,
Ҳайфи рӯи беғуборам, чанги хокистар гирифт.

Чу газид мори ишқаш ҷигари кабоби моро,
На табиб мешиносад, на ҳаким ин даворо.

Агар аз осмон афтам, умеди зиндагӣ дорам,
Агар аз тоқи абруи ту афтам, барнамехезам.

Мо, ки аз дур омадем, андешаи дур мекунем.
Мо ба кас ошной кунем, аз таги дил мекунем.

Ҳар саҳар мехезаму ёдам ба ёди додарам,
Гул ба гул мепечаму ҷигаркабоби додарам.

Э ҷувуни нозанин, имшаб ба хоби ман даро,
Ман ба гия[1] роз гуям, ту ба ханда лаб кушо.

Май бихӯр, мусҳаф бисӯзу оташ андар Каъба зан,
- Сокини бутхона бошу мардумозорӣ макун.

Курта гулгун пӯшида, аз дур намуду ханда кард,
Бо каманди абрӯяш моро хариду банда кард,

а) Куртасурх аз дар даромад, дид моро, ханда кард,
Чор'тоби кокулаш моро асиру банда кард.

Як гуле аз гулшани боғи ҷиҳон гум кардаам,
Булбули мастам, ки роҳи бустон гум кардаам.

Нозбӯи ман мабодо нокасон бӯят кунанд,
Бо бадон камтар нишин, тарсам, ки бадхӯят кунанд.

Ҳар замон ёдамба ой, сухта дудам мебарод.
Булбуле бошад, ки хонад, ин ғамо аз дил барод.

**1 *Гия* •— гирья.**

Агар ошиқ набошад, ҳусни хубон хор мегардад,
Агар маъшуқ набошад, ошиқаш бемор мегардад.

Сухан мастона мегӯям, вале ҳушьёр мегардам,
Мисоли хӯшаи гандум, ба гирди ёр мегардам.

Намедонам чй толеъ буд, ки заррам хок мегардад,
Ба дастам қарчиғай гирам, ваям калхот мегардад.

Аҷоиб толее дорам, ки ширам чурғот мегардад,
Ба дастам қарчиғай гирам, ваям калхот мегардад.

Омад хазон, омад хазон, тороҷи боғон карду рафт,
Наварусони чаманро хонавайрон карду рафт.

Нафас дар снна сокит бош, ки имшаб ёр меояд.
Табиби бемураввату бар сари бемор меояд.

Мусофир ҳар гиҷо бошад, ватанро дӯст медорад,
Чу булбул бар қафас афтад, чаманро дӯст медорад.

Аз он рӯзе, ки дар мактаб сабақ буньёд мекардам,
Алиф мегуфтаму номи хушатро ёд мекардам.

Дилбари номехрубон, кай меҳрубонӣ мекунӣ?
Лаззати умрам гузашт, кай зиндагонӣ мекунӣ?

Моҳӣ тобон, аз бароят сина бирьён мекунам,
Чони ширинро бароят шишта курбон мекунам.

Гар ба меҳмонӣ қадам дар кулбаи мо мениҳӣ,
Лутф мефармоию бар чашми мо по мениҳӣ.

Сабзаи пушти лабут фардо намоён мешавад,
Ҷигари ошиқ ба мисли нор бирьён мешавад. ,

Ҳар касе ду зан гирад, охир пушаймон мешавад. •
Ҷои ҳобаш дашту сахрою биёбон мешавад.

Дарди дандон дораму дандон ба дандон мондакам,
Тоқати кандан надорам, зору ҳайрон мондакам.

а) Дарди дандон дораму дандон ба дандон мондаям,
Рози дил дорам, забонам баста, ҳайрон мондаям.

Чашми ӯю чашми ман, аз сурма шаҳло мешавад,
Ин қадар ошуқ нашав, ки шӯру ғавғо мешавад. .,

Рухат офтоби олам, қоматат шамшодро монад,
Камон китф кардану раҳ. рафтанат сайёдро монад.

Оби дидам рафт-рафт монанди абри навбаҳор,
Кӯҳ агар лангар тияд, дарьё намегирад қарор.

Намедонам, дар ин олам касе бе ғам намебинам,
Агар бинам касеро дидаяш бе нам намебинам.

Ин замин-шӯразамин, тухми гиё коштам нашуд,
Аз барои ёракам ҷонам фидо кардам нашуд.

Ман шунидам як ҷувони моҳи тобон омадас,
Нури чашми очу додош малҳами ҷон омадас.

Аз Бухоро як ҷувони моҳи тобон омаданд,
Ақла бурда, ҳӯша бурда, коҳиши ҷон омаданд.

Барои зеби дастат, шоҳи ман, гулдаста овардам,
Дили булбул шикаста, шохи гулро баста овардам.

Аз ақиби пода гаштам, ҳанги поям канда шуд,
Ҷои хобам зери хору соябонам ҷанда шуд.

Аз қафои ёр рафтам, риштаи пом канда шуд,
Ҷои хоб болои бому соябонам ҷанда шуд.

Фасли Наврӯз омаду як тӯрба каҳ як танга шуд,
Порчаи нон ёфт нашуду домулло шарманда шуд.

Ба Соли Нав ҳама гулҳо баромад, тозаю тар шуд,
Ки солаш нек ояд, ки рӯзу шаб баробар шуд.

ЁДИ майгунилабат кардам, хуморам тоза шуд,
Гулша'ни рӯи туро дидам, баҳорам тоза шуд.

Дар ҷаҳон ҳаргиз набинам ман рухи зарди туро,
Бо кӣ гуям, нола созам ин ғаму дарди туро.

Бетамизиҳои мардум аз сухан пайдо шавад,
Пистаи бемағз агар лаб во, кунад, расво шавад.

Эй санам, румола боло кун, курбонат шавам,
Сатқаи лаълӣ лабу себи занахдонат шавам.

Чашм боло кун, ки ман курбони чашмонат шавам,
Бандаи зулфи сиёҳи номусулмонат шавам.

Куча-куча меравам, куча гузаргоҳи шумо, -
Ранги сурхам зард шуд, ҳамин аламҳои шумо.

Ту ба ҳуснат ғарка бошӣ, ман ба кокулат ғулом,
Ту агар дил канда бошӣ,
ман умедворам мудом.

Зи бемеҳрии маҳбубон дилам аз ғусса хун гардад,
Илоим хонаи меҳру муҳаббат сарнагун гардад.

Агар он дилбари танноз ба даст орад дили манро,
Ба рухи фаррухаш бахшам тамоми ҷону ҳам танро.

Биё соқӣ, ки ман мурдам, кафан аз барги токам кун, -
Баоби замзамам шушта, дари майхона хокам кун.

Бахт гашт аз мани бадбахт, сиёҳ шуд ҳоли ман,
Соям душман шуду афтод аз дунболи ман.

Ба дил хун мехурам, аммо ба зоҳир хандае дорам,
Гаҳе гирьям, гаҳе хандам, аҷаб ҳангомае дорам.

Сафедори баланд яг навдаю сад барги тар дорад,
Писар дар кӯи ишқ афтад, чӣ парвои падар дорад.

Тавон кардан тамоми умри худро сарфи обу гил,
Ба умеде, ки як соҳибдиле ин ҷо кунад манзил.

Чироғам хира ме.сӯзад, намедонам чӣ сир бошад,
Миёни пилтааш борик, магар рӯған тамаъ дорад?

Еракам дар пешакам бошад, забондонаш кунам,
Мисли кабки навқафас дар қафас ромаш кунам.

Дилам тушпера металбад тавоқи лангарӣ[1] бошад,
Дарунаш мурчу гармдору,
ба рӯяш занҷабил бошад.

Ба ман як ёри қобил аз таи дил муддао бошад,
Миёнаш борику табъаш баланд, ақлаш расо бошад.

Себи сурхи оташин аз кунҷи боғам мекашӣ,
Гар ба кӯи ту равам,
дуд аз димоғам мекашӣ.

1 *Лангарӣ* — калон.

Сиёҳчашмак, ду чашми ту ба чашмам мекунад бозӣ,
Ду абрӯи сиёҳи ту ба маргам мекунад розӣ.

Косаи заррини мардум пурасал бошад, манӯш,
Косаи чӯбини худро гиру дар майхона бош.

Аз ин пас, эй гулам, бо ҳар ки мехоҳад дилат, биншин,
Ки ман аз ин чаман чун лола бо доғи ҷигар рафтам.

# МУНДАРИЧА

**Аз тартибдиҳандагон** . . . . . . . . 5
**Рубоӣ** . . . . . . . . 7
**Рубоиҳо** . . . . . . . . 23
**Байт** . . . . . . . . . . . . 159
**Байтҳо** . . . . . . . . . 170

**СОКРОВИЩНИЦА УСТНОГО ТВОРЧЕСТВА**

**в шести томах, том I,**

**четверостишия и двустишия**

(на таджикском языке)

Муҳаррирон *Ш. Шараф, М. Собиров*
Рассом *Т, Исакаева, Г, Гдадилин*
Муҳаррири расмҳо *С. Логинов*
Муҳаррири техникӣ *Е, Гуськова*
Мусаҳҳеҳ *М. Холматова*

БИ № 631

Ба матбаа 26.02.85 супурда шуд. Ба чопаш 03.07.85 имзо шуд. Формати 60Х90'Лв. Когази типографии Д6 2. Гарнитурааш адабӣ. Чопаш барчаста. Чопии шартӣ 18,0. Чузъи рангаи шартӣ 19,0. Ҷузъи нашрию ҳисобӣ 14,33. Адади нашр 30000. Супориши № 5638. Нархаш бо муқоваи № 5 1 с. 30 тин. ва бо муковаи № 7 1 с. 60 тин.

Душанбе, нашриёти сИрфон», кӯчаи Айнӣ, 126.

Матбааи № 1 Комитети давлатии РСС Тоҷикистон оид ба корхои нашриёт, полиграфия ва савдои китоб. *
Душанбе, хиёбони Ленин, 37.

1с. 30 тин